**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

---

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 4 (22), 2020**

Маҷалла 24 июли соли 2019 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

## ИЛМ, СИЁСАТ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**Ятимов С.** *Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат*............ 4
**Раҳимӣ Фарҳод.** *Эҳёи Саразм – эъҷози хиради Пешво*............ 61
**Илолов Мамадшо, Каримова Сакина.** *Наука и технологии без границ*............ 71

## ДУНЁМАДОРӢ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**Нурзода Нозим.** *Давлати дунявӣ ва фарҳанги миллӣ*............ 76
**Шарифзода Исомиддин.** *Исломи сиёсӣ ва ҳувияти миллӣ*............ 82
**Абдухалилзода Кароматулло.** *Оятҳои Қуръонӣ ва дидгоҳи илмӣ (назаре иҷмолӣ)*............ 98
**Собириён Меҳр.** *Сарнавишти ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ*............ 115
**Наҷмуддинов Т, Мирзоев Ф.** *Равобити Сомониён бо давлатҳои ҳамсоя*............ 126
**Зиёева Зебунниссо.** *Зебоишиносӣ дар Юнони қадим ва Аврупо*........ 132

## ШЕЪР ВА АДАБИЁТИ МИЛЛӢ

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Рӯдакӣ ва Хоқонӣ*............ 140
**Бекзода Комил.** *Дар хазони ишқ пайғоми баҳорам додааст (Аз шеърҳои тозаэҷод)*............ 163
*Як дастнависи навпайдошудаи устод Мирзо Турсунзода (Ба ифтихори 110-солагии устод Мирзо Турсунзода).* **Таҳияи Шарифзода Лутфуллоҳ**............ 172
**Бекзода Дидавар.** *Қадами аввалин дар шоҳроҳи номаълум (Ҳикоя).* 181

## ЧЕҲРАҲО

**Қодиров Ғиёсиддин.** *Шеър ва шоири ношинохта*............ 186
**Муродова Тоҷинисо.** *Марди хирад ва олими тавоно*............ 196
**Одинаев Нурмуҳаммад.** *Сафаре ба Панҷи ором (Сафарнигошт)*..... 206

## ИЛМ, СИЁСАТ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**С. ЯТИМОВ**
*доктори илмҳои сиёсӣ,*
*узви вобастаи Академияи миллии*
*илмҳои Тоҷикистон*

# МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

## МУҚАДДИМА

Забон аз қадимтарин замонҳо то ба имрӯз муҳимтарин далели рӯҳи инсонӣ, воситаи асосии муоширати байни одамон, табодули захираҳои маънавӣ ва омили аслии пешрафти тамаддунҳо мебошад. Ва то вақте ки ҷомеаи инсонӣ ҳаст, бо чунин сифатҳо боқӣ хоҳад монд.

Забон ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ, натиҷаи фаъолияти интеллектуалӣ, вокуниши одам ба ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. Он хотираи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллат мебошад. Неруест, ки қудрат ва тавоноии худро дар ҷараёни ниҳоят мураккабу пурпечу тоби таърихӣ, ки аз муборизаҳо, бурду бохтҳо ва садоқату хиёнатҳо иборат аст, ба намоиш мегузорад.

Майдони набарди забонҳо майдони сиёсӣ аст. Дар ин набард, маъмулан забони гурӯҳҳо, табақаҳои ҷамъиятӣ, синфҳо ва ҳизбҳое, ки аз ҳокимияти сиёсӣ бархӯрдоранд, пирӯз мегардад. Забони ҳоким ҳамчун муҳимтарин абзори сиёсати давлат рафта-рафта чархро дар доираи қаламрави муайяни забонӣ оламгир мекунад.

Бисёр иттифоқ афтодааст, ки дар ҳолати адами қудрати сиёсӣ ҳатто забонҳои дорои собиқаи бузурги фарҳангӣ, захираи фарогири луғавӣ, сохти пурқувват ва озмудашудаи

грамматикӣ, фонетика ва хосияти ниҳоят ҷаззоби орфоэпӣ аз байн рафтанд.

Аломатҳои номбаршуда дар роҳи ҳамвор, ҳолати абстракт, рукуди сарбастаи мантиқи семантикӣ, зарфияти маҳдуди ифодаи муҳтаво ва зуҳуроти ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур пайдо намешаванд.

Қудрати забон – қудрати миллат ва намунаи олии дараҷаи рушди диалектикии ҳаёти сиёсию фарҳангии он дар тӯли ҳазорсолаҳост. Мусаллам аст, ки забон, фарҳанг ва тамаддуни миллӣ бидуни собиқа ва таҷрибаи давлатдорӣ, яъне пуштибонии сиёсӣ имкони такомул надоранд.

Неру ва тавонмандие, ки забон дар тӯли ҳаёти инсон, дар фазо ва вақт нишон медиҳад, ифодакунандаи назарияи инъикос мебошад. Ҳамин тариқ, воқеият сабабгори пайдоиши мафҳумҳо аст. Мафҳумҳо, истилоҳот ва дефинитсияҳо вақте шакл мегиранд, ҳуқуқи зиндагӣ пайдо мекунанд, ки ҳастӣ ё ниёзҳои ба он алоқамандро бо таркибҳои овозӣ дар худ таҷассум намоянд.

Ҳамзамон бо ин, қобилияти чунин инъикос дар сохтани дунёи нав, дунёи идеалӣ низ зуҳур меёбад. Он марбут ба мақсадгузорӣ, аз ҷумла, таъсиси давлати миллӣ, ба вуҷуд овардани дунёи маънавӣ, фарҳанг ва маданияти миллӣ мебошад.

Дар тӯли таърих миллат (*хонда шавад забон*) ба сахттарин муқобилият ва гоҳо ҳатто тааррузи аҷнабиён ва душманони дохилии ҷонибдори бегонагон рӯ ба рӯ мегардад. Забони миллӣ вақте аз ин набард солим, бегазанд ва пурқувват бадар меояд, агар мардум, махсусан зиёиёни фидокор зарфият ва масъулияти ҳимояи манфиатҳои миллиро ба уҳда бигиранд ва амал кунанд.

Иқдоми ҷавонмардонаи Пешвои миллат барои эълони соли бузургдошти Имоми Аъзам, ҳамчун чеҳраи баргузидаи миллӣ, аз ҷасорати ин пири тариқат барои ҳимояи забони модарӣ, ҳувият ва асолати миллии тоҷикон сарчашма мегирад. Маводи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки ӯ бо дониш,

ақлу заковат, далерӣ ва матонат ғосибонро маҷбур кард то бо эътироф кардани забон ба миллаташ низ эҳтиром гузоранд. **Маҳз бо чунин сифатҳо забон ҳамчун организми зинда ва субъекти муносибот шинохта мешавад.**

Забони комил қудрати фаъоли таъсиррасонӣ, дигаргунсозӣ ва ба тарзи диалектикӣ эҳё намудан, таҳаввулот ва пешрафти миллатро дорад. Дар тӯли таърих забони тоҷикӣ барои соҳибзабонон ҳамин гуна хизматро ба ҷо овардааст. Ва бо ин аломатҳо аз сарчашмаҳои муҳимми омӯзиши рӯзгори миллат гаштааст.

Забоншиносии тоҷик, ҳамчун соҳаи илм, марҳалаҳои гуногуни таърихиро дар бар мегирад. Тибқи он, дар ҳар давра масъалаҳои ташаккул ва инкишофи лингвистика, лексикология, грамматика, забону услуби асарҳои бадеӣ ва дигар масъалаҳои қобили таваҷҷуҳи забонӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мубoризаи устод Садриддин Айнӣ дар масъалаи воқеияти таърихӣ доштани миллати тоҷик аввалин набарди муваффақонаи забоншиносии тоҷик дар давраи нави таърихӣ буд. Дар ин мубориза се омил нақши давлатсозиро иҷро кардааст: якум, таърихи зиёда аз панҷҳазорсолаи миллати тоҷик бо забон ва фарҳанги оламшумули он, дуюм, шахсияте бо донишҳои энсиклопедӣ дар масъалаҳои таърих, забон, адабиёт, этнография, антропологияи миллати тоҷик ва мардумони минтақа, сеюм, сифатҳои ватанхоҳонаи худи Садриддин Айнӣ – ҷасорат, мардонагӣ, рӯинтанӣ, сарсупурдагӣ ва шинохти хеш ҳамчун вориси ҳақиқии миллати тоҷик. Ин омилҳо дар якҷоягӣ сабабгори нотавонӣ, ақибнишинӣ ва оқибат мағлубияти душманони асолати миллати тоҷик ва забону фарҳанги он гардиданд.**

Замони истиқлоли давлатӣ аз лиҳози сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ беҳтарин шароитро барои рушду нумӯи забон ва забоншиносии тоҷик фароҳам овард. Он, барҳақ, ба ҷонфидоӣ, суботкорӣ, ташаббус, кӯшишу ғайрати

дар таърихи миллати тоҷик бесобиқаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут аст.

**Агар Исмоили Сомонӣ ҳамчун асосгузори аввалин давлати тоҷикон ва ҳомии забон, илм, маърифат, маданият, фарҳангу адаби миллати тоҷик маъруф гашта бошад, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бузургтарин абармардони таърих аст, ки на танҳо давлати навини тоҷиконро дар шароити ниҳоят мураккаб ва фоҷиабори ҷанги таҳмилии дохилӣ, пароканадагии миллӣ, рақобати шадиди геополитикӣ асос гузошт, балки дар роҳи эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – таърих, забони модарӣ, маданият, фарҳанг, фидокориҳои бемисл нишон дод. Бо ибораи дигар, баробар бо наҷоти миллат нақши наҷотбахши забони ӯро низ ба ҷо овард**.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои шахсӣ тавассути Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иқдомоти баробар ба онҳо мақом ва нуфузи забони модариро дар баландтарин поя гузошт. Донистан ва дар фаъолияти расмии давлатдорӣ, муносиботи байналхалқӣ афзалият бахшидан ба онро аз муҳимтарин вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кард. **Дар замони раҳбарӣ – давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ ба манзалати фарогиру устуворе соҳиб гардид, ки дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи мардуми тоҷик забони модарии мо дар чунин манзалат намеистод ва истода ҳам наметавонист.**

Пешвои миллат дар китобу мақолаҳои илмӣ, суханрониҳои сиёсӣ, гуфтугӯҳои мустақим бо аҳли зиё ва мардум муҳимтарин масъалаҳои забоншиносии тоҷикро мавриди омӯзиши дақиқ, таҳлилу арзёбии амиқ қарор дод. Боиси ифтихор аст, Роҳбари давлат дидгоҳи хешро бо забони шево, лаҳни гуворо, барои омма фаҳмо, бо истифода аз

далелҳои раднопазири таърихӣ ва санъати бузурги сухандониву суханварӣ иброз медорад.

**Дар таҳқиқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масъалаҳои забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, омилҳои иҷтимоии пайдоиш, ташаккул ва рушди забони модарӣ, муносибати забон ба сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, нақши он дар хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва пешрафти ҷомеа, таъмини ваҳдат, амнияти миллӣ, забон ва ҳусни баёни адибони классик ва муосир мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд.**

Инҳо аз масъалаҳое мебошанд, ки предмети таҳқиқоти моро дар доираи рисолаи мазкур дар бар мегиранд.

## МЕТОДИ ТАЪРИХӢ ВА ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ

Дар маҷмӯъ, забоншиносӣ ҳамчун илм дар натиҷаи омӯхтани таърихи халқу миллатҳо арзи вуҷуд кардааст.

Ҳамчуноне ки барои донистани табиати инсон этнография, география, археология ва физиология аҳамияти басо муҳим доранд, барои дарки онтологии забоншиносӣ донистани таърихи забон ҳамин гуна нақшро мебозад. Ба ибораи дигар, **«бе муносибати таърихӣ нисбат ба далели забон илм дар бораи забон вуҷуд дошта наметавонад»** (А. С. Чикобава).

Ҳангоми таҳқиқи зуҳуроти марбут ба забон методҳои гуногуни таърихӣ истифода мешаванд. Методи таърихӣ-мантиқӣ яке аз онҳо ба шумор меравад. Арзишмандии объективӣ ва онтологии усули зикргардида иборат аз он аст, ки пайдоиш, инкишоф ва камолоти объекти омӯзиш аз оғоз, зина ба зина мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Дар чаҳорчӯбаи методи таърихӣ мундариҷаи омӯзиш ҷаҳони мушаххаси зуҳуротро ошкор месозад. Услуби мантиқи онро бо асоснок кардани алоқамандиҳои дохилӣ пурра мегардонад, тафсир менамояд (Ниг. Лысманкин Е.Н. Историческое и логическое в учении об общественно-

экономических формациях//Проблемы социального познания. – М.: 1984).

Дар таҳқиқоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин талабот ҳамчун асоси воқеӣ барои далелнок кардани назарияи пайдоиш ва рушду нумӯи предмети омӯзиш – забони тоҷикӣ истифода мегардад: **«Забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он «Авасто»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки «Худойнамак»-у «Таърихи мулуки Аҷам»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом «Шоҳнома»-ву «Маснавии маънавӣ»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи шӯравӣ ба ҳар навъе аз бухрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро бо қалами Айниву Турсунзода ва аллома Ғафуров бинависад»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 139-140).

Мақсади асосии илм муайян кардани воқеият мебошад. Ба хотири дарки объекти омӯзиш, яъне мураккабтарин падидаи олами ҳастӣ – забон истифодаи усули таърихиву фарҳангӣ тавъам бо методи мантиқӣ имкони озоди таҳқиқи фарзияҳои пайдоиш ва инкишофи лафзи модариро фароҳам меоварад. Зинаҳои рушду камолот ва нерумандии забонро бо дарназардошти замону макон ва ҳадафи таҳқиқро барои дарки беҳтари хонанда равшан месозад: **«Забони нобу шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ ҳанӯз дар дарбори Тоҳириёну Саффориён, сипас дар дарбори Сомониён чун забони идораи давлату коргузории вазоратхонаҳо ривоҷ пайдо карда буд»** (Ҳамон ҷо. – С. 193).

Ин масъала аз ҷониби академик Бобоҷон Ғафуров ба чунин тарз таъкид мегардад: **«Хуллас, дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳру Хуросон умумияти азими этномадание ташаккул ёфт, ки давлати Тоҳириён, Саффориён ва алалхусус, Сомониён тақрибан пурра ба ҳайъати он дохил**

**мешуданд»** (Б. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. -– С. 375).

Илова ба ин, аллома Бобоҷон Ғафуров таърихи пайдошавии вожаи «тоҷик» ва хосияти фарққунандаи рӯҳиву равонии ин миллатро ҳамчун аломати фарққунандаи қавмию нажодии он бо истинод ба сарчашмаҳои таърихӣ чунин таъкид месозад: «**Ин умумияти этникӣ фақат дар миёнаҳои асрҳои X-XI ва ё худ дар нимаи аввали асри XI соҳиби ном шуд. Ба қавли Байҳақӣ, соли 1043-44 яке аз муқаррабони султон гуфтааст: «Мо, ки тозик ҳастем...» То ин дам «тозӣ» гуфта, арабҳоро дар назар доштанд. Худи ҳамон Байҳақӣ ривоят мекунад, ки дар муҳорибаи назди Дандонақон (1040) ҳиндуву арабу курдҳо фирор карданд ва танҳо сарбозони тозик бо ҷасорат ҷангиданд. Хуллас, дар нимаи аввали асри XI истилоҳи «тоҷик» номи он халқе гардид, ки дар Осиёи Миёна ва Хуросон ташаккул ёфт»** (Ҳамон ҷо. – С. 375).

Муаллифи китоби «Тоҷикон», ки барҳақ, аз ҷониби Сарвари давлат ба унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон мушарраф гардидааст, дар баробари зикри далелҳои таърихӣ доир ба ҷараёни шаклгирии истилоҳи номи халқ, сифат ва маънавиёти фарққунандаи ин падидаи этникиро низ ёдовар мешавад.

Кӯшишҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаҳои хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз таъкиди бевоситаи дарки аҳамияти забони модарӣ оғоз мегарданд. Сарвари тоҷикон ба ин масъала аз нигоҳи фарҳангӣ муносибат карда, назарияи худро нисбат ба масъалаҳои забоншиносии тоҷик бо истифода аз методи муқоисавию таърихӣ асоснок мекунад.

Ҳангоми омӯзиши назарияи Роҳбари давлат дар хусуси ҷанбаҳои таърихи тамаддуни миллати хеш суханони забоншиноси маъруфи немис Я. Гримм ба хотир мерасанд. Ӯ гуфтааст: **«Забони мо таърихи мо мебошад».** Ва дар асарҳои худ «Грамматикаи немисӣ», «Таърихи забони немисӣ», ки ба

масъалаҳои омӯзиши забоншиносии таърихӣ бахшида шудаанд, махсус таъкид мекунад: – **«Барои аз лиҳози таърихиву маданӣ бозсозӣ кардани халқҳо дар муқоиса бо устухонҳо, силоҳ ва қабрҳо, шаҳодати зиндае вуҷуд дорад – он забони ӯст»** (J. Grimm. Geschichte der deutschen Sprache. 1880. – P. 4.).

Ҳамин тариқ, дар илм мафҳуми **забоншиносии палеонтологӣ** пайдо шудааст, ки тавассути расидан ба умқи калима ва этимологияи он фарзияҳои гуногуни таърихӣ мавриди санҷиш, муқоиса ва хулосабарорӣ қарор мегиранд, ки онро метавон **археологияи лингвистӣ** низ номид.

Пешвои миллат дар таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ принсипи таърихиятро тавъам бо методи системавӣ ва сохториву функсионалӣ муваффақона истифода бурдааст. Маҷмӯи чунин муносибат ба арзёбии муҳимтарин қисмати сарнавиштсози халқ имкон додааст, ки «имрӯза дар гузашта» бо далелҳои эътимодбахши дар муддати садсолаҳо тасдиқгардида исбот карда шавад: – «**Тоҷикон дар миёни халқияту миллатҳои сершумори олам аз ҷумлаи мардуми соҳибтамаддуне мебошанд, ки забони чандинҳазорсоларо маҳфуз дошта, имрӯз низ шеъри Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва садҳо нафар шоирону адибони гузаштаро озодона мефаҳманд ва дар гуфтугӯйи ҳаррӯзаашон истифода мекунанд»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 190-191).

Ҳам дар таҳқиқоти Роҳбари давлат ва ҳам дар омӯзиш ва хулосабарориҳои илмии академик Б. Ғафуров масъалаҳои забоншиносии тоҷик дар алоқамандӣ бо воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ – таҷрибаи таърихии миллати тоҷик дар муносибат бо дигар халқу миллатҳо баррасӣ гардидаанд. Ба қавли асосгузорони материализми илмӣ **«Сохтани алоқаҳо ва пур кардани онон бо далелҳо мумкин нест. Баръакс,**

**алоқаҳоро аз маҷмӯи далелҳо бояд пайдо намуд».** Омӯзиши саҳифаҳои таърихи Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои фаротар аз он дар алоқамандӣ бо таърихи миллати тоҷик ва забони модарии мо аз ҳамин принсип сарчашма гирифтаанд.

## СИЁСАТ ВА ЗАБОН

Тавре хотирнишон гардид, забон ҳодисаи ҷамъиятӣ аст ва ба ҳамаи табақаҳои иҷтимоии ҷомеа баробар хизмат мекунад. Дар айни замон, забон муҳимтарин воситаи амалӣ кардани мақсадҳои сиёсӣ низ мебошад. Ташаббускор ва барандаи сиёсати забонӣ – табақаи ҳукмрони ҷомеа аст, ки захира ва имконоти иқтисодиро дар ихтиёр дорад. Ин ҳолатро, тавре эътироф гардидааст, базис ё пойдевори давлат меноманд. Чунин сохтор ҷаҳонбинии ба худ мувофиқи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, адабӣ ва фалсафиро ба вуҷуд меоварад. Ба қавли асосгузорони материализми илмӣ идеологияи синфи ҳукмрон – идеологияи ҳукмрон хоҳад буд.

Асос гузоштан ва ташаккул додани тарзи ҷаҳонбинии ба сохти давлатдорӣ мувофиқ аз наздиктарин ва муҳимтарин вазифаҳои раҳбарияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Табақаи ҳукмрон, сарфи назар аз майлу хоҳиши мардумони қаламрави зердаст, бо кулли имконот забон, фарҳанг, маданият ва урфу одати хешро ба хотири расидан ба мақсадҳои сиёсии худ ҷорӣ менамояд. Дар таърих ва замони муосир далелҳои зиёд ҳастанд, ки синфи ҳукмрон, новобаста аз мансубияти миллиашон, ба хотири нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ, нисбат ба забони модарӣ, ба забони бегонагон афзалияти бештар додаанд ва ин амали худро ба сари миллат маҷбуран бор кардаанд. Чунин тарзи ҳукмронӣ ба сохти теократии давлатдорӣ хос аст. Барои фаҳмидани ҳуҷҷатҳои расмии чунин кишварҳо хонанда бояд ба луғоти забони миллате муроҷиат кунад, ки решаи эътиқодот ба он мансуб аст.

Зуҳуроти ҷамъиятӣ, ҳам хосиятҳои умумӣ ва ҳам махсус доранд. Хосияти алоҳидаи зуҳурот онҳоро аз дигар шаклу

падидаҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунонад. Падидаҳое, ки бо аломатҳои сохторӣ ва функсионалии худ аз дигар зуҳуроти материалӣ ҷиддан фосилагирӣ мекунанд, муҳимтарин, асоситарин ва умдатарин хосияти фарқунандаи ҷисм мебошанд. Маҳз ҳамин аломати онро моҳият (ҷавҳар, асос) номидан мумкин аст. Ҳар замоне ки моҳияти ҷисм аз лиҳози сохторӣ ва муайянкунандагӣ тағйир ёфт, зуҳуроти он низ шикаст меҳӯрад. Талабот нисбат ба забон ҳам чунин қонунмандиро истисно намекунад. **Дар ин маврид, Пешвои миллат, барҳақ, ҳушдор медиҳад: «Таърих бисёр мисолҳоро медонад, ки дар баробари аз байн рафтани забон миллат низ аз байн меравад. Ба ибораи дигар, фанои забон, фанои миллат аст»** (Ҳамон ҷо. – С. 165).

Истилогарон, тавре ишора гардид, мекӯшанд ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти худро, маҳз тавассути забони худ, ки таҷассумгари асосии сиёсат ва идеологияи онҳо мебошад, ба дигарон таҳмил кунанд. Муносибати ғосибон ба забони миллатҳои зердаст аз ҳамин муҳтаво сарчашма мегирад. Аммо чунин андешаи бегонагон, мумкин аст на ҳама вақт амалӣ гардад. Он ба қудрати забон-лексика, семантика, семасиология, грамматика, фарҳанг ва иродаи соҳибзабонон – мардуми бумӣ вобастагӣ дорад.

Ба қавли академик Бобоҷон Ғафуров, истилои аҷнабиён дар асри VII ҷараёни ташаккулёбии халқи тоҷикро то як андоза ба таъхир андохт. Аммо то он замон забони дарии тоҷикӣ аз лиҳози таркиби луғавӣ ва сохти грамматикӣ дар тамоми соҳаҳо тасаллут пайдо карда буд. **Дар минтақа бузургтар аз он неруи таҷассумгари «шакли материалии фикр» ва «воситаи муошират байни одамон» вуҷуд надошт. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, асарҳои илмӣ ва бадеиву таърихӣ нишонгари фарҳанги воло ва василаи тавонои инъикоси зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккури давраи тоисломии халқи тоҷик мебошанд.** Омили аслии ба вуҷуд наомадани ассимилятсияи забони

тоҷикӣ ва эмин мондани тоҷикон ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ забон ва абармардони миллат буданд.

Забони тоҷикӣ бо зарфияти бузурги маънавии хеш хосияти фарогирии оммаи васеъро дар қаламрави Мовароуннаҳр ва Хуросон дар худ нигоҳ медошт. **«Ба хотири он ки забон маҳсули тафаккур аст, тавассути он имкон надорад чизеро ифода кард, ки хосияти умумӣ надошта бошад»** (Г. В. Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Т. 1. Наука логики. – М.: Мысль, 1974. – С. 114). Муҳтаво ва қобилияти фарогир будан муҳимтарин сифати забонҳост. Хушбахтона, забони тоҷикӣ ба гурӯҳи чунин забонҳо дохил мешавад.

Б. Ғафуров, аз ҷумла, дар бораи мавқеи забони форсии дарӣ менависад: **«Навиштаҷоти форсӣ (аниқтараш форсии миёна)-и асрҳои VII-VIII, ки дар қарибии Марв ёфт шудааст, равшан далолат мекунад, ки дар ин давра дар он ҷойҳо бо забони форсӣ (тоҷикӣ, ки онро «забони форсии дарӣ» ё худ «забони форсӣ» ҳам номидаанд) ҳарф мезаданд. Мувофиқи маълумоти пурарзиши ал-Чаҳшиёрӣ, то худи соли 742 дар Хуросон хати форсиро кор мефармуданд (эҳтимол, ин хат дар асоси ҳуруфоти паҳлавӣ тартиб ёфта буд)** (Б. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 370).

Дар идомаи фикри худ академик Б. Ғафуров таъкид месозад, ки забони форсӣ то омадани арабҳо дар Балх ҳам паҳн гардида буд. Шеърҳои ниҳоят машҳури мардумӣ, ҳаҷвияҳо дар бораи шикасти арабҳо, ки махсусан дар сарзаминҳои қисмати ҷанубии Мовароуннаҳр рӯй медод, аз ҳамин хусус гувоҳӣ медиҳанд.

Дар ин шароит фарҳанг, забон, тарзи тафаккур, урфу одат ва рӯҳи ба он созгори тоҷикият, ки дар байни халқи тоҷик торафт решадор мегардид, ҳамчун идеяи сарҷамъкунанда ва ваҳдату ягонагӣ ба неруи воқеӣ мубаддал гардида, мардумро дар муқобили фарҳангу забони бодиянишинон қувват мебахшид.

Тибқи назарияҳои боэътимоди забоншиносии таърихӣ (В. С. Расторгуева, И. Абаев, А. Серебренников) яке аз воситаҳое, ки ба муқобили ассимилятсияи забонҳо ва ворид шудани калимаҳои бегона ба ин ё он забон истодагарӣ мекунад, сохти грамматикии забон мебошад. Ҳамзамон бо ин, таркиби бойи луғавӣ, ки барои грамматика ҳамчун маводи тайёри ташаккули категорияҳои морфологӣ ва синтаксисӣ хизмат менамояд, иқтидори рақобатпазирии забонро таҳким мебахшад. Бояд гуфт, ки забони тоҷикӣ чунин сифатро ҳанӯз аз давраҳои бостон доштааст.

Дар ҷараёни истилои арабҳо, ки мақсад аз он тавассути ақидаҳои динӣ забт кардани қаламрави сарзаминҳои бегона буд, аҷнабиён на танҳо ба муқовимати шадиди мардумони Мовароуннаҳр дучор шуданд, балки баъди расидан ба мақсад ҳам наметавонистанд танҳо тавассути забону фарҳанги хеш нақшаҳои стратегии худро ба пуррагӣ роҳандозӣ намоянд. Онҳо маҷбур мешуданд аз забони дарӣ ҳамчун воситаи сиёсӣ истифода баранд. «**Мувофиқи ривояти ҳадисҳо, забони форсӣ дар ҳамон давраҳо ва зотан дар давраҳои сонитар ҳам, василаи муҳимми тарғиби дини ислом буд. Ба қавли Наршахӣ (асри Х) дар як масҷиди Бухоро, ки соли 713 бино шуда буд, Қуръонро ба забони форсӣ қироат мекардаанд**» (Ҳамон ҷо. – С. 371). Чунин вазъият аз шуҷоат, мардонагӣ ва рӯҳи шикастнопазири аҷдоди миллати тоҷик ва қудрати забони модарии мо шаҳодат медиҳад. Дар идомаи сухан аллома Бобоҷон Ғафуров бо ифтихор менависад: «**Ҳодисае маълум аст, ки соли 728 яке аз воизони дини ислом аз тарғиби дин дар Самарқанд фақат ба ҳамин асос даст кашидааст, ки забони форсиро ба хубӣ намедонистааст**» (Ҳамон ҷо. – С. 371).

Дар афкори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши фарзандони баору номуси миллат, ки ба ивази ҷони худ забон, фарҳанг, таърих, маданият ва анъанаҳои миллиро ҳифз кардаанд, мақоми хосса дорад.

Омӯзиши китобу мақолаҳои илмии Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳанд, ки зуҳуроти камназири таърихӣ – зинда мондани забони тоҷикӣ дар замони истилои араб ва ҳазорсолаи ҳукмронии бегонагон ҳамчун мавзӯъ ва ҳадафи илмӣ муайян шудаанд. Роҳбари давлат дар ин маврид ба ҳамаи саволҳо бо далелҳои эътимодбахш посух медиҳад. Хулосаи асосгузорони материализми илмӣ иборат аз он аст, ки **«Идеяҳо, дар умум, ҳеҷ коре карда наметавонанд. Барои роҳандозӣ кардани идеяҳо одамон лозиманд, ки қувваи амалиро истифода баранд».** Ҳангоми таҳқиқ Пешвои миллат хизматҳои фарзандони фарзонаи миллатро якояк номбар ва ҳамчун намунаи садоқат ба мардуми хеш муаррифӣ мекунад: **«Маҳз бо кӯшишҳои Имоми Аъзам ба забони тоҷикӣ ҳамчун забони ибодати динӣ нақш ва аҳамияти махсус дода шуда, он дар байни диндорон ҳамчун забони дуюми аҳли биҳишт эътироф гардидааст»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 137).

Дар илми забоншиносӣ мафҳуми **«бурриши якдигарии забонҳо»** маъруф аст. Он, махсусан, дар шароити нобаробарии сиёсӣ ҳамчун натиҷаи адами мувозинати иҷтимоии халқу миллатҳо ба вуҷуд меояд.

Тавре хотирнишон гардид, забони ҳоким бо истифода аз захираҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва кулли имконот мекӯшад дигар забон ё гурӯҳи забонҳоро дар худ «ҳазм кунад» ва ба ҳамин тариқ ғолибияти худро дар қаламрави мавриди тавоҷҷуҳ таъмин созад. Ҷараёни ассимилятсияи забон ё гурӯҳи забонҳо маҳз дар чунин шароит ба вуҷуд меояд.

Дар ин ҳолат, забони мардуми бумӣ ҳамчун муҳимтарин воситаи истодагарӣ кардан ва мубориза бурдан нақши худро на ба тарзи одӣ, абстракт, худ ба худ, балки тавассути бузургони миллат ба намоиш мегузорад. Эҷод кардан ва ба аҳли башар пешниҳод намудани асарҳои илмӣ, илмиву таърихӣ ва бадеӣ воситаи аслии нишон додани қудрати

маънавии халқ барои ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад.

Роҳбари давлат ба қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик ҳамеша арҷгузорӣ мекунад. Кӯшиш менамояд, ки хотираи онҳоро ҷовидон гардонад. Тавассути овардани далелҳои таърихӣ ба ҳамватанон, махсусан зиёиён – шоирон, нависандагон, олимон, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муаллимони мактабҳои оливу миёна, донишҷӯён, касоне, ки мансуб ба табақаи андешаву эҷод ҳастанд, маъниву мантиқи арзишҳои тоҷикиятро гаштаву баргашта ва возеҳу равшан фаҳмонад ва бузургони гузаштаи миллатро ҳамчун намунаи пайравӣ муаррифӣ намояд: – «**Лозим ба ёдоварист, ки дар аҳди Сомониён Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, мардум ибодатро ба забони модарӣ анҷом медод».** Ва хулосаи воқеии худро бо ифтихор эълон менамояд: **«Ин нишони эҳтироми бепоёни мардум ба асолат ва забони модарӣ ва кӯшишҳои халқи тоҷик барои ҳифзи забон ва суннатҳои ниёгон буд**» (Ҳамон ҷо. – С. 163).

Дар ин маврид таълимоти хирадмандонаи Пешвои миллати тоҷик дар бораи забон бо афкори олимони маъруфи дунё мувофиқ меояд. Чунончӣ, файласуфи машҳури немис Г. В. Ф. Гегел эълон медорад: **«Забон бузургтарин неру дар ҷомеаи инсонҳост»** (Г. В. Ф. Гегель. Работы разных лет в двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1973. – С. 192).

Хотираи аслии миллат хат, осори хаттӣ ва муҷассамаҳои таърихи бостон мебошанд. Маводу масканеро, ки истилогарон имкон доранд, нобуд мекунанд, то чунин ёдгорӣ боқӣ намонад. Мақсад: наслҳои баъдина набояд гузаштаи худро донанд, онро тозаву равшан тасаввур намоянд, «одами нав», «олами нав» созанд, ҷаҳон ва таърихи онро аз дидгоҳи ғосибон бубинанд, арзёбӣ кунанд, нисбат ба таърихи миллати худ ҳамчун ба «даврони ҷоҳилия» нафрат дошта бошанд, гузашта ва имрӯзи худро аз варақи сафед оғоз намоянд ва дар доираи ҷаҳонбинии фармоишӣ ҷонсупорӣ кунанд. Онҳо мекӯшиданд, ки маркази идоракунандаи маънавиёт ва арзишҳо на ҷавҳари

хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, яъне тоҷикият ва ватани аҷдодӣ, балки хосияти бегонагии фосилавӣ дошта бошад.

**Фоҷиаи бузурги шикасти салтанати Сомониён, кӯшишҳои барқарор кардани ҳокимияти сулолаи Манғитиён тавассути ҳаракати зиддитоҷикии босмачигарӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ бо зуҳуроти ба ном «муҷоҳидин» – генотсиди миллӣ бо имконоти пулӣ, молӣ ва пуштибонии маънавии аҷнабиён маҳз аз андешаи душманӣ нисбат ба асолати миллӣ сарчашма мегирад.**

Бобоҷон Ғафуров дар ин мавриd хотиррасон мекунад. «**Истилои Эрон ва Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо ва мусулмонкунонии аҳолии мамлакатҳои забтшуда (асрҳои VII-VIII ва давраҳои баъдина) пайваста бо нест кардани осори хаттии қадим ва алифбои мардуми гуногуни эронизабон – алифбои паҳлавӣ дар Эрон, суғдӣ ва хоразмӣ дар Мовароуннаҳр, бохтарӣ дар Бохтари таърихӣ (Тахористон) ва ба ивази онҳо зӯран ҷорӣ кардани забон ва алифбои арабӣ ба вуқӯъ меомад**» (Б. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 374).

Ҳадафи аслии ин зӯргӯӣ батадриҷ аз байн бурдани забонҳои мардумони ин сарзаминҳо, анъана ва урфу одатҳои онон ва ба ҳамин тариқ ба асрҳои аср тамдид кардани султаи сиёсии аҷнабиён буд.

Маҳз дар чунин шароит зарурати омӯзиши таърихи забони модарӣ, махсусан, грамматика ва таркиби асосии луғавӣ, услуби баён, муқоисаи он бо захираи луғавии «забонҳои ҳоким», шакл, мундариҷа ва неруи тафаккурии соҳибзабонон, қобилияти рақобати забони мардумони бумӣ дар муҳити нобаробари сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба миён меояд. Чунин таҳлил дар шароити ниҳоят мушкили таърихӣ асоснокӣ ва зарурати омилҳои истодагарӣ карда тавонистани забони тоҷикиро дар муносибат бо дигар забонҳо, баръало нишон медиҳад.

Роҳбари давлат ҳамчун эҳёгари воқеии арзишҳои шукӯҳманди таърихӣ замони салтанати Сомониёнро бо ифтихори бузург ёдовар мешавад. Рушду нумӯи забони тоҷикиро натиҷаи истиқлоли давлатӣ мешуморад ва омилҳои асосиеро, ки забони модарии мо маҳз тавассути онон мақоми оламшумул пайдо кардааст, номбар мекунад: **«Дар аҳди Сомониён забони тоҷикӣ ҳамчун забони шеъру шоирӣ, забони илму адаб бо покиву шириниаш воқеан оламгир шуд. Ва, албатта, ин мартабаи олиро ба забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, соҳиби он – халқи тамаддунофари мо, адибону олимони хушкалом ва меҳанпарастамон – бахшидаанд»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 161).

Ҳангоми арзёбии масъала Пешвои миллат ҳифз кардани бузургтарин арзишҳои миллиро яке аз мушаххасоти бузурги забони тоҷикӣ медонад: «**Забони тоҷикӣ на фақат ҷавҳари ҳастии миллати мо, балки нишонаи барҷастаи қадимӣ будани фарҳанги мост. Таърих гувоҳ аст, ки аҷдоди тоҷикон борҳо бо нерумандтарин истилогарон рӯ ба рӯ шудаанд, вале бо бартарии фарҳанг, асолати ойину суннатҳо ва андешаи миллии худ бар онҳо ғолиб омада, ҳувияти миллии худро нигоҳ доштаанд»** (Ҳамон ҷо. – С.168).

Омӯхтани забон дар ҳама давру замон аз масъалаҳои рӯзмарраи забоншиносӣ мебошад. Муваффақ будани миллатро дар муҳимтарин соҳаҳои давлатдорӣ – назария ва амалияи сиёсӣ ва ҳуқуқшиносӣ, Гегел дар неруи тафаккури миллат, ки тавассути нутқ ифода мегардад, мешуморад. Сабаби **«нишонрас будани муҳокимаронии франсавиҳо ба тарзи равшан ва мушаххас ифода кардани маъниҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳост. Забони онон тавассути қоидаҳои ниҳоят ҷиддӣ танзим карда шуда, тартиби муайян ва алоқамандии**

**фикрҳоро таъмин менамоянд. Маҳз барои ҳамин франсавиҳо намунаи барҳақи пайравӣ дар шакли ифодаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд»** (Г. В. Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Т. 2. Философия духа. – М.: Мысль, 1977. – С. 71).

Тафаккур муҳимтарин воситаест, ки маҳз тавассути он ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият дар шакли идеалӣ ифода меёбанд. Чунин инъикос бо фонди луғавӣ ва сохтори грамматикӣ сурат мегирад. Аммо шакли материалии андеша фақат дар забон воқеият пайдо мекунад. Тавре дар назарияи Гегел мебинем, маҳз баробарвазнии ифодаҳо нисбат ба воқеият, ки илми мантиқ ҳам ба он вобаста аст, бо иловаи низоми ҷиддан обутобёфтаи морфологӣ ва синтаксисӣ забонро хосияти ҷаҳоншумулӣ мебахшад. Тибқи меъёри номбаркардаи файласуфи немис **ҷабҳаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ муҳимтарин майдони озмоиши забон мебошанд. Сеюм, зарфияти мавзӯъ, мундариҷа ва истилоҳоти илмиро дар доираи фонди луғавии забон низ бо боварии том метавон ба он илова кард.**

Андешаҳои Пешвои миллат хулосаҳои Гегелро дар бораи аломатҳои нерумандии забон тасдиқ мекунанд: **«Ногуфта намонад, ки забони коргузорӣ ва илму адаби давлати Салҷуқиёни Рум забони тоҷикӣ буд ва ба шарофати чунин фазои мусоиди фарҳангӣ барои инкишофи илму ирфон, ҳикмату фалсафа ва шеъру адаби аҳли Хуросони Бузург ва сарзамини Эрон шароити созгор фароҳам омада буд** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 137).

Ҳамин тариқ, забони тоҷикӣ дар муборизаҳои шадид бо забонҳои ғосиб ҳамеша ғолиб омадааст. Яке аз сабабҳои шикасти он забонҳо ҳолати ҳарбӣ ва маъмурӣ доштан ва бо забони мардумони бумӣ аз лиҳози сохти грамматикӣ ва захираи луғавӣ мусобиқа карда натавонистани онҳо буд.

Дар таълимоти Сарвари давлат манзалати сиёсӣ, яъне моҳияти забон муҳимтарин нишондиҳандаи мавқеи миллат дар низоми сиёсии ҷомеа аниста мешавад. Ин масъала дар забоншиносии тоҷик ба сатҳи барои ҷомеаи имрӯз ниҳоят зарур омӯхта нашудааст. **Сухан дар бораи аз лиҳози гениалогӣ, системавӣ ва сохториву функсионалӣ боз ҳам асоснок кардани хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар асоси «рӯҳи забон» меравад.** Зеро маълум аст, ки бо вуҷуди тазйиқи шадиди сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар замони ҳукмронии бегонагон, тоҷикон имкон пайдо карданд, ки сохторҳои сиёсии пурқуввати худро асос гузоранд: **– «Ҳарчанд ки гузаштагони мо баъд аз қабули дини ислом ба муҳити фарҳангии исломӣ дохил гардиданд, вале тавассути забону фарҳанг ва суннату анъанаҳои бостонии худ ҳувияти миллиашонро нигоҳ доштанд ва бо роҳи эҳёву ҳифзи забони модарӣ ва анъанаҳои миллӣ тавонистанд давлатҳои Саффориёну Тоҳириён, баъдан давлати мутамаркази Сомониён ва сипас давлати Ғуриёнро таъсис диҳанд»** (Ҳамон ҷо. – С. 121).

Дар натиҷаи таҳлил ва арзёбии далелҳои таърихӣ дар муддати ҳазорсолаи гузашта Пешвои миллат ба **зарфияти ҳуқуқии забон** таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Муътақид аст, ки танҳо истиқлоли сиёсӣ омили аслии истиқлоли забонӣ мебошад. Бо таъкиди ин нукта ба тамоми даъвоҳои комилан ғайриилмӣ ва ниҳоят содалавҳона, ки дар замони ҳукмронии бегонагон забони тоҷикӣ танҳо забони дарбор ва аҳли ҳунар, фарҳанг ва адаб буд ва ин ҳолат дар сурати адами истиқлоли давлатӣ метавонист то ба имрӯз идома ёбад, посух медиҳад.

Дар ин маврид, ёддоштҳои фарзанди нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ – Ҷонон Икромӣ, доктори илмҳои химия, профессор, ҷолиби таваҷҷуҳи махсус аст. Ӯ аз нақли падараш менависад: **«Тобистони соли 1927 С. Айнӣ ба Бухоро омад ва падарам бо**

**дӯстони дигар хостанд аз ӯ хабар бигиранд. Онҳо дар китобхонаи Абӯалӣ ибни Сино вохӯрданд. Айнӣ ҳамаро бо дастфишорӣ пурсупос кард ва баъд ба падарам муроҷиат карда пурсидааст, ки хешу таборонаш киҳо ҳастанд, худаш дар куҷо таҳсил мекунад. Миллаташ чӣ аст. Падарам дар бораи худаш ва дар бораи хешу табораш нақл мекунад...» ва аз тоҷик буданаш мункир мешавад. «...Устод механдад ва мегӯяд: кӣ кӣ, аммо Шумо шахси ҷавон, ҳам аз пушти падарӣ ва ҳам аз пушти модарӣ тоҷик ҳастед ва бобокалони Шумо аз Ховалинг аст»** (Джонон Икрами. Джалол Икрами неизвестные страницы. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – С. 32.)

**Ҳамин тариқ, ба асли масъала бозгашта, таъкид бояд кард, ки бидуни падидаи забони аз ҷиҳати захираи луғавӣ дар олам эътирофгардида, сохти грамматикии мукаммал, ки тавассути ин ду фазилат ворисони миллат машҳууртарин асарҳои илмӣ, таърихӣ, бадеӣ, бадеиву таърихӣ эҷод ва мардумони он сарзаминро дар олам муаррифӣ кардаанд, таъсис ёфтани давлати миллӣ номумкин аст.**

Ҳамчунон, забон бе пуштибонии сиёсиву ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ наметавонад рушд кунад, инкишоф ёбад ва вазифаи таърихии худро иҷро намояд. Пешвои миллат дар ин маврид хотиррасон мекунад: **«Пас аз давлати Сомониён забони миллии мо танҳо дар даврони истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ қарор дода шуд. Аз ин рӯ, давлати Тоҷикистон ҳифзи арзишҳои миллии забониро аз вазифаҳо ва ҳадафҳои асосии худ барои насли имрӯзу фардои ҷомеа медонад ва ин арзишҳои муқаддасро гиромӣ медорад»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 125).

Пешвои миллат мафҳуми истиқлоли давлатиро бо истиқлоли забонӣ тавъам медонад. Дар забоншиносии умумӣ чунин ақида аҳамияти махсуси сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, идеологӣ ва маънавӣ дорад. Чунин муносибат, арзёбӣ ва хулосабарорӣ моҳияти масъаларо дар бораи сохти давлатдории миллӣ рӯзмарра гардонида, сиёсати ҳуқуқиро дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ нисбат ба арзишҳои миллӣ қувват мебахшад: **«Забони тоҷикӣ ва рушду ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлоли давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз истиқлоли забонӣ пояи истиқлолхоҳии кишварамонро ташкил медиҳад»** (Ҳамон ҷо. – С. 115).

Яке аз муҳимтарин услуби забоншиносии таърихӣ **омӯхтани таърихи миллат тавассути забон ва омӯхтани таърихи забон тавассути таърихи миллат** мебошад. Дар таълимоти Пешвои миллат ин ду равиш муваффақона ва тавъам истифода шудаанд: **«Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки дар тӯли гузаштаи пурфоҷиа забони мо барои бақо ва ҳастии миллат...хидмати бузург ва таърихӣ кардааст»** (Ҳамон ҷо. − С. 161). Инчунин таъкид месозад: **«Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки дар ҳама ҳолат миллати тоҷик сипари боэътимод, ганҷи гаронбаҳои ниёгон – забони модариро аз даст надодааст»** (Ҳамон ҷо. − С. 162).

## ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Ҳамасрони мо шоҳиданд, ки хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва дар ҳамин замина сохтани давлати миллӣ, ки ормони ҳазорсолаи мардуми тоҷик буд, аз мақсадҳои меҳварии Роҳбари давлат маҳсуб мегардад. Суханони дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон сабтшуда ва умедбахши Роҳбари нав интихобгардидаи миллати тоҷик − «**Ман ба**

**шумо сулҳ меорам!»** азми таърихӣ ва амалҳои ҷонфидоёнаи ӯ, навиди созандагӣ ба ҳар хонадони мамлакати ҷангзадаи дур аз маъмур ва мардуми хастаи ранҷур нур бахшид.

Азм ва иқдомоти гуногунҷабҳаи мушкил ба қутбнамо ва меҳроби ягонаи маънавию мафкуравӣ ниёз дошт. Мардумро мебоист ба орзуву мақсад, ба рӯшноие дар зулмот, ба соҳиле дар уқёнуси пурталотуми тақдир раҳнамун сохт ва сафарбар кард. Бовар кунонидани халқ ба асолати хеш, эҳсоси масъулияти бузург дар назди таърих, фарҳанг ва тамаддуни гузашта ва арҷгузорӣ ба онҳо аз муҳимтарин вазифаҳое буд, ки Роҳбари давлат онро боисрор ва пайгирона таъкид мекард. Дар ин маврид, забони модарӣ – забони тоҷикӣ нақди барҷастаи яқин барои муътақид кардани мардум ба асолати хеш буд.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Пешвои миллат худшиносии миллӣ ҳамчун мафҳуми иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангиву маънавӣ натиҷаи ташаккули ҷаҳонбиниест, ки аз маҷмӯи мураккаби мафҳум ва категорияҳои сохториву функсионалӣ иборат мебошад. Аз худ кардан, дарк намудан, ба умқ ва арзишмандии чунин категорияҳо расидан, онҳоро дар низоми ягонаи ҷаҳонбинӣ ба мақсади таъмини амният ва рушду нумӯи Ватани азиз дидан ва амал кардан муҳимтарин ҷузъиёти таркибии ҷаҳонбинии ҳар шахс ба шумор меравад.

**Роҳбари давлат вазифагузорӣ мекунад, ки ҳар фард аз калима ва ибораҳои «миллат», «таърихи ташаккул ва рушди миллӣ», «андешаи миллӣ», «асолати миллӣ», «ҳувияти миллӣ», «истиқлоли миллӣ», «ватандориву ватанпарастӣ», «ифтихори ватандорӣ», «арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, илмиву маданӣ», «урфу одат ва анъанаҳои миллӣ», «тафаккури таърихии миллӣ», «дифоъ аз фарҳангу тамаддуни миллӣ», «худогоҳӣ», «таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ», «бунёдкорӣ» ва монанди инҳо бояд баҳравар бошад. Онҳоро фаҳмад. Дарк намояд. Тафсир карда тавонад. Дар рафтори иҷтимоии худ амалӣ созад.**

Ибораву таркибҳо ва истилоҳоти номбаршуда ҷузъи сохторӣ ва ҷудоинопазири ҷаҳонбинии миллӣ мебошанд, ки Пешвои миллат забони модариро асоси он медонад. Онро бо мисол ва далелҳои муътамади таърихӣ исбот ва таъкид мекунад.

Дар таълимоти Роҳбари давлат чунин мафҳумҳо низоми ягона ва муҳтавои барномаи амалии тарбияи мактаббачагон, насли наврас, ҷавонон ва оммаи мардумро ташкил мекунанд. **Вазифаи рӯзмарраи Ҳукумат бо истифода аз имконоти давлатӣ – маориф, мактаб, васоити ахбори умум, масъулини корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, зиёиён ва падару модарон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиву маънавӣ дар ҷаҳонбинии ҳамватанон ҷой кардани ин идеяҳои ватанхоҳона мебошад.**

**Тавассути низоми ягонаи давлатдорӣ – муассисаҳои фарҳанг, маориф, иттиҳодияҳои эҷодӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмҳои ҷамъиятӣ ва васоити ахбори умум, таҳлил ва натиҷагирӣ кардани вазъи воқеии муносибати табақаҳои гуногуни ҷомеа ба арзиш ва манфиатҳои миллӣ нишонгари он хоҳад буд, ки талаботи пешниҳодшуда то кадом андоза амалӣ шуда истодаанд ва хосияти функсионалӣ пайдо кардаанд.**

**Бо қотеияти том изҳор бояд кард, ки дар адабиёти сиёсӣ, таърихӣ ва бадеии имрӯза возеҳтар аз таълимот ва таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат, нуқтаи назари санҷидашуда ва бо далелҳои илмӣ собитгардида, ки асолати миллӣ ва худшиносии миллиро дар иртибот бо илми забоншиносӣ нишон дода бошад, мавҷуд нест.** Маҳз ба ҳамин хотир, вазифаи ҳамарӯзаи мост, ки онро омӯзем, аз худ намоем, ба омма фаҳмонем, ба ибораи дигар, **«аз забон ба ҳадафи воқеӣ гузарем»** (Аристотел).

Дар таълимоти Роҳбари давлат нуктаи ниҳоят ҷолиб – **«суварнигории ҳадисест, ки агар ҷон дар он набошад, нангорад»** (Хоқонии Шервонӣ). Сарвари роҳнамо муҳтавои

афкори меҳанпарастӣ ва самтҳои ташаккули маънавиёти миллиро дар тафсири муҳимтарин калимаву истилоҳот ифода намудааст: **«Худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 136).

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони модариро аз далелҳои муътамад ва дастоварди тамаддунии мардуми тоҷик эълом медорад: **«Ҳар гоҳе дар бораи арзишҳои миллӣ сухан меронем, бузургтарин сарвати бебаҳои халқи худ – забони модариамон – забони тоҷикиро бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем»** (Ҳамон ҷо. – С. 121). Ва ҳамзамон бо ин, умумияти забонии миллати тоҷикро аз омилҳои аслии таъминкунандаи амнияти давлатдории миллӣ меҳисобад: **«Арҷ гузоштан ба забони модарӣ омилест, ки сарчашмаи бақои ваҳдати миллӣ ва яке аз рукнҳои устувори давлатдорӣ ба шумор меравад»** (Ҳамон ҷо – С. 114).

Мантиқи қавии Пешвои миллат, ки забонро ҳамчун ҷавҳари ҳастӣ ва нишонаи қадимӣ будани фарҳанги мардуми тоҷик ном мебарад, зарурати ҳифз кардани ин асолати таърихӣ ва дар маҷмӯъ, андешаи миллиро дар мадди назар дорад.

Дар таърифи классикӣ нишонаҳои асосии миллат умумияти устувори одамон, ки дар асоси ягонагии забон, қаламрав, ҳаёти иҷтимоӣ ва урфу одатҳо ба вуҷуд меоянд, номбар гардидаанд. Дар таълимоти Роҳбари давлат ин назария бо далелҳои раднопазир аз таърихи миллати тоҷик ва забони ӯ баръало нишон дода шудааст.

**Сарвари кишвар бо истифода аз неруи тавонои забони модарӣ расидан ба умқи хештаншиносӣ ва худшиносиро ба хотири сохтани давлати миллӣ дар асоси арзишҳои**

**волои тамаддуни башарӣ аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардои мамлакат меҳисобад.**

Дар таълимоти Пешвои миллат эҳтиром гузоштан ба забони модарӣ – эҳтиром гузоштан ба Ватан, ба модар, ба миллат, ба фарҳанг ва тамаддуни хеш аст.

Инсон бояд мансубияти худро ба миллат на танҳо бо донистани забони модарӣ, балки дар амал − тавассути ҳифзи манфиатҳои миллӣ, кӯшиши таъмини амният ва рушди миллӣ, бо роҳи омӯхтану донистани асосҳои таърихи чандҳазорсолаи миллат ва ифтихор аз он исбот созад.

Ҳангоми варақгардон кардани таърихи миллатҳои Ғарб ба назар мерасад, ки бузургтарин намояндагони «дунёи куҳан» ҳам нисбат ба забони модарӣ ва фарҳанги миллии худ эҳтироми бузург гузоштаанд. Бо таҳқиқ, хулосабарорӣ ва эҳсоси масъулият, ҳамчун зиёӣ мардумро ба хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ даъват кардаанд. Ҳисси бегонапарастӣ, саҷда кардан ба фарҳанг ва маънавиёти аҷнабиёнро маҳкум намудаанд. Аз ҷумла, яке аз бузургтарин файласуфони Аврупо, ки қудрати андешаи ӯ дар олам инқилоби фарҳанги сиёсиро бедор кардааст, Г. В. Ф. Гегел ба ҳамватанони худ бо эҳсоси дилсӯзонаи ватандӯстӣ муроҷиат карда, фармудааст: **«Яке аз олитарин омилҳои маърифат − сухан гуфтан ба забони худ мебошад. Халқ мансуб ба худаш аст. Нест бод ҳама чизи бегона то ҳадди алифбои лотинӣ!»** (Гегель. Работы разных лет в двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1973. – С. 547).

## ЗИЁИЁН ВА МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ

Дар таълимоти Пешвои миллат нақши сиёсатмадорон, олимон, шоирон, нависандагон, мутафаккирон ва умуман зиёиён дар ташаккули халқи тоҷик, ҳифзи арзишҳои миллӣ, мубориза барои истиқлоли давлатӣ ва бунёди давлати тоҷикон дар тӯли таърих – аз давраҳои қадим,

асрҳои миёна, замони нав ва муосир ба таври хосса таъкид мегардад.

Дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» (Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 364 с.) ва дигар асарҳои таърихии Роҳбари давлат бузургтарин шахсиятҳои миллӣ бо таҳлил ва арзёбии хизматҳои онон барои миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон қадршиносӣ карда шудаанд.

Услуби нигориш ва хулосабарориҳои Пешвои миллат дар бораи шахсиятҳои барҷастаи миллӣ омӯзанда ва намунавӣ буда, аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва ҳидояткунанда доранд.

Роҳбари давлат симоҳои таърихии бузургони миллатро ҳамчун намояндаи фардии ҷомеаи замони худ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамзамон бо ин, нобиғагӣ ва иродату садоқат ба халқ, мардонагӣ, ҷасурӣ, ташаббускорӣ дар роҳи амалӣ кардани идеалҳои пешқадами ҷомеа, истодагарӣ карда тавонистани онҳоро дар ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ махсус таъкид кардааст.

**Аз таълимоти Сарвари давлат бармеояд, ки фард дар замони худ ҳамон вақт узви фаъоли муносиботи ҷамъиятӣ шуда метавонад, ки аз лиҳози объективӣ ҷонибдори асили манфиатҳои миллӣ бошад ва аз лиҳози субъективӣ – ҷаҳонбинӣ, тарзи тафаккур ва муҳокимаронӣ аз худ амалҳои созгор ба рушди миллӣ нишон диҳад.**

Пешвои миллат омилҳои аслии нигоҳ доштан ва неруманд гардонидани забони тоҷикиро дар принсип ва аломатҳои субъективӣ дар фазои объективӣ, аксиденталӣ ва пешгӯинашаванда ба хотири таъмини манфиатҳои миллӣ ва ниёзҳои ҷамъиятӣ мебинад ва онро чунин тафсир менамояд: **«Маҳз андешаҳои воло ва осори гаронбаҳои абармардони миллати мо буд, ки фарҳанг ва забони тоҷикӣ дар тӯли таърих, бо вуҷуди он ҳама фишорҳои сиёсиву мафкуравии бегонагон, мақом ва**

**мартабаи худро дар тамаддуни ҷаҳонӣ нигоҳ доштааст. Ҳамин хизмати бузурги фарзонагони миллат аст, ки мо имрӯз соҳибдавлат буда, бо забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллии худ ифтихор мекунем»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ − Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. **– С. 167)**.

Таърихи забон – таърихи тафаккури инсон аст. Мавзӯи мантиқи диалектикиро илм дар бораи шаклҳои рушди тафаккури одам аз сода ба мураккаб, ки ҳаракати абадиву беохири дарки воқеият мебошад, ташкил мекунад. Бешубҳа, чунин ҷараён аз шароити фаъолияти иҷтимоӣ, дараҷа ва имконоти фикрронии падидаи соҳибшуур вобастагӣ дорад. Таҳаввулоти диалектикӣ бошад, сарчашмаи аслии рушди забон аст. Пешвои миллат чунин тағйироти ногузирро маҳз тавассути ба эътибор гирифтани хусусияти диалектикии забони модарӣ таъкид мекунад: **«Қонунияти инкишофи забон чунин аст, ки вай, мисли як ҷисми зинда, бояд ба маҷрои зиндагӣ − таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ мутобиқ шуда, имконоти ифодаи мазмунҳои тоза ва талаботи мардумро дошта бошад. Яъне калимаву истилоҳотеро, ки дар олами ихтирооту кашфиёт ва иқтисодиёту техника падид меоянд, дар худ ғунҷонида тавонад ва ҳамзамон асолати миллиашро гум накунад»** (Ҳамон ҷо. – С. 157-158).

Пешвои миллат ҷонибдори асили неруманд гардонидани забони модарӣ тавассути ба он ворид кардани истилоҳ, мафҳум, маъно ва мантиқи илмӣ мебошад. Онро на танҳо вазифаи илми забоншиносӣ, балки масъулияти муҳимми сиёсати давлатӣ мешуморад, зеро муътақид аст, ки **«Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад»** (Ҳамон ҷо. − С. 117).

Ба хотири инкишофи забони модарӣ, Роҳбари давлат дар назди олимон вазифаҳои мушаххас мегузорад ва онро бо мантиқи қавӣ асоснок мекунад: **«Яке аз вазифаҳои асосӣ ва пурифтихори Институти забон ва адабиёт дар давраи истиқлолият пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он, аз ҳисоби захираи забони классикӣ ва халқӣ суфтаву ғанитар намудани забони адабӣ, оммафаҳм сохтани забони нашрияҳо, пеш аз ҳама, китобҳои дарсӣ, забони матбуот ва тоза нигоҳ доштани забони муошират мебошад»** (Ҳамон ҷо. – С. 191-192).

Мутаассифона, фоҷиаи бузурге, ки дар замони истиқлолият ба сари миллат омад, ба тамоми соҳаҳои давлатдорӣ, аз ҷумла ба илм ва маориф, ба мундариҷа ва сифати тарбияву таълим таъсири ниҳоят манфӣ расонид. **Таҳти шиорҳои «милликунонӣ»-и васоити таълимӣ ба муҳимтарин соҳаи маърифат – таълифи китобҳои дарсӣ, баъзе шахсоне роҳ ёфтанд, ки муътақиди устувори таъсиси шуури миллӣ ҳамчун пойдевори давлати миллӣ дар ҷаҳонбинии наврасон ва ҷавонон набуданд. Камбудиҳо аз madди назари сохторҳои илму маориф, донишкадаҳои олӣ – кафедраҳои соҳавӣ, пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳо, ки беҳтарин устодон, олимони ин муассисаҳо ба мисли Воҳид Асрорӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Додоҷон Тоҷиев, Холиқ Мирзозода, Мӯсо Диноршоев, Аълохон Афсаҳзод ва дигар муаллифони барҷаста ва хотирмони китобҳои дарсӣ буданд, дур монданд.** Ба қавли яке аз олимони машҳур ва сиёсатмадорони барҷастаи олам, **«Калимае, ки дар шакли нашр** (китоб, маҷалла, рӯзнома – С.Я.) **омадааст, меомӯзад, ки чӣ тавр зиндагӣ бояд кард ва чӣ тавр дунёро падруд гуфт».**

Масъала таъҷилан бозбинӣ ва ислоҳро тақозо дорад.

Ҳанӯз дувуним ҳазор сол қабл Аристотел (384-322 то мелод) бо эътиқодмандии маҳз таъкид карда буд: **«Бисёр**

**баид ба назар мерасад, касе шубҳа кунад, ки қонунгузор нисбат ба тарбияи ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад, ба хотири он ки дар ҷое, ки чунин муносибат нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқат кунад; мансуб ба ҳар як сохти давлатдорӣ характер, ба тарзи одӣ, барои нигоҳ доштан, ҳифз кардани ҳамон сохт хизмат мекунад. Сифати шахсияти беҳтарин ба беҳтарин сохти давлатдорӣ мутобиқат менамояд»** (Аристотель. Политика. – М.: РИПОЛ классик, 2010. – С. 535-536).

Аристотел тарбияи фарзандро на кори шахсӣ, балки ҷамъиятӣ мешуморад ва таъкид мекунад: **«Набояд фикр кард, ки ҳар як шаҳрванд худ ба худ арзи вуҷуд мекунад: не, ҳамаи шаҳрвандон мансуб ба давлат мебошанд, ба хотири он ки ҳар шаҳрванд ҷузъе аз давлат аст. Ва ғамхорӣ дар бораи ҳар як ҷузъ, табиатан, маънии ғамхорӣ, нигоҳубини томро дорад. Дар ин маврид амали лакедемониҳо** (давлати қадим дар Юнон, ки бо номи Спарта ҳам машҳур буд – С. Я.) **шоистаи таҳсин аст: онҳо нисбат ба кӯдакон бисёр ғамхорӣ зоҳир мекунанд ва ин амали онҳо хосияти ҷамъиятӣ касб кардааст»** (Ҳамон ҷо. – С. 536).

Беҳуда нест, ки кишварҳои хориҷӣ тавассути намояндагони дипломатиашон ҳамасола тамоми васоити таълимӣ ва тарбиявии боғчаҳои бачагона, китобҳои дарсии мактабҳои ибтидоӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, мактабҳои олиро, сарфи назар аз шакли моликияташон дар доираи барномаи махсуси **«Таърихи ташаккули афкори наврасон ва ҷавонон»** (*«The history of youngster's and young people's mindset formation»*) дастрас мекунанд. Онҳоро ба марказҳои таҳлили стратегии худ интиқол медиҳанд. **Дар асоси муҳтавои китобҳои дарсӣ хулосабарорӣ менамоянд, ки ин давлатро дар даҳсолаи наздик чӣ интизор аст. Ва аз**

**ҳозир нисбат ба ин давлат чӣ гуна муносибатро тарҳрезӣ бояд кард.**

Мундариҷаи барномаҳои таълимӣ (*ҳуҷҷати расмӣ дар бораи мазмуни фанни таълимӣ, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда*) ва китобҳои дарсӣ (*воситаи таълимие, ки тибқи барномаи таълимӣ асосҳои соҳаи муайяни илмро пайдарҳам ифода менамояд – муқаррарот дар асоси моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», №1004 аз 22.07.2013*) дар боғчаи бачагон, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, донишкадаҳои олӣ, аспирантура ва докторантура, ки сарфи назар аз шакли моликият, принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи илм ва маориф муайян менамоянд, бояд пурра ба меъёрҳои конститутсионӣ мувофиқат кунанд.

Маҳз Конститутсия кафили озодиҳои инсон, амнияти ҷомеа ва сохти давлатдорӣ мебошад. Ба ҳамин хотир, **«Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақим амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Коститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд»** (Моддаи 10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти «Ганҷ», 2016. – С. 7).

Ба сифати тафсир илова бояд кард, ки чунин талабот ба ҳама гуна ҳуҷҷатҳои расмӣ ва воситаҳои илмӣ – мутаносибан барномаҳо ва китобҳои дарсӣ низ мустақиман дахл дорад.

Воқеан, дар омади сухан, хотирнишон бояд кард, ки Аристотел оид ба коркард ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо сохти давлатдорӣ масъулияти ниҳоят бузурги давлатмардонро таъкид месозад: **«Нисбат ба қонунҳо... усулан мувофиқат кардани онон ба сохти давлатдорӣ таваҷҷуҳи эҳтиёткорона бояд кард. Қонунҳоро тарзе бояд қабул намуд..., ки барои**

**истифодаи ҳамин сохти давлатдорӣ мутобиқ бошанд, на ба тарзе ки сохти давлатдорӣ ба қонунҳо мувофиқ карда шавад»** (Аристотель. Политика. – М.: РИПОЛ классик, 2010. – С. 250). Воқеияти чунин таҷриба (мувофиқат кунонидани сохти давлатдорӣ ба қонунҳо) ва оқибатҳои фоҷиабори онро миллати тоҷик баъди дувуним ҳазор соли ин ҳушдор, маҳз бо ташаббус, пофишорӣ, террори маънавӣ ва ҷисмонии аз ҷониби саркардагон ва аъзоёни ташкилоти террористии собиқ ҳизби наҳзати исломӣ роҳандозишуда дид.

Таҷрибаи давлатдории дунё нишонгари он аст, ки талаботи Аристотел дар бораи таносуби мантиқии барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ба сохти конститутсионӣ шарти ҳаётан муҳимми суботи низоми сиёсии мамлакат аст.

Мактаб пойдевори аслии давлат ва амнияти миллӣ аст. Устувории бинои давлат аз мундариҷа, муҳтаво, сифати барнома ва васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ, ҷаҳонбинӣ ва иродаи муаллим вобастагӣ дорад.

**Сохтори низоми сиёсиву ҷамъиятии ҳамсоякишвар ва фоҷиаи миллати он бо оқибатҳои мавриди назар дар гузашта ва даҳсолаҳои наздик натиҷаи фаъолияти ҳадафмандонаи бозигарони геополитикӣ тавассути мактаб – барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ, интихоби муаллимон, дар маҷмӯъ, натиҷаи воқеии он – мафкурасозии бунёдӣ аст. Ин амали душманона барои он кишвари мусибатзада, ки албатта, мардумаш дар як умри кӯтоҳи одамӣ мисли бозигарони геополитикӣ ҳаққи орому осуда зиндагӣ кардан дорад, мутаассифона, бо бадбахтии зиёда аз чилсола ва ояндаи фоҷиабори пешгӯинашаванда барои чандин насли дигар боқӣ хоҳад монд. Ин аст ҳикмати «зарурати гирифтани таҷрибаи рӯзгор баҳри дафъи ҳаводис».**

Ояндаи ҳама гуна давлатдорӣ – сохти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, самтгирии маънавӣ, мафкуравӣ ва умуман

тақдири миллат дар дохил ва ҷабҳаҳои геополитикӣ дар чаҳорчӯбаи низоми маориф ҳаллу фасл мегардад.

Мантиқи бузурги таълимоти Пешвои миллат аз воқеияти **«Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад»** сарчашма мегирад. Сарвари давлат дар амри равшангарӣ ва маърифатнокии миллат ба масъулияти таърихии аҳли донишу маърифат – зиёиён такя мекунад.

Тибқи таҷрибаи таърихӣ ва воқеияти зиндагӣ, на ҳар соҳибмаълумот мансуб ба табақаи зиёӣ (дурахшанда, нурбахшанда) аст. Вагарна шумораи ин гурӯҳи ҷамъиятиро аз ҳисоби, ақаллан, хатмкардагони мактабҳои олӣ, ҳамасола ба садҳо, ҳазорҳо расонидан ва ба омори умедбахши дастовардҳои миллӣ ворид ва эълон кардан мумкин аст. Диплом дар бораи хатми мактаби олӣ, унвонҳои илмиву махсус ва либоси аврупоӣ ҳанӯз нишонаи зиёӣ нест.

**Зиёӣ будан сифат ва хосияти ботинии инсон мебошад, ки ҳам дар сухан ва ҳам дар амал зуҳур меёбад. Ин шакли фаъолият аз аломати барҷастаи функсионалии шуур сарчашма мегирад. Ва бар он асос меёбад. Зиёӣ шахсест, ки қобилияти баланди дарк намудан, андешаи баробар ба воқеият доштан, тавоноии аз моҳияти масъала огоҳ шудан, соҳибмаърифат будан, зуҳуроти мушкилро бо таҳаммул ва таҳлили илмӣ арзёбӣ намудан, тибқи фарҳанг ва манфиатҳои миллӣ ҷавонмардона рафтор карданро дорад. Масъулиятшинос ва ташаббускор аст. Аз худ дар ҷомеа қудрати таъсиррасонии ахлоқиву маънавии созгор нишон медиҳад.**

Роҳбари давлат ба ин табақаи ояндасози ҷамъият баҳогузорӣ мекунад. Дар назди онҳо вазифаҳои мушаххас мегузорад: «**Зиёӣ, ки шахси таҳсилдидаву равшанфикр аст, нуру рӯшноии ҷомеа маҳсуб мешавад ва бояд аҳли ҷомеаро ба сӯйи созандагӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят созад, ҳамеша дар фикри пешрафту такомули илму фарҳанг,**

**рушди забон ва ҳифзи тозагии он ва гузашта аз ин, дар андешаи таҳкими суботу оромии ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва дифоъ аз манфиатҳои миллат ва давлат бошад»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – **С. 175-176).**

Пешвои миллат ба мавзӯи адабиёти бадеӣ, мундариҷа, моҳият ва забону услуби шоирону нависандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Маҳз тавассути нишон додани амалҳои ҷонфидоёнаи бузургони миллат мехоҳад, симои ҳақиқии қаҳрамонони худро ба хонанда муаррифӣ намояд. Онҳоро дар муқоиса бо дигарон гузорад. Афзалияти воқеии шахсияти мавриди таҳқиқ қарордодаашро ба оммаи мардум фаҳмонад. Ӯро ҳамчун намунаи олии ватандорӣ, ҷавонмардӣ, муҷассамаи меҳру садоқат ба ормонҳои миллӣ дар муқобили хатарҳои ҷонӣ ба сифати намунаи ибрат пешниҳод кунад. Омӯзиши китоби «Чеҳраҳои мондагор» тасдиқи ин гуфтаҳост.

**Асосгузори давлати тоҷикон, ки бо дастони худ аз хокистар шӯъла офарида, сарзамини кӯҳистони худро бо нури он мунаввар сохтааст, тавассути таҳқиқоташ худро бузургтарин донандаи таърихи миллат, омилҳои бурду бохт, садоқату хиёнат, рушду рукуди миллӣ муаррифӣ кардааст.** Ӯ маҳз дар асоси таҳлили таҷрибаи таърихи куҳан ва муосир менависад: **«Боз як сабақи таърихиро аз худ кардани зиёиён, ба назарам, хеле муҳим аст. Ин устуворӣ дар мавқеи сиёсӣ, зиракӣ дар шинохти манфиатҳои миллӣ, парвариш ва талқини ҳисси ватанпарастӣ, оштинопазир будан бо ҷаҳолат ва хурофоту таассуб мебошад. Устод Айниро мисол мегирем. Мударриси забардаст буд, динро ба дараҷаи аъло медонист. Китоберо низ бо номи «Заруриёти диния» таълиф карда буд. Вале дар тамоми асарҳояш бо таассубу ҷаҳолат мубориза мебурд. Барои ба давлатҳои бедору пешрафта баробар кардани**

**Ватанаш, то сатҳи миллатҳои мутараққӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқаш фидокорона ҷаҳду талош меварзид... Таҷрибаи чунин шахсиятҳои бузург барои ба маҷрои дурусти зиндагӣ ва самти солими рушди фарҳангӣ ҳидоят намудани ҷомеа хеле муҳим аст»** (Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С. 306).

Яке аз сабабҳои аслии ҷанги шаҳрвандӣ бетарафӣ ва гузашта аз он, хиёнат кардани қисмати муассири ба ном зиёиён ба манфиатҳои миллати тоҷик буд. Пайравони Садриддин Айнӣ, сарфи назар аз донишҳои назариявӣ, воқеияти ҳастӣ ва таҷрибаи зиндагӣ, ки сирф маънавиёт ва худшиносии миллиро дар назар дорад, аз камтаринҳо гардиданд. Мардум аз нури зиё бебаҳра монд. Раҳгум зад. Ба доми фитнаву фано афтод.

Ҳангоми шиносоӣ бо ишораҳои Пешвои миллат ба сифатҳои шахсияти бузурги адабиёти ҷаҳонӣ Садриддин Айнӣ – ҷавонмардӣ (*ба таъбири худи устод «шогирди чилсолаи инқилоб»*), росткорӣ, ростгӯӣ, ҳақиқатнигорӣ, ҷасурӣ, далерӣ, шуҷоатмандӣ, сарфи назар аз қасд ва таҳдидҳои ҷонӣ нисбат ба ӯ, пеши назар муқоисаи чунин хислатҳо ба рафтори тоифаи зиёимаоби фурсатталаби солҳои 90-уми асри гузашта – таърихи нав ва баъзан таърихи навтарин ва муосир намудор мегардад.

Мутаассифона, дар давоми солҳои истиқлолият, ки аз фоҷиаи бузурги миллӣ – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оғоз гардид, ташаббускорони он, террористони собиқ ҳизби наҳзати исломӣ ҳамчун морони Заҳҳок ба хӯрдан ва несту нобуд кардани ақлҳои миллати тоҷик пардохтанд. Нахустин тӯъмаи ин морон дар саросари кишвар зиёиён, олимон, шахсони босавод, пешбарандагони ғояҳои илму маърифат – муаллимон буданд. Мақсади аслии наҳзатиён – нобуд кардани равшангарони миллат буд. Онҳо бояд насли мувофиқ ба маънавиёти заҳҳокии худ месохтанд.

**Аввалин ва бузургтарин хизмати таърихии Пешвои миллат – ҷони ҷавони худро ба гарав монда, ба ин қувваи аҳриманӣ зарбаи ҳалокатбор расонидан буд.**

Аммо тарсу ваҳми он рӯзҳо то ба имрӯз дар дили қисмати муаррифишудаи аҳли зиё ва шогирдони онон монд.

**Таҳлили муқаддимавии бисёре аз мавзӯъ ва асарҳои илмӣ, илмии педагогӣ, илмии таърихӣ, адабӣ, адабии таърихӣ ва фарҳангии дар замони истиқлолият эҷодшуда ва ҳамчуноне хотирнишон гардид, китобҳои дарсӣ низ нишон медиҳад, ки муҳтаво ва мундариҷаи онон ҳанӯз ба ғояҳои марказии бар асоси равшангарой, зидди хурофот, нодонӣ, ҷаҳолатпарастӣ, мазаммати ақибмондагии ақидатӣ, ки бисёре аз адибони бузурги асримиёнагӣ – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** (858-941), **Абӯалӣ ибни Сино** (980-1037), **Абулқосими Фирдавсӣ** (934-1020), **Умари Хайём** (1048-1131), **Носири Хусрав** (1004-1088), **Убайди Зоконӣ** (1301-1371), **Абдурраҳмони Ҷомӣ** (1414-1492), **Абдурраҳмони Мушфиқӣ** (1525-1588), **Аҳмади Дониш** (1827-1897), **инчунин, дар замони шӯравӣ – Садриддин Айнӣ** (1878-1954), **Абулқосими Лоҳутӣ** (1885-1957) **ва дигарон таълиф намудаанд, на танҳо намерасанд, балки наздик ҳам намешаванд.**

Мавзӯи меҳварии олам аз замони шакл гирифтани инсон – маҷмӯи ҳама гуна муносиботи ҷамъиятиро зиддият ва муборизаи ду қувваи асосӣ – некӣ ва бадӣ, торикӣ ва равшанӣ ташкил мекунад.

Кадом падидаҳо, шахсиятҳо, қаҳрамонҳо, образҳо, персонажҳо, шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, қисматҳои таркибии онон, ҷаҳонбиниҳо, хабар ва маълумоти одӣ ифодаҳои номбаршударо таҷассум мекунанд, масъалаи дигар аст. Он ҷанбаҳои тахассусӣ, иҷтимоӣ, фардӣ, гурӯҳӣ ва табақавӣ дорад. Сухан дар бораи мавқеи фардии сиёсӣ, идеявӣ ва маънавии зиёӣ дар муносибат ба дарду ниёзҳои

ҷомеа, масъалаҳои рӯзмарра, ояндаи наздик ва дури давлати миллӣ меравад. **Зеро нақшҳои фардии асар гузоштан ба ҷаҳонбиниҳо, дар маҷмӯъ, афкори ҷамъиятиро ташкил мекунад.**

**Андешаи илмӣ, созанда, маорифпарварона, ватанхоҳона ва миллатдӯстонаи Садриддин Айнӣ, ки муҳимтарин омили истиқлоли давлатии тоҷикон гардид, падидаи тасодуфӣ ва ғайричашмдошт набуд. Он давоми силсилаи ҷаҳонбиниҳои илмӣ, фарҳангӣ ва ниҳоят пешқадам ва устуворе шинохта мешавад, ки аз замонҳои қадим, насл ба насл, то дар харитаи олам падид омадани давлате бо номи Тоҷикистон идома ёфт. Сайри ниҳоят кӯтоҳи таърихӣ далели ин гуфтаҳост.**

Барои мисол, хулосаи сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба таври возеҳу равшан ақидаи диалектикии қонунмандиҳои табиат, ҷамъият ва тафаккурро, ки муҳимтарин усули донистани воқеият мебошад, таъкид месозад:

**Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирдгардон аст,**
**Ҳамеша то бувад ойин-ш гирдгардон буд.**

Умари Хайём ақидаи бузургтарин материалистони Юнони қадимро чунин қаламдод кардааст:

**Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,**
**Гарданда фалак низ ба коре будаст.**

Абулқосими Фирдавсӣ ба хотири эҳтироми бузург ба манзалат, ҷаҳонбинӣ ва урфу одати миллат ҷавонмардонаву бовиқор дар замони яке аз мустабидони хурофотзадаи давраи асримиёнагӣ Султон Маҳмуд ба тамоми олам эълон медорад:

**Ба мо бар зи дини куҳан нанг нест,**
**Ба гетӣ беҳ аз дини Ҳушанг нест.**

Фирдавсӣ дар мавзӯи суиистифода аз дину имон ба хотири ғаразҳои шахсӣ дар «Шоҳнома» дар боби «Тохтани Саъди Ваққос ба Эрон ва нома навиштани Рустам ба бародараш» менависад:

**Зиёни касон аз пайи суди хеш**
**Биҷӯянду дин андароранд пеш.**

Ҳамин тариқ, таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик инъикоскунандаи тафаккури пешқадами миллати тоҷик аст. Чунин мисолҳоро мо дар эҷодиёти Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ то давраи маорифпарварони бузург Аҳмадмахдуми Дониш ва Садриддин Айнӣ мебинем. Эҷодиёти онон мавзӯи таҳқиқоти илмӣ ва ба хонандагон муаррифӣ кардани он муҳимтарин талаботи иҷтимоӣ ва сохти конститутсионии мо – хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ мебошад.

**Воқеан, илм дар назди муҳимтарин санади ҳуқуқии сарнавиштсози миллат қарздор аст. Зеро шаш рукни аслии сохти конститутсионии давлатдории миллӣ (Боби 1, Моддаи 1) решаҳои амиқи таърихӣ доранд ва инъикоси ормонҳои аз қаъри асрҳо то ба замони мо расида мебошанд.** Бо иродаи мардум арзишҳои воло – ҳукми сохти давлатдории миллии моро гирифтаанд. Чунин орзуву омол дар санадҳои давлатдорӣ, сарчашмаҳои илмӣ, илмиву бадеӣ, адабиёт, фарҳанг, эҷодиёти халқ, урфу одат ва анъанаҳои халқи тоҷик дар шаклҳои гуногун ифода ёфтаанд. Маҳз барои ҳамин моддаи садуми Конститутсия муқаррароти моддаи якуми боби якуми ин ҳуҷҷати тақдирсозро тағйирнопазир меҳисобад. Чунин таҳқиқот посухи дандоншикан ба

душманони сохти конститутсионӣ – интихоби миллати тоҷик хоҳад буд.

Дар таълимоти Роҳбари давлат забони тоҷикӣ ҳамчун далели зиндаи қадимӣ будани миллат ва шаҳсутуни давлатдории миллӣ тавсиф карда мешавад.

Ҳамин тариқ, Сарвари кишвар ба муҳимтарин принсипҳои муносибат ба ин ганҷинаи бебаҳо ишора намуда, таъкид менамояд: **«Вазифаи муҳимми олимони кишвар таҳқиқ намудани таърихи пурифтихори миллат, проблемаҳои фалсафа ва адабиёту фарҳанги бою рангоранги тоҷикон, поку беғазанд нигоҳ доштан ва таҳким бахшидан ба мақоми забони давлатӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҷоду эҳёи забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгон мебошанд»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 185).

Назар ба ҳидояти Роҳбари давлат зиёиён вазифадоранд, ки бо такя ба таърихи ташаккул ва рушди афкори пешқадами миллӣ, ки тӯли ҳазорсолаҳо, дар шароити тираву тори асримиёнагӣ, фишорҳо ва вобастагии сиёсӣ ба даст овардаанд, бо заҳмати ватандӯстонаи худ ин анъанаҳоро на танҳо омӯзанд, балки ташаббускори пешрафти ҷаҳонбинии миллӣ дар шароити навини таърихӣ – замони истиқлол бошанд.

## АҲАМИЯТИ ЭТИМОЛОГИЯИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУНОСИБАТИ ОН БА ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА РУСӢ

Таълимоти Пешвои миллат дар бораи забоншиносӣ қариб тамоми паҳлуҳои илм дар бораи қонунмандиҳои пайдоиш ва инкишофи забонро дар бар мегирад.

Яке аз ҷанбаҳои он алоқамандӣ ва таъсири мутақобилаи забони тоҷикӣ бо забонҳои мардумоне мебошад, ки миллати тоҷик дар тӯли асрҳо бо сабабҳои гуногун бо онҳо дар муносибот ва доду гирифт будааст. Дар тафсири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъала хосияти объективии таърихӣ дорад. Он хеле асоснок ба мавқеи пайдоиш, ташаккул, ҳаёти сиёсӣ ва таърихиву фарҳангии миллати тоҷик дар иртибот дониста мешавад: **«Имрӯз далелҳои қавӣ вуҷуд доранд, ки дар асоси онҳо донишмандон макони зуҳур ва нашъунамои забон ва адабиёти тоҷикиву форсиро Мовароуннаҳру Хуросон медонанд»** (Ҳамон ҷо. – С. 194).

Академик Бобоҷон Ғафуров ҳам дар ин маврид таъкид месозад: **«Мадракҳои таърих гувоҳӣ медиҳанд, ки саҳми Осиёи Миёна дар маданияти асри биринҷии Шарқ бағоят бузург аст, ба замми ин, қабилаҳои эронизабону ҳиндузабон ба кишварҳои ҳамсояи Ҳиндустон, Афғонистон ва Эрон маҳз аз Осиёи Миёна омадаанд»** (Б. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 25).

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қудрати забони модарӣ сухан ронда, ба нақши байналмилалии он ишора мекунад. Таъкид месозад, бо вуҷуди он ки забони тоҷикӣ дар таъсири мутақобил бо дигар забонҳои минтақа қарор дошт, ҳувияти функсионалии худро ҳимоя карда тавонист ва бегазанд монд: **«Забони мо дар тӯли садсолаҳо аз баҳри Миёназамин то Ҳинду Чин ҳамчун забони муоширати байни халқҳои гуногун хизмат намуда, дар осори хаттии онҳо ҳам нақши зиёде гузоштааст. Ин ҳақиқати таърихӣ мебошад»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 162).

Дар паҳнои васеи ҷуғрофиёӣ – Осиёи Миёна, Мовароуннаҳр ва қисмати шимоли Эрон мавриди

истифода қарор доштани забони тоҷикиро сарчашмаҳои зиёди таърихӣ тасдиқ мекунанд. Яке аз онҳо таҳқиқоти узви вобастаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ Е.Э. Бертелс мебошад. Ӯ менависад: **«Метавон бо итминон изҳор дошт, ки забони таълифи асар** («Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус – С. Я.) **дар он давр забони адабии Эрон набуд, балки забоне буд, ки асосан дар ҳудуди салтанати Сомониён, ки аксари сокинонашон тоҷикон буданд, истифода мешуд. Он забони Рӯдакӣ ва Фирдавсист» (**Кей-Кавус У. Кабус-намэ (Перевод, статья и примеч. чл. - кор. Акад. наук СССР Е. Э. Бертельса). 2-е изд. – М.: Изд-во восточной литературы, 1958. – С. 6). Чунин хулоса, ки шарқшиноси маъруф дар оғози солҳои 50-уми асри гузашта нисбат ба мақом ва ҳавзаи истифодаи забони модарии мо изҳор медорад, боиси қадршиносӣ ва ифтихор аст. Таъйиди маҳз – ба забони тоҷикӣ навишта шудани «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ, фарқ кунонидани он аз **«забони адабии Эрон» дар он замон ҳам ишора ба мустақилият ва бузургии забони тоҷикӣ аст, ки дар асарҳои Пешвои миллат борҳо, гаштаву баргашта, бо далелҳои иловагии таърихӣ таъкид мегардад. Барои мисол: «аз сарчашмаҳо, аз ҷумла, «Таърих»-и Наршахӣ, бармеояд, ки баъд аз истилои араб дар Эрони Ғарбӣ дар давоми ду садсола забони паҳлавӣ рӯ ба таназзул овард ва ҷойи онро забони арабӣ гирифт. Аммо дар қаламрави Мовароуннаҳр ва Хуросон забони тоҷикӣ мавқеи худро аз даст надод» (**Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017**. – С. 163).**

Тавре хотирнишон гардид, забон бояд аз лиҳози таърихӣ ва муқоисавию таърихӣ хуб омӯхта шавад. Дар ин маврид, яке аз муҳимтарин масъалаҳо муайян кардани хосияти гениалогӣ ва этногенетикӣ, яъне баромад,

ташаккул ва хешигарии он ба забонҳои дигар халқу миллатҳо мебошад. Чунин таҳлил баробарвазнӣ ё қудратмандии яке аз забонҳоро нисбат ба дигар забон бештар нишон медиҳад. Сабабҳои аслии зинда мондан, рушд кардан ва баръакс аз байн рафтани ин ё он забон ошкор карда мешавад.

Далелҳои таърихие, ки дар бораи тавоноӣ ва қудрати забони тоҷикӣ дар қаламрави васеи сиёсиву ҷуғрофиёӣ оварда шуданд, ба принсипи дар илм эътирофгардидаи **«Таърихи забон – таърихи миллат»** пурра мувофиқат мекунанд. **«Шарафи умумӣ дар гузашта – иродаи умумӣ дар замони муосир; ёдоварӣ дар бораи корҳои бузурге, ки анҷом шудаанд ва омодагии чунин амал минбаъд ҳам – ана ин аст муҳимтарин шароите, ки барои сохтани миллат зарур аст».** (Ортега-и-Гассет Х. Восстание масс. Пер. с испанского. Нью Йорк, 1954. –С. 178-179).

**Хулосаи моҳияти таърихиву фарҳангии забони тоҷикӣ дар назарияи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои илм аҳамияти махсус дорад. Чунин натиҷагирӣ ва арзёбиро, дар маҷмӯъ, ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст:**

1. Масъалаҳои этногенетикии забони модарӣ ва сарчашмаҳои асосии ташаккули он.
2. Ифодаи характери миллӣ, таҷассуми халқ ҳамчун шахсият бо такя ба зуҳуроти забонӣ, ҷараёнҳои забонӣ, маводи забонӣ, далелҳои забонӣ.
3. Забони модарӣ дар муносиботи байни миллатҳо ва таъсири мутақобилаи онон.

Вобаста ба чунин табақабандӣ, мутаносибан зарурати таҳқиқи

а) фонди асосии луғавии забон;

б) таркиби захираи луғавии забон;

в) калимаҳои иқтибосӣ ба миён меояд. Ва ин масъалаҳо дар илми забоншиносии муосир ниёз ба омӯзиши ҳаматарафа доранд.

Фонди асосии луғавии забон такягоҳ ва шаҳсутуни забон аст. Бузургии забон маҳз дар он ифода меёбад. Таҳқиқоти гениалогӣ, ҳамчунон, қудрати таъсири этимологии он нисбат ба дигар забонҳо дар шаклгирии лексика, тобишҳои семантикӣ, полисемӣ ва категорияҳои грамматикӣ нишон медиҳад, ки ин ё он забон дар гурӯҳ ва оилаи забонҳои дунё чӣ манзалатро касб кардааст. Дар набардҳои беохири забонӣ (*ҳамчунин хонда шавад, фарҳангиву таърихӣ ва маънавию идеологӣ*) чӣ бурду бохтҳо доштааст.

Маълум аст, ки забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои эронӣ ва оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад. Таҳлили одӣ, нигоҳи холисона нишон медиҳад, ки чӣ гуна забони модарии мо дар «бурриши якдигарии забонҳо» на танҳо ҳувияти хешро нигоҳ дошта, нақши сохториву вазифавии худро ҳифз намудааст, балки бо дигар забонҳои муассири дунё вориди муносибат гашта, аз лиҳози лексикӣ ва грамматикӣ ба онҳо таъсир расонидааст.

**«Агар сухан дар бораи маданият ва маишати халқ, муносибати он бо дигар халқҳо равад, муҳаққиқ бояд бештар ба лексика такя кунад. Фақат лексика бақайдгирандаи ҳассос ва бидуни фиреб ба тарзи мустақим ё ғайримустақими ҳама гуна тағйирот дар истеҳсолот, маишат, маданият, ҳамчунон, муносиботи таъсири мутақобилаи дорои аҳамияти байни халқҳо мебошад»** (В. И. Абаев. История языка и история народа. В сборнике статей: Вопросы теории и истории языка. – М.: Наука, 1952. – С. 47).

Албатта, ҳангоми муқоисаи калимаҳо тавассути аломатҳои зоҳирӣ, хосияти фонетикӣ ва дигар ҷузъиёти шаклии (омонимии) маводи забонӣ, хулоса баровардан дар бораи ҳамрешагии калимаҳо, таъсири якҷониба ва ё мутақобилаи забонҳо аз рӯйи адолати илмӣ нахоҳад буд. Аммо таъкид бояд кард, ки ҳангоми пешниҳод ва коркарди фарзияи таъсири забони тоҷикӣ ба дигар

забонҳо калимот ва истилоҳоте пешниҳод мегарданд, ки мансуб ба захираи асосии луғавии забони тоҷикӣ ё шеваҳои он ҳамчун пояҳои асосии забони адабӣ мебошанд. Дар ин маврид, хусусияти семантикӣ, моҳияти лексикӣ ва грамматикии ин ё он калима ё истилоҳ низ ба эътибор гирифта мешаванд.

Барои мисол дар забони тоҷикӣ замонҳои феъл, аз ҷумла, бо роҳи флексия тавассути феъли ёридиҳандаи «***будан***», «***шудан***» ифода меёбад. Дар забони англисӣ ин вазифаро феъли ёридиҳандаи «***be***» ***[biː],*** *ки* бо истифода аз ҳиссачаи ***to [tuː]*** – (муродифи суффикси – ***ан-и*** забони тоҷикӣ) ***to be [tuː biː]*** шакли масдар мегирад, иҷро менамояд. Ва, албатта, тавассути флексия бо тобишҳои замонӣ вазифаҳои грамматикии худро ба тарзи гуногун – муродифҳои грамматикии худ иҷро мекунад. Тавре мебинем, ин таркиб аз лиҳози фонетикӣ **(*to be done [tuː biː dʌn]*)** ба феъли «***будан***», ҳамрешагии худро нишон медиҳад. Мисол: «***To be or not to be that is the question***» ***[tuː biː ɔː nɒt tuː biː ðæt iz ðiː ˈkwestʃən]*** *(Будан ё набудан – ин аст асоси масъала!*).

Ҳамзамон, хотирнишон бояд кард, ки яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ омӯхтани шеваҳои (диалектҳои) забон мебошад. Онҳо чун муҳимтарин сарчашма ва бозгӯйи таърихи забон эътироф шудаанд. Таҳкурсии пайдошавии меъёрҳои адабии ҳама забонҳо, гӯишҳо ба ҳисоб мераванд. Шеваҳои забонӣ қисмати муҳимми таърихи забон – таърихи миллат мебошанд. Фақат онҳо хосияти ҷуғрофиёӣ доранд. Ба ҳаёти ҷамъиятии маҳал ва хусусияти алоҳидаи иҷтимоии он алоқаманд мебошанд. Инъикоси фикрӣ ва овозии воқеияти алоҳидаи қаламрави муайян ҳастанд.

Хешигарии забонҳо тавассути шеваҳои забон ҳам тасдиқи худро меёбанд. Барои мисол, феъли ёридиҳандаи номбаршудаи ***to be [tuː biː]*** дар асл, дар шакли ***be [biː], (bi)*** бидуни тағйироти фонетикӣ ҳамчун феъли ёридиҳанда, ки

замони гузаштаро ифода мекунад, дар шеваи сокинони ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, қисмати шарқии минтақаи Кӯлоб васеъ истифода мешавад. Аз ҷиҳати маъмул будани ин категорияи грамматикӣ дар доираи гӯишҳо дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, ки ба қавли Бобоҷон Ғафуров аз тохтутозҳои аҷнабиён раҳоӣ ёфта, покизагии худро нигоҳ доштаанд, тахмин кардан мумкин аст, ки феъли ёридиҳандаи ***to be [tuː biː],*** ки асли пайдоиши он аз забони ҳиндуаврупоӣ маншаъ мегирад, дорои этимологияи забони қадими тоҷикӣ мебошад.

Ба фикри мо, қавмияти феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бо мисоли феъли ёридиҳандаи ***to be [tuː biː]*** ба охир намерасад. Маълум аст, ки муҳимтарин вазифаи феъл ифодаи ҳаракат ва ҳолати ашё (предмет) мебошад. Феъли ёридиҳандаи ***«аст» (to be) [tuː biː]*** амали анҷомшуда ва ҳолати муқarrаргардидаи исмро ифода мекунад ва дар таркибҳои феълӣ замони ҳозираи давомдорро мефаҳмонад. Ин ҳолати грамматикӣ дар забони англисӣ тавассути суффикси – ***ing [ɪŋ]*** таъмин карда мешавад. Шакли фонетикии феъли ёридиҳандаи ***аст (to be) [tuː biː]*** дар забони англисӣ вонамехӯрад. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, бештари калимаҳое, ки дар таркиби луғавии забони англисӣ бо таркиби овозии ***st*** омадаанд, ҳолати предметро нишон медиҳанд: ***stood [stʊd] – истодан; stable [steɪbl] – устувор; establish [ɪsˈtæblɪʃ] – муқаррар кардан; stop [stɒp] – ист,*** яъне хешигарии худро ба мантиқи грамматикии феъли ёридиҳандаи забони тоҷикӣ ***(аст)*** бо тобишҳои семантикӣ ва алоқаҳои решагӣ ба намоиш мегузоранд.

Мисолҳои дигар низ ба фоидаи ҳамин фарзия ишора мекунанд. Дар забони тоҷикӣ бо истифода аз суффикси маконсоз – ***истон*** даҳҳо калима шакл гирифтааст: ***гулистон, бемористон, баҳористон, боғистон, шаҳристон, шабистон, торикистон, нуристон, бӯстон, чаманистон, наистон, сангистон, тобистон, зимистон*** ва

ғайра. Ба тарзи дигар, соҳибзабон онро ҳамчун таркиби овозии худ ба тарзи васеъ кор фармудааст.

Тавре мебинем, дар зери таъсири забони тоҷикӣ бо истифодаи суффикси маконсозӣ – ***истон,*** номҳои давлатҳои мустақил ва субъектҳои сиёсии дохилидавлатӣ – вилоятҳо, ҷумҳуриҳои мухтор низ сохта шудаанд. Таъсири феъли ёридиҳандаи ***аст*** дар шакли решагии он *st* бо илова аз шаклҳои овозии гуногун, ки, албатта, ниёз ба таҳқиқоти иловагӣ дорад, дар тӯли таърихи чандҳазорсола хосияти байналхалқӣ гирифтааст.

Вобаста ба ду калимаи дар охир номбаршуда, ки фаслҳои солро ифода мекунанд (***тобистон ва зимистон),*** хотирнишон бояд кард, ки онҳо дар забони тоҷикӣ ҳамчун калимаҳои сохта ба ҳисоб гирифта намешаванд. Шакли яклухтро гирифтаанд. Дар калимаи якум ***тоб,*** бо истифода аз суффикси – ***гӣ – тобагӣ,*** дар ин ҳолат калимаи мустақил ба ғизои дар асбоби тафсон омодашударо, дар ҳолати дигар бо илова кардани суффикси – ***истон*** фасли гармиро мефаҳмонанд. Яқин аст, калимаи ***таф (таф додан),*** ки он ишора ба ҳарорати баланд аст ***(тафсон, таф додан, тафӣ кардан),*** бидуни ягон тағйироти овозӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ гузаштааст ***– taf season [si:zn] (мавсими гарм), tuft season [si:zn] (фасли мушкил), taf discussion [dɪsˈkʌʃn] (баҳси гарм), taft discussion [dɪsˈkʌʃn] (баҳси қотеона).***

Вақте ки калимаву истилоҳот дар шакли решагӣ дар шеваҳои забон ҳам истифода мешаванд, чунин ҳолат мансубияти этимологии калимаро ба ҳамон забон даҳчанд меафзояд ва далели муътамади мансубият ба он забон аст. Калимаи ***таф*** ҳамин манзалатро дорад.

Дар калимаи дуюм решаи он ***зим (хунукӣ)*** дар забони адабии ҳозира дар шакли мустақил вонамехӯрад. Он дар забони русӣ дар шакли ***зима (фасли зимистон)*** омада, калимаи мустақил мебошад. Ба гурӯҳи калимаҳои полисемӣ ва серистифодаи он забон мансуб аст. Реша ва

этимологияи он низ дар модар-забон ё забони аввалия як буда, чӣ шакли овозӣ ва чӣ вуҷуди аслии худро гум накардааст. Яқинан, ин ҳолат ба бештари забонҳои ҳиндуэронӣ хос мебошад.

Калимаи ***right [raɪt]*** *– рост* дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гарчанде тафовути андаки овозӣ дорад, аммо тарҷумаи айнан дошта, ба гурӯҳи калимаҳои сермаъно дохил мешавад. Дар забони русӣ шакли талаффузи ин калима бо доштани як садонок, комилан мисли забони тоҷикист. Аммо фақат маънои ишора ба як самтро дорад, моносемӣ аст. Калимаи ***овраг*** дар забони русӣ серистифода аст. Он дар луғатҳои русӣ-тоҷикӣ дар шакли ***ҷарӣ, оббурда, обканда*** **тарҷума мешавад, ки шояд эҳтиёҷ ба он набошад: калимаи тоҷикии мураккаб аст, аз ду калима, ки мансуб ба *исм* мебошанд: *об ва раг – раги об* иборат мебошад. Дар натиҷаи таъсири табиат – боридани борон ё дигар ҳодисаи фаъоли мансуб ба об, шакли болои талу теппа релйефи худро тағйир додааст.**

Хешигарии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, ки ба гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ дохил мегарданд, бо садҳо мисол исбот мешавад. Аммо бо доштани муносиботи таърихиву сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, махсусан дар ҳазорсолаи охир, таъсири ин ду забон ба якдигар ҳақиқати бебаҳс аст. Бештари ин калимаҳои маъмул дар забоншиносии муқоисавии ҳарду ҷониб оварда шудаанд, ки мо аз такрори онҳо худдорӣ мекунем.

Дар шеваи сокинони қисмати ҷануби забони тоҷикӣ калимаи ***handleek – чизеро бо даст гирифта бардошта ба шаст ба ҷойе партофтан*** **аст.** Он аз лиҳози сохт калимаи мураккаб мебошад: аз **исми *hand [hænd] (даст)* феъли *leek [liːk]* (*ҷунбонидан, ликондан, ликок кардан*)** иборат мебошад. Ин калима дар шеваи мардуми Кӯлоб қариб бидуни тағйироти таркиби овозӣ истифода мешавад. Маъмул аст. Дар забони англисӣ ба **маънои *бо истифода аз***

***даст касеро ҷунбондан, ба хуш овардан – handle (дастак)*** мебошад.

Калимаҳое, ки дар шеваҳои забони тоҷикӣ фаъоланд, бо тағйири андаки фонетикӣ ва тобишҳои семасиологӣ дар забони англисӣ бо ҳамон маъно ё мафҳуми кӯчида истифода мешаванд: ***lose [lu:z]*** – чизи гумшуда: «*Win or* ***lose*** *never regret» [wɪn ɔ:* ***lu:z*** *'nevər rɪ'gret] – ғолиб омадӣ ё бой додӣ, ҳеҷ вақт афсӯс нахӯр.* ***«Лос»*** дар шеваи мардуми ҷануб ашёе, ки дар ҳоли гум шудан аст; гум мешудагӣ аст; **place [pleɪs] – *ҷо, макон; mind [maɪnd] – майна;*** **палос** – *асбоби рӯзгор, ки дар ҷойе, маконе тахт карда мешавад: Хонаву* ***палос****, одаму либос; «One may change* ***place****, but no* ***mind****» [wʌn meɪ ʧeɪnʤ pleɪs, bʌt nəʊ maɪnd] – Кас метавонад* ***ҷойи зисташро*** *иваз кунад, аммо на* ***майнаашро; deaf [def]*** *– одаме, ки қуввати шунавоиашро гум кардааст, пардаи узви шунавоиаш осеб дидааст.* ***Даф*** *– даф, дойра. Асбобе, ки матои асосиаш парда аст: «****Deaf*** *man is away from the blame» [def mæn ɪz ə'weɪ frɒm pi: bleɪm] – марде, ки қобили* ***шунавоӣ*** *надорад, аз гуфтори носазо дур аст.* ***Better ['betə] – беҳтар****: It is* ***better*** *to play with the ears than with* ***tongue [ɪt ɪz 'betə*** *tu: pleɪ wɪþ pə 'ɪəz pæn wɪþ tʌŋ] – беҳтар он аст, бо гӯш бозӣ кунӣ, на бо забон.*

Калимаҳои забони тоҷикӣ, ки бидуни тағйири таркиби овозӣ ба таркиби луғавии дигар забонҳо, аз ҷумла забони англисӣ ворид шудаанд, хеле зиёданд. Онҳо дар ҳарду забон ба як маъно корбарӣ мешаванд. Барои мисол: ***band [bænd] – банд*** *(ашёе, ки дар як гурӯҳ, даста ҷамъ омадаанд, бастабандӣ шудаанд ва ё ҷамъ оварда шудаанд; монеа эҷод кардан, баста шудан);* ***pas-пас*** *(пас рафтан, пас гузаштан, пас мондан);* ***past [pa:st] – паст****, (дар охир, дар ниҳоят);* ***calf [ka:f] – калф*** *(ҷузъи табиӣ, санги бузург, харсанг);* ***part – парт*** *(қисм, ҷузъ, тиқа, пора).* Бо ин маънӣ, он дар шеваи мардуми ҷануби Тоҷикистон серистеъмол аст. Он ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ истифода карда мешавад: *парт кардан (қисм-қисм кардан);* ***now – нав.***

Калимаҳо – бидуни тағйироти таркиби овозӣ дар категорияҳои грамматикӣ, махсусан дар ишораҷонишинҳо

низ дида мешавад: ***to [tu:] – ҳиссачае, ки самти ҳаракатро нишон медиҳад***. Дар забони форсӣ он бо ҳамин таркиби овозӣ ифодаи ***«ба самти»***, ***«дар дохили»*** маконро ифода менамоянд; ***in [ɪn] – ин*** ҷонишини ишоравии дохили предмет; ***on [ɒn] –*** ҷонишини ифодакунандаи қисмати болоии ашё мебошанд.

Калимаҳои тоҷикие, ки бо тағйироти ҷузъии овозӣ ва ё истифодаи категорияҳои ёридиҳандаи грамматикӣ мавриди истифода қарор доранд, аз рӯйи мантиқи тобишҳои маъноӣ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ ба осонӣ шинохта мешаванд. Барои мисол: ***star [sta:] – ситора; lip [lip] – лаб; bor, borrowing, burden [bɔ:, ˈbɒrəʊɪŋ, burden] – бор, бурдан, чизеро дар худ доштан, баранда будан; typhoon [taɪˈfu:n] – тӯфон; top [tɒp] – асосӣ, чизе, ки дар мадди аввал, дар боло меистад, теппа; daughter [ˈdɔ:tə] – духтар; door [dɔ:] – дар; cow [kaʊ] – гов; cle [kle] (франсузӣ) – key [ki:] (англисӣ) – калид; murder [ˈmз:də] – мурдан, куштор; rob [rɒb] – рабудан; eyebrow [ˈaɪbraʊ] – абрӯ; gulob [gulob] – гулоб; gulqand [gulqand] – гулқанд; candle [kændl] – қандил; two [tu:] – ду; rafting [ˈra:ftɪŋ]*** – навъи варзиш, бо қаиқҳои махсус поин ***рафтан*** дар дарёҳои ниҳоят тезоби кӯҳӣ. Дар ин маврид решаи калимаи ***raft [ra:ft]*** дар забони тоҷикӣ ҳолатро ифода мекунад. Дар ин навъи варзиш, бо ихтиёри варзишгар ҳам истодан ҷойи имкон намемонад. Истифодаи суффикси – ***ing [ɪŋ],*** тавре пештар ҳам хотирнишон гардид, категорияи грамматикии созандаи феъли замони ҳозираи давомдори забони англисӣ мебошад: ***bad [bæd] – бад*** *(A **bad** workman always blames his tools [a **bæd** ˈwз:kmən ˈɔ:lw(e)ɪz bleɪmz hɪz tu:lz] – Коргари **бад** доим асбобашро гунаҳгор меҳисобад;* ***name – ном; shift [ʃɪft] – шифт – сақф, болои хона:*** *A good **shift** may serve long but no forever [a gʊd **ʃɪft** meɪ sз:v lɒŋ bʌt nəʊ fəˈrevə] – **Шифти** нағз метавонад дароз хизмат кунад, аммо на то абад;* ***youth [jʊθ] – ёш, ҷавон; gap [gæp] – ҷойи холӣ, тиҳӣ, зуҳуроти камарзиш***; ***гап*** – муродифи калимаи сухан аст. Ҳамзамон, бо тобиши маъноӣ зуҳуроте, фикреро, ки асоси воқеӣ надорад, бепоя аст, **«гап»** аст, мефаҳмонад; ***harm [ha:m] – шарм*** *(Out of home near **harm** [aʊt ɒv **həʊm** nɪə ha:m] – Берун аз*

*хона, наздик ба* ***шармандагӣ*** *(ба маънои дур аз хона боэҳтиёт будан);* ***warm [wɔ:m] – гарм*** *(Cold hands –* ***warm*** *heart [kəʊld hændz -* ***wɔ:m*** *ha:t] – Дастони хунук – дили* ***гарм****);* ***sail [seɪl] – сайл, тамошо****: Being on sea* ***sail*** *[ bi:ɪŋ ɒn si:* ***seɪl****] – Дар баҳр бошӣ,* ***сайл*** *кун;* ***thunder [Qʌndə] – тандӯр****: Who far from Jupiter, who far from* ***thunder*** *[hu: fa: frɒm 'ʤu:pɪtə, hu: fa: frɒm* ***Qʌndə****] – Касе, ки аз Зуҳал дур аст, аз* ***тандӯр (тундар)*** *дур аст;* ***hang [hæŋ] – ҳангос*** *зада гиристан, амали мансуб ба гулӯ: let every ship* ***hang*** *by his own shank [let 'evrɪ ʃɪp* ***hæŋ*** *baɪ hɪz əʊn ʃænk] – бигузор ҳар як гӯсфанд бо овози худаш* ***садо*** *барорад;* ***new [njʊu]–нав, candy [kændi] – қанд; sugar*** **[ʃuga]** ***– шакар; bazar [bəza:r] – бозор; pagamas [pəja:məz] – поҷома; jungle [ʤʌŋgl] – ҷангал; devil [devl] – дев; caravan [kærevæn] – корвонсарой; saffron [sæfrən] – заъфарон; kiosk [ki:ɑsk] – кӯшк; rug [rʌg] – раг; guard [ga:d] – гвардия.*** Решаи аслии истилоҳ калимаи решагии қадимии тоҷикии ***гурд – паҳлавон, рӯинтан, нотарс, далер, шуҷоъ*** мебошад. Этимологияи калима – узви бадани инсон ***гурда*** аст. Яъне шахси ***гурдадор***. Ин калима таърихи чандҳазорсола дорад. Тибқи қонунияти забонӣ давраҳои инкишоф, рушд ва таbодули маъноиро аз сар гузаронида, тавассути арзишҳо ва маънавиёт, ҷаҳонбинӣ ва бархӯрди мардумӣ нисбат ба сифати ҷисмонии паҳлавонон ҳамчун истилоҳ қабул гашта, ба сермасрафтарин воҳиди маъноии ифодакунандаи сохторҳои низомӣ дар миқёси байналхалқӣ мубаддал гаштааст.

Бояд хотирнишон кард, ки «**Топонимика сарчашмаи арзишманди ёрирасони таърихӣ мебошад**» (В. И. Абаев. История языка и история народа – в сборнике. – М.: 1952. – С. 51). Дар алоқамандӣ бо калимаи ***guard [ga:d] – гвардия*** номи деҳаи Кангурти (***кони гурд, кони паҳлавонон***) ноҳияи Темурмалик боиси таваҷҷуҳи этнографӣ, таърихӣ ва албатта, этимологӣ аст. Он далели боэътимоди мансубияти калимаи ***гвардия*** ба забони тоҷикӣ мебошад.

Мо лозим донистем, ки барои исботи ҳамреша ва ҳаммаъно будан ва хосияти пурраи этимологӣ доштани калимаҳои забони тоҷикӣ, ки ба андешаи мо ба забонҳои

англисӣ ва русӣ гузаштаанд, фақат бо овардани баъзе мисолҳо қаноат кунем. Бо таъкиди асосгузорони материализми илмӣ **«дарк кардан, донистан ҳаракати абадии наздикшавии тафаккур ба ҳадафи омӯзиш аст».** Итминони комил дорем, ки вобаста ба мавзӯи баҳс омӯзиш, таҳқиқ ва баррасиҳои мақсаднок ҳамчун мавзӯъ ва ҳадафи илмӣ идома хоҳанд ёфт.

Дар таълимоти Пешвои миллат аз бар намудани илм, дониш, касбияти баланд ва бо ҳамин тариқ шахсияти барои худ ва барои Ватан судманд шудан дар ҷойи аввал меистад. Ӯ таъкид мекунад: **«Фаромӯш набояд кард, ки Ватанро танҳо кадрҳои баландихтисосу соҳибмаърифат ва забондону дорои касбу ихтисоси ба талаботи замона ҷавобгӯй обод карда метавонанд»** (Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 189).

Пешвои миллат ба дараҷаи баланд донистани забони давлатиро аз беҳтарин сифатҳои ҳар як шаҳрванд мешуморад. Онро бо масъулияти ватандӯстӣ, маҳорати корбарӣ, сифатномаи воқеии хизматчӣ ва соҳибкори муваффақ тавъам медонад. Роҳбари давлат бо такя ба далелҳои илмӣ таъкид месозад: **«Ҳар касе, ки забони модарии худро хуб медонад, барои ӯ омӯхтани забонҳои хориҷӣ осон мегардад. Дигар ин ки ҷорӣ кардани дастовардҳои илму техника ва технологияи муосир, яъне пешрафти минбаъдаи мамлакат, ба роҳ мондани робитаҳои гуногунсоҳа бо давлатҳои тараққикарда, яъне пайвастан ба ҷаҳони мутамаддин бе донистани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русӣ ва англисӣ ғайриимкон аст»** (Ҳамон ҷо. – С. 194-195).

Таҷрибаи таърихии миллатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки онҳо бо тамоми имконоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, қонунӣ ва ғайриқонунӣ ба дастовардҳои судманди дигар халқҳо дар кулли самтҳо – иқтисодӣ, сиёсӣ, гуманитарӣ ва ғайра ворид мешаванд. Онҳоро меомӯзанд. Чизи фоиданокро зери ҳар ном худӣ эълон карда, истифода мебаранд. Дар ин бора Волтер

(Франсуа Мари Аруэ, 1694-1778, файласуф ва нависандаи франсавӣ) менависад: «**Муҳаббати ман ба Ватан ба ман монеа намешавад, ки аз дастовардҳо, муваффақиятҳои хориҷиҳо чашм пӯшам. Баръакс, чи қадаре ки ман Ватанамро дӯст дорам, ҳамон қадар кӯшиш мекунам, ки мамлакати худро аз ҷавоҳироте пур кунам, ки аз қаъри заминҳои кишварҳои дигар метавонам ба даст орам**» (Энциклопедия мысли. – Киев: Советская энциклопедия, 1980. – С. 180). Дар ҷойи дигар ӯ таъкид мекунад, ки донистани забонҳои хориҷӣ маънои доштани калидҳои бисёр барои як қулф аст. Албатта, нависандаи машҳур калидҳои пайдо кардани манфиатро дар назар дорад.

**Таҳлили маҳдуди муқоисавии дар боло овардашуда, тафсири намунаи мухтасари усули дар муддати кӯтоҳ аз худ кардани забонҳои хориҷӣ – махсусан англисӣ ва бо ҳамин метод олмонӣ ва франсавӣ аст. Тавре ки Пешвои миллат таъкид месозад, роҳи аслии донистани забонҳои хориҷӣ дар хуб донистани забони модарӣ мебошад.**

## ХУЛОСА

Масъалаҳои забоншиносии тоҷик дар таълимоти Пешвои миллат мавқеи калидӣ доранд. Ӯ таърихи забонро бо таърихи миллат тавъам медонад. Бо далелҳо исбот менамояд, ки чӣ тавр ҳаёти мардум дар ҳаёти забон таҷассум меёбад. Таъкид месозад, ки забони модарии мо аз ду ҷиҳат омӯхта шавад: аз лиҳози таърихиву муқоисавӣ ва фалсафӣ – дар муносибат бо тафаккур.

**Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи забонро ҳамчун воситаи муошират вазифаи функсионалӣ ва ҳамчун ифодакунандаи тафаккури миллӣ – моҳияти он мешуморад.**

Забон ҳам аз лиҳози вазифавӣ ва ҳам аз лиҳози моҳиятӣ – ҳамчун далели рушди тафаккур аз ниёз ва мақсадҳои умумии инсонҳо сарчашма мегирад. **Яъне диалектикаи**

**субъективии забон дар вобастагӣ аз диалектикаи объективии забон қарор дорад. Маҳз қонунмандиҳои инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур боиси рушди забон гардидаанд.**

Такони асосии ҷараёни устувор гаштани фонди асосии луғавии забон ва таркиби луғавии он зиддиятҳои беохири дохилии се унсури зикргардида мебошанд. Ва қонунҳои ба ҳам муқобили фарогир, ки дар моҳият ва зуҳуроти воқеияти объективии олам вуҷуд доранд, омили муассир нисбат ба ҳодиса ва категорияҳои забонӣ ба шумор мераванд. Забони тоҷикӣ аз замони пайдоиш то ба имрӯз дар маркази ҳамин гуна зиддиятҳо буда, ҳамчун субъект ва объекти муборизаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ дар он ширкати фаъол доштааст. Маҳз чунин сифат имкон додааст, ки забони модарии мо аз дараҷаи одӣ то ба сатҳи олӣ инкишоф ёбад. Дар қаламрави васеи олам паҳн гардад. Дар давраҳои муайяни таърихӣ нақши забони муошırати байни миллатҳоро иҷро намояд. Ва имрӯз маҳз тавассути заҳматҳои бемисли Пешвои миллат аз минбари Созмони Милали Муттаҳид садо диҳад. На танҳо ниёзҳои миллиро қонеъ гардонад, балки дар муносиботи байналхалқӣ васеъ истифода шавад.

Пешвои миллат забони модариро бо беҳтарин сифатҳо тавсиф мекунад. Барҳақ, онро баробар бо номҳои муқаддаси Модар, Ватан, Миллат медонад. Бо далелҳои таърихӣ исбот месозад, забони тоҷикӣ буд, ки аз забони гурӯҳӣ қавмӣ, аз қавмӣ нажодӣ, аз нажодӣ забони халқ ва аз забони халқ забони миллатро ба вуҷуд овард ва билохира омили аслии истиқлоли миллӣ гардид.

**Роҳбари давлат таъкид мекунад, забони модарӣ ягона нишонаест, ки маҳз тавассути он мансубияти инсон ба миллат муайян карда мешавад. Ва то ба имрӯз илм бештар аз ин, далели муътамади мансубияти шахсро ба фардияти инсонӣ, падару модар, сарзамини аҷдодӣ, таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди миллӣ, урфу одати шоистаи дар тӯли ҳазорсолаҳо шинохташуда надорад.**

Ба тарзи илмӣ муносибат кардан ба забон эътироф намудани он ҳамчун воқеияти ҳастӣ мебошад. Яъне, бори дигар сухан дар бораи моҳияти аслии забон, ҳамчунон вазифаи функсионалии он – воситаи муносибат, муошироти байни одамон барои қонеъ кардани ниёзҳои одии рӯзмарра меравад.

**Мантиқи таълимоти Пешвои миллат иборат аз он аст, ки тоҷикшиносӣ – забоншиносии тоҷик аст.** Зеро дар доираи забони модарӣ умумияти дар таҷрибаи таърихӣ исботшудаи ҳақиқати воқеӣ – ҳамхунӣ, ҳамқавмӣ, ҳамватанӣ, якмаромӣ – ҳамчун нишонаи масъулияти бузурги маънавӣ аз қаъри асрҳо то ба имрӯз таҷассум меёбад. Ба тарзи дигар, забони модарӣ ҳам далели биологӣ ва ҳам нишонаи ҷамъиятии миллат, аз нуқтаи назари антропологӣ ҳамчун шахсияти алоҳида аст. Моҳияти чунин назария масъалаи ахлоқ ва маънавиёти миллӣ – расидан ба хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ мебошад.

**Ҳамин тариқ, забони модарӣ дар маҷмӯи дастовардҳои таърихиву ҷамъиятӣ арзишмандтарин шакли шуур – идеологияи муттаҳидкунандаи миллат аст. Он таҷассумгари манфиатҳои миллӣ ва омили асосии истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дарк намудан, эътироф кардани забони модарӣ аз лиҳози моҳият ва асолат мансуб донистани решаҳои гносеологии он ҳадди ақал ба таърихи панҷҳазорсолаи миллат – тасдиқи он ҳамчун зуҳуроти материалӣ ва зуҳуроти дунявият аст. Чунки ба ҳазорҳо саволи воқеӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ бо далелҳо ҷавоб мегӯяд. Ин хосиятро фақат падидаҳои илмӣ дошта метавонанд, на тасаввуроти метафизикӣ. Аз ҳамин ҷиҳат, забони модарӣ ба ҳар як соҳибзабон бояд ба сифати иммунитети маънавӣ дар муқобили ҳама гуна тамоюлоти бегонапарастӣ хизмат кунад.**

Бузургтарин абармардоне, ки дар тӯли таърих ба миллати хеш содиқ будаанд, бо вуҷуди мушкилиҳо ва таҳдидҳои ҷонӣ, эҳсоси ватанпарастӣ, маорифпарварӣ, равшанфикрӣ,

хурофотситезии худро тавассути забони модарӣ ифода намудаанд. Пешвои миллат бо овардани мисолҳо ҳар кадоми ононро арҷгузорӣ мекунад. Мантиқан эҷодиёт ва рафтори мутафаккирон, адибон, зиёиёни даврони гузаштаро бо даврaҳои мушкили ҳаёти миллати тоҷик дар солҳои навадуми асри гузашта дар муқоиса мегузорад. **Орзуманди он аст, ки рӯҳи шикастнопазири на кам аз панҷҳазорсолаи илм, фарҳанг ва маърифати тоҷик дар замони муосир ҷавобгӯи якрӯи манфиатҳои миллӣ – барои сохтани давлати миллӣ гардад. Вазифаи муҳимми зиёиёни миллӣ аст, ки номутаносибии дар байни забони неруманди миллӣ ва шуури миллӣ вуҷуддоштаро барҳам зананд**.

Муҳтарам Эмомали Раҳмон дар назди забоншиносон ва таърихшиносон вобаста ба забони модарӣ вазифаҳои мушаххас мегузорад. Аз лиҳози илмӣ посух доданро ба саволҳое, ки дар қисмати таркибии илми забоншиносӣ – фонетика, морфология, синтаксис, услубшиносӣ, лексикология, семасиология бармеоянд, вазифаҳои рӯзмарраи онҳо мешуморад.

Барои мисол, фақат лексикаи забон нишон медиҳад, ки забони тоҷикӣ аз гурӯҳи забонҳои эронӣ ва оилаи васеи ҳиндуаврупоӣ кай, дар кадом шароити таърихӣ ва чӣ тавр тавонистааст ба забонҳои англосаксонӣ ва германӣ таъсири фарогир дошта бошад ва баръакс.

Дар таълимоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назарияи илман асоснок дар бораи қонунҳои пайдоиш, рушд ва инкишофи забони тоҷикӣ, моҳияти забон ҳамчун воситаи муносиботи ҷамъиятӣ, ифодакунандаи фарҳанг, маданият, маънавиёт ва таърихи миллат, нақши забон дар истиқлоли давлатӣ, роҳу усулҳо ва воситаҳои ҳифз кардан, инкишоф додан, ба забони воқеан умумиллӣ ва посухгӯ ба кулли ниёзҳои умумихалқӣ мубаддал кардани он нишон дода шудаанд.

## ОХИРСУХАН

Хизмати таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла иборат аз он аст, ки дар баробари таъсис додани давлати миллӣ, барқарор кардан ва таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, ба инкишофи илм, маориф ва фарҳанг низ асос гузошт.

**Яке аз муҳимтарини самтҳои сиёсат, ки Сарвари мамлакат дар ҷараёни сохтмони давлати миллӣ ба он таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намуд, суръат бахшидани илми тоҷикшиносӣ тавассути забоншиносии тоҷик мебошад.**

Барои Тоҷикистон ва мардуми тоҷик чунин муносибат тақозои замон аст. Воқеияти ҷамъиятӣ – фоҷиаҳои миллӣ: ҳазор соли бедавлатӣ, рух додани ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта таҳти раҳнамоии аҷнабиён, бо истифодаи хоинони миллат хавфи ҳақиқии бебозгашт аз даст рафтани давлат ва парокандагии миллат, зарурати мурoҷиат ба таърихи халқ ба хотири бедор кардани ҳисси хештаншиносӣ, худшиносӣ ва нангу номуси миллиро дар замони муосир ба миён овард.

Ҳадафи бузурги эъмори давлати миллӣ тарҳрезӣ кардани роҳу усулҳои ба вуҷуд овардани шуур ва ҷаҳонбинии мувофиқ ба чунин сохтро тақозо дорад. **Зеро ташаккули маънавиёти мардумӣ дар шароити соҳибдавлатӣ кори шахсӣ ё гурӯҳӣ нест. Аз муҳимтарин ва масъулиятноктарин вазифаи давлат ба ҳисоб меравад** (Аристотел).

Таърихи навтарини Тоҷикистон мантиқи бузургеро исбот кард, ки **«Шуури инсон на танҳо ҷаҳони воқеиро таҷассум мекунад, балки онро бунёд месозад»**. Ва «**ҷаҳон талаботи Инсонро қонеъ карда наметавонад, Инсон тасмим мегирад, ки бо амали худ онро дигар кунад».** Ин суханон оинаи равшани инъикоскунандаи фаъолияти Асосгузори

сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

**Мантиқи волои сухан, тавоноии оростани муошират бо тамоми гурӯҳҳои мардум – заҳматкашон, олимон, зиёиён, солмандон, ҷавонон, мактабиён, яъне табақаҳои гуногуни ҷомеа намунаи олии дарки масъулияти давлатдори навини тоҷикон гардид.**

Муколамаи Пешвои миллат дар самти муносиботи байналмилалӣ, расидан ба моҳияти масъалаҳои мавриди муҳокимаи тарафайн, бо навъи аҳсант ҳимоя намудан ва пеш бурдани манфиатҳои миллӣ – мактаби бузурги дипломатияи тоҷик мебошад. Ин ҳама афзалиятҳо ба қавли Абулқосими Фирдавсӣ аз сифатҳои бузурги «**доно ва ба гуфтан далеру тавоно будан**»-и Сарвари давлат шаҳодат медиҳанд.

**Баҳраварии дараҷаи аъло аз захираҳои бойи луғавии забони модарӣ, сабки ороиши сухан бо дарназардошти фазо ва муҳити сухангӯӣ аз муҳимтарин омилҳои нишонрас будани мусоҳибаҳои Пешвои миллат аст. Ҳамчунон, бо мантиқи муъҷаз, муассир ва фасеҳ, бо ҷобаҷогузории намунавии задаҳои ҳиҷоӣ ва мантиқӣ, ки аз донистани нозукии тобишҳои семантикӣ ва семасиологии лексикаи забони модарӣ шаҳодат медиҳад, таваҷҷуҳи мардум ба суханрониҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беихтиёр ҷалб мегардад.**

Пешвои миллат аз камтарин роҳбарони озмудашудаи сиёсии олам аст, ки дар доираи матни гузориш ва гуфтугӯи озод, бо такя ба далелу рақам ва мисолҳои баҳснопазир, бо қудрати маънавӣ ва фарҳанги волои суханварӣ сомеонро тасхир мекунад. Ва моҳияти давлатдории хешро ба дилу дидаи омма мерасонад. Иқрор бояд гашт, ки ин кори чандон саҳл нест. Аристотел дар тасдиқи чунин дидгоҳ таъкид месозад: «**Ба хотири он ки санъати сухан гуфтан дар алоқамандӣ бо муътақид кунонидан аст, худи муътақид кунонидан далелнокии нутқ мебошад. Мо вақте муътақид мешавем, ки бо далелҳои овардашуда розӣ бошем. Ҳақиқат ва**

**адолат аз ҳама гуна муқобилистиҳо пурқуваттар аст»** (Аристотель. Риторика. Поэтика. – М.: Лабиринт, 2000. – С. 7).

Забон ва тарзи баёни муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ҳайси мактаби бузурги фарҳанги муколамаи сиёсӣ, бояд дар доираи мавзӯи махсуси таҳқиқоти илмӣ ҳамчун ҷузъи санъат ва оини давлатдории миллии тоҷикон омӯхта ва ба наслҳо пешкаш гардад. Чунки чунин таҷрибаи муваффақи истифодаи забони модарӣ дар сатҳи олии давлатдорӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро ифода карда бошад, ба ғайр аз сухани волои Исмоили Сомонӣ: «**То вақте ки зиндаам, қалъаи Бухоро ман ҳастам»** (Б. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 340) дигар намунаеро надорем.

Услуби таҳқиқоти илмӣ, таҳлилу баррасии мураккабтарин зуҳуроти таърихӣ ва олами муосир, ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа, хулосаҳои ниҳоят муҳим, бомулоҳиза ва усули суханварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кулли соҳаҳои давлатдорӣ нишонгари дарки воқеият ва тавони барҷастаи истифодаи имконоти забони модарӣ аст.

**Чунин сатҳи донистани забони модарӣ бо тамоми ҷузъиёт ва назокати семантикӣ, семасиологӣ, орфоэпӣ, фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ на танҳо барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, устодони донишгоҳҳо, муаллимони мактабҳои миёна, кормандони васоити ахбори умум, балки барои тамоми нафароне, ки умуман бо мардум, махсусан бо ҷавонон сару кор доранд, шахсоне, ки забони адабии ҳозираи тоҷикро аз худ карданианд, намунаи омӯзиш, мактаби суханварӣ – дарси мантиқии давлатдорӣ аст.**

**Ворид кардани таълимоти Пешвои миллат дар соҳаи забоншиносии тоҷик, таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои таърих ва фалсафа, ғояҳои марказии адабиёти бадеӣ, мантиқи китобҳои дарсӣ – маънои ворид кардани низоми арзишҳои миллӣ, маънавиёти хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ба хотири тарбияи одам дар рӯҳияи**

**тоҷикият, ватанпарастӣ, ҳимояи сохти давлатдорӣ ва амнияти миллӣ мебошад**.

Ба назари мо, чунин азм дар асоси принсипҳои фарҳангиву таърихӣ ва фалсафӣ, инчунин, муносибати муназзаму мураттаб метавонад амалӣ гардад.

**«Хосияти гениалии инсон аст, ки меҳнати пурмашаққат ва тафаккури нерумандро ба самти муайян сафарбар намояд»** (И. Нютон). Чунин тафсирро метавон ҳамчун намунаи ҳидояткунандаи сифатҳои олии ватанпарастонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотиррасон намуд, ба ин равшангари орзуву ормонҳои ҳазорсолаи халқи тоҷик дар кору пайкор содиқона пайравӣ кард ва аз насл ба насл чун рӯҳи шикастнопазири миллӣ пайғом расонид.

**Фарҳод РАҲИМӢ**
*академик, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ЭҲЁИ САРАЗМ – ЭЪҶОЗИ ХИРАДИ ПЕШВО

Ба шарафи Истиқлоли давлатӣ бисту нуҳ сол қабл аз ин Тоҷикистони азизи мо ба марҳилаи нави таърихӣ ворид гашт ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр арзи ҳастӣ намуд, ҳамчун ҷумҳурии демокративу ҳуқуқбунёду дунявӣ муаррифӣ гардид. Тоҷикистони озодаманиш ва бостонгуҳару тамаддунпарвар истиқлолро ҳамчун омили барҷастаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва нангу номус ва боэътимодтарин бақои ҷовидонаи миллату давлат пазируфт ва арҷгузорӣ намуд. Истиқлол барои сарҷамъию ваҳдат ва шукуфоии Тоҷикистони маҳбуб шароити созгор фароҳам овард ва ҳисси ватандӯстиву ватанпарварии ҳамагонро таҳким бахшид. Имрӯз зимни гуфтору навишторҳо иддае пайваста таъкид мекунанд, ки Истиқлол барои тоҷикон бо лутфи таърих муфт ба даст омадааст, гӯё ҳадя шудааст. Ба ин ақидаву даъво ҳаргиз наметавон розӣ шуд, зеро чун ба таҳқиқ ва бо назари амиқбину моҳиятҷӯ ба паҳнои таърихи пурҳаводиси халқамон бингарем, ба натиҷаи мантиқбунёду асосманде хоҳем расид, ки истиқлоли мо аслан бо мубориза ву талошҳо, муборизаҳои озодихоҳӣ ва хилқати тамаддунпарварии халқи баору номусамон иртиботи қавию ногусастании мантиқӣ дорад. Шоҳбайти машҳури «Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем, Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем»-и ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ таҷассумгари саҳеҳу муассири рӯҳияи истиқлолхоҳии тоҷикон ва ғуруру ифтихори миллии онҳо мебошад.

Истиқлол халқи тоҷикро ба масъулиятшиносӣ ва ба бунёдкориву созандагӣ ҳидоят намуд, роҳи фардояшро мунаввар сохт. Ҷои баҳс нест, ки ҳар халқу миллату давлатро,

ба вижа, дар марҳилаҳои қисматсози таърих раҳбару раҳнамову дастгиру ҳидоятгаре иродатманду бошараф ва хирадоину дурбину хушниҳоде мебояд. Бидуни чунин сарвар чун корвони бесорбон ба манзил расидан, гавҳари мақсуд ба даст овардан имконнопазир аст. Донишманде барҳақ гуфтааст, ки «мардони бузурги таърих сарнавишти миллатҳоро таъйин мекунанд». Он гуна ки беш аз ҳазору сад сол пеш аз ин дар як марҳилаи ҳассос таърих барои тоҷикон сарвари ватанхоҳу ободгар Исмоили Сомониро сари тахт оварда буд, дар айёми тақдирсозу масъулиятбори истиқлол чунин як ҷавонмарди шуҷоъ ва хайрхоҳу поктинат Эмомалӣ Раҳмон ҷилави тақдири миллатро ба даст гирифт. Ин абармарди олами сиёсат бо хиради волою матонату иродати беназири хеш тавонист аркони истиқлоли тоҷиконро чунон устувору пойбарҷой намояд, ки дигар ҳаргиз «аз боду борон наёбад газанд». Имондорона ва холисона бояд гуфт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маънои томи сухан, пеш аз ҳама, инсони комил, наҷибу покизаниҳоду хайрандешанд ва ҳамчун Сарвари кишвар сиёсати фарогиру хирадбунёд доранд, сиёсате, ки ҷавҳараш шукуфоии мамлакат ва некуаҳволии мардум аст. Ва ин сиёсат басо фарогиру воқеъбинона буда, як самти муҳиму самарабахш ба бузургдошти муқаддасоти миллат ва илму фарҳанг нигаронида шудааст. Президенти муҳтарами мо табиатан ҷавонмарди фарҳангианд ва аз ҷумла, ба таърихи миллат таваҷҷуҳи махсусу ҳамешагӣ доранд. Аз ин лиҳоз метавон аз суханрониҳои Пешвои миллат иқтибосоти фаровон оварду аз китобҳову асарҳояшон оид ба таърихи тоҷикон ва бузургмардони миллат ёдовар шуд. Сарвари кишвар бар он назаранд, ки таърих оинаи миллат аст ва омӯзиши ҳар чи бештари он боиси нерумандии ҳисси худогоҳию хештаншиносӣ ва ифтихори миллии ҳамагон хоҳад шуд. Аз ин рӯ, Пешвои муаззам зарур донистанд, ки ҳар хонадони мардуми Тоҷикистон дорои китоби «Тоҷикон» бошад, онро

биомӯзаду ҳифз намояд. Акнун ин гуфтаҳои ҳакимонаи шоири миллат воқеияти худро меёбанд:

**Тоқдони хонаи мо ҷои дастархони мост,**
**Тоқдони чашми мо ҷои китоби «Тоҷикон».**

Ин ҷо бамаврид аст, ки боз як гуфтаи дигари хирадбори Пешвои миллатро ёдовар шавем: «Таърих оинаи ҳар як халқу миллат мебошад. Мо бояд ин оинаро ҳамеша беғубор нигоҳ дорем, то ки мардум, махсусан, наврасону ҷавонон роҳи пуршарафи тайкардаи халқамонро дар он равшану возеҳ дида тавонанд». Дар иртибот ба ин маънӣ аз ҷониби Сарвари кишвар дар мамлакат тадбирҳои зиёде андешида шуданд, ки таҷлили 2500 – солагии шаҳри Истаравшан, 2700 – солагии шаҳри Кӯлоб, 3000 – солагии Ҳисори Шодмон, 1100 – солагии давлати Сомониён аз ин ҷумлаанд.

Ибтикору ташаббуси таҷлили 5500-солагии Саразми бостонӣ бори дигар эҳтирому муносибати хоси Пешвои миллатро нисбат ба таърихи диёр ва омӯзишу арҷгузории он собит сохт. Пӯшида нест, ки кашфи Саразм ва оғози ҳафриёти он ба давраи то истиқлол (аниқтараш ба соли 1976) рост омадааст, вале ҳамагон гувоҳем ва воқеияти бебаҳс он аст, ки ҳафриёти бовусъат ва ҳадафмандонаву натиҷабори ин мавзеи бостонӣ ба даврони Истиқлоли ҷумҳурӣ пайванд мебошад ва ташаббускори асосии эҳёи Саразм ва фарогир гаштани ҳафриёти он маҳз Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Сардори давлатамон солҳои 2003-2005 ду маротиба ба Саразм омада, ҳафриёти онро бодиққат аз назар гузарониданд, бо таърихи ин шаҳри бостонӣ бештар ошноӣ пайдо карданд ва Саразмро «хазинаи тиллоии таърихи халқи тоҷик» номиданд. Президенти ҷумҳурӣ ҳатто дар вазъе, ки имконоти молиявии мамлакат бисёр маҳдуд буд, дастур доданд, ки барои ҳифзи ин ёдгории беназири таърих маблағи зарурӣ ҷудо карда шавад. Ин имкон фароҳам овард, ки то соли 2008 панҷ ҳафриётгоҳ болопӯш ва атрофи мавзеъ пурра бо панҷара иҳота карда шавад.

Ҳафриёти Саразми бостонӣ минбаъд низ ҳамеша дар мадди назари Пешвои миллат қарор дошт ва он кас дар ҳар мавриди мувофиқ аз ҷараёни корҳо дар Саразм аз масъулин пурсон мешуданду барои тақвиятбахшии амалиёт дар ин куҳанмарз дастурҳо медоданд. Ва ниҳоят, зимни мулоқот бо зиёиёни мамлакат (19 марти соли 2018) Сарвари кишвар дастур доданд, ки соли 2020-ум 5500- солагии Саразми бостонӣ ҳамчун маркази ташаккули маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон ҷашн гирифта шавад. Ин ибтикори навбатии Президенти ҷумҳурӣ дар таърихи Саразми бостонӣ, ин ёдгории таърихӣ, ки 31 июли соли 2010 ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО дохил шуда буд, марҳилаи тозаеро ифтитоҳ намуд. Ҷиҳати дар сатҳи баланди илмиву фарҳангиву сиёсӣ таҷлил намудани ҷашни 5500-солагии Саразми бостонӣ бо дастури бевоситаи Пешвои муаззами миллат Кумитаи тадорукоти ҷашн бо роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки муддати се сол пайвасти рафти омодагиҳо ба ҷашнро роҳбарӣ ва назорат менамуд. Тамоми сокинони мамлакат, вазоратҳо ва идораву ташкилоту созмонҳо барои ҳиссагузорӣ ба ин ҷашнвораи ифтихорӣ ҷидду ҷаҳд ба харҷ доданд. Дар ин миён кормандони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон масъулияти бештаре ба дӯш доштанд. Бо ҳадафи омодагии шоиста ба ин ҷашнвораи фархунда Нақшаи чорабиниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҷашн гирифтани 5500 – солагии шаҳри Саразми бостонӣ таҳия ва қабул гардида, дар ҳайати 14 нафар Кумитаи тадорукот таъсис дода шуд. То таҷлили ҷашн аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон корҳои зерин ба анҷом расонида шуданд:

- барои рамзи шаҳри бостонии Саразм дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ озмун эълон гардид ва дар ин замина рамзи мазкур таҳия карда шуд, ки онро Президенти кишвар мақбул донистанд ва тасдиқ карданд;

- ба ковишҳои бостоншиносӣ дар мавзеи Саразм бо иштироки се гурӯҳи экспедитсионӣ ва панҷ зергурӯҳ вусъат

бахшида шуд. Ба ин кор бостоншиносони хориҷӣ (аз Россия, Фаронса, Олмон, Италия, Хитой, Партугалия) ва чанд даста аз факултаҳои таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат низ ҷалб гардиданд;

- се мавзеи дигари ҳафриёт рӯпӯш карда шуд ва ин имкон фароҳам овард, ки дар сурати пайвастшавии ин се мавзеъ бо панҷ мавзеи қаблан рӯпӯшшуда симои асосии шаҳри Саразм падид оварда шавад;

- дар заминаи ҳамкории бостоншиносони мо бо Идораи замин ва геодезии вилояти Суғд нақшаи топографии Саразм ва дар ҳамдастӣ бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҷумҳурӣ ва муассисаи «Шаҳровар» нақшаи генералии ҳудуди ёдгории Саразм таҳия гардиданд;

- дар асоси консепсияи иншонамудаи бостоншиносони академия бинои осорхона ва хобгоҳи бостоншиносон дар шаҳри Саразм бунёд карда шуд;

-мутахассисони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи Аҳмади Дониш барои албоми идонаи «Саразми бостонӣ» маводи хеле ҷолиб, хушсифат ва фаровон гирдоварию пешниҳод карданд;

- китоби пурмуҳтавою пурдалели «Пешвои миллат - эҳёгари таърихи бостони халқи тоҷик» бо сифати баланд ба нашр расид;

- мутахассисон ва олимони варзидаи академия дар таҳияву омодасозии филмҳои мустанади «Саразм», «Дар ин замона», «Саразми бостон» ва «Саразми бостонӣ» бо шабакаҳои телевизиону радиои кишвар ва «Тоҷикфилм» ҳамкорӣ намуданд;

- олимони бостоншиноси академия доир ба таърих, ҳафриёт, бозёфтҳо ва мақому манзалати Саразми бостонӣ тавассути радиову телевизионҳои ҷумҳурӣ суҳбатҳо оростанд ва дар барномаи махсуси радиои «Овози тоҷик» барои шунавандагони кишварҳои хориҷӣ доир ба Саразм ва ҷашни он ширкат варзиданд;

- бо ибтикору кӯшишу бевоситаи олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба 5500-солагии Саразм беш аз 20 китоби олимони академия ва бостоншиносони маъруфи хориҷӣ ба нашр расонида, пешкаши хонандагон гардид. Ҳамчунин, ба ин муносибат буклету тақвимҳои гуногун таҳияву чоп шуданд;

- аз тарафи олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон албоми рангаи «Ҳунарҳои мардумии Панҷакент» омода ва чоп гардид, ки яке аз беҳтарин ҳадяҳо ба иштирокдорони ҷашн ва меҳмонони он буд;

- ба ифтихори фархундаҷашн дар давоми беш аз як сол мизи мудаввари байналмилалӣ бо иштироки олимони бостоншиноси Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бо номи «Мероси фарҳангӣ - дар робита ба таҳқиқоти анъанавӣ ва байнисоҳавӣ» (27-31 марти соли 2020), конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Саразм – оғози тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон» (20 декабри соли 2019) ва ниҳоят, симпозиуми байналмилалии «Саразм - тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон» (11-12 сентябри соли 2020) баргузор карда шуд;

- дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанг ва адибону санъатшиносон консепсияи баргузории ҷашни 5500-солагии Саразм таҳия ва дар заминаи он сенария ва барномаи фарҳангии ҷашн рӯи кор оварда шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Панҷакент дар мавзеи Саразми бостонӣ роҳҳо бунёд ва азнавсозӣ, осорхонаи муосир ва бо пешниҳоди бостоншиносони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон хонаҳои Саразмиёни бостон сохта ба истифода дода шуданд, ки ин ҳама дар мавриди муаррифии Саразми бостон муфид аст ва барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон мусоидат хоҳад намуд.

Ин ҳама тадорукоту корсозиҳову омодагиҳои бовусъату гуногунҷабҳа ва арзишманд, ки ҳамбаста бо дастуру

супоришҳои Пешвои муаззами миллат сурат гирифтанд, барои таҷлили шоистаи ҷашн шароити созгор фароҳам оварданд. Сарвари кишвар аз ашхоси масъул мунтазам доир ба раванду сатҳи омодагиҳо ба ҷашн пурсон мешуданд ва маслиҳатҳо медоданд. Метавон гуфт, ки Президенти ҷумҳурӣ дар татбиқи тадбирҳо ба муносибати ҷашни 5500-солагии Саразми бостонӣ аз кулли масъулин бештар фаъол буданд.

Иштироки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни Саразм, ки 12 сентябри соли равон дар шаҳри Панҷакент баргузор шуд, онро басо шукӯҳманду мутантан сохт, ҳодисаи бузурги таърихӣ гашт. Панҷакентиён пешвои миллатро ҳамчун сарвари маҳбубу ғамхори хеш, ҳамчун меъмори соҳибхиради кохи истиқлоли кишвар, ҳамчун абармарди дунёи сиёсат ва ҳамчун эҳёгари Саразми бостонӣ хеле самимона, бо меҳру эътиқоди саршор пешвоз гирифтанд. Зимни ин сафари корӣ Сарвари кишвар ба фаъолияти якчанд корхонаю муассиса, ки ба ифтихори 5500-солагии Саразм ва 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфта буданд, ифтитоҳ бахшиданд. Ҳангоми боздид аз шаҳри Саразм, ки идона оро ёфта буд, хуб эҳсос мешуд, ки Пешвои миллатро саропо ҳисси баланди ифтихори миллӣ ва шарафи ватандорӣ фаро гирифтааст аз эҳёи ин порамарзи бостонии диёр басо мамнуну сарафрозанд. Вақте Сардори давлат бо таваҷҷуҳи махсус аз осорхонаи тозатаъсиси Саразм дидан намуданд, дар бораи таърихи диёр, олимони маъруфи таърихшинос ва аҳамияту моҳияти омӯзиши гузаштаи кишвар суханҳои самимию пурдалеле гуфтанд, ки гумон мекардед, дар ҳузури як олими бузурги таърихшинос қарор доред.

Президенти ҷумҳурӣ бори дигар таъкид карданд, ки «Саразм хазинаи тиллоии таърихи халқи тоҷик аст» ва таҳқиқи ҳар чи бештари он дорои аҳамияти бағоят бузург мебошад.

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 5500-солагии Саразми

бостонӣ дар шаҳри Панҷакент боз ҳам ифодагари таваҷҷуҳи вижаи Сарвари кишвар ба ин куҳандиёр, ба таърихи пурҳаводису ибратомӯзу ифтихорбарангези халқи тоҷик буд. Дар оғози суханрониашон Пешвои миллат бо камоли ифтихору меҳру муҳаббат иброз доштанд, ки Панҷакенти бостонӣ на танҳо зодгоҳи саромади шеъру адаби тоҷику форс - Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, балки яке аз оғозгоҳҳои таърихи куҳанбунёди халқи тоҷик мебошад. Ва дар идома афзуданд: «Таъкид месозам, ки муҳаббат ба Ватани маҳбуб аз донистани таърихи пурифтихор ва гузаштаи ибратомӯзи миллат сарчашма мегирад». Сарвари кишвар оид ба таърихи Саразм, тадбирҳои Ҳукумати мамлакат вобаста ба омӯзиши бовусъати он, заҳмати бостоншиносон, аҳамияту моҳияти омӯзиши таърихи диёр ва нақши мардуми Панҷакент дар рушди ҷумҳурӣ ба таври муфассал ва бо эҳтирому эътиқод суханронӣ карданд. Пешвои миллат ёдовар шуданд, ки маънии ҷойноми (этноними) Саразм «Сари замин» ё «сарзамин»-ро ифода мекунад, ки ин худ далели қотеъи таърихи пурифтихору деринаи халқи тоҷик мебошад. «Бояд гуфт, ки Саразм на фақат яке аз марказҳои қадимтарини тамаддуни кишоварзӣ ва ҳунармандиву шаҳрсозии Варорӯди Осиёи Марказӣ, балки тамоми минтақаҳои Шарқи Наздик – Афғонистон, Эрон, Покистон ва Ҳиндустон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷомеаи илмӣ маданияти Саразмиёнро барҳақ ибтидо ва асоси тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии ҳавзаи байни дарёҳои Сиру Ому мешуморад», - иброз доштанд Сарвари кишвар. Президенти муҳтарами ҷумҳурӣ ба ҳамаи донишмандону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки таърихи куҳану пурифтихори халқи тоҷикро холисона омӯхта, онро ба шакли мақолаву рисолаҳои арзишманди илмӣ нашр намуда, шуҳратафзои диёри тоҷикон гаштанд ва умуман, ба кулли онҳое, ки ба ифтихори ҷашни Саразм дар омодагиҳову бунёдкориҳои вусъатманд фаъолона ширкат варзиданд, самимона арзи сипос карданд ва зимнан баён доштанд, ки «ҳоло саҳифаҳои зиёди таърихи Саразм боз

нашудаанд ва мо умед дорем, ки донишмандони ватанию хориҷӣ минбаъд низ саҳифаҳои норавшани таърихи ин маркази тамаддунро таҳқиқ намуда, дастраси ҷомеаи ҷаҳон хоҳанд кард». Яъне, бо эҳтимому тадбирандешии меҳанпарваронаи Пешвои муаззами миллат таҳқиқу омӯзиши шаҳри Саразми бостонӣ ҳаргиз суръат коҳиш нахоҳад дод, балки боз ҳам идома хоҳад ёфт, мукаммалтар хоҳад гашт ва минбаъд саҳифаҳои навини шоҳкитоби пурасрори Саразм боз хоҳанд шуд ва ин, пеш аз ҳама, ба бештар комилу фарогиру муҳтавоманд гардидани таърихномаи миллат мусоидат хоҳад намуд. Таъкиди зерини Сарвари мамлакат хеле ифтихорбарангезу дурандешона садо дод ва аз тарафи ҳамагон гарм истиқбол ёфт: «Хотирнишон менамоям, ки дар сурати дурусту ҳадафнок ба роҳ мондани корҳо дар ин самт шаҳри Панҷакент ва ёдгориҳои нодири онро ба шиносномаи сайёҳии Тоҷикистон табдил додан мумкин аст».

Тантанаҳои идона дар Панҷакенти бостонӣ ба ифтихори 5500-солагии Саразми соҳибтамаддун бо иштироки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба намои шукӯҳманди таърихи дерини халқи тоҷик, ба ифодагири муҳаббати самимии тоҷикон ба Ватан ва гузаштаи рангину ифтихорию ибратангези он, ба таҷассумсозии неруи дӯстию ваҳдати аҳли кишвар табдил ёфт ва ҳодисаи пурфурӯғу муҳаббатрезе гардид, ки солиёни зиёде чароғи ёдҳоро фурӯзон хоҳад дошт. Ва ин ҳама, пайванди қавию ногусастанӣ дорад бо хиради барҷастаи Пешвои миллат, бо азму ирода ва тафаккури баланди ватанпарварона ва бо дастуру ҳидоятҳои ғамхоронаву бунёдкоронаи ин абармарди олами сиёсат ва машъалафрӯзи ҷодаи илму маърифат.

Бори дигар таъкид менамоем, ки эҳёи Саразми бостонӣ, муаррифии шоиставу пурдалели он ба ҷаҳониён, таҷлили 5500-солагии ин марзи куҳантаърих маҳз бо ному кӯшишу азму иродаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртиботманд аст. Сарвари кишвари мо

эҳёгар, ривоҷбахш, ғамхор ва посдори садоқатманду устувори Саразми бостонианд ва ба ин як пора марзи нодиру ифтихорангези Тоҷикистони азиз муҳаббату эҳтироми самимӣ доранд. Месазад, ки дар бораи корномаи Пешвои миллат ҳамбаста ба эҳёву омӯзишу таҳқиқу арҷгузории Саразми бостонӣ китобе таҳия ва ба чоп расонида шавад ва ин корро олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳатман ба сомон хоҳанд расонд.

Мақолаи мазкурро, ки дар ҳошияи ҷашни Саразм рӯйи коғаз омад, бо гуфтаҳои зерини Пешвои муаззами миллат, ки аз суханрониашон ба ифтихори 5500-солагии куҳаншаҳри Саразм иқтибос мешавад, ҳусни анҷом мебахшем: «Бигзор, ин санаи бузурги таърихӣ дар хотири ҳамватанони мо ҳамчун василаи муҳими ифтихори миллӣ ва худшиносиву худогоҳӣ то абад боқӣ монда, дар роҳи рушди минбаъдаи фарҳангу маънавиёти халқамон ва тарбияи наслҳои ояндасози миллат қадами нави устувор гардад».

**Мамадшо ИЛОЛОВ**
*академик Национальной Академии наук Таджикистан*
**Сакина КАРИМОВА**
*научный сотрудник отдела инновационного развития науки*

## НАУКА И ТЕХНОЛОГИИ БЕЗ ГРАНИЦ

В августе 2018 г. состоялся ответный государственный визит Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в Республику Узбекистан. По итогам этого визита Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон и Президент Республики Узбекистан Шавкат Мирзияев выразили уверенность в том, что подписанный в ходе визита Договор «О стратегическом партнерстве» между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан послужит дальнейшему всестороннему развитию укреплении отношений традиционной дружбы, добрососедства и сотрудничества между двумя государствами и народами. Стороны подчеркнули положительную тенденцию в расширении и углублении контактов между регионами двух государств в торгово-экономической и культурно-гуманитарной сферах. Президенты двух стран, уделяя особое внимание расширению взаимоотношений в области науки и образования, подтвердили важность подписанного в рамках визита межправительственного соглашения о взаимном признании документов государственного образца об образовании.

Данный договор придал новый значительный импульс добрососедским отношениям и поднял на новый уровень взаимовыгодное сотрудничество во всех сферах жизни двух братских народов. Новые возможности появились и для научно-технологического сотрудничества между ведущими

научными и технологическими центрами обеих стран в целом, и между конкретными учеными и специалистами, в частности. 18 августа 2018 г. в г. Ташкенте было подписано также Соглашение о научно-техническом сотрудничестве между Академией наук Узбекистана и Академией наук Республики Таджикистан. Надо подчеркнуть, что научно-технологическое сотрудничество ученых и специалистов наших стран имеет свою особенность. Во главе многих научных центров в Таджикистане и Узбекистане как академических, так и вузовских и отраслевых продолжают трудятся маститые ученые, которые ещё в советское время имели свои школы и своих учеников в наших соседних странах. Именно эти научные школы и их потенциал стали основой быстрого подъема наших научных связей.

В этом сообщении мы хотим рассказать о научных связях ученых Центра инновационного развития науки и новых технологий Национальной Академии наук Таджикистана с нашими узбекскими коллегами.

1. Начнем наш рассказ о сотрудничестве с подразделениями физико-технического института АН Узбекистан (НПО «Физика-Солнце»). К слову, напомним, что именно в этом институте в 40-50-ых годов прошлого столетия работал наш выдающий ученый – физик, первый кандидат физико-математических наук среди национальных кадров Средней Азии, Султон Умаров. Он защитил кандидатскую диссертацию на тему "О стохастических решениях уравнения Эйнштейна – Смолуховского" в 1933г, в Физико- техническом институте АН СССР в Ленинграде. Султон Умаров ушел из жизни в 1964 году, работая на должности Президента АН Тадж. ССР. Как истинный ученый он трудился до последнего своего дыхания на благо науки.

В 1987 году в Физико-техническом институте АН Уз. ССР был введен в строй уникальный оптико-зеркальный комплекс с большой солнечной печью тепловой мощностью 1000 кВт. Тогда уже при институте на базе хозрасчетной организации

был организован выпуск различных тепловых и керамических изделий для нужд народного хозяйства. Как научно-техническим разработкам, так и внедренческим работам руководил выдающийся физик, академик Сарвар Азимов.

Ученые нашего Центра побывали с визитом в 2015 году в НПО «Физика-Солнце» и совместно с учеными этого института разработали план взаимовыгодного научного сотрудничества. В частности, было достигнуто взаимопонимание в том, что таджикские и узбекские ученые будут вести исследования в области использования солнечной Энергии. Более конкретно, речь шла об изучении зависимости вольт-амперных характеристик солнечных элементов от интенсивности солнечной иррадиации и температуры в различных экологических средах. Например, на дне высохшего Аральского моря и на высотах гор на Восточном Памире.

В 2016 г. ученые из НПО «Физика-Солнце» побывали в Душанбе для принятия участия в работе научного семинара «О потенциале солнечной энергии в регионе Центральной Азии и пути его использования» организованный в рамках гранта Евросоюза «Inco NET-CA». Далее в 2018 наши ученые приняли участие в Самарканде в работе круглого стола «Возобновляемые источники энергии: перспективы развития», где мы вновь встретились с коллегами из НПО «Физика-Солнце». В частности, имели очень плодотворную беседу с директором Института, профессором, доктором физико-математических наук Нилуфар Авезовой. Она подтвердила намерения о сотрудничестве между нашими учреждениями. Отметим, что за последние пять лет в Узбекистане был открыт Международный институт солнечной энергии и ведется строительства двух солнечных электростанций мощностью 100 МВт каждой в Самаркандской и Джизакской областях.

2. В 2018 году под эгидой Президента Республики Узбекистан был создан Международный инновационный Центр Приаралья при Президенте РУ. Основная миссия

Центра состоит в снижения влияния пагубных последствий крупнейшей экологической катастрофы 20-го века «Высыхание Аральского моря» на всю экологию Центральной Азии. Перед Центром поставлены такие задачи, как развития научно-исследовательских проектов и программ в зоне Приаралья, внедрения передового инновационного опыта, направленного на восстановление экосистемы на чрезмерно засоленных землях осушенного дна Аральского моря.

Между нашим Центром и вышеназванным центром Приаралья 10 декабря 2018 г. в городе Ташкенте был подписан меморандум «О намерении сотрудничества в поддержке разработок в сфере экологии, защиты окружающей среды, сельского хозяйства и альтернативных источников энергии». В Меморандуме указаны предмет и цель сотрудничества, права и обязанности сторон, сроки исполнения принятыми сторонами обязательства, порядок внесения измерения и дополнения в его текст. Кроме того, в Меморандуме отмечается, что каждая сторона приглашает другой принять участия в научных совещаниях, конференциях, практикумах и семинарах, которых она проводит и которые связаны с их общей деятельностью и представляют взаимный интерес, будут сотрудничать в разработке совместных исследовательских проектов. Стороны согласны обмениваться научными результатами полученных при совместных действиях для отчетов и публикаций.

В настоящее время мы ожидаем ответный визит наших коллег из центра Приаралья.

3. Хорошая традиция сотрудничества заложена между математиками наших стран. У истоков этих связей стоят выдающиеся математики, академики Т.А.Сарымсаков, С.Х. Сираджиддинов (Узбекистан) и академики А.Дж.Джураев, Л.Г. Михайлов (Таджикистан). Отрадно, что эти традиции живы и продолжаются развиваться. С 14 по 15 ноября 2019 года Национальный университет Узбекистан имени Мирза Улугбека провел в г. Ташкенте Международную научную

конференцию «Актуальные проблемы прикладной математики и информационных технологий». Одному из авторов этих строк Оргкомитет конференции предложил сделать пленарный доклад. Был прочитан доклад на тему «Дробные интегро-дифференциальные включения типа Хейла в банаховом пространстве». Доклад вызвал живой интерес у участников пленарного заседания. На все вопросы докладчик дал обстоятельные ответы. На другой пленарной сессии выполнил функцию председателя сессии. В дни работы конференции удалось провести встречи с академиком Ш.А. Аюповым – директором Института математики им. В.И. Романовского АН Республики Узбекистан и с академиком А.Азамовым. – председателям Узбекского математического общества. На этих встречах плодотворно обсуждались пути повышения уровня научного сотрудничества между учеными и специалистами наших стран, вопросы обмена молодыми учеными Таджикистана и Узбекистана.

# ДУНЁМАДОРӢ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**Нозим НУРЗОДА**
*пажӯҳишгар*

## ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Башар ҳанӯз аз бомдоди зиндагӣ дар орзуи сохтмони як давлат ва низоми сиёсие будааст, ки ниёзҳои озодихоҳию рифоҳталабӣ ва адолатписандию хирадварзии инсонҳо бароварда шаванд. Табиист, ки башар, чи дар гузашта ва чи имрӯз ба донишу хирад ва рифоҳу озодӣ ниёз дошту дорад ва маҳз сиришти ҷустуҷӯгар ва пурсишгари инсон ӯро ба офаридан вомедорад. Офаридани неъматҳои моддию маънавӣ, дар маҷмӯъ, дар қолиби фарҳанг инсиҷом меёбанд. Аз ҷониби дигар, орзу ва ормони сохтусози давлати намунавӣ (образцовое государство) аз дер боз зеҳни инсонро ором нагузоштааст ва барои амалӣ кардани ин навъ ормон саъю талоши фаровон варзидааст. Талошҳои пайвастаи инсонҳои ҷӯёву пӯё ва ба истилоҳ, қишри равшанфикрӣ дар имтидоди тӯлонии замонӣ ормонҳоро ба ҳақиқат бадал кард ва намуна-моделҳои муосири давлатдории дунявие, ки дар Ғарбу Шарқи сайёраи Замин арзи ҳастӣ мекунанд, натиҷаи ташаббусоту ибтикороти насли саршиноси инсонианд.

Мусаллам аст, ки дар бовару асотир, бовару эътиқод, дину мазҳаб, сиёсату иҷтимоъ, адабиёту фалсафа ва фарҳангу маънавиёт инъикос ёфта, боиси ба вуҷуд омадани тарҳҳои ормонӣ гардидааст. Ба ин минвол дар қолаби фикрию маънавии ҷомеаҳо модели давлат ва ҷомеаи ормонӣ тарҳрезӣ гардид ва дар соири илму адаб ва ҳунарҳо таҷассум ёфтааст. Ғараз ва ҳадаф аз ба вуҷуд овардани тарҳҳои фикрии ҷомеаи ормонӣ ҳамзистӣ ва иттиҳоди мардумӣ будааст. Мардум дар ҳамаи давру замон ба ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, осоиштагӣ, рифоҳи молию маънавӣ, ҳамзистӣ ва ҳамкорӣ ниёз дошта ва

дорад. Ин гуна ниёзҳо, ки аз вуҷуди маънавӣ ва иҷтимоии инсон буруз мекунанд, асли зиндагӣ маҳсуб меёбанд ва мушаххас кардану ба тартиби муайян даровардани силсилаи ниёзҳои иҷтимоӣ, фикрӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ тарҳу қолабҳои нави фикриро ба вуҷуд овард. Аз ҳама муҳим, инсон аз бомдоди зиндагӣ ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ ба ҳамбастагию ҳамзистӣ ниёз доштааст ва ин навъ биниш раванди ормонгаройиро дар таърихи тафаккури инсонӣ ташаккул додааст.

Барои он ки ба таври бояду шояд барномаҳои вежаи сиёсию иҷтимоӣ ва маданӣ, ки бар мабнои хираду дониши инсонӣ таҳия ва роҳандозӣ бигарданд, вуҷуди давлат зарурат дорад. Дар зимн, на ҳар гуна давлат метавонад барномаҳои вежаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва миллиро ба таври шоистаю боиста дар амал татбиқ намояд, балки давлати дунявӣ ниёзу хостаҳои инсониро бароварда месозад. Албатта, бароварда сохтани хостаю ниёзҳои ҷамъӣ (на фардию гурӯҳӣ), новобаста аз тааллуқоти нажодӣ, миллӣ, этникӣ, сиёсӣ, идеологӣ, динӣ ва мазҳабӣ дар доираи модели давлатдориҳои дунявӣ имконпазир аст. Ин аст, ки тамоми дастгоҳи расмию давлатии низоми секулорӣ (дунявӣ) дар хидмати мардум қарор мегирад ва ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда ва дар айни замон, барои ба вуҷуд овардани шароити арзандаю шоистаи зиндагӣ ҳамеша барнома ва стратегияҳо таҳия ва дар амал татбиқ менамояд.

Дар доираи фарҳанги миллӣ (манзур фарҳанги тоҷик аст) ҷустани тарҳ ва ё модели сохтусози давлати дунявӣ, ки дар он арзишҳои инсонӣ ва хираду дониш аслу асос маҳсуб меёбанд, аз аҳамият холӣ нест. Дар қадимтарин бовардоштҳои миллӣ, ки дар қолабҳои устурӣ ва мифологӣ рехта шудаанд, масъалаи сохтусози давлати дунявӣ ҷойгоҳи асосӣ дорад. Ба ин тариқ, дар асотири бостонии миллӣ, аз ҷумла устураҳои Симурғ, Ҷамшед, Фаридун, Кайхусрав масоили марбут ба давлатдории дунявӣ инъикос ёфтаанд. Барои намуна, дар устураҳои Симурғӣ, Ҷамшедӣ ва Фаридунӣ модел ва тарҳҳои давлат ва

ҷомеаи дунявӣ рехта шудаанд. Сарчашма ва маншаи барномарезиҳое, ки дар заминаи сохтусози давлати дунявӣ дар қолиби устурӣ ба назар мерасанд, воқеияти сиёсию иҷтимоӣ ва фикрию мадании замон будааст. Аз ин ҷост, ки воқеияти зиндагӣ асли фаҳмиши масъалаи дунёмадорӣ дар қолибҳои устурии миллист.

Дар асотири бостонии миллӣ таърихи зиндагии инсонӣ ба ҳазораҳо тақсим шудааст. Ба ин маъно, дар фарҳанги бостонии форсу тоҷик умри ҷаҳон 12 ҳазор сол муқаррар шудааст (ниг.: Ниберг С. Динҳои Эрони бостон. Теҳрон, 1359. -С.388), ки 8 ҳазори он ба таърихи инсонӣ марбут аст ва бо ҳазораи Ҷамшед оғоз меёбад (ниг.: Ҷомӣ Муҳаммад Маҳдӣ. Адаби паҳлавонӣ. Теҳрон, 1379. –С.18.). Ин аст, ки ҳазораи Ҷамшед ба унвони ҳазораи сиёсат, давлатмадорӣ, хирад, дод ва фарҳанги миллӣ шинохта мешавад. Дар ин ҳазора модели давлат ва ҷомеаи дунявӣ аз тарафи Ҷамшеди Пешдодӣ бунёд мешавад ва элитаи давлатӣ бар мабнои хирад ва дод ҳукуматдорӣ мекунанд. Мувофиқи устураи Ҷамшед, дар имтидоди давлатдории ӯ (ҳазораи Ҷамшед) мусибату бадбахтӣ, ки дар маргу нестӣ ва дарду ранҷурӣ таҳаққуқ меёбанд, аз байн мераванд ва сиҳатию тандурустӣ ва хушнудию рифоҳ мавқеъ ва мақом пайдо мекунанд. Даврони хушҳолию рифоҳ ва бедардию бемаргии Ҷамшедиро Ҳаким Фирдавсӣ сесад сол мушаххас карда, он муддатзамонро хеле зебо ба риштаи тасвир баркашидааст:

*Чунин сол сесад ҳамерафт кор,*
*Надиданд марг андар он рӯзгор.*
*Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,*
*Миён баста девон ба сони раҳӣ.*
*Ба фармон мардум ниҳода ду гӯш,*
*Зи ромиш ҷаҳон буд пуровозу нӯш.*

Ба ин тартиб, Ҷамшед ба бунёди ҷомеаи озоди мардумсолорӣ (демократӣ) ва дунявӣ (секулорӣ) камар барбаста, асос ва хишти нахустини чунин давлатро дар таърихи фарҳанги миллӣ гузошт. Ӯ бо воқеъбинӣ,

андешамандӣ ва дунёпарастии худ, ки ҳамагӣ ба биниши илмӣ гироиш доранд, дар олами андешаи миллӣ соҳибмақом гардидааст.

Ҷамшед, ки бемуҳобо, метавон аз ӯ ба унвони поягузори давлати дунявии миллӣ дар қолиби устурӣ-мифологӣ ёд ва тамҷид кард, бо такя ба ақлу хирад ва иродаю қудрат тавонист, як давлат ва ҷомеаи намунавии секулорӣ бунёд намояд. Файласуфи муосири тоҷик устод Комил Бекзода, ки дар атрофи ин шахсияти нимаустуравӣ ва ниматаърихӣ пажӯҳишу ковишҳои зиёде анҷом додааст, мавзӯи мазкурро пайгирӣ намуда, ба ин натиҷа расидааст: "Ҷамшед ҳамчун як шахси таърихӣ, дар маснади фарҳанги эронӣ ва ҳиндӣ қарор дорад. Дар ҳарду фарҳанг ба ҷиҳатҳои дунявӣ, воқеъбинӣ ва ғайридинии Ҷамшед таъкид шудааст. Дар ҳамин асос метавон ба ин натиҷа расид, ки асосгузори назари миллӣ ва озодандешии мардумони форсу тоҷик маҳз ҳамин Ҷам писари Вивангаҳон будааст" (ниг.: Комил Бекзода. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ.- Душанбе: Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоуддинов, 2012. –С.50-51).

Дар модели сохтаи Ҷамшед инсонҳо бо дарназардошти донишу биниш ва ҳунару маҳорат ҷойгоҳи иҷтимоӣ касб мекунанд. Ба ин тартиб, Ҷамшед ба унвони нахустин бунёдгузори давлат ва фарҳанги дунявӣ сохтори табақотӣ (синфӣ)-ро ба вуҷуд меоварад, ки тибқи он ҳар кас, мувофиқи донишу биниш ва ҳунару фаросаташ ба коре ҷалб карда мешавад ва бо ин тарзи мудирияту фаъолият таносуби неруҳои корӣ ва фикриро танзим мекунад. Ба сухани дигар, Ҷамшед бо назардошти воқеият ва бар мабнои истеъдод ва маҳорату малака инсонҳоро ба фаъолият ҷалб месозад. Ин нуктаро Фирдавсӣ ба забони назм ин тавр баён сохтааст:

*Ки то ҳар кас андозаи хешро*
*Бубинад, бидонад каму бешро.*

Минбаъд дар устураи Фаридун, ки баъди шикасти Заҳҳок барномарезиҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию рифоҳии Ҷамшедро идома медиҳад, мудирияти давлатӣ бар асоси хирад эҳё мегардад. Ҳаким Фирдавсӣ даврони салтанати Фаридунро, ки бар пояи мудирияти ақлонӣ ва адолати иҷтимоӣ устувор, ҳамзамон бо рифоҳу хушҳолии оммавӣ тавъам будааст, ситоиш карда, мегӯяд:

*Фаридуни фаррух бинвохташон,*
*Зи роҳи хирад пойгаҳ сохташон.*

Қолиб ва моделҳои устурӣ ва мифологии моро имрӯз метавон дар шаклу сохтори давлатдориҳои урупоӣ мушоҳида кард. Ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки урупоиён мероси сиёсӣ, фикрӣ, илмӣ, адабӣ, ахлоқӣ ва мадании моро ба худ ихтисос додаанд. Ин маънои онро дорад, ки урупоиён бо такя ба донишу мантиқу маърифати зинда (на дониши хурофотию карахту мурда) моделҳои нави давлатдорӣ ва ҷомеасолориро сохта, мавриди истифода қарор додаанд. Дар ин миён моделҳои давлатдорӣ, дунёмадорӣ, ҷомеасозӣ ва фарҳангустарии мо ҳам мавриди омӯзиш, пажӯҳиш, корбурд ва истифода қарор гирифтааст. Гап сари ин аст, ки мо, мутаассифона, аз он мероси бузурги бостонӣ, ки дархӯри ҷаҳониён шудааст, хуб истифода накардаем ва имрӯз ҳам дар ин замина саҳлангорӣ ва бетафовутӣ мекунем. Агар мо, воқеан, ба фарҳанги сиёсӣ, ҷомеасозӣ, мардумсолорӣ ва додпарварии миллӣ ҷиддӣ таваҷҷуҳ мекардем, ниёз ба омӯзишу истифодаи дигар фарҳангҳо хеле кам медоштем. Вале тайи таърихи тӯлонӣ зеҳни хурофӣ ва тафаккури баста моро ҳамеша дунболагирӣ карда, аз масири дурусти ҳаракати фикрӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, илмӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ боздоштааст.

Хушбахтона, миллати тоҷик ва мардуми тоҷикистонӣ тайи 29 соли ахир дар масири сохтмони давлатдории миллӣ ва татбиқи низоми дунёмадорӣ гом бармедорад ва аз ин интихоб зарар надида, балки бурд кардааст. Бурд он аст, ки низоми давлатдории миллӣ ва ҷомеаи дунёмадорӣ имкониятҳои баробарро барои афроди миллат фароҳам меоварад ва ҳалли

дастаҷамъонаи мушкилотро тақозо мекунад. Қатъи назар аз он ки дар самти таҳкиму тақвият додани раванди сохтмони давлатдории миллӣ мушкил дорем, вале интихоби низоми дурусту мантиқиии дунявӣ имкнияти мусоид фароҳам меоварад, ки дар ҳамбастагии иҷтимоию сиёсӣ ва эҷодию маданӣ камбуду мушкилот ҳаллу фасл шаванд.

Бояд ёдовар шуд, ки мушкилот дар тамоми давлат ва ҷомеаҳо вуҷуд доранд. Аммо дар кишвар ва мамлакатҳое, ки низоми давлатдории дунявиро интихоб карда, дар ин росто муваффақона ҳаракат мекунанд. ҳалли мушкилот ба таври дастаҷамъӣ (коллективӣ) сурат мегирад. Яъне, мардум ва табақоти иҷтимоӣ дар ҳалли мушкилот ва муаммоҳо дар канори давлат вомеистанд. Бо давлат ва ниҳодҳои давлатӣ ҳамкорӣ кардан, ҷараёни ҳамшарикию ҳамбастагии сиёсию иҷтимоиро таҳким бахшидан ва билохира дар ҳалли мушкилот ва рафъи навоқис фаъол будан асоси низоми давлатдории дунявиро ташкил медиҳад.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*номзади илмҳои фалсафа*

# ИСЛОМИ СИЁСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Дар ҷаҳони муосир кор гирифтан аз дину боварҳо ва онҳоро табдил додан ба як гузинаи сиёсӣ ҷиҳати расидан ба қудрат ба яке аз омилҳои асосии гурӯҳҳои муайяни сиёсӣ мубаддал гардидааст. Махсусан, ин масъала дар кишварҳое, ки аксар бошандагонашонро мусалмонон ташкил медиҳанд ва кеши асосии аксар Ислом аст, бисёр доғ ба назар мерасад. Вазъи кишварҳои Ховари Миёна ва Афғонистон аз ин мисоли зайл аст. Имрӯз гурӯҳҳои зиёди ҷиҳодиву даҳшатафкан бо номҳои гуногуне дар фазои кишварҳои мусалмоннишин амал мекунанд. Ин гурӯҳҳои ифротиву даҳшатафкан таҳдид на танҳо ба кишварҳои алоҳида, балки ба минтақаҳо ва дар маҷмӯъ, кишварҳои ҷаҳонро доранд. Дар ин росто минтақаи Осиёи Миёна ва махсусан, Тоҷикистон аз ин хатар эмин буда наметавонад. Вобаста ба ин, суоле, ки пеш меояд, ин аст, ки аз чӣ роҳҳое бояд истифода намоем, то аз ин хатар кишвар ва минтақаи хешро эмин нигоҳ дорем? Мусаллам аст, ки аксари бовармандони кишварро мусалмонон ташкил медиҳанд ва онон бахше аз зиндагиашонро бовар ва маросимоти динӣ ташкил медиҳад. Моро зарур аст, ки аз як тараф, низоми дунявиро ҳамчун низоми сиёсии фаъол ва пешбарандаву пешқадами инсонӣ, ки метавонад рушд ва пешрафту саодати миллиро таъмин намояд, нигоҳ дорем ва аз тарафи дигар, бо боварҳои мардум канор оем. Барои расидан ба чунин ҳадаф бояд анвоъи коргирӣ аз ислом фазои таъсиргузории онро, ки дар анвоъи мухталифи ҷомеаҳо истифода мешаванд, аз лиҳози иҷтимоию маънавӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Ин навъи тақсимот ва биниш маънои онро надорад, ки навъҳои

зикршуда комилан аз ҳам ҷудо бошанд. Дар дарозои таърих онон гоҳ чуну гоҳ чунон ҳам будаанд ва решаҳои ягонаро низ доранд. Аммо дар вазъи феълии ҷаҳон, ки кишварҳову давлатҳо бо равобити зиёди сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоии ҳамдигарӣ расида, ҷаҳонро ба як деҳкада табдил додаанд ва бояд дар он фарҳангҳо ва боварҳои гуногун дар як фазои мусолиматомез канори ҳам зиндагӣ намоянд, зарурате пеш меояд, то дар чунин як шароит бишиносем, ки кадоме аз шаклҳои бовармандӣ дар дараҷаҳои иҷтимоӣ коромад ва камхатару беҳтар аст.

Имрӯз вобаста ба тарзи таъсиргузорию коргирӣ метавон аз панҷ равзана ба ислом назар кард, ё ҳадди ақал онро ба 5 навъ тақсим намуд.

**1. Исломи ибодат**. Ин исломест, ки аксари мардуми боварманд аз роҳи намоз хондану рӯза доштан, дуову зикр ва ғуслу вузӯъ, инчунин дигар корҳои фардӣ ба хотири наздик шудан ба Худо анҷом медиҳанд. Мусаллам аст, ки инсонҳо ҳамеша вобаста ба вазъи ҷуғрофиёӣ, иқтисодиву сиёсӣ, хатароти заминиву кайҳонӣ нигарониҳои зиёде доранд ва дар дарозои таърих ҳама ин мушкилоти вуҷудӣ будаанд, ки сабаб гардидаанд, то ин ниёзҳои хешро аз роҳи ибодат ва парастиш ва маросимот бароварда созанд ва худро оромиш бахшанд. Ба тарзи дигар, ибодати фардиро дар баробари вуҷуд анҷом диҳанд. Ин масъала на танҳо ба Ислом, балки ба тамоми динҳо ва боварҳои дигар хос аст. Дар Ислом  пешниёзи ин ибодатҳо усули каломии ислом, яъне тавҳиду нубуват ва меъод ҳаст. Ин умур бахши қобили таваҷҷуҳе аз рисолаҳои амалияи шариатро ташкил медиҳад.

**2. Исломи ҷамоат**. Ин ҳамон исломи оинӣ ё маросимҳост дар мисол намозҳои ҷумъаву ҷамоат ва иди қурбону фитр, ҳаҷ, зиёрат, назр ва амсоли инҳо. Дар сурати вуҷуд доштани ҳокимияти дунявию либерал ин ду навъи ислом метавонанд

барои бошандагони як кишвар озод ва ихтиёрӣ бошанд. Яъне агар касе боварманд аст ва ё мехоҳад, ибодат ва зиёрату намози ҷамоаро анҷом медиҳад. Агар намехоҳад, ҳеҷ кас ӯро ҳаққи маҷбурнамоӣ надорад. Ба тарзи дигар, дар ин ду дараҷа аст, ки як инсон на аз рӯи тарсу бим, балки аз рӯи эътимоду эътиқод ва холис ибодати хешро анҷом медиҳад ва дину оин барояш дар дараҷаи қудсӣ боқӣ мемонанд.

**3. Исломи шариат**. Исломи шариатӣ сохтаи фуқаҳо, мадрасаҳо ва мактабҳои фиқҳӣ аст. Дини фақеҳӣ дар айни дар бар гирифтани чорчӯбаҳо ва дастуроте барои ибодату ҷамоат дар пайи шакл додан ба уммати исломӣ ва мудирияти ҷомеа аст. Маҳз ҳамин хусусияти исломи шариатӣ сабаби ба вуҷуд омадани Исломи қудрат ё исломи сиёсӣ мегардад. Исломи ибодату ҷамоат бе мавҷудияти шариат имкон дорад, аммо исломи шариат бе дастуроти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ имконпазир нест. Исломи шариатӣ, ки талқинкунандаи он хатмкардагони мадорисанд, дар зеҳнашон чунин тасаввуре ба миён меояд, ки гӯё онон бояд идораи ҷомеа дар дасташон бошад ва мардумон боястӣ аз рӯи чорчӯбаҳо ва дастуроти шаръӣ амал кунанд. Зеро онон мутмаъинанд, ки фармудаҳои офаридгорро анҷом медиҳанд ва пуле байни замину осмонанд. Бархӯрди мазҳабҳои гуногун дар Ислом ҳам дар доираи исломи шариатӣ ба вуҷуд меоянд. Ин ҷост, ки шариати ҳар мазҳаб хешро асли воқеият ва ҳақ меҳисобад ва мазҳабу шариати дигарро инкор намуда, онро мазаммат менамояд. Табиист, ки ихтилофи фуқаҳо ва таблиғи ихтилофангезу мухолифи онон дар нисбати пайравони мазҳаби дигар, минбаъд сабабгори дар зеҳни пайравонашон ба вуҷуд омадани нафрату душманӣ мегардад, ки онро метавон дар аксари кишварҳои мусалмоннишин мушоҳида намуд.

Исломи шариат таноқузоти зиёде бо низоми дунявӣ дорад ва ҳамин аст, ки бо ҳуқуқи башар, ҳуқуқи занон ва озодиҳои инсонӣ мухолифат меварзад. Бо исломи шариатӣ ҳукмҳои шаръӣ, аз қабили эъдоми муртад, шалоқ задан, сангсори зинокор, буридани дасту ангуштони дузд, шалоқ задан ба шаробхор ба миён меоянд. Мадрасаҳои маъруфе пойгоҳи аслии исломи шариатианд. Масалан, барои исломи шариатии аҳли шиъаи исноашарӣ, марказҳои шариатӣ Қуму Наҷаф ба ҳисоб меравнд ва барои аҳли суннат Алазҳари Миср, Зайтунаи Тунис, Ҳазрамути Яман ва Қарунини Марокаш.

**4. Исломи қудрат**. Ин навъи ислом ба аспи зинзадае монанд аст, ки нафарони муаяйн ба хотири касби қудрати сиёсӣ динро ба ҳайси абзори сиёсӣ ба роҳ монда, ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоиро зери нуфузи худ медороранд. Ин гурӯҳи қудратталаб аз соддабоварии мардумон суъистифода намуда, ба онон биҳишти адн ва ҳукумати адли илоҳиро ваъдаву ваъид мекунанд. Мардумони бехабар аз нӯшобаи заҳрогини онон нӯш карда, кишвару ҷомеаи хешро ба дасти нафароне медиҳанд, ки ба як қудрати иртиҷоӣ ва зиддиинсонӣ табдил ёфта, саркӯбтарин низом мегардад. Ин гурӯҳҳо бештар бовармандонро ба мубориза алайҳи низоми дунявӣ даъват месозанд ва онро ғайриқобили қабул ва озодандешону бовармандонро мавриди таҳқиру таҳвин ва ғарбзадаву амсоли ин барчаспҳо қарор медиҳанд. То замони вуҷуд надоштани исломи қудрат ҳам исломи шариатӣ пурра таъсиргузор нест ва он ҳам танҳо дар рӯи коғаз қарор мегирад. Ин исломи қудрат аст, ки исломи шариатиро ва қонуну дастуроти назмкардаи онро ба фишанги асосии хеш табдил медиҳад ва иҷрои бечуну чарои ин дастуротро ҳатмӣ менамояд.

**5. Исломи ҳувият**. Исломи ҳувиятӣ барои таъйин бахшидан ба ҳувияти фардию иҷтимоӣ барсохта шудааст. Ин ҳувият дар баробари ҳувиятҳои миллию қавмӣ ва ҳирфаию

ҷинсиятӣ қарор мегирад. Ҳувияти динӣ замоне ки ба навъи ҳувияти мутлақ табдил меёбад, ки ҳувиятҳои дигарро саркӯб мекунад ва онҳоро бебунёд эълон медорад. Масалан, як зани мусалмон вақте аз лиҳози исломи ҳувиятӣ мавриди суъистифода қарор мегирад ба он тавзеҳ дода мешавад, ки ӯ қабл аз оне ки зан бошад, мусалмон аст ва боястӣ ҳамон чорчӯбаҳои шариати исломиро, новобаста аз он ки ҳуқуқҳои инсонии занонро паст задаву таҳқир мекунад, бояд бипазирад. Ба ҳамин монанд барои як нафаре, ки аз ин ё он миллат ба гурӯҳҳои исломи сиёсӣ, аз қабили Толибон, ДОИШ ё ал-Қоида ворид мешавад, дигар барои ӯ муҳим нест, ки ин нафар дорои табаъияти миллие ба мисли тоҷик, узбек, англис, фаронсавӣ ё рус бошад. Исломи ҳувиятӣ бештар сохтаи дасти нафароне аст, ки мехоҳанд аз он бар суди хеш истифода намоянд ва давлатҳои имрӯзаеро, ки аз лиҳози ҳувиятӣ миллӣ, дунявӣ ва мардумсолору либерал ҳастанд, аз байн бибаранд. Исломи ҳувиятӣ фардгароӣ ва инсонгароиро аз фарди мусалмон мегирад, ва бештар аз исломи қудрат ва исломи шариат дар ситез ба дунявият ва мардумсолорӣ аст. Ҳамин аст, ки барои дар кишварҳои мусалмоннишин барангехтани нифоқ аз ҳувиятҳои диниву мазҳабӣ кишварҳои манфиатдор ба навъи аҳсан истифода менамоянд. Ононро ба ҳамдигар мавриди даргириву хушунат қарор медиҳанд. Аз тарафи дигар, дар кишварҳое, ки мусалмонон ақаллиятро низ ташкил медиҳанд, суъистифода аз исломи ҳувиятӣ сурат мегирад. Бо таҳрик додани ин ҳувиятҳо ононро дар муқобили бовармандону мардумони ғайр мешӯронанд, ки ба куштору даргирӣ ва даҳшатафканӣ анҷом меёбад. Ин вазъро дар бисёре аз кишварҳои аврупоӣ ва Руссияву Чин ва кишварҳои ҷануби Осиё метавон мушоҳида намуд.

## Исломи сиёсӣ ва иддаои қудратмадорӣ

Гоҳе ки ислом аз доираи ибодат ва ҷамоат берун меравад ва он гоҳ ки дастурҳои шаръӣ ҳатмӣ мешаванд, дар зеҳни як мусалмон ҳар нафаре, ки дастуроту ҳукмҳои шариатиро анҷом намедиҳад, ба ҳайси як шахси манфӣ ҷилвагар мешавад. Чун дастуроти шаръӣ нафареро, ки ин қавонинро иҷро намекунад, бояд маҳкум намуда, дузахӣ ва муртаду кофар эълон дорад. Танҳо дар зинаи ибодӣ ё шакли ибодӣ ислом метавонад, дақиқтараш, як бовармандии исломӣ метавонад, бо бовармандони дигар динҳову мазҳабҳо ё нобоварон, ҳамчунин бо низомҳои сиёсии дунявию мардумсолорӣ мувофиқат намояд. Зеро дар ин зина фард ҳанӯз таҳти таъсири гурӯҳҳои сиёсӣ, ки ба хотири даст ёфтан бар манофеи иқтисодию сиёсӣ мағзшӯӣ нашудааст ва ибодатро танҳо ба хотири осуда намудани ниёзҳои ботинии хеш анҷом медиҳад ва розу ниёзи фардии худро бо маъбуде, ки ба он бовар дорад, дар миён мегузорад.

Ба ҳар сурат, исломи ибодатӣ ва ҷамоатӣ ҳар ду метавонанд ба дунявият канор биёянд ва ҳамчун исломи муътадил амал намоянд. Қобили қайд аст, ки замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ислом дар байни мардум дар шакли ибодӣ мавҷуд буд. Ҳарчанд исломи ҷамоӣ то андозае маҳдуд буд, вале мардумон ибодат ва боварҳои хешро анҷом медоданд. Новобаста аз маҳдудиятҳо то андозае исломи ҷамоатӣ низ ҷой дошт, ҳарчанд баргузории расмии намозҳои ҷамоат ва иду маросимҳо расман қайд нашуда буд, вале аз тарафи мардум намозҳои ҷамоат ва баргузории иду маросимҳо, аз ҷумла иди қурбону рамазон, намози ҷумъа ва намози ҷаноза баргузор карда мешуд. Дар айни ҳол бошад, дар мо исломи ибодӣ ва исломи ҷамоатӣ пурра роиҷ аст. Чунин ба назар мерасад, ки

камхатартарин навъи ислом, ки бо ҷаҳони имрӯз метавонад мутобиқшаванда бошад, ҳамин ду навъи ислом аст.

Хатарноктарин навъи ислом замоне ба вуҷуд меояд, ки 3 исломи дигар, яъне исломи шариатӣ, қудратӣ ва ҳувиятӣ канори ҳам оянд. Аз ин падида ба унвони исломгароӣ ёд мешавад ва ҳукуматҳое мисли ДОИШ, Толибон ва низомҳои сиёсии исломӣ рӯи кор меоянд. Ҳамин се унсур вақте бо ҳам муштарак амал мекунанд, саркӯбгар мешаванд ва сабаби исломҳаросӣ дар ҷаҳони имрӯз гардидаанд. Вақте ин се дар канори ҳам меоянд, онҳо ба идеология табдил мешаванд ва ҳангоме ки қудрати сиёсӣ дар пушти шариат қарор мегирад, низоми саркӯбгаре ба вуҷуд меояд, ки танҳо дастуроти шаръиро анҷом медиҳад. Исломи ҷамоат, шариат ва ибодат ҳар кадоме дар танҳоӣ метавонанд хатарангез набошанд, вале он гоҳ ки ин ҳама якҷо шуданд ва исломи қудрат ё сиёсат онҳоро зери нуфузи худ қарор дод, метавонанд ба исломи саркӯбгар ва хатарнок табдил ёбанд. Ба ибораи дигар, гоҳе ки исломи ҷамоату шариату ҳувият канори ҳам қарор гирифтанд, заминаи асосии исломи қудрат мешаванд.

Заминаи асосии исломгароӣ исломи қудрат аст, ки тавре дар боло ишора шуд, исломи шариатию ибодӣ ва исломи ҳувиятиро канори ҳам мегузорад ва ононро зери нуфузи худ қарор медиҳад. Ҳукмҳои исломи шариатиро бечуну чаро иҷроишашонро талаб намуда, дастуроташонро ҳатмӣ медонад. Ин боиси он мегардад, ки барои дигарандешон ё мардумоне, ки бовару эътиқод ба дигар дину оин ё мазҳаб доранд, амалан дар чунин фазо озод ба сар бурда наметавонанд. Онон мавриди таҳқир, сарзаниш, куштор ва ҷисман аз байн бурдан қарор мегиранд. Заминаи асосии ифротгароиву даҳшатафканӣ дар шакли исломии он маҳз аз исломи қудрат маншаъ мегирад. Исломи қудрат на танҳо ба дину оинҳои дигар ва бо низоми сиёсии дунявию

мардумсолорию либерол дар мухолифат қарор мегиранд, балки бо мазҳабҳои дар дохили худи исломбуда низ дар мухолифату душманӣ қарор мегиранд. Агар ба амалкардҳои исломгароӣ ба чанд соли ахир таваҷҷуҳ намоем, исломгароён на танҳо ғайри мусалмонон, балки бештари мусалмононро зимни амалиётҳои худ ба қатл расонидаанд. Исломгароён ба ҷуз аз ақидаву бовари худ ва дар шакли ифротӣ пазируфтани ислом дигар навъи бовар ва амалкардҳоеро, ки аз ислом маншаъ гирифтаанд, рад менамоянд. Онон вақте дар сатҳи баланди ифрот ва хушкандешӣ мерасанд, илло ҳампаймоёни хеш ҳеҷ каси дигарро таҳаммул надоранд ва ононро ба ҳайси ғайри исломӣ ва муртаду кофар ба қатл мерасонанд. Ин баёнгари он аст, ки исломгароӣ на танҳо ба мардумони ғайри мусалмон, балки пеш аз ҳама ба худи мусалмонон хатарнок ва нобудкунандатарин аст. Натиҷаи як таҳқиқ тавассути Маркази байналмиллалии мутолиоти ифротгароӣ нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои ҷиҳодии исломгаро танҳо дар моҳи ноябри 2014 5042 -нафарро дар саросари дунё куштаанд, ки аксари онҳо ғайри низомиён ва мусалмонон будаанд. Масалан, 1770 нафар аз он дар Ироқ, 784 нафар дар Нигерия, 782 нафар дар Афғонистон, 693 нафар дар Сурия. Ба ҳисоби миёна дар як моҳ ҳар рӯз 147 нафар ба дасти ин гурӯҳҳо кушта шудааст, ки аз онҳо 60 дар 100 ба воситаи ДОИШ-у Боко Ҳаром анҷом гирифта, 80 дар 100 ин кушторҳо дар кишварҳои Ироқу Нигерия ба Афғонистону Сурия рух додаанд. ДОИШ бо 20204 қатл Боко Ҳаром бо 801, Толибон бо 720 дар сафи пеш қарор мегиранд. Пас аз онҳо ал-Қоида, Ҷабҳатуннусра, Толибони Покистон ва Ҷамоати Аҳрор қарор мегирад.

Ҳаракатдиҳандаи асосии ҷараёни исломгароӣ, ки аз исломи қудрат маншаъ мегирад, нафрат ва душманӣ аст, ки ҳамарӯза дар расонаҳо ва таблиғоти исломгароён тавлид ва вазъ мешавад. Тавассути ғасб кардани фазои иттилоотӣ ва дар

зеҳни мусалмонони бошандаи кишвари мавриди ҳадаф бедор кардани нафрат бар алайҳи низоми мавҷуда, бовармандон ва пайравони дигар кешу оин ҳисси ҷангиро дар онҳо боло бурда, аз лиҳози равонӣ ононро то сарҳади аз байн бурдани дигарандеш ё ба тарзи дигар маҳкуми қатл будани ӯ ва бо қатл кардани вай расидан ба биҳишту ризоияти Офаридгор аз як мусалмони маъмулӣ як террорист дуруст мекунанд. Дар ин ҳолат исломгароён ниёз ба мубалиғоне доранд, ки аз назари истеъдод қобилияти суханварӣ ва таъсиргузорӣ дошта бошанд ва дар айни ҳол тавонанд мағзу иродаи гурӯҳҳои бовармандро идора кунанд ва ононро ҳадафнок ба як самт равона созанд. Ҳамин аст, ки гурӯҳҳои исломгаро маблағҳои бузургеро сарфи нафароне месозанд, ки онон қобилияти баланди таъсиргузорӣ дар ҷомеаро дошта бошанд.

Исломи қудратӣ ки заминаи асосии ҷараёни исломгароӣ аст, ҳарчанд бисёриҳо даъво мекунанд, ки онҳо аз исломи мусалмонӣ дуранд, вале новобаста аз ин, онон дар байни гурӯҳҳою қишрҳои муайяни ҷомеаҳои мусалмоннишин пойгоҳи иҷтимоӣ доранд, ки ин метавонад ва чанд омил вобаста бошад омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ. Ҳамин аст, ки ин гурӯҳҳо зуд шакл мегиранд ва сафи худро афзоиш медиҳанд ва ба як қувваву ҷараён табдил меёбанд. Чунин вазъро метавон дар шаклгирии исломгароён дар Сурияю Ироқ, ки дар як муддати кӯтоҳ ба қудрати ДОИШ табдил ёфтанд, мисол зад.

Вобаста ба шаклҳои исломе, ки дар боло мавриди таҳлил қарор гирифтанд, танҳо шакли исломи ибодӣ ва то андозае ҷамоатӣ метавонанд бо низоми мардумсолор ва дунявӣ канори ҳам оянд ва дар шароити феълии ҷаҳон, ки фарҳангҳои гуногун дар як фазо қарор мегиранд, мусолиматомез бошанд. Аз тарафи дигар, танҳо дар марҳилаи исломи ибодӣ аст, ки як бовcovманди мусалмон розу ниёзҳои

хешро ҷиҳати наздикӣ бо офаридгораш аз рӯи бовари дарунӣ дар миён мегузорад ва дар ҳамин зина аст, ки дин ҳам барои инсон ҷойгоҳи баланд дорад ва ҳамчун як падидаи қудсӣ ба он арҷ гузошта мешавад ва ин арҷгузорӣ ҳам аз ҷониби бовармандон ва ҳам аз ҷониби ғайрибовармандон сурат мегирад. Бо назардошти ҳамин нукта ва таҳлилҳои дар боло оварда шуда ҷомеаи моро зарур аст, ки дар он ислом дар шакли ибодӣ ва то андозае ҷамоатӣ амал намояд. Чун мо дар низоми дунявӣ ба сар мебарем ва ин низом кафили пешрафт ва саодати инсонӣ ва кишвари мо низ ҳаст, аз ин лиҳоз, танҳо дар ҳамин шакл барои мардум ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мазҳабҳои гуногун метавонад ба тарзи мусолиматомез ва бидуни хушунату бархурд қарор бигирад.

Ҳамчунин бояд тавзеҳ дод, ки нафароне, ки ба хотири ҳадафҳои хеш низоми дунявиятро мавриди мазаммату таҳқир қарор медиҳанд ва таблиғи аз бовари мардум ба даст овардани қудрати сиёсиро тавассути расонаҳои гурӯҳӣ ба миён мегузоранд, онон аслан манфиатҳои гурӯҳию сиёсии худро доранд. Ҳарчанд даъво аз мардумсолрию дифои ҳуқуқи башар ҷор мезананд, вале амалан имкон надорад, исломи қудрат дар ҳар шакле набошад, бо мардумсолорӣ ва ҳуқуқи башар обашон дар як кӯза ғунҷоиш кунад. Маҳз ҳамин нафаронанд, ки сабаби исломҳарросӣ дар ҷаҳони муосир гардидаанд. Инон исломи мусалмониро то ҳадде поин бурдаанд, ки дар ҳар кишвари ҷаҳон аз як нафаре, ки аз табаияти мусалмон бошад, агарчӣ бо афкору андешаи дунявӣ ҳам бошад, сокинони буми он кишвар аз ӯ меҳаросанд ва ба он ба назари машкук менигаранд. Дар худи кишварҳои мусалмонишин ҳаминҳое, ки аз ислом қудрату сиёсат месозанд мухолифату беқайду бориро ба миён оварда, муҷиби бозмондагиву бархурд ва куштору фақр ва муҳоҷирати густурда гардидаанд. Аз ин лиҳоз, набояд сокинони кишвар ба таблиғоти зиддимиллии

гурӯҳҳое дода шаванд, ки мехоҳанд аз ислом сиёсат созанд ва тавассути бовару эътиқоди мардум ба қудрат бирасанд. Имрӯз давлат ва ниҳодҳои он тамоми шароитро дар чорчӯбаи қонунгузорӣ ҷиҳати анҷом додани бароварда кардани ниёзҳои як бовармандн новобаста аз навъи бовараш муҳаё намудаанд. Сели борони таблиғоте, ки тавассути расонаҳои гурӯҳии нафароне, ки ба хотири расидан ба қудрат алайҳи давлат равона месозанд ва гӯё барои иҷрои амалҳои бовармандон монеа мавҷуд бошад, туҳмату бухтоне беш нест. Мутаассифона, ин нафарон ҳеҷ гоҳ аз роҳи ақлу хирад ва воқеияти ҷойдошта боре тавзеҳ намедиҳанд, ки низомҳои сиёсии сохтаи исломӣ дар кадом кишвари ҷаҳон бартарият доранд ва он мардуми ҳамон кишварро ба саодат расонидааст. Ба ҷуз аз таблиғоти бебунёди мағзшӯӣ чӣ далели воқеӣ доранд?!

Аз тарафи дигар дар низоми дунявӣ он қонуну дастуроте, ки аз рӯи зарурати иҷтимоӣ қабул гардидаанд, бояд риояти онҳо барои ҳама яксон бошад. Саҳлангорӣ дар ин кор бар суди ҷомеа нахоҳад буд. Набояд дастуроти исломи шариатӣ ва қонунҳои иҷтимоии амалкунандаро ба ҳам омезиш дод. Нодида гирифтани баъзе аз масоил метавонад заминаи авҷ гирифтани исломи қудратӣ шавад ва дар маҷмӯъ ба исломгароӣ оварда расонад. Махсусан дахолат кардани умури динӣ дар умури дунявӣ ва хосатан дахолати он бо корҳои давлату давлатдорӣ метавонад як заминае барои Исломгароӣ бошад.

## Исломгароӣ ва мардумсолорӣ

Гурӯҳе аз муддаиёни исломгаро даъвои он доранд, ки гӯё ҳокимияти теократӣ ва мардумсолорӣ (демократия) ҳарду ба ҳам тавъаманд ва бештар далелеро меоранд ва рӯи он тамаркуз медиҳанд, ки дин ҳам баромада аз байни мардум аст ва ин боварҳо ба мардум тааллуқият доранд ва мардум аст, ки

онҳоро мавриди парастишу баррасӣ қарор медиҳад. Аз ин рӯ онҳо далел меоваранд, ки чун дин аз мардум аст, пас ба тарзи динӣ низ идора кардани ҷомеа хусусияти мардумӣ дорад. Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар ин маврид муддаъиён як нуктаро ба ҳисоб намегиранд, ки дин падидаи иҷтимоӣ аст ва дар дараҷаи муаяни рушди иҷтимоъ ба вуҷуд меояд, таҳаввул мекунад ва дигаргун мешаваду аз байн меравад. Аз тарафи дигар, ҷомеаи инсонӣ, худи инсон ва андешаву ҷаҳонбинии ӯ ҳамеша дар ҳоли таҳаввул шудану дигаршавӣ аст. Аммо афкори динӣ (ин ҷо як дини мушаххас дар назар аст, на раванди таҳаввули афкори динӣ, ба мисли Ислом, Масеҳият, Яҳудият ва ғ.) мунҷамид, шахшуда ва тағйирнопазир аст. Он ҳазорон сол дар як қолаб ва дар як шакл ва бо дидгоҳи тағйирнопазиру арзишҳои догматикӣ устувор аст. Ҳамин аст, ки бо гузашти ҳазорон сол дидгоҳҳои як дини мушаххас тағйир намеёбанд ва дигар ҳам намешаванд. Ҳамон арзишҳо, ҳамон ҷаҳонбинӣ, ҳамон аҳком ва ҳамон расму оин бетағйир то ба имрӯз арзи ҳастӣ менамоянд. Ҳол он ки аз лиҳози ҷомеашиносӣ дар ҳар марҳилаи  зиндагии инсонҳо дидгоҳ арзишҳо ва муносибат бо худу ҷаҳон вобаста аз сатҳи донишу биниш ва зарурияҳои иҷтимоӣ тағйир меёбад, дигар мешавад ва бо замони мушаххас мувофиқ мегардад. Ҳамин ҷост, ки зиддият байни тарзи идоракунии динӣ ва ҷомеа ба вуҷуд меояд. Яъне тасаввур намоед, ки ҷомеае, ки 2000 сол ё 1400 сол таҳаввул кардааст, дар зинаи дигари рушд қарор дорад ва афроди ин ҷомеа мусаллат бар донишу фанноварии асли имрӯзаанд, чи гуна метавон онҳоро бо аҳкоми ҳазорон сол қабл вобаста ба он сатҳи донишу фаҳми инсони он замон таҳия шуда идора намуд. Аз ҷониби дигар дин ва бовару эътиқод танҳо замоне, ки кори фард аст ё бевосита ба фард тааллуқ дорад, он метавонад, барои фард як падидаи зеҳнӣ, дарунӣ ва виҷдонӣ бошад. Ҳамин аст, ки фард аз лиҳози психологӣ вақте барои чизе муқаддасотро қоил мешавад, онро дарунгароёна ва зеҳнӣ қабул мекунад. Ҳатто дар истифодаи вожаи офаридгор инсонҳо онро дар шакли "Худои ман"

истифода мекунанду онро дарунгароёна фардӣ таллақӣ мекунанду мутмаъинанд, ки Худо бо онҳост, вале вақте бовару эътиқоди инсон ба чорчӯбаи ҳатмӣ ва риояти меъёрҳои бечуну чаро кашида мешавад, дар ин ҳолат дигар динният ва бовармандӣ аз он гирифта мешавад ва дигар аз воқеъияти дин чизе ҷуз сиёсат боқӣ намемонад. Вақте дин коллективӣ карда мешавад ва аҳкоми он аҳкоми ҳамагонӣ арзёбӣ мешаванд, ҳамин замон аст, ки дин ба воситаи маҳдудкунандаи озодии инсонҳо табдил меёбад. Дигар он бо мардум нест, балки маҳдудкунандаи мардумон аст. Зеро дар бинишҳои динӣ ҳама чиз пешакӣ муайян аст ва бояд ҳамагон дар он чорчӯбаву меъёр амал намоянд. Ин  боиси он мегардад, ки дар ҷомеаи теократ ҳамаи маънавияти инсон саркуб мешаванд ва дигар дар ин ҷомеа на ҳуқуқ, на ахлоқ, на сиёсат, на илм, на санъат ва на зебоишиносӣ озод вуҷуд дошта метавонанд. Ҳамаи инҳо хусусияти динӣ мегиранд ва ба бумбаст мувоҷеҳ мегарданд. Ҳамин омил сабаб мешавад, ки дар ҷомеаи динсолор рушди амалии соҳоти гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ бисёр ба кундӣ сурат мегирад. Ҳамин аст, ки ҳукумати динӣ ва мардумсолорӣ ҳарду бо ҳам мувофиқат надоранд, ҳарчанд баъзе аз мухотабони ҳокимияти теократӣ даъво доранд, ки имкони ҳамнишинии ин навъи идоракунӣ бо мардумсолорӣ мавҷуд аст, вале чанд ҷузъиётро наметавонанд тавзеҳ диҳанд. Яке аз он масъалаи сонсури андеша, ки дар чуни навъи ҳокимият ҷой дорад. Дигар ин ки табъизи ҷинсӣ дар ҷомеаи динмеҳвар ҷойгоҳ дорад ва занону мардон ҳеҷ гоҳ баробар нестанд ва онҳо на аз лиҳози ҳуқуқӣ ва аз лиҳози маънавӣ баробар ҳисобида мешаванд. Масъалаи дигар ин аст, ки дар ҷомеаи теократ умуман масъалаи интихоб вуҷуд надорад, дар он танҳо як шакли ҳокимият як шакли идоракунӣ мавҷуд аст ки он ҳам низоми динӣ асту халос. Аз ин рӯ ононе, ки даъво доранд гӯё демократияи динӣ имконпазир бошад, ин фақат танҳо як лафзбозӣ асту халос. Зеро низомҳои сиёсии ҷумҳуриҳои исломӣ нишон додаанд, ки дар ҳеҷ кадоме аз онҳо наметавонад мардумсолорӣ ҷой дошта бошад. Дар ҳамаи ин

низомҳо дигарандешонро мавриди саркӯб қарор медиҳанд, ба ҷуз аз чорчӯбаҳои худ дигар меъёрҳоро қабул надоранд. Самтҳои ҳаёти иҷтимоиро махсусан фарҳангу маънавиёти ҷомеаро дасткорию муҳандисӣ мекунанд. Онро барои равнақи ҷанбаҳои диниаш маблағгузорӣ мекунанд. Раванди таълиму тарбияро низ самтгиронаю пайгирона динӣ месозанд ва ҳамаро ба як идеология табдил месозанд. Исломгароӣ дар ин сурат бар мухолифи гуногунписандии табиати инсон қарор мегирад ва кушиш ба харҷ медиҳад, ҷомеаро ҳамсонсозӣ кунанд.як навъ модели инсони ҷомеаи динсолорро дуруст мекунад, ки боястӣ ҳама аҷзои он динӣ бошанд. Ҳамин аст, ки ба ҳама аҷзои инсон кор мегирад. Масалан боястӣ дар ин низом занон шакл ва либоси якхела дошта бошанд. Мардон низ ҳамчунин. Дар ин ҳолат барои инсон ё шаҳрванд дигар интихобе вуҷуд надорад, илло аз он шакли идеология карда шудаи динии аз тарафи низом пешниҳодгардида. Ҳамин аст, ки ҳукумати динӣ душмани ҳувияти фардӣ аст. Он ранг, модел, духт, андоза ё ҳар меъёри ягонаи дигареро барои либос ё меъёрҳои дигар барои ороиш мушаххас мекунад ва фард ҳаққи рад кардани онро надорад. Ҳукуматҳои динӣ ҳувияти фардиро барҳам медиҳанд ва як ҳувияти сохтаи дастаҷамъӣ месозанд ва дар зеҳни ҳамвандони хеш озодии андеша, озодии интихоб ва озодии ахлоқро ҳамчун ҳувияти ғарбӣ ва баду ваҳмзадаву касифу ғайриинсонӣ таллақӣ мекунад. Ин боиси он мегардад, ки онон ҳар гуна озодиро ҳамчун як омили бад ё ғарбизадаву ғарбишуда таллақӣ мекунанд. Ҳол он ки дар кишварҳои мардумсолор аслан ҳувияти ягона вуҷуд надорад ва ҳар кас ҳамчун фард ба шакл додани ҳувияти хеш мепардозад ва ҳеҷ як марҷаи тақлид ё дастури болоӣ барои ин кор вуҷуд надорад.

Пайгирии тамомиятталабонаи тарҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки дар батни ҷомеаи динмеҳвари сиёсӣ аст, имкони ҳамзистии исломгароӣ бо дигар идеологияҳо ва боварҳоро ғайримумкин месозад. Ҳамин нукта аст, ки исломгароиро хатарнок ва ғайри қобили таҳаммул сохтааст. Исломгароён

пеш аз расидан ба қудрат сирфан идеяҳои худро матраҳ мекунанд. Даъво намекунанд, ки ҳама бояд мисли онҳо бошанд. Онҳо муддаӣ нақди вазъияти мавҷудаанд. Танҳо камбӯдҳои ҷомеаи мавҷударо мавриди баррасӣ қарор медиҳанд ва он мушкилеро, ки дар ҷомеа мавҷуд аст, онро шиоргуна ба хотири дар байни тудаҳо касб кардани маҳбубият истифода менамоянд. Аз тарафи дигар баъзе аз масъулини ҷомеа ва ниҳодҳои иҷтимоӣ, ки вазоифи хешро дуруст анҷом намедиҳанд ва хунукназариву бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд, ҳаминонанд, ки ба осиёби исломгароён об мерезанд. Ин камбуду нуқсҳои дар ҷомеа мавҷуд буда, ки бевосита аз тарафи ниҳодҳои дахлдор мавриди нақду баррасӣ қарор намегиранд, гоҳе ки аз тарафи исломгароён садо медиҳанд, дар назари мардуми оддӣ чунин менамояд, ки гӯё онон мушкилкушоёнанд. Ин заъфро онон ҳамчун нафарони фурсатталаб истифода менамоянд ва нишон медиҳанд, ки гӯиё асли мардумсолориянд ва аз дарди мардум ва иҷтимоъ мегӯянд. Аммо пас аз расидан ба қудрат ҳеҷ ҷое барои дигар боварҳо ва дигар салиқаҳо намегузоранд, вазъро садҳо баробар вахимтар ва фазоро баста мегардонанд. Минбаъд танҳо дар ин низом фақеҳ муайян мекунад, ки чи чиз раво аст ва чи чиз нораво. Кадом интиқод дурусту созанда аст ва кадом интиқод нораво ва сиёҳ аст. Давлат дар ин низом мушаххас мекунад, ки ҳатто ронандагони таксӣ бояд чи чизе аз мусиқиро гуш диҳад ва кадомашро не. Ҳамачунин аз тарафи дастгоҳҳои давлатӣ муқаррар карда мешавад, ки оё байни зану мард шухи кардан имкон дорад ё хайр.

Тамомиятхоҳии исломгароён фақат ба ҳокимияти худашон, ки маҳдуд намешавад. Онҳо мехоҳанд ин меъёрҳоро ба ҳамаи мусалмонон ва натиҷатан ба ҳамаи ҷаҳон интиқол диҳанд. Онҳо дар гӯишҳояшон чунин таблиғ менамоянд, ки дину оини мо барои ҳамаи умури зинадгии башар барнома ва

дастурамал дорад ва ин дастурҳо фақат ба ибодат маҳдуд намешаванд ва ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонро дар бар мегирад. Ҳамин аст, ки онҳо мафҳумҳоеро аз қабили иқтисоди исломӣ, равоншиносии исломӣ, ҷомеашиносии исломӣ, донишгоҳи исломӣ, ҳунари исломӣ ва то ҳадде физика ва химияи исломӣ истифода менамоянд, ки бисёр музҳик ва хандадор аст. Ин тарҳҳое ки исломгароён месозанд на танҳо ба ақлу таҷрибаи таърихӣ дар байни мусалмонон, балки ҳатто ба фиқҳи суннатӣ низ баробар нестанд. Ҳамин навъи тамомиятталабӣ аст, ки сабаби фурупошӣ аз байн рафтани идеологияи исломгароӣ мешаванд. Идеологияе, ки имкони ба тарзи маъмулӣ нафасгирӣ ва зиндагӣ карданро аз аксари мардум мегирад ва бар алайҳи табиати инсон қарор дорад ва бо хурдтарин аҷзои зиндагӣ аз қабили ороиши мӯй нохуну, остин пероҳан, моддели мӯй, риш дахолат меварзад роҳеро ба ҷуз сарнагунӣ барои мардум боқӣ намегузорад. Ин навъи идеология, ки бо табиати инсон дар мухолифат аст ва ҳамеша дар саркӯбии инсонҳо қарор мегирад табиӣ аст, барои ҳама афрод заҳмат эҷод мекунад ва дар кишварҳои дорои низоми теократӣ ҳатто давлатмардони ин низом аз тарзи бархурд ва идоракунии он розӣ ва қонеъ нестанд, чӣ расад ба мардум. Аз ин лиҳоз, исломгароӣ ва мардумсолорӣ ду мафҳуми гуногун ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ наметавонанд ҳамдигарро иваз намоянд ё ба ҳам тавъам бошанд. Ононе, ки ин мафҳумҳоро ба ҳам меомезанд ва муддаии исломгароии мардумсоloранд, дурӯғ мегӯянд, мардумро гул мезананд ва аз роҳи авомфиребӣ мехоҳанд қудратро ба даст бигиранд, на чизи дигар.

**Абдухалилзода Кароматулло**
*номзади илмҳои фалсафа*

## ОЯТҲОИ ҚУРЪОНӢ ВА ДИДГОҲИ ЗИНДАГӢ

*(назаре иҷмолӣ)*

Эҳтимол муҳаққиқон то ба имрӯз дар бораи ҳеҷ китобе чун Қуръон ба миқдори зиёд китоб ва ё мақола нанавишта бошанд. Мутаассифона, дар байни китобҳои сершумор ҳамзамон баъзе китобҳое низ дучор мегарданд, ки муаллифони онҳо Қуръонро дар чашми аҳли башар ғайривоқеӣ ҷилвагар месозанд. Ин зумраи муаллифон эҳтимол мепиндоранд, ки бо чунин аъмолашон хидмати хирсонае баҳри рушди ислом ва ё ба манфиати аҳли ҷомеаи мусулмонон карда истодаанд. Дар ҳақиқати ҳол, аз нигоҳи мо, онҳо ҷуз зарар чизе ҳосил ба бор намеоваранд. Манзури мо ин ҷо аз тарафи баъзе муаллифон ҳамчун сарчашмаи тамоми илмҳо муаррифӣ намудани Қуръон аст. Мутаассифона, андешаи нодурусти зикршуда дар мафкураи зиёди ҷавонони мо ҳатто имрӯз низ амиқ реша давондааст.

Воқеан, хеле тааҷҷубовар аст, ки ҳамаи донишмандони исломӣ, ки ба хонанда ошно намудани муъҷизаҳои Қуръонро ҳадафи хеш қарор медиҳанд, худ бо онҳо баъд аз кашф ва ошкор гардидани он асрор аз тарафи донишмандони аврупоӣ огоҳ мегарданд. Аммо чизе, ки ин ҷо шигифтангез аст, дар ин самт таҳрифкориҳои эшон аст. Ба хотири ё худро воқеан ҳам, донишманд нишон додан ё худро дӯстдори ислом муаррифӣ кардан, ё ба хотири ҳадафи дигаре ба дурӯғу тахриф даст мезананд. Барои боварӣ ҳосил намудан ба таҳрифкориҳои чунин муаллифон зикри чанд намунаро зарур мешуморем. Камол Рӯҳонӣ дар китобаш «Эъҷози Қуръон дар асри фазо ва текнулуҷӣ» хостааст, ки муъҷизаҳои Қуръонро ба хонанда

ифшо намояд. Камол Рӯҳонӣ барои он ки аз кадом унсур таркиб ёфтани ҷаҳонро аз дидгоҳи Қуръон нишон диҳад, дар мавзӯе зери унвони «моддаи бунёдии ҷаҳонофариниш аз дидгоҳи Қуръон» ояти 3-ро аз сураи «Сабаъ» мисол меорад: «Аз Худованд ба андозаи заррае (атом) на дар осмонҳо ва на дар замин аз вай пӯшида нест ва на кӯчактар аз он (атом) ва на бузургтар аз он аз ӯ пинҳон намебошад, ҷуз ин ки дар китобе равшан ва баёнгар дарҷ шудааст». Зимни шарҳи оят муаллиф дар хусуси кашфи атом дар нимаи аввали қарни 20 ва ҳаҷми он сухан ронда, боз меафзояд, ки «атом аз ду навъи зарра, ки прутон ва нейтрон номида мешавад, ташкил шудааст» [6, 50-51]. Дар мисоли мазкур таҳрифкории муаллиф дар он ифода меёбад, ки аввалан, ояти мазкур на маънои «аз чӣ бунёд ёфтани олам», балки маънои «аз ҳама чиз огоҳ будани Худо»-ро дар назар дорад. Сониян, муаллиф зимни тарҷимаи оят баъд аз калимаи «зарра» дар қавсайн калимаи «атом»-ро ҳамчун маънои он илова менамояд. Дар ҳамин ҳол ҳам бояд зикр намуд, ки тасаввурот дар бораи заррачаи хурдтарин, ки аз он ҳама чиз пайдо шудааст, ҳазор сол пеш аз Қуръон аз тарафи Демокрит пешниҳод гардида буд [5.45]. Бо вуҷуди ин маънои «заррача»-и қуръонӣ бо маънои «атом» дар фаҳмиши имрӯза мувофиқат наменамояд. Зеро «зарра» маънои умумии ҷисми номуайяни хурдтарин аст. Калимаи мазкур хеле васеъ дар мавридҳои мухталиф истифода мегардад. Атом бошад, моддаи физикӣ буда, дар навбати худ боз таҷзияшаванда аст. Муаллиф зимни шарҳи хеш бо калимаи «зарра» ғайр аз атом боз прутону нейтронро низ ифода менамояд. Яъне, андешаи муаллиф ғайримантиқӣ буда, пуртаноқуз аст. Мутаҳо, агар Рӯҳонӣ дар ояти мазкур кашфиёти физикиро дидааст, пас савол пайдо мешавад, ки чаро атому прутону нейтрон дар Қуръон бо се калимаи алоҳида не, балки бо як калимаи сермаъно ва оммафаҳми «зарра» баён ёфтаанд?

Камол Рӯҳонӣ ояти 24-и сураи Юнусро шарҳ дода, «нуктаи эъҷози оят»-ро ба таври зер зикр намудааст: «Худованд фармуд: «Қиёмат рӯзу шаб сар мерасад; атоҳо амруно лайлан ав наҳоран». Муаллиф дар идомаи шарҳ саволгузорӣ намудааст, ки «чаро Худованд мушаххас накард, ки қиёмат шаб ё рӯз мерасад, чун равшан аст, агар омадани қиёмат дар шаб набошад, дар рӯз хоҳад буд» [6,138]. Ба андешаи муаллиф, «посух ба савол бо пешрафти илм мушаххас шуд ва парда аз таъбири Қуръон бардошта шуд… Зеро қиёмате, ки Қуръон аз он сухан мегӯяд, дар кулли замин рух хоҳад дод ва мо медонем рӯзу шаб ҳамазамон дар замин вуҷуд дорад. Замоне ки назди мо рӯз аст, бидуни шак, дар иқлиме дигар шаб аст. Лизо қиёмати Худованд дар назди касоне, ки дар билодашон шаб аст, шаб хоҳад буд ва назди касоне, ки рӯз аст, рӯз ба вуқуъ мепайвандад ва он ношӣ аз ҳаракати курравии замин аст» (ҳамон ҷо). Ин ҷо агар мо ба маънои оят дақиқ таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки Рӯҳонӣ оятро табдили маъно намудааст. Зеро агар Худованд он маъноеро, ки Рӯҳонӣ баён намуд, мехост, «лайлан ва наҳоран» мегуфт, аммо вай ҳиссачаи «Ё» (ав)-ро истифода бурда, якеи онҳоро қайд намудааст. Бинобар ин, андешаи Рӯҳонӣ дар хусуси он ки манзури Худованд ҳам шабу ҳам рӯз аст, саҳеҳ нест. Сонияи, муъҷизаи мазкур танҳо баъд аз он ошкор гардид, ки вақте дақиқ шуд, ки замоне дар гӯшае аз замин рӯз аст ва замоне дар гӯшаи дигар аз замин шаб фаро мерасад. Аз ин рӯ, дар мисоли мазкур на танҳо таҳриф, балки иваз намудани маънои ҳақиқии ояти Қуръон мушоҳида мегардад. Илова ба ин, зимни рӯоварӣ ба тафсири ояти номбурда маълум мегардад, ки Камол Рӯҳонӣ инчунин оятро низ нодуруст пешкаш намудааст. Китоби «Тафсиру анвор-ил-Қуръон» ояти «атоҳо амруно лайлан ав наҳоран»-ро, ки К. Рӯҳонӣ «Қиёмат рӯзу шаб сар мерасад» тарҷума намудааст, дар шакли зерин шарҳ додааст: «Баногоҳ фармони

мо, яъне азоби мо шабе ё рӯзе ба замин омад, пас онро монанди зироа аз бун бурида гардонидем». Чи хеле ки аз муқоисаи ду шакли тарҷумаи як оят бармеояд, Камол Рӯҳонӣ ба хотири расидан ба ҳадафи хеш калимаи арабии «амр», ба забони тоҷикӣ «фармон»-ро, ки ҳамчун «азоб» шарҳ ёфтааст, «қиёмат» тарҷума намудааст.

Раванди таҳрифкорӣ, яъне аз дин илмсозӣ дар таълимоти яке аз донишмандони маъруфи исломи имрӯза Аҳмад Дидат низ мушоҳида мегардад. Ӯ назарияи илмии аз об пайдо шудани ҳаётро дар асоси ҳукми ояти Қуръон дастгирӣ намуда, зикр менамояд, ки биологҳо чун астрономҳо бар он андешаанд, ки миллиардҳо сол пеш аввалин мавҷуд протоплазмаро ҳосил намуд ва аз он амёба пайдо гардид. Аз ин омезиши баҳрӣ тамоми мавҷудоти зинда ба вуҷуд омад. Вақте аз биологҳо пурсида мешавад, ки аз об пайдо гардидани тамоми мавҷудоти зинда кай кашф гардид, онҳо ҷавоб медиҳанд: Дирӯз. Дар чунин ҳол 14 қарн пеш ягон файласуф ё олим наметавонист, ки ин кашфи биологиро дарёбад, ин дуруст аст? Онҳо ҷавоб медиҳанд: Оре. Пас, «фарзанди бесаводи биёбонро гӯш намоед: «Ва ҳар чизи зиндаро аз об пайдо кардем? Оё имон намеоранд?» (Сураи «Анбиё», 21:30). Ҳукми мазкур дар китоби Худо дар дигар ҷо низ тақвият меёбад: «Ва Худо ҳар ҷонвареро аз об офарид. Пас, аз инҳо он аст, ки бар шиками худ меравад; ва аз инҳо он аст, ки бар ду пой меравад; ва аз инҳо он аст, ки бар чаҳор пой меравад. Худо ҳар чи хоҳад, меофаринад. Ба дурустӣ ки Худо бар ҳар чиз Тавоно аст» (Сураи «Нур», 24:45) [4].

Ин ҷо суоле, ки бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, аз он иборат аст, ки оё Қуръон дар мавридҳои зикршуда, воқеан ҳам, ҳамон маънои илмиро дар назар доштааст, чуноне ки Аҳмад Дидат мепиндорад, ё чизи дигарро? Ҷавоб ба саволи мазкур таҳқиқи бештар ва ҷиддитарро тақозо менамояд. Пеш

аз рӯ овардан ба андешаи муфассирон ба Қуръон -- ба маънои оятҳои зикршуда таваҷҷуҳ менамоем. Вақте ояти 45 аз сураи «Анбиё»-ро аз Қуръон дармеёбем, сохтакории Аҳмад Дидат дарҳол маълум мегардад. Зеро Аҳмад Дидат бо мақсади таҳрифи маънои оят танҳо охири оятро зикр намудааст, ҳол он ки оят дар шакли комил ба таври зер аст: «Оё кофирон надиданд, ки осмонҳову замин баста буданд, пас, онҳоро во кардем («Во кардани осмонҳо» - фурӯ борондани борон аст; «во кардани замин» - рӯёндани гиёҳ аз вай аст) ва ҳар чизи зиндаро аз об пайдо кардем? Оё имон намеоранд?». Чи хеле ки аз маънии оят бармеояд, мурод аз об оби борон аст, ки тавассути он аз замин гиёҳҳо мерӯянд. Маънии мазкур ҳеҷ умумияте бо назарияи илмии пайдоиши ҳаёт аз об надорад. Барои огоҳии бештар аз маънии оятҳои зикршуда ба тафсирҳо рӯ меорем. Дар «Тафсиру анвор- ил- Қуръон», ки баргузидае аз се тафсир: «Фатҳ-ул-қадир»-и Шавконӣ, Тафсири Ибни Касир ва «Тафсир-ул-мунир»-и Ваҳбаи Зуҳайлист, дар шарҳи ояти 30 аз сураи «Анбиё» оварда шудааст: «Ва оё кофирон надонистанд, ки мо «ҳар чизи зиндаеро аз об падид овардем?», яъне мо ҳар мавҷуди зиндаро – аъам аз ҳайвон ва набот – бо обе, ки онро аз осмон нозил мекунем, зинда сохтем ва обро сабаби ҳаёти ҳар мавҷуди зиндае дар арсаи замин гардонидем. Ин мақтаъ аз оят назарияи илмиеро, ки мегӯяд: маншаи пайдоиши ҳаёти аввалия дарё будааст, таъйид мекунад». Тавре ки аз тафсири оят низ бармеояд, мурод аз маънии оят сабаби рӯидани растанӣ ва зиндагии ҳайвонот будани об аст. Бинобар ин, ояти мазкурро сарчашмаи назарияи илмии мазкур номидан таҳрифи маънии оят маҳсуб меёбад. Баръакс, ояти мазкур, чунонки тафсир иқрор медорад, назарияи собитшудаи илмиро таъйид менамояд.

Хусусияти илмӣ надоштани андешаи қуръонӣ дар бораи аз об пайдо шудани ҳаёт ва танҳо ҳамчун сарчашмаи ҳаёт

истифода шудани обро ояти 45 аз сураи «Нур» низ собит менамояд. Ояти зикршударо «Тафсиру анвор-ил-Қуръон» ба таври зер шарҳ медиҳад: «Ва Худост, ки ҳар доббаеро аз об офаридааст». Добба ҳар он чи ки бар замин аз ҷондорон мехазад ва меҷунбад. Пас асоси хилқати аввалияи ҳар ҷондоре аз об аст. Ё ин ки мурод, оби нутфа, яъне оби манӣ аст. «Пас бархе аз онҳо бар рӯи шикам роҳ меравандд» монанди морҳо, моҳиҳо, ҳашарот ва монанди инҳо «ва бархе аз онҳо бар рӯйи ду по роҳ меравандд» монанди инсон ва паррандагон «ва бархе аз онҳо бар рӯйи чаҳор по роҳ меравандд» чун соири ҳайвонот. «Худо ҳар чӣ бихоҳад меофаринад» аъам аз он чӣ, ки дар ин ҷо аз онҳо ёд кард ва низ он чи, ки дар ин ҷо аз онҳо ёде накард, чун ҷунбандагоне, ки бар бештар аз чаҳор по ҳаракат мекунанд, монанди харчанг, анкабут ва бисёре аз ҳашарот ва кирмҳои дигар ва низ чун ҷимодот, аъам аз мураккаб ва басити онҳо, нумукунанда ва нумунакунандаи онҳо. «Бегумон Худованд бар ҳар коре тавоност» ва ҳеҷ чиз бар ӯ душвор нест».

Дар тафсири ояти мазкур низ бараъло мушоҳида мегардад, ки фаҳмиши илмии аз об пайдо шудани тамоми мавҷудоти зинда барои Қуръон бегона аст. Муфассирон ҳамон шарҳеро пешниҳод менамоянд, ки барои фаҳмиши сатҳи миёнаи одамон хос мебошад. Ҷои шубҳае нест, ки шарҳи зикршудаи Аҳмад Дидат низ танҳо баъд аз интишор ёфтани назарияи илмии пайдоиши мавҷудот аз об пайдо шуд. Агар Аҳмад Дидат ҳадди ақалл панҷоҳ сол пеш аз кашфи мазкур зиндагӣ менамуд, ба ҳеҷ ваҷҳ, андешаи имрӯзаи худро баён карда наметавонист. Бинобар ин, хулосаҳои Аҳмад Дидат дар хусуси матни оятҳои Қуръонро ҳамчун сарчашмаи ин ё он назарияи илмӣ муаррифӣ намудан танҳо таҳрифи маънои ҳақиқии матни Қуръон асту халос. Аз маврид истифода бурда ҳамзамон таъкид бояд намуд, ки файласуфи юнонӣ Фалес ҳоло дар қарни VI пеш аз милод ғояи аз об пайдо шудани тамоми

мавҷудотро баён намуда буд, аммо он, ба ҳеҷ ваҷҳ, аз тарафи донишмандон ҳамчун назарияи илмӣ пазируфта нашудааст.

Гумон меравад, ки таҳрифи воқеият аз тарафи Аҳмад Дидат ба авҷи аълои худ мерасад, вақте ӯ дар хусуси таҳрики мусулмонҳо аз тарафи Қуръон ба омӯзиши биология, физикаи муосир, химияи муосир, геологияи муосир, ҷуғрофияи муосир, астрономияи муосир ва метеорологияи муосир сухан ронда, билохира чунин андешаҳои ғайривоқеӣ ва пуртаноқузро баён медорад: «Агар Мусулмонҳо намебуданд, Аврупо ҳеҷ гоҳ марҳилаи Эҳёи худро намедид ва марҳилаи илми имрӯза ҳеҷ гоҳ фаро намерасид. Халқҳое, ки донишҳои илмии худро аз Аврупо гирифтаанд, амалан шогирдони бавоситаи ҷомеаи исломӣ мебошанд. Инсоният аз Ислом сахт қарздор аст ва абадан бояд аз он миннатдор бошад» [4,228-230].

Воқеан, ин суханони зикршудаи Аҳмад Дидат хеле ва хеле тааҷҷубовар мебошанд. Чӣ тавр мусулмононро муҷиби замони Эҳёи Ғарб номид, дар ҳоле ки ҳатто имрӯз, яъне баъд аз 500 сол ҳам дар олами ислом Эҳёи воқеӣ фаро нарасидааст? Сониян, аз хулосаи мазкури Аҳмад Дидат чунин бардошт ҳосил мегардад, ки ӯ аз вожаи «эҳё» огоҳ аст, лекин аз мундариҷаи он не. Зеро «Эҳё» моҳиятан маънои эҳёи фарҳанг ва арзишҳои томасеҳию тоисломиро, ки ба ҷои таҳқиқи арзишҳои динӣ омӯзиши инсон ва табиатро ҳадафи таҳқиқи хеш қарор дода буд, дар назар дорад, на чизи дигарро. Чӣ тавр мусулмононро муҷиби Эҳёи Ғарб маҳсуб донист, ки онҳо тамоми бузургони илмро зери таҳқиру фишор қарор дода, онҳоро ба куфр ҳукм намуда буданд? Чӣ тавр мусулмононро муҷиби Эҳёи Ғарб шуморид, ки яке аз хусусиятҳои Эҳё ақлгароӣ маҳсуб меёбаду мусулмонон дар ватани хеш «нақл»-ро аз «ақл» афзал шуморида, ақлгароёнро таъқиб менамуданд? Чӣ тавр мусулмононро муҷиби Эҳёи Ғарб

номид, дар ҳолате ки мусулмонон ҳатто дар охири қарни XIX низ дар Бухоро хурдтарин навовариро бо ҳукми ҷадид зери таъқиб қарор медоданд? Аҳмад Дидат иддао менамояд, ки агар мусулмонон намебуданд, марҳилаи имрӯзаи илм ҳеҷ гоҳ фаро намерасид. Дар чунин ҳол суоле пайдо мешавад, ки худи мусулмонон кай ба дарёфти нозукиҳои илми имрӯза ворид мегарданд? Мувофиқи маълумотҳо, аз байни мардуми ғайримусулмон 170 нафар Ҷоизадори мукофоти нобелӣ ҳасту саҳми мусулмонон дар ин самт хеле ночиз мебошад. Аҳмад Дидат мусулмононро таҳрикдиҳандаи як қатор илмҳои муосир номидааст. Ин ҷо савол пайдо мешавад, ки агар хонандаи хушзавқ китобҳои илмӣ ё таълимиро доир ба соҳаҳои номбаршуда варақ занад, чанд маротиба ӯ бо номи донишманди исломӣ дучор меояду чанд маротиба бо номи донишманди ғайриисломӣ? Эҳтимол таносуб як бар сад не, балки як бар ҳазор бошад.

Қобили зикр аст, ки таҳрифкориро мо дар навиштаҳои донишманди шинохта ва дар саросари олами ислом паҳнгардида Ҳорун Яҳё низ мушоҳида менамоем. Яке аз китобҳои Ҳорун Яҳё бо номи «Муъҷизаҳои Қуръон» аз тарафи рӯзноманигори шинохтаи тоҷик Абдуқодири Абдуқаҳҳор ба забони тоҷикӣ тарҷима гардидааст ва он соли 2011 аз чоп баромадааст. Китоби мазкур бо чунин ояте, ки ба таъиноти ахлоқӣ доштани китоб ишора менамояд, оғоз мегардад: «Ва ба ҳақиқат, ин Қуръон ҷуз панде барои оламиён (чизи дигар) нест» (сураи «Қалам», ояти 52). Ояти мазкур мавзӯи таълимоти Қуръонро сареҳатан баён намуда, мавҷудияти дигар мавзӯъҳоро ба таври қатъӣ истисно намудааст. Ҳамчунин дар сураи «Ҳадид», ояти 25 низ таъкид мегардад: «Ба дурустӣ, ки Мо пайғамбарони Худро бо нишонаҳои возеҳ фиристодем ва ҳамроҳи онҳо Китоб ва тарозуро фуруд овардем, то мардумон ба инсоф амал кунанд». Дар ояти

мазкур низ танзими муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ҳамчун рисолати пайғамбарон ва ҳадафи Қуръон равшан муайян гардидааст. Бо вуҷуди ин, агарчанде дар саҳифаи якуми китоб муаллиф таъкид менамояд, ки «Мусаллам аст, ки Қуръон рисолаи илмӣ нест», боз дар саҳифаи баъдӣ ӯ менависад: «Қуръони карим дар тамоми соҳаҳои илм: астрономия, физика, тиб, химия, биология, таърих инсониятро аз донишҳо бархӯрдор намуд ва дар бораи чизҳое, ки инсоният комилан бехабар буд, аз ҷумла офариниши олам (олами кабир) то офариниши одам (олами сағир), сохти атмосфераҳо ва ҳамоҳангии қонунҳои физика маълумоти дақиқ ва аниқ пешниҳод намуд»[9,6]. Пӯшида нест, ки аз мундариҷаи Қуръон аввалин шуда мусулмонон огоҳ гардиданд, аммо, аз чӣ сабаб бошад, ки доир ба илмҳои фавқуззикр аз мусулмонон дида аврупоиҳо пештару бештар маълумоти дақиқ ва аниқ ба даст овარданд. Ба қавли дигар, худи Қуръон таъкид месозад, ки вай панд аст, на чизи дигар, аммо муаллифон ба Қуръон кашфиётҳоеро нисбат медиҳанд, ки худашон аз онҳо баъд аз кашфи аврупоиҳо огоҳ гардидаанд. Гумон меравад, ки ҳукми ояти 105 аз сураи «Наҳл» «Ҷуз ин нест, ки дурӯғро касоне ифтиро мекунанд, ки ба оятҳои Худо имон надоранд ва онҳо дурӯғгӯянд» маҳз чунин донишмандони мусулмонгумроҳкунандаро дар назар дорад. Ҳорун Яҳё дар китоби зикршудаааш баъзе оятҳоро интихоб намуда, кашфиётҳои илмиро ба таври исканапайванд бо мазмуни оят пайваст намудааст. Аз ҷумла, оятҳои 1-6 аз сураи «иншироҳ»- «Оё синаатро барои ту накушодем? Ва он бори туро аз (дӯши) ту барнагирифтем, ки пушти туро гарон карда буд? Ва зикратро барои ту баланд сохтем. Пас, ба дурустӣ, ки бо душворӣ осонӣ аст. Албатта, бо душворӣ осонӣ аст»-ро зикр намуда, ӯ дар бораи тангшавии рагҳои хунгарди дил (атеросклероз), ки метавонад тадричан ба басташавии рагҳо ва

дар ниҳоят ба сактаи дил оварда расонад, маълумот додааст. Чизе, ки зиёда аз ин хандаовар аст, дар охири қисмати мазкур Ҳорун Яҳё боз таъкид менамояд, ки баъд аз сураи мазкур «сураи «Тин» меояд, ки дар он Аллоҳ Таоло доир ба анҷир хабар дода, бо анҷир ва зайтун савганд ёд мекунад, ки барои сиҳатии одам хеле муфиду зарурист» [9,74-75].

Қобили зикр аст, ки муаллифи «Сирату-л-яқин» ҳодисаи зикршударо пора кардани синаву баровардани баҳраи шайтон арзёбӣ кардааст. Тибқи ривоят бошад, ду марде шиками пайғамбарро «чок карданд ва чизеро дар он ҷустуҷӯ карда, онро гирифта андохтанд» ва он чӣ будааст, ӯ худ намедонистааст [8,18-19]. Аммо Ҳорун Яҳё зимни шарҳи ҳодисаи мазкур дар кӯдаки хурдсоли бузғолабон нишонаи атеросклерозу сактаи дилро дарёфтааст, ки аз ҳақиқат дур буда, хеле ва хеле хандаовар ҳам мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки дар таҳрифи маънии оятҳои Қуръон ва эҷодкориҳои маонии нав дар он Абдулкарими Беозори Шерозӣ ба худ ҳамто надорад. Номбурда ояти 2 аз сураи «Алақ»-ро ба таври зер: «Худованд инсонро аз алақ биёфарид» тарҷума намуда, бо чунин маънӣ тафсири худро пешниҳод намудааст: «Дар марҳилаи саввум инсон аз алақ офарида шудааст, алақ дар луғат кирмест, ки ба девори раҳм мечаспад ва ба маънои золуву (зуллук) (шуллук-А.К.) ҳайвони шиновари хунхӯр низ омадааст. Ва иттифоқан имрӯза вақте испермотузуйидро зери микрускуп мегузоранд, анбуҳи касири кирмакҳои зиндаи шиновареро мушоҳида мекунанд, ки ин кирмакҳо вақте вориди раҳм мешаванд, монанди золу ба девораи раҳм мечаспанд.

Алақ, ки ба он кирмак ё испермотузуйид гуфта мешавад, дар ҳудуди чаҳор сонти мукааб аст, ки дар ҳар як аз 100 то 200 миллиюн ҳайвони зиндаи шиновар ёфт мешавад» [3,65]. Аввалан, вобаста ба вожаи «алақ» ҳаминро бояд гуфт, ки вай

дар «Арабско-русский словарь»-и Х.К. Баранов ҳамчун шуллук (ҳайвоне, ки тахминан баробари нохун ҳаҷм дошта, дар чашмаҳо зиндагӣ менамоянд ва зимни об нӯшидани говҳо ба таги забони онҳо даромада, хуни онҳоро мемаканд) ва ҳамчун «хуни лахтбаста» тарҷума шудааст. Аммо дар тарҷимаҳои зиёди Қуръон, аз ҷумла дар тарҷумаи И. Ю. Крачковский, Э. Кулиев, М. Н. Османов ва В. М. Порохова «алақ» ҳамчун «хуни баста» (сгусток) тарҷума шудааст. Ҳамчунин дар китобе зери унвони «Тарҷумаи луғоти Қуръони карим» тарҷумаи вожаи зикршуда дар шакли «хуни баста» дучор меояд [10]. Вожаи «алақ» ҳамчунин дар тафсири яке аз муфассирони маъруфи муосири араб Абдураҳмон ибни Носир ас-Саъдӣ низ чун «хуни баста» мушоҳида мегардад [2]. Чи хеле ки дида мешавад, дар тамоми тарҷумаҳои Қуръон вай ҳамчун хуни лахтбаста пешниҳод шудааст. Аммо донишманди мазкур бидуни шарму ҳаё онро сперматозоид тарҷума намудааст. Ҳол он ки сперматозоидро микроскописти ҳолландӣ Антони ван Левенгук соли 1677 бо нишондоди рафиқи дӯсташ, донишҷӯи табиб Иоган Гам кашф намуда, пурра тасвир намудааст.

Вобаста ба чунин тарҷума ва шарҳҳо як идда саволҳо пайдо мешаванд. Аввалан, агар алақ маънои сперматозоидро дошта бошад, пас хидмати Левенгук ва Гам дар чӣ ифода меёбад? Сониян, барои чӣ то ҳол он ҳамчун хуни лахтбаста тарҷума мегардад? Солисан, оё мумкин аст, ки дар бораи ҷондоре, ки онро танҳо тавассути микроскоп дидан мумкин аст, дар фазои ғайриилмии қарни VII сухан ронд? Албатта, не! Пас, оё конкордизм (мувофиқсозӣ)-и сунъӣ ва аз воқеият дур бар зарари шаъни Қуръон нахоҳад буд? Оё чунин амал, яъне таҳрифи маънии Қуръон аз нигоҳи шаръӣ ҷоиз аст? Магар чунин дурӯғбофиҳо оқибати хуб доранд? Тасаввур намоед, ки чанд сол пеш дар ҳама ҷо номи Ҳорун Яҳё ҳамчун кашшофи

бесобиқаи илм дар Қуръон тавассути китобҳою дискҳо вирди забонҳо гардида буд. Имрӯз, чун мардум аз ҳақиқат воқиф гардиданд, касе ӯро ёд наменамояд, пас мардум фаҳмиданд, ки таҳрифкориҳои ӯ дар маънои Қуръон робитае бо воқеият надоранд.

Албатта, баъд аз ин андешаҳо ва намунаҳои овардашуда саволе пеши назар меояд, ки пас Қуръон дар бораи чист? Ҷавобан ба саволи гузоштташуда бояд зикр намуд, ки маънӣ ва мазмуни Қуръонро аз муҳити сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии қарни VII араб ҷудо тасаввур намудан иштибоҳи бузург маҳсуб меёбад. Худи тақсим гардидани сураҳо ба маккагӣ (маккӣ) ва мадинагӣ- ду шаҳри асримиёнагии Арабистон далели гуфтаҳои болост. Сонияն, агар ба маънии оятҳо таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки андешаҳо аз номи Худо тавассути пайғамбар ба мардуми араб, пеш аз ҳама, мушрикон нигаронида шудаанд. Яъне, мардуми арабро аз бутпарастӣ баргардонида, ба ибодати Аллоҳ водор сохтан мавзӯи асосии Қуръон маҳсуб меёбад. Аммо дар баробари мавзӯи асосӣ боз сарпечӣ ва муқовимати мушрикон, саргузашти пайғамбарони пешин, муаяйн намудани рафтору кирдори байниҳамдигарии арабҳои мусулмонгардида ва амсоли инҳо низ дар Қуръон матраҳ гардидаанд. Аз ҷумла, ояти якум аз сураи «Алақ» «Бихон ба номи Парвардигорат, ки офарид» хоси ибтидои ваҳй буда, бевосита ба Муҳаммад нигаронида шудааст. Яъне, амри мазкур маҳз Муҳаммад ва маҳз оғози ваҳйро дар назар дорад. Ҳукми ояти 94 аз сураи «Ҳиҷр» «Пас он чиро, ки ба он фармуда мешавӣ, ошкор кун ва аз мушрикон рӯй бигардон» низ хусусияти мазкурро шомил аст. Ояти мазкур баъд аз се соли даъвати пинҳон нозил гардид ва ба Муҳаммад амр намуд, ки ба даъвати ошкоро гузарад. Ҳамчунин аст ҳукми ояти 7 аз сураи «Мудассир», ки баъд аз 40 рӯзи канда шудани ваҳй ба Муҳаммади дар ҷомапечида амр намуд, ки бархезаду бим

диҳад». Тавре ки дида мешавад, тамоми оятҳои зикршуда хоси шахси мушаххас ва вақти мушаххас мебошанд. Бояд ёдовар шуд, ки ҳукми оятҳои 214-216 аз сураи «Шуаро» маҳз ба хешовандони пайғамбар нигаронида шудаанд ва бевосита марҳилаеро инъикос менамоянд, ки мушрикони Макка аз даъвати пайғамбар рӯ гардонида буданд. Оятҳои зикршуда ба таври зер садо медиҳанд: «Хешовандони наздики худро бим кун. Ва барои онҳое аз муъминон, ки ба ту пайравӣ карданд, бозуи худро суст кун (Яъне фурӯтан бош). Пас, агар нофармонӣ, бигӯ: Ҳамоно аз он чӣ шумо мекунед, безорам».

Дар ояти 24 аз сураи «Зухруф» мубоҳисаи байни Муҳаммад ва мушрикон, ки хоси ибтидои ислом аст, иброз гардидааст: «Гуфт: (Яъне пайғамбар) «Оё агарчи ба шумо дине овардаам, ки аз чи бар он падарони худро ёфтаед, зиёдтар роҳнамоянда аст?» (Яъне: боз ҳам ба падарони худ пайравӣ мекунед) гуфтанд: «Ҳамоно мо ба он чи, ки шумо ҳамроҳи он фиристода шудед, беэътиқодем».

Дар воқеъ, мавзӯи андешаҳои қуръонӣ ҳамон муҳити иҷтимоиест, ки дар он Муҳаммад фаъолият намудааст. Ба таври мисол, дар Қуръон дар ояти 24 аз сураи «Ҷосия» дар хусуси ашхосе маълумот дода мешавад, ки онҳо суханони Муҳаммадро дар хусуси зинда гардонидан баъд аз миронидан инкор мекардаанд ва иддао менамудаанд, ки ғайр аз ҳаёти ҳамин дунё дигар ҳаёт вуҷуд надорад ва моро танҳо ҳукми замона (даҳр) ба ҳалокат мерасонад. Қобили зикр аст, ки ашхоси мазкур суханони Муҳаммадро инчунин дар бораи ҷаннат ҳамчун макони неъматҳои фаровони моддӣ мавриди истеҳзо қарор медодаанд. Аз ҷумла, ҳамон Ос ибни Воил (падари Амр ибни Ос) аз қабилаи Саҳм ва Қурайш аз яке аз мусулмонон қарздор будааст. Ин мусулмон вақте қарзашро талаб менамояд, Ос мегӯяд: Оё Муҳаммаде, ки ту дар дини ӯ ҳастӣ, намепиндорад, ки ҳар оина дар ҷаннат барои аҳли он

мувофиқи талабашон тилло ё нуқра ё ҷомаҳо ва хидматгузорҳо мебошад? Он мусулмон мегӯяд: Оре. Пас, Ос мегӯяд: То он рӯз маро муҳлат деҳ, зуд аст, ки маро молу фарзанд дода мешавад, пас қарзи туро адо мекунам. Бояд гуфт, ки оятҳои 77-80 аз сураи «Марям» маҳз ба шахси зикршуда, яъне Ос бахшида шудааст. Дар оятҳои 29-30 аз сураи «Мутаффифин» ҳолати истеҳзо ва масхара гардидани мусулмонон аз тарафи мушрикон зимни дар кӯчаҳо рӯбарӯ гардидан ифода ёфтааст.

Мавзӯи марказии таълимоти Қуръон будани муҳити иҷтимоии Муҳаммадро инчунин ҳодисаи зерин собит менамояд. **Яке аз душманони сарсахти Муҳаммад Уқба будааст, ки дар ҳамсоягӣ бо Муҳаммад мезистааст. Боре ӯ маъракае меорояду дар он Муҳаммад низ иштирок доштааст. Муҳаммад ба ӯ мегӯяд: Ман таоми туро намехӯрам, то вақте ки ба пайғамбарии ман шаҳодат надиҳӣ. Уқба шаҳодат медиҳад. Хабари мазкур ба дӯсти ӯ Убай мерасад. Убай ба Уқба мегӯяд: Рӯи ман бар рӯи ту ҳаром аст, агар Муҳаммадро бархӯрд кунӣ ва гардани ӯро накубӣ ва ба рӯяш туф накунӣ ва бар чашмаш сила назанӣ. Ҳангоме ки Уқбо пайғамбарро дучор меояд, гуфтаи Убайро анҷом медиҳад**. Суханоне, ки дар оятҳои 27-29 баён ёфтаанд, маҳз амалҳои Уқбаро дар назар доранд, яъне амалҳои содирнамудаи Уқба сабаби баёни оятҳои зикршуда мебошанд [8,60].

Аз ҷумлаи **озордиҳандагони Муҳаммад Валид ибни Муғира** маҳсуб меёбад, ки Муҳаммадро соҳиру ҷодугар меномидааст. Оятҳои 11 то 26 аз сураи «Мудассир» пурра ба ӯ нигаронида шудаанд. Аз ҷумлаи озордиҳандагони **Муҳаммад инчунин Назр ибни Ҳорис будааст. Ӯ мегуфтааст, ки дар суханварӣ аз Муҳаммад беҳтар аст. Оятҳои 6-7 аз сураи «Луқмон» дар ҳаққи ӯ гуфта шудаанд. Он пайравони**

**пайғамбар, ки заиф буда, зери озору шиканҷа қарор доштаанд, мавриди таваҷҷуҳи ояти 5 аз сураи «Қасас» қарор гирифтаанд.**

Вақте ки озору шиканҷаи мушрикон натиҷа намедиҳад, онҳо Утба ибни Рабиаи Абшамиро мефиристанд то бо пешниҳодҳо Муҳаммадро аз роҳаш боздоранд. Дар ҷавоб Муҳаммад ояти 16 аз сураи «Фуссилат»-ро ба ӯ қироат менамояд. Вақте зулму фишору ҷоҳу мансабу сарвати пешниҳодшуда натиҷа намедиҳад, онҳо пешниҳод мекунанд, ки пайғамбар дар ибодаташон шарик шавад. Ба сифати ҷавоб ба онҳо сураи «Кофирун» хонда мешавад. **Пас, аз Муҳаммад талаб мекунанд, ки аз мазаммати бутҳо, сахт бим додан даст кашад, ё Қуръонро иваз намояд, ё таҳриф созад, ё Қуръони дигаре биёварад. Маънии баёншуда дар ояти 15 аз сураи «Юнус» ифода ёфтааст [8,75]**.

Хулоса, оятҳое, ки бевосита ба раванди мусулмонгардонии арабҳо ва мушкилоти дар ин самт пайдошаванда нигаронида шудаанд, дар Қуръон хеле зиёданд. Аммо намунаҳои овардашуда бори дигар собит менамоянд, ки мавзӯи марказии Қуръон аз он иборат аст, ки мардуми Макка тибқи даъвати Муҳаммад аз парастиши бутҳо даст кашида ба ибодати Худои ягона – Аллоҳ пардозанд ва Муҳаммадро расули Худои ягона эътироф намоянд. Яъне, даъват намудани аввалан мардуми Макка ва баъдан аҳолии дигар манотиқ ба сӯи ислом аз мазӯъҳои калидӣ ва марказии Қуръон маҳсуб меёбад. Албатта, дар ин раванд аз тарафи мардуми бутпараст муқовимати ҷиддӣ сурат мегирад. Бинобар ин, масъалаи мутмаин сохтани мардум ба дурӯғин будани худои онҳо ва росту ҳаққонӣ будани суханони Худо ва таъин гардидани Муҳаммад ба сифати расули ӯ аз мавзӯъҳои марказии Қуръон маҳсуб меёбанд. Барои ба даст овардани эътиқоди мардум Муҳаммад нишонаҳои Худоро дар хусуси офарида шудани олам ва одам,

бо иродаи Худо сурат гирифтани ҳодисаҳои мухталифи динӣ иброз медорад. Аммо бояд қайд намуд, ки андешаҳои гуногун доир ба ҳодисаҳои мухталифи табиат овардашуда мутобиқ ба сатҳи фаҳмиши арабҳои ибтидои қарни ҳафтуми Арабистон мебошад. Аз ин нуқтаи назар, дар Қуръон ҷустани андешаи илмии дар қарнҳои XVIII-XX кашф гардида на танҳо гумроҳсозии аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад, балки тадриҷан моҳият ва таъиноти динии Қуръонро дар ҳошия қарор додан аст.

Дар хулоса, бори дигар зарурат ба такрор аст, ки оятҳои Қуръон бо ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Арабистони Марказии қарни VII робитаи қавии ногусастанӣ доранд ва чанд далели дар робита ба масъалаи мазкур овардашуда танҳо қатрае аз баҳр маҳсуб меёбанд. Бо вуҷуди ин ҳар гуна шахси тааммулу тааққулкунанда дар асоси чанд мисоли овардашуда низ имкон пайдо менамояд, ки дар бораи маънои умумии оятҳои Қуръон тасаввуроти дуруст ва воқеӣ ҳосил намуда, аз ҳама гуна шарҳу тафсирҳое, ки таъиноти сиёсӣ-идеологӣ доранд, худро дар канор гирад.

Воқеан, аз доираи кашфиёт ва дастовардҳои илмии қарнҳои XIX-XX ба фаҳмишу тасаввуротҳои хоси қарни VII назар андохта, маонии онҳоро тағйир додан, бидуни шубҳа, танҳо ба хотири, аз як тараф, татбиқи хоҳишу мақсадҳои дунявии манфиатнок, аз тарафи дигар, бо мақсади дунболагирӣ намудани аҳдофи сиёсӣ-идеологии моҳиятан хориҷии зиддиинсонӣ сурат гирифтаанд.

## Адабиёт

1. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маънохои он ба забони тоҷикӣ. Душанбе, «Эр-граф», 2011.

2. Абд ар-Рахман бин Насир ас-Саъди. Толкование Священного Корана. Облегчение от великодушного и милостивого. Т.3. Перевел Эльмир Кулиев. М. 2012.

3. Абдулкарими Беозори Шерозӣ. Қуръон ва табиат. Баргардони Обид Шукурзода ва Мирзо Шукурзода. Теҳрон, 2002.

4. Дидат Ахмед. Выбор. Международный Исламский Университет,1-е издание: 1 июля 1998 г. -С. 288.

5. Макаров А.Д. Историко-философское введение. М.: «Мысль», 1967. -С. 422.

6. Рӯҳонӣ Камол. Эъҷози Қуръон дар асри фазо ва текнулуҷӣ. (Маркази бахш Санандиҷ, пахши китоби Имом Ғазолӣ, чопи сеюм, 1389), -С. 330.

7. Тафсир-ул-анвор. Тартиб ва тарҷумаи Абдуррауфи Мухлис. Ба хатти форсӣ. URL: http://www.qurancomplex.com.

8. Шайх Муҳаммад Хузарӣ. Сирату-л-яқин. Тарҷумаи Нуру-л-яқин. Душанбе, 2010. -С. 446.

9. Ҳорун Яҳё. Муъҷизаҳои Қуръон. -Душанбе, 2011.-С. 179.

10. Ум Хузайма бинти Абдулҳамиди Шофеӣ. Тарҷумаи луғоти Қуръони карим (Ба хатти форсӣ). URL: www.aqeedeh.com.

**Меҳр СОБИРИЁН**
*пажӯҳишгар*

# САРНАВИШТИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

## Пешгуфтор

Масъалаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ тайи се даҳаи охир мавриди баррасии соҳибназарони аксар кишварҳои ҷаҳон қарор гирифтааст. Дар раванди ҷаҳонишавӣ мардумони кишварҳои гуногун бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд ва ба ҳамдигар аз лиҳози сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонанд. Як гурӯҳ ин равандро ҳувиятзудо дарёфта, аз хатароти он сухан дар миён мегузоранд, гурӯҳи дигар бошад, баръакс, раванди ҷаҳонишавӣ ва наздикшавии миллатҳои гуногунро омили баланд шудани ҳувияти миллӣ меноманд. Онҳо муътақиданд, ки дар баробари шиносоии бештари миллатҳои дигар, намояндагони як миллат ба фарҳанг ва таърихи худ таваҷҷуҳи бештар намуда, худро бар баробари дигарон мегузоранд. Ин дар натиҷа боиси баландтар шудани худшиносии миллӣ гашта, дар зеҳни мардум масъалаи ҳифзу тақвияти фарҳанги худашонро ба вуҷуд меоварад.

Ҷаҳонӣ шудан дар шакли имрӯзаи он аз нимаи дуюми асри гузашта шурӯъ шуд. Дар рақобат бо Иттиҳоди Шӯравӣ ИМА ҳамкориҳои иқтисодиву сиёсии худро бо кишварҳои шарики худаш густариши зиёд дод. То дараҷае, ки иқтисоди онҳо аз ҳам вобаста шуд ва қатъи ин ҳамкориҳо ба ҳама ҷонибҳо зарару зиёни иқтисодӣ ва дар зимн иҷтимоиву сиёсиро дар пай дошт. То имрӯз ин раванд хеле қавитар шуда, иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, ба истиснои чанд кишвари ба

истилоҳ “рондашуда”, аз ҳамдигар вобастагиҳои зиёд дорад. ИМА тавонист ҳатто Ҷумҳурии Мардумии Чинро, дар давраи авҷи рақобатҳояш бо Иттиҳоди Шӯравӣ, ба раванди ҷаҳонишавии сармоядорӣ ворид кунад ва ин кишвар ҳам наметавонад дар ҳоли ҳозир бе дарназардошти манфиатҳои ИМА иқдомҳои бузургеро дар сатҳи ҷаҳонӣ бигирад.

Маҳдуд будани захираҳо ва зиёд шудани аҳолии курраи Замин кишварҳои ҷаҳонро маҷбур месозад, ки барои ҳарчи самараноктар истифода бурдани ин захираҳо истеҳсолоти маҳсулоти алоҳидаро дар кишварҳои махсусе ба роҳ монанд, ки таносуби аз ҳама бештари нарху сифатро доро бошанд. Ширкатҳои байналмилалӣ дар ин раванд нақши барҷаста доранд. Онҳо технологияи истеҳлот ва бозорҳои асосии ҷаҳонро дар даст доранд ва метавонанд дар ҳама қитъаҳои олам фаъолияти худро ба роҳ монанд. Имрӯз кор ба ҷойе расидааст, ки қисмҳои алоҳидаи як маҳсулотро дар чанд кишвар истеҳсол карда, маҳсулоти тайёри онро дар як ё якчанд кишвари дигар ҷамъоварӣ мекунанд ва баъдан дар тамоми ҷаҳон ба фурӯш мебароранд.

**Аҳамияти мавзӯъ.** Ба хотири баъзе хатароти мавҷуда ба ҳувияти миллӣ дарҳои кишвари худро ба рӯйи раванди ҷаҳонишавӣ бастан ба манфиати ҳеҷ кишваре буда наметавонад. Масъала дигар ин нест, ки барои ҳимояи ҳувият ва ё дигар вижагиҳои худ як миллат худро аз раванди ҷаҳонишавӣ берун нигаҳ дорад. Масъала ин аст, ки роҳҳои дурусти ҳифзи бақо дар шароити ҷаҳонишавӣ ба роҳ монда шуда, вижагиҳои миллӣ, аз ҷумла ҳувияти миллӣ нигаҳ дошта шавад. Ба ибораи дигар ворид шудан ва истифодаи самаранок кардан аз раванди ҷаҳонишавӣ ногузир аст ва сарнавишти ҳувияти миллӣ дар ин шароит дар дасти худи давлатҳои миллӣ мебошад. Муайян кардани бурду бохтҳои ин раванд ва коркарди стратегияи дурусти давлатӣ ҷиҳати рушди иқтисод

ва ҳимояву тақвияти ҳувияти миллӣ, дар асри муосир аз аҳамияти вижа бархурдор аст.

**Ҳувияти миллӣ.** *“Ҳувияти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки дар тӯли таърих шакл мегирад ва унсурҳои таркибии он бо мурури замон ба қолабҳои фарогири фикрӣ ва меъёрҳои устувори рафторе табдил меёбанд, ки омма ба таври ғайрииродӣ онҳоро риоят мекунанд”*[9]. Дарки фарқият ва ҳис кардану эътирофи “мо” ва ”дигарон” қадамҳои аввалин дар шаклгирии ҳувияти миллии шахс мебошанд. Ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҳувияти миллӣ дар шакли забони муштарак, рамзҳо, фарҳанг ва таърихи муштарак шинохта мешавад. Ҳувияти миллии як шахс, дар шакли мусбати он, дар меҳанпарастии шахс дида мешавад, ки ифтихор аз миллати худ дорад ва нисбати он меҳру муҳаббат варзида, дар назди он масъулиятпазир аст. Дар шакли манфӣ он ҳамчун “шовинизм” буруз мекунад, ки дар он шахс миллати худро аз ҳама бартар медонад.

*“Ҳувияти миллӣ маҷмӯи хусусиятҳои равониву иҷтимоии ба ҳам монанди намояндагони миллат ва ё гурӯҳи этникиест, ки дар робита ба шакли ҷаҳонбинӣ, муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ ва сиёсиву ҷуғрофӣ ба таври устувор ҳамчун қолаб ва меъёрҳои рафтор дар шуур ва зершуури ҳомили худ шакл гирифта, андеша ва амали ӯро танзим мекунад”*[9]. Ҳувияти миллӣ вижагии модарзодӣ нест, балки сохтаи иҷтимоист. Ҳувияти миллӣ зери таъсири забон, таърих, фарҳанг, муҳити иҷтимоӣ ва тарбиятиву таълимӣ, анъанаву одатҳо, сиёсат, мусиқӣ, васоити ахбори омма ва дигар падидаҳои мавҷуда дар ҷомеае, ки шахс ба воя мерасад, шакл мегирад. Бо муайян кардани ҳувияти миллии худ афроди ҷомеа арзишҳои он ҷомеаро пайгирӣ карда, дар зиндагии рӯзмараи худ онҳоро татбиқ мекунанд. *“Дар воқеъ, ҳувияти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки аз дидгоҳ ва фаъолияти амалии*

***намояндаи миллат ошкор мешавад. Ин мафҳум бо мафҳуми "худшиносии миллӣ" иртиботи мустақим дорад. Қавӣ будани ҳувияти миллии намояндагони миллат маҳаки асосии ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии иҷтимоии онҳост"***[9].

Дар ниҳоят метавон гуфт, ки "ҳ***увият ба маънии "чӣ касе будан" аз ниёзи табиии инсон ба шинохта шудан ва муаррифӣ шудан ба чизе ё ҷойе нишот мегирад. Ин эҳсоси ниёз ба таалluқ доштан ниёзе зотӣ ва асосие аст, ки дар ҳар фард вуҷуд дорад. Ба иборати дигар, ҳувият навъе намодсозӣ ва падидаи фарҳангие аст, ки афрод, гурӯҳҳо, ақвом ё маконҳо барои мушаххассозии мавҷудияти худ ва фарқ доштан аз дигарон ба худ мегиранд"***[5].

**Ҷаҳонишавӣ.** Ҷаҳонишавӣ ин раванди додугирифт ва ҳамгироии иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ миёни мардум, ширкатҳо ва давлатҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Ин раванди ҳамкориву ҳамгирой асрҳо вуҷуд дошт, аммо рушди босуръати технологияи комуникатсионӣ ва ҳамлу нақл дар нимаи дуюми асри 20-ум ба ин раванд суръати бештар бахшид. Дар баробари ин рақобатҳои шадид дар бозорӣ ҷаҳонӣ, ки ширкатҳои бузургро маҷбур месохт барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва дастрасӣ ба бозорҳо, фаъолияти худро дар ҳама гӯшаҳои дунё ба роҳ монанд, раванди ҷаҳонишавиро тезонид. Бо ин роҳ онҳо метавонистанд тақсимоти меҳнатро дурусттар ба роҳ монда, ҳарҷҳои камтарин дар истеҳсоли маҳсулоти босифат дошта бошанд.

Ин ҷаҳонишавии иқтисодӣ ҳамкориҳо миёни миллатҳои гуногунро бештар кард. Паҳн шудани маҳсули ҳунармандону эҷодкорони кишварҳои гуногун ба тамоми ҷаҳон низ раванди ҷаҳонишавиро суръат бахшид. Дар чанд даҳсолаи охир раванди муҳоҷират, чӣ мавсимӣ бошад чӣ доимӣ, фарҳангҳои гуногунро низ бо ҳам рӯ ба рӯ карда, ба раванди ҷаҳонишавӣ таъсиргузор буд. Илова бар ин беҳтар шудани сатҳи зиндагии

мардум дар кишварҳои муайян рушди сайёҳиро дар пай дошт. Ҳамаи ин омилҳо раванди ҷаҳонишавиро ба таври бесобиқа густариш доданд.

Бо сабаби ин, ки нақши давлатҳо дар танзими ин ҳама равандҳои ҳамкориву ҳамгирой ҳалкунанда мебошад, муносибатҳои сиёсӣ ва равобити байниҳамдигарии давлатҳо низ дар раванди ҷаҳонишавӣ беш аз пеш густариш ёфтанд. Дар чунин ҳолат ҷанбаҳои сиёсии ҷаҳонишавӣ низ суръати баланд пайдо кард. Давлатҳо бо бастани шартномаҳои гуногун ва ворид шудан ба сазмону ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид шуда, аз он барои кишварҳои худ манфиат меҷустанд. Дар воқеъ, *"кишварҳое, ки раванди ҷаҳонӣ шуданро дарк карда бошанд ва созукорҳои онро бишносанд, метавонанд ҷойгоҳи муносибе барои худ дар низоми ҷаҳонӣ пайдо кунанд"*[6].

Ҳамин тариқ, *"ҷаҳонишавӣ ба як гароиши густардаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ширкатҳои байналмилалӣ дар чандин кишвар маҳсулот истеҳсол карда, онро дар тамоми ҷаҳон ба фурӯш мебароранд. Сармоя, технологияҳо ва ашёи хом боз ҳам сареътар ва осонтар марзҳои давтарҳои миллиро убур мекунанд. Дар баробари молу коло ва сармоя идеяҳо ва фарҳангҳо боз ҳам гардиши озодтар пайдо кардаанд. Дар натиҷа ҳаракатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ ташаккул меёбанд"*[3].

**Ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.** Масъалаи ҳифзу бақои ҳувияти миллӣ дар шароити нави ҷаҳонишавӣ мавриди омӯзиши марказҳои илмии гуногун қарор гирифтааст. Дар ин масъала муҳаққиқон ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд. Як гурӯҳ бар он аст, ки раванди ҷаҳонӣ шудан ба ҳувияти миллии миллатҳои гуногунро таъсири манфӣ гузошта, онҳоро ба ҳам шабеҳ месозад ва вижагиҳои хосашонро аз миён мебардорад. Гурӯҳи дигар назари

мутафовит доранд ва бар инанд, ки баръакс, раванди ҷаҳонишавӣ ҳувияти миллиро тақвият мебахшад. Чунки миллатҳои алоҳида бо рӯ ба рӯ шудан бо дигарон вижагиҳои хешро равшантар дида, ҳувияти худро тақвият медиҳад ва дар баробари дигарон ҳифз мекунанд.

Бешак, таъсирпазирии миллатҳо аз якдигар дар шароити ҷаҳонишавӣ хеле бештар аст ва ин наметавонад ба ҳувияти миллии мардум бетаъсир бошад. Аммо ин таъсирот на ҳамеша манфӣ ҳастанд. Бо дарназардошти манофеи худ дар сатҳи ҷаҳонӣ қишри созандаи ҳар ҷомеа ислоҳоти фарҳангиро ба роҳ мемонанд. Дар ин раванд таъсири ҷаҳонишавӣ назаррас аст. Аммо бе он ҳам фарҳанг ҳамеша дар ҳоли тағйир аст. Инсонҳо фарҳангро месозанд ва фарҳанг дар навбати худ инсонҳоро месозад. Яъне инсонҳои эҷодкору созанда фарҳангро тағйир дода, бо назардошти талаботи замон ва манфиати ҷомеаи худ ба он ислоҳот ворид мекунанд. "***Фарҳанг дар гуфтугӯ бо тағйири шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ тағйир меёбад. Як фарҳанг бо фарҳангҳои дигаре, ки бо онҳо дар тамос аст ва ҳамкориҳои тиҷоративу сиёсӣ дорад, такомул меёбад. Ба ҳар ҳол фарҳангро инсонҳо месозанд. Дар саргаҳи фарҳанг гурӯҳи иҷтимоӣ қарор дорад: гурӯҳи инсонҳои дорои хусусиятҳои эҷодкорӣ ва озодманишӣ***" [3]. Ба эҳтимоли зиёд ин гурӯҳ тағйиротро ба манфиати худи ҳамон ҷомеаҳо вориди фарҳангашон мекунанд. Мисоли равшани ин тағйироти охир дар фарҳанги мардуми Арабистони Саудӣ метавонад бошад. Дақиқтараш тағйирот дар фарҳанг ва баъдан дар қонуни ин кишвар, ҷиҳати ин ки ба бонувон ҳуқуқи ронандагӣ дода шавад. Бе шак ин натиҷаи таъсири ҷаҳонишавӣ буд, вале тағйироте, ки ворид шуд, ҳеҷ таъсири манфие ба ҳувияти миллии онҳо расонида наметавонад.

Мухолифони ҷаҳонӣ шудан ба он назаранд, ки дар ин раванд фарҳангҳои бузург густариши бештар пайдо карда, ҷойгоҳи фарҳангҳои дигарро танг месозанд. Яъне дар шароити ҷаҳонишавӣ як фарҳанги умумиҷаҳонӣ дорад шакл мегирад. Аммо чунин шакл гирифтани ҷаҳон ғайримумкин ба назар мерасад. Чунки, ***"ҷаҳонӣ шудан бештар ба маънои ҳузури ҳамзамони фарҳангҳои мутафовит аст, то султаи фарҳанги хос бар фарҳангҳои дигар. Фарҳангҳо зимни ин ки аз якдигар мутамоиз ҳастанд ва ба таври мустақил дорои ҳаёт мебошанд, дар шабакае аз иртибототи байнифарҳангӣ қарор гирифта, аз якдигар мутаассир шуда ва ҳар як аз онҳо созандаи ҷомеа ва фарҳанги ҷаҳонӣ мебошанд"***[5].

Ба ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки сарнавишти ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар дасти қишри огоҳ, эҷодкор ва созандаи ҳар миллат аст. Онҳо ҳастанд, ки дар рушду такомули фарҳангҳои миллӣ саҳм доранд ва метавонанд дар баробари густариши ҳамкориҳову ҳамгироиҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳувияти миллии худро ҳифз кунанд. ***"Дар ҳоле, ки раванди ҷаҳонишавӣ ҳувияти миллиро ба чолиш мекашад, зуҳури фарҳанги ҷаҳонӣ фаъолияти эҷодкоронаи гурӯҳҳои миллиро дар дохили кишварҳои муайян тақвият мебахшад. Дар ҳоли ҳозир ҳувиятҳои миллӣ таҳти фишорҳои ҷаҳонишавӣ таърифи тозаеро ба худ мегиранд"*** [2].

Ба роҳ мондани сиёсати дуруст дар замони муосир таъсири барҷастае ба ҳувияти миллӣ дорад. Аз сабаби он ки давлатҳои миллӣ сарватҳои миллиро идора мекунанд ва дорои қудрат ҳастанду назорати ҷомеаро дар даст доранд, нақши онҳо низ дар ҳифзу ҳимояи ҳувияти миллӣ барҷаста аст. ***"Чун давлатҳо назорат аз болои мардум ва ҳудудро дар даст доранд, онҳо бояд ҳувияти он чиро, ки мудирият мекунанд, муайян созанд. Бо вуҷуди аз даст додани баъзе имконот, давлатҳо ҳанӯз ҳам пружаҳои миллиро дар даст дошта,***

*ҷомеаи миллиро шакл медиҳанд ва мушкилоти иҷтимоиро тавассути ниҳодҳои худ бартараф месозанд. Дастбакорони давлат-миллатҳо сиёсати иҷтимоиро ба роҳ мемонанд, кӣ будани худ ва хоҳиши худро оид ба чӣ гуна будани миллат ба намоиш мегузоранд. Аз он ҷо, ки онҳо парадигмаҳои фарққунандаро дар доираи қонунҳои ҷаҳонӣ эҷод мекунанд, онҳо як ҳувиятеро тарғиб мекунанд. Ин раванди кори ниҳодҳо ба навъе кори ҳувиятсозӣ аст"*[2]. Ин ҳувиятсозии давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти вижа пайдо мекунад. Маҳз фаъолияти ҳукумат аст, ки натиҷаҳои он таъсири зиёд ба қисме аз нишонаҳои ҳувияти миллӣ мерасонад. Аз ҷумла, эҳсоси ифтихори миллӣ, нангу номуси миллӣ, меҳанпарастӣ ва худбаҳодиҳии аъзои ҷомеа ба натиҷаҳои фаъолияти як ҳукумат пайванди мустақим доранд. Агар ҳукумате муваффақ бошад ин нишонаҳои ҳувияти миллӣ тақвият меёбанд ва агар номуваффақ бошаду давлат дар шохисҳои гуногуни ҷаҳонӣ ҷойгоҳи паст касб кунад ва мушкилоти иҷтимоии мардум зиёд бошанд, ин ба ҳувияти миллӣ таъсири манфӣ мегузорад. Чунки инсон худро дар баробари дигарон мешиносад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ маълумот дар бораи худу дигарон ба осонӣ дастрас мегардад. Ҳар як шаҳрванд метавонад кишвари худро дар маҷмӯъ ва вазъи иҷтимоии худро дар алоҳидагӣ дар муқоиса бо дигарон бинад ва арзёбӣ кунад. Арзёбии худ дар баробари дигарон дар ҳоли ҳозир барои аксар шаҳрвандон аҳамияти бештар дорад. На муқоисаи имрӯз бо дирӯз. Ҳувияти миллиро бо ёдоварии ин, ки дирӯз 1 сомонӣ даромад доштему имрӯз 2 сомонӣ ва ё дирӯз ҷомеа ноором буду имрӯз ором, наметавон ҳифз карду тақвият бахшид. Ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва баробар шудан бо кишварҳои пешрафта аст, ки ҳувияти миллии воқеиро ҳифз мекунаду тақвият мебахшад.

**Хулоса**. Ҳарчанд раванди ҷаҳонишавӣ миллатҳоро ба ҳам наздик мекунад ва рафту омаду додугирифти ҷонибҳоро ба маротиб бештар месозад, аммо ин раванд наметавонад ҷаҳони якфарҳангиро ба вуҷуд оварда, як ҳувияти ҷаҳониро барои ҳама миллатҳо бисозад. Миллатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ *"**аз зеҳният ва озодиҳои зиёде дар тағйир ва фарҳансозӣ бархурдоранд. Бо рушди илму технология инсонҳо аз гузашта дида ба ҳам наздиктар мешаванд. Дар мавриди ҳувияти миллӣ онҳо бамаротиб нигарониҳои бештар пайдо мекунанд. Онҳо пайваста решаҳои фарҳангии худро ҷустуҷӯ карда, онҳоро ҳимоя мекунанд**"*[3]. Ба ибораи дигар, ҷаҳон бо вуҷуди ба як деҳкадаи бузург табдил ёфтан, якрангу якмиллат нахоҳад шуд. Фарҳангҳои гуногун боқӣ монда, ҳувиятҳои миллии гуногун ҳифз карда мешаванд. Дар ҳоле, ки миллат-давлатҳо дар ҷаҳон нақши асосиро иҷро мекунанд ва ташкили як давлати ҷаҳонӣ имконпазир нест, як фарҳанги ҷаҳонӣ низ ташаккул ёфта наметавонад. *"**Фарҳанги ҷаҳонӣ танҳо дар сурати вуҷуди як давлати ҷаҳонӣ муяссар аст**"*[7].

Дар ин гирудори ҷаҳонишавӣ баъзе миллатҳо метавонанд бозанда бошанд. *"**Ҳарчанд ҷаҳонишавӣ самаранокии иқтисодро боло мебарад ва даромадҳо зиёд мегардонду мизони фақр дар сатҳи ҷаҳонӣ коҳиш меёбад, вале ин даромадҳо миёни давлатҳои ҷаҳон ва миёни аҳолӣ дар кишварҳои алоҳида баробар тақсим намешаванд. На дар ҳама кишварҳо фақр решакан карда мешавад, аммо ин ҷо айби ҷаҳонишавӣ набуда, камбудӣ дар мудирияти нодурусти ҷомеа дар қисме аз кишварҳои ҷаҳон аст, ки ақиб мондаанд. Напайвастан ба раванди ҷаҳонӣ дар чунин кишварҳо фақрро боз ҳам зиёдтар мекунад**"*[8]. Агар қишри фаъолу созанда ва давлатмардони як миллат ислоҳоти саривақтиро дар фарҳангу сиёсати худ ворид накунанд, ниёзҳои рӯзафзуни аъзои он қонеъ намешаванд. Ин метавонад таваҷҷуҳи мардумро ба

фарҳангҳои дигар зиёд кунад ва муҳоҷират ба дигар ҳавзаҳои фарҳангӣ ҳувияти миллии онҳоро коҳиш диҳад. Ё дар мисоли миллати мо ҳувияти диниро дар онҳо тақвият бахшад, ки мутаассифона, саранҷоми нек нахоҳад дошт.

Дар чунин шароит, яъне шароити ҷаҳонишавӣ, сарнавишти ҳувияти миллӣ ва дар зимн сарнавишти миллат дар дасти давлатмардон ва аъзои донишманду фаъоли он аст. Ба хотири рақобатпазир будан ва ҳадди аксари манфиатро аз низоми нави ҷаҳонӣ гирифтан, ҳар кишваре ногузир ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид мегардад. Ҳоло дар ростои ҳифзу тақвияти ҳувияти миллӣ ин раванд то куҷо истифодаи дуруст мешавад, аз худи миллатҳои алоҳида вобаста аст. Мушкилоте, ки ҳатман бояд барои ҳифзу тақвияти ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бартараф карда шаванд, дар ҳолати гурез аз ин раванд низ ҳалли саривақтии онҳо шарт ва зарур аст. Ба ибораи дигар, наметавон марзҳоро ба рӯйи ҷаҳонишавӣ баста, ҳувияти миллиро аз хатар дур кард. Ҳадафи аслӣ ҳифзу тақвияти ҳувияти миллӣ дар баробари ворид шудан ба раванди ҷаҳонишавӣ ва гирифтани манфиати бештарин аз он мебошад. Ин ҳадафро, барои ҳар як миллат, давлатмардон ва аъзои донишманду фаъоли он амалӣ карда метавонанд.

Бинобар ин, барои ҳифзу тақвияти ҳувияти миллӣ давлатмардонро зурур аст, ки сиёсати дурустро ба роҳ монда мушкилоти иҷтимоиро саривақт ҳал намоянд ва ҷойгоҳи кишвари худро дар шохисҳои гуногуни ҷаҳонӣ баланд бардоранд. Олимону фарҳангиён дар навбати худ дар такомули фарҳанги миллӣ саҳми намоён гузошта, ҳар гуна тағйиротро ба манфиати он истифода намоянд. Дар чунин ҳолат ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ нигаҳ дошта шуда, заминаи рушду тақвияти он фароҳам мегардад.

## Сарчашмаҳо


1. Zawawi Ibrahim. Globalization and national identity: Managing Ethnicity and Cultural Pluralism in Malaysia, University Brunei Darussalam, 18 December 2015. URL: https://www.researchgate.net/publication/287216862.
2. Frank J. Lechner. Globalization and National Identity in the Netherlands, 1980-2000, Emory University, 2002. URL: https://pdfs.semanticscholar.org/8ad2/67191bfd63670f79dcbb2d4c7f2015d8ee67.pdf.
3. Yi Wang, “Globalization Enhances Cultural Identity”, Harbin Engineering University, China, 2007. URL:https://www.semanticscholar.org/paper/Globalization-Enhances-Cultural-Identity-Wang/7e0cde0bdfbc54a2b7b917ba1c491c57b6119cfa.
4. Gal Ariely. The nexus between globalization and ethnic identity: A view from below, Ben-Gurion University of the Negev, Beer-Sheva, Israel, 2019. URL: https://journals.sagepub.com/doi/full/10.1177/1468796819834951.
5. Исмоил Бойбурдӣ. Ҷаҳонӣ шудани фарҳанг ва таъсири он бар ҳувияти миллии Ирон. 2014. URL: http://prb.iauctb.ac.ir/article_511100_397e5957474c30928b74bd8a4fc80085.pdf.
6. Заҳро Аҳмадипур, “Ҷаҳонӣ шудан ва ҳувияти Иронӣ”, 2010. URL: https://jgs.khu.ac.ir/article-1-621-fa.pdf.
7. Чингиз Паҳлавон. Ҷомеашиносӣ. Теҳрон, 2003. -С. 400.
8. Dominick Salvatore, International Economics: Trade and Finance, Fordham University, 2017, p. 343;
9. Назрӣ Асадзода. Мушкилоти тоҷикон дар масири ба даст овардани истиқлолияти зеҳнӣ. Маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”, № 1(14), 2019. -С. 230.

**Наҷмуддинов Т., Мирзоев Ф**
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

## РАВОБИТИ СОМОНИЁН БО ДАВЛАТҲОИ ҲАМСОЯ

Бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ бо Хоразм, инчунин муҳофизати худ аз кӯчманчиён Сомониён худро ба соҳилҳои Амударё, бо сайрхати аз Бухоро ба Кеш наздик мекарданд.

Ба туфайли мавҷуд будани роҳҳои обӣ ва мавқеи хуби ҷойгиршавии тиҷоратӣ Хоразм аҳамияти хосса дошт. Ин ҳудуд дар нуқтаи буриши роҳҳои иртиботии Хитой, Эрон, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои дигари Осиё, инчунин ҷануби Русро пайвасткунанда мавқеъ гирифта буд. Корвонҳои бузурги тиҷоратӣ, аз давлатҳои номбаршуда, дар ин минтақа бо ҳам вомехӯрданд. Тоҷирони хоразмӣ дар мамлакатҳои дурдаст бо фаъолияти худ ном бароварда буданд.

Ҳарчанд амирони Сомонӣ бо халифаҳои Аббосӣ содиқ буда, ба онҳо наздикӣ доштанд, дар давраи ҳукмронии Наср, исмоилиҳо дар дарбори амир озодона фаъолияти худро пеш мебурданд. Амир дар охирҳои умраш, исмоилияро қабул кард. Машҳуртарин паҳнкунандагони исмоилия дар ҳудудҳои давлати Сомониён, Ҳусейни Маврудӣ ва Муҳаммад Аҳмади Нахшабӣ буданд. Бинобар пурзӯр шудани таъсири исмоилиҳо сарварони ҳарбии Сомониён ва рӯҳониёни сунниҳо исён бардоштанд, ки он гарчанде бебарор анҷом ёфта бошад ҳам, исмоилиҳои сершумор кушта шуданд.

Муносибатҳои Сомониён бо оилаи Аракҳо дар Хоразм гуногуншакл сурат мегирифт. Дар даврае, ки ҳокими Хуросон Рофеъ ибни Харсамӣ буд, амир Исмоили Сомонӣ бо ӯ муносибатҳои хеле хуб дошт. Маҳз дар ҳамин давра, сардори Саффориён Амр ибни Лайс ба Хуросон ҳуҷум овард ва Рофеъ ба Хоразм фирор намуд. Вале ӯ дар инҷо аз ҷониби ҳокими Хоразм Муҳаммад ибни Умари Хоразмӣ, ки дӯсти наздики

Амр ибни Лайс буд, кушта мешавад. Исмоили Сомонӣ одами бовариноки худро бо номи Арак ибни Мансур, ба Хоразм фиристод ва ӯ инҷо ҳоким шуд. Ин масъала муносибатҳои душманонаи Сомониёну Саффориёнро амиқтар гардонида, дар натиҷаи ҷанг, Сомониён ғолиб омада, ба сарзаминҳои худ ҳудудҳои Хоразм ва Хуросонро ҳамроҳ карданд.

Муносиботи Сомониён бо Саффориён ҳама вақт пуршиддат буданд. Сулолаи Саффориён баъд аз Тоҳириён дар соли 873 ҳудудҳои аз Систон, то шимоли Хуросонро идора мекард[1,907-925]. Табарӣ менависад, ки халифа ба мусулмонон амр дод, ки ҳудудҳои Хуросон, Табаристон, Гургон, Рай ва Форс ба ихтиёри Яъқуб ибни Лайс дода шавад[6,448]. Сомониён, ки дар ибтидо ба Тоҳириён итоат мекарданд, баъди онҳо бевосита аз халифаҳо ваколати идоракунии ҳудудҳои Мовароуннаҳрро гирифта буданд. Дар ин давра муносибатҳои Яъқуб ибни Лайс бо халифа ниҳоят бад шуда буданд ва Яъқуб ба лашкари халифа дар маҳалли Сибкума ҳуҷум кард, вале ба шикаст дучор шуд. Яъқуб соли 875 вафот кард ва Амри Лайсро ҳокими Хуросон, Исфаҳон, Форс, Систон, Кармина ва Синд таъин карданд. Амр давлати худро мустаҳкам мекард, муносибатҳоро бо Хилофат муътадил сохта, ба халифа дар пахш намудани исёнҳо кӯмак расонда, тадриҷан неруи истиқлолияти худро ҳис карда, роҳи соҳибихтиёриро пеш гирифт. Ин ба табақаи болонишини маҳаллӣ, хусусан ба Сомониён маъқул набуд.

Соли 892 Амр намояндаи худро бо туҳфаҳо назди халифа фиристода, аз халифа хоҳиш намуд, ки ҳудудҳои Хуросонро ба ӯ диҳад. Вале миёни ӯ ва Исмоил ҷанг оғоз ёфт, ки дар он Исмоил ғалаба кард. Ин ҷанг ба нафъи Хилофат буд, зеро дар сурати муттаҳидшавӣ ин ду лашкар бар зидди Хилофат бархезанд ва метавонистанд, онро сарнагун созанд. Халифа мехост, ки ҷанги онҳо дарозмуддат бошад, чунки хоҳишмандони сарнагунсозии Хилофат дар ин замон зиёд буданд. Аз ҷониби дигар, ба Хилофати Араб аз Ғарб таҳдид мекарданд [3,121].

Ихтилофҳои миёни Исмоили Сомонӣ ва Амр ибни Лайс, чунон ки пештар қайд гардид, ба ҷанги байни онҳо оварда расонд, ки дар натиҷа Сомониён ғалаба ба даст оварданд. Дар ҷанг Саффориён шикаст хӯрда, Амр ибни Лайс асир афтод. Ӯ ба Бағдод фиристода шуда, то охири умр дар маҳбас буд. Аз соли 901 ҳама собиқ ҳудудҳои Саффориён ба дасти Сомониён гузаштанд.

Яке аз хешовандони наздики амири Саффорӣ бо номи Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амри Лайс ба Систон гурехта, тарафдоронашро ҷамъ оварда, давлатро аз нав барқарор кардан хост. Вале бо дархости халифаи Бағдод ал-Мутадид, Исмоили Сомонӣ бо лашкари худ ба Систон омада ошӯби ӯро пахш кард.

Табарӣ дар китоби худ «Таърихи табарӣ» оид ба муносибатҳои байниҳамдигарии Сомониён бо дигар мамлакатҳо чизе нанавиштааст, вале ӯ баъзе маълумотҳоро оид ба ҳаёти Сомониён пешниҳод намудааст. Ин китоби таърихӣ, ба туфайли инъикоси баъзе ҳодисаҳои таърихӣ, ки муаллиф бевосита шоҳиди онҳо гашта буд, яке аз сарчашмаҳои хеле муҳим ва муътамад ба ҳисоб меравад. Дар ин китоб маълумотҳо оид ба робитаҳои Сомониён бо ҳокимони Аббосиён, Саффориён ва Алавиҳои Табаристон дода шудаанд, вале маълумот оид ба дигар мамлакатҳо ва давлатҳои ба Сомониён ҳамсоя қариб ки дида намешавад.

Муносибати Сомониён бо сулолаи Зайр баъд аз барҳам хӯрдани сулолаи Алавиҳо дар Табаристон ба роҳ монда шуданд. Мардовиҷ ҳокимиятро дар Тахористон ба даст дароварда, баъди чанд вақт Моконро аз Табаристон пеш кард. Мокон баъди шикаст аз Мардовиҷ дар назди Насри Сомонӣ паноҳгоҳ ёфт ва аз ӯ ёрӣ пурсид ва баъди чанд вақт Гургон ба ҳудудҳои Сомониён ҳамроҳ карда шуд. Идоракунии ин ҳудуд ба Абӯбакр Муҳаммад ибни Зафари Чағонӣ гузашт. Соли 939 Мардовиҷ кӯшиши забти Гургонро кард. Муҳаммад ибни Зафар ба Мардовиҷ истодагарӣ карда натавониста, ақибнишинӣ кард. Амир Наср оид ба вазъи Гургон маълумот

гирифта, сипоҳашро ба он ҷо фиристод. Мардовиҷ бо Наср гуфтушуниди сулҳ оғоз карда, бо маслиҳати вазир Абуфазли Балъамӣ Гургонро ба Сомониён дод. Баъди қатли Мардовиҷ соли 935 бародари ӯ Вашмгир ҳоким шуд. Ӯ Моконро аз Гургон пеш карда онро тобеи худ кард. Соли 939 Абубакри Чағонӣ бинобар беморӣ, аз вазифа дур шуда, сарлашкари Сомониён Абӯалӣ Чағонӣ таъйин шуд. Ӯ соли 940 аз иҷрои фармони Насри Сомонӣ оид ба дастгир кардани Мокон, даст кашида, ба Гургон рафта шаҳрро ба муҳосира гирифт. Вале Мокон кушта, иттифоқчии ӯ Вашмгир фирор кард.

Сомониён бо Хоразм муносибатҳои неки ҳамсоягӣ барқарор намуданд, ки ба туфайли ин робитаҳо бо булғорҳо устувор гашт. Дар асри Х, сафири Булғория Волгаю Кама (шоҳигарии Булғория), аз халифаи Бағдод хоҳиш кард, ки ба давлати ӯ муҳандисони ҳарбиро барои сохтмони иншоотҳои ҳарбӣ, инчунин фабрика оид ба истеҳсоли борут фиристад. Халифа хоҳиши сафирро иҷро кард [2,82].

Муносиботи Сомониён бо Алавиҳо ҳамеша дар вазъи пуршиддату муқобил қарор доштанд. Исмоили Сомонӣ Хуросон, Гургон, Табаристон, Систон, Рай ва Қазвинро забт кард ва ин ҳудудҳоро ба давлати Сомониён ҳамроҳ намуд. Фарқи асосии Алавитҳо аз Сомониён дар он буд, ки онҳо ба мазҳабҳои гуногун тааллуқ доштанд.

Чунонки пештар қайд гардид, Сомониён дар ибтидо мақсадҳои таҷовузкоронаи забти ҳудудҳои ҳамсоя ё дигар мамлакатҳоро надоштанд. Ҳама юришҳои ҳарбии онҳо мақсади баргардонидани таҷовузкориҳои берунаро дошт. Гарчанде дар ҳолатҳои алоҳида, вақте ки мулкҳои ҳамсоя хавфи ҷиддӣ ба миён меомад ё ҳокимони он маҳалҳо заиф буданд, кор шакли дигар мегирифт ва Сомониён бераҳмӣ зоҳир мекарданд. Чунончи, соли 893 Исмоили Сомонӣ ба таври қатъӣ ба давлати худ Устурушанро ҳамроҳ намуд ва бо ҳамин сулолаи Афшинии Ковусро барҳам дод [5,138].

Ин ҳолат, махсусан дар масъалаи ҳифзи ҳудудҳои заминдории зироаткор, ки ба тохтутози кӯчиён гирифтор мешуданд, мубрам ва муҳим буд.

Баъди барқарор гаштани яккаҳокимиятӣ ва барҳам додани ихтилофоти дохилӣ ба Исмоил лозим омад, ки ба таъмини бехатарии берунии давлат машғул шавад. Тохтутозҳои қатънашавандаи қабилаҳои кӯчманӣ ба водиҳои зироаткор харобиҳои зиёд мерасонданд. Исмоил соли 893 бар муқобили кӯчманчиён юриши бузург оғоз карда, Тирозро забт ва хони туркҳоро бо 10 ҳазор ҷанговар асир гирифта бо ҳамин ба тохтутозҳои онҳо ба Мовароуннаҳр ба муддати зиёд хотима дод [4,24].

Ғайр аз таъмини бехатарии сиёсии давлат дар назди Сомониён вазифаҳои мустаҳкам намудани иқтисодиёти мамлакат меистод. Забт кардани Тироз боз як мақсади дигар низ дошт, ба водии Талас юриш ташкил карда, Исмоил ба мулкҳои худ конҳои бо нуқраи Шелҷиро ҳамроҳ намуд, коркарди он васеъ карда аҳамияти ин ноҳияро дар иқтисодиёти Осиёи Миёна афзун гардонд.

Мақсади сиёсии Сомониён, инчунин паҳн кардани ҳокимияти худ дар тамоми ҳудудҳои Эрон, аз ҷумла, Табаристон буд. Муносибатҳои қарини Сомониён ва халифаҳои Аббосӣ сабаби он гашт, ки Сомониён ба душмани ашадии Алавитҳо табдил ёфтанд.

Ҳамин тариқ, Сомониён барои соҳиб шудан ба соҳибистиқлолӣ, ҷаҳду талошҳои зиёде намудаанд. Сиёсати дурусти хирадмандона, дипломатияи нозуки онҳо натиҷаи дилхоҳи худро ба бор овард, ки дар ин самт нақши нахустамири давлат – Исмоили Сомонӣ бузург буд.

## Адабиёт


1. Байҳақӣ А. Таърихи Байҳақӣ. –Душанбе. Нашриёти Бухоро. 2014. -С. 907-925.
2. Мурад Аджи. История тюрков Средней Азии. -М., 2015– С. 82.
3. Наршахи М. История Бухары. – Ташкент, 1897.-С. 121.
4. Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён. – Душанбе, 1989. -С. 24.
5. Негматов Н.Н. Устурушан в древности и раннем средневековье. АН Тадж ССР. Т. 55. – Сталинабад, 1957. – С. 138.
6. Табари М. История пророков и правителей. – Тегеран. 2001. Т.15. – С. 448.

**Зебониссо ЗИЁЕВА**
*ходими калони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

## ЗЕБОИШИНОСӢ ДАР ЮНОНИ ҚАДИМ ВА АВРУПО

Назарияи ҳар як илмро берун аз доираи таърихи он наметавон шарҳу баён кард. Зебоишиносӣ ба омӯзиши зуҳуроти адабӣ-зебоишиносӣ, муносибатҳо ва ҷараёнҳо, ки таърихан ба вуҷуд омада, дар инкишоф ва тағйирёбӣ қарор доранд, мувофиқ меояд.

**Таърихи қаблии зебоишиносӣ.** Маҳз ҳамин устурашиносӣ манбаи донишҳои фалсафӣ ба ҳисоб меравад. Устурашиносӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла масоили санъат, зебоӣ ва робитаҳои байниякдигарии ин ду падидаро фаро гирифта, инъикос менамуд.

**Марҳалаи аввали ташаккулёбии зебоишиносӣ дар Юнони қадим (асри VI қабл аз милод) оғоз ёфта, то Замони Нав (ибтидои асри XVIII) идома ёфтааст.**

Хусусияти ин марҳала аз он иборат аст, ки дар ин марҳала баҳсу мунозираҳо дар бораи зебоӣ ва қонунҳои санъат шомили табиати соф назарӣ буданд.

**Марҳалаи аввали зебоишиносӣ** ҳамчун илм дорои **чаҳор марҳала** мебошад.

- Давраи антиқа- асри VI то милод - асри V милод.
- Давраи асрҳои миёна - асри VI -XIII милод.
- Давраи Эҳё – асрҳои XIV -XVI милод.
- Давраи Замони нав (қисман Давраи Эҳё)-асрҳои XVII – ибтидои асри XVIII.

Дар давраи антиқа зебоишиносӣ дар батни фалсафа ташаккул меёфтва дар давраи асрҳои миёна бошад зери таъсири идеологияи динӣ ва илоҳиёт қарор дошт. Ба афкори зебоишиносии давраи Эҳё амалияи бадеӣ ва зебоишиносии

давраи Маорифпарварӣ сиёсат, илм ва санъатшиносӣ таъсир расонидааст.

**Марҳалаи дуввуми зебоишиносӣ**-асри XVIII ва нимаи асри XIX ба ҳисоб меравад.

Ин марҳала нисбатан кутоҳтар, вале дорои ҳаҷми ниҳоят бузург ва ғановатманд мебошад. Маҳз дар ҳамин давра зебоишиносӣ ҳамчун илми мустақил барқарор гаштааст. Дар барқароршавии он фалсафаи классикии Олмон таъсири бузург расонидааст.

**Марҳалаи саввуми таърихи зебоишиносӣ** аз нимаи дуввуми асри XIX, то замони мо идома ёфтааст.

Хусусияти ин марҳала таъсири реализми танқидӣ ва сотсиология мебошад. Масъалагузории зебоишиносӣ пайваста тавсеа ёфта, шаклҳои нави зебоишиносӣ: физиологӣ, сотсиологӣ, киберникӣ ва ғайра таъсис меёбанд.

**Омилҳои ташаккулёбии зебоишиносӣ.** Омилҳое, ки дар ташаккулёбии зебоишиносӣ таъсир мерасонанд:

1) **Фалсафа.** Дар тӯли асрҳои зиёд проблемаҳои зебоишиносӣ дар доираи ин ва ё он низоми фалсафӣ бартарият доштанд. Файласуфон пайваста ба мафҳумҳо, проблемаҳои зебоишиносӣ ва санъат мурочиат намудаанд, ки ба коркарди назарияҳои нави онҳо мусоидат мекард.

2) **Санъат.** Таъсири санъатро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ баҳо додан кори ниҳоят вазнин аст. Ҳанӯз дар давраҳои қадим вай **“таълим медод ва шавқу рағбатро бедор мекард” ва имкон медод, ки олам шинохта шавад, таҷриба андӯзад, вазъи оламро таҳлил намояд, таъсири талқинкунанда ва ҳаяҷонбахш бахшад.**

3) **Тақозои иҷтимоӣ**. Дар марҳалаи ҳаёти ҷомеа афкори зебоишиносӣ тақозои иҷтимоӣ буда, таваҷҷуҳашро ба масоили алоҳидае равона мекард, ки мустақиман бо проблемаҳои иҷтимоӣ ва идеологӣ алоқаманд буданд.

4) **Мантиқи ботинии инкишофи зебоишиносӣ.** Зебоишиносӣ, монанди дигар илмҳо, дар пайравӣ аз мантиқи

ботинии худ пеш мерафт. Баъзан таъсири ин омил муайянкунанда буд.

Таҷрибаи зебоишиносии инсоният ниҳоят ғанӣ ва гуногунранг буда, донишҳои зебоишиносӣ қисмати ҷудонашавандаи он мебошанд. Ҷамъшавӣ ва пешрафти онҳо дар ҳама марҳалаҳои маданӣ-таърихии таърихи ҷаҳонӣ -аз давраи тамаддуни Рими бостонӣ (3-5 ҳазор сол то милод) тавассути антиқа ба асрҳои миёна ва аз давраи Эҳё ба Замони нав ва Навтарин, то замони муосир ба қайд гирифта шудаанд.

Зебоишиносӣ зуҳуроти бадеӣ-зебоишиносӣ, муносибатҳо ва равандҳои таърихан пайдошуда, инкишофёбанда ва тағйирёбандаро тадқиқ менамояд.

Муқаддимаи таърихие, ки шуури зебоишиносиро ташаккул додааст, асотиршиносӣ мебошад. Асотиршиносӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар гирифта, онҳоро инъикос намудааст. Вай шакли аввалини архаистии синтези донишҳост, ки минбаъд соҳаҳои муҳимтарин маърифат ва эҷодиёти инсонӣ - фалсафа, санъат, дин, илм ва ғайра аз вай ҷудо гардидаанд.

**Санъати даврат ибтидоӣ** дорои табиати содалавҳона, манфиатҷӯёна ва амалӣ буд. Санъат дорои **шакли асотирии шуур** буда, хосияти эҳсосшавандаи **он тахаюлоти образӣ, рамзнокӣ, аёнияти ҳиссии тасаввурот** ба ҳисоб мерафтанд. Ҳакокиҳои расмҳои ҳайвонот дар болои сангҳо барои корҳои сирф амалӣ истифода мешуд: нишона барои машқи шикор, таъсири сеҳру ҷоду ва ғайра.

**Зинданигорӣ (живопись)** тасвири графикӣ ва зинданигории ҳайвонот, набовот ва инсон мебошад. Расмҳои болои сангҳо шикор, шикори моҳӣ, манзараҳои ҷангиро тасвир менамуданд.

**Фолклор** - пайдошавии ҳикояҳо дар бораи пайдошавии ҳама чизҳои ҷондор, одамон, дар бораи қувваҳо ва ҳодисаҳои табиат мебошанд. Мантиқ дар ин ҷо оҷиз аст, дар ин ҷо тахайюлот ба кор медарояд.

**Мусиқӣ** -**шакли мусиқии вокалӣ** бартарият дошт, вай қабл аз мусикии инструменталӣ қарор дошт, аммо **асбобҳои мусиқӣ** хеле барвақт пайдо шудаанд. **Рақсҳо** яке аз шаклҳои хеле қадимаи санъат ба ҳисоб мераванд. Онҳо дастаҷамъона иҷро шуда, ниҳоят образнок буданд: саҳнаҳои маишӣ, сохтакории саҳнаи шикор, шикори моҳӣ, муносибатҳои маҳрамона, задухӯрдҳои ҷангӣ, бояк сухан -**ҳаёти ҷомеаро** инъикос менамуданд.

**Меъморӣ**-иншооти мегалитикӣ (маданӣ) аз сангҳои бузург сохташудамебошанд: **долменҳо** -сохтмонҳои чаҳоркунҷа, **менгирҳо** – пояҳои уфуқӣ. Ҳама чиз дорои ҳаҷмҳои бузург буда, оҷизӣ ва пастии инсонро нишон медоданд.

**Санъати амалӣ** -маҳсулоти аз керамика, баъдан аз биринҷӣ, нуқра ва тилло сохташуда мебошанд. Вай ягонагии унсурҳои манфиатнокӣ ва бадеиро таҷассум мекард, яъне бо фоиданокӣ алоқаманд буд. Дар рафти таҳаввулоти ҷомеа ҳаракати инсоният дар роҳи ба даст овардани камолоти маънавӣ, ашёе ба вуҷуд омаданд, ки бо таъйиноти амалии онҳо алоқамандӣ надоштанд.

Тадриҷан ба даст гирифтани қувваҳои табиат, маънои оғоз ёфтани рӯҳ ва интиҳои ҳастии ҳайвонӣ - гузариш аз **устура ба логосро** дорад.

Ҳамчунон ки қаблан ёдовар шудем, асотир муқаддимаи таърихии ташаккулёбии шуури зебоишиносӣ мебошанд. Дар ин давра дар маҳсулоти фаъолияти маънавӣ-амалӣ, ки онҳоро **асарҳои санъати ҷомеаи ибтидоӣ** меноманд, тасаввуроти воқеии ҳаётӣ бо тасаввуроти фантастикии (тотемӣ, ибодатӣ), образҳои мушаххас бо унсурҳои тасаввуроти аз ҳақиқат дур, бо ҳам омехта шудаанд.

Вижагии асотир, ки онро узван бо фаъолияти бадеӣ пайвастааст, ғановати тахайюлоти образнок, рамзӣ будани онҳо, аёнияти ҳиссии тасаввурот ба ҳисоб мерафт. Дар маънои хоси калима онҳо образҳои бадеӣ ба ҳисоб намераванд. Онҳо дар ҷараёни коркард, дар амалияи ташаккулёбии навъҳои санъат: муҷассамсозӣ, фоҷиа, мусиқӣ, зинданигорӣ

(живопись) дорои чунин шакл гардидаанд. Асотир заминаи инкишофи санъати тамоми халқҳои олам ба ҳисоб мераванд.

**Зебоишиносии давраи антиқа.** Зебоишиносии давраи антиқа дар муддати ҳазорсолаи I қабл аз милод дар қисмати шимолии баҳри Миёназамин ташаккул ёфтааст. Вай се марҳаларо аз сар гузаронидааст: **архаистӣ** (асрҳои VIII–VI қабл аз милод), **классикӣ** (асрҳои V–IV қабл аз милод) ва **эллинӣ** (асрҳои III қабл аз милод - асри III милод). Сарманшаи зебоишиносии антиқа асотир буда, вай дар он тавлид ёфта, замони гулгулшукуфиро аз сар гузаронида, рӯ ба завол меоварад, ки аз зуҳуроти нисбатан равшани маданияти он замон ба ҳисоб меравад.

**Зебоишиносии византӣ**. Зебоишиносии византӣ (асри IV - нимаи асри XV)-чараёни нисбатан мутаҳаррики зебоишиносии асрҳои миёна мебошад. Аввалин таълимотҳои зебоишиносии византӣ дар асрҳои IV-VI ташаккул ёфтаанд. Онҳо омехтаи навафлотунияи элинӣ ва патристикаи ибтидоии асрҳои миёна мебошанд. Идеали зебоишиносии ибтидоии византӣ Худои масеҳӣ ҳамчун маншаи “зебоии мутлақ” ва “худи зебоӣ” мебошад. Дар ташкулёбии зебоишиносии муҳити ҳаётӣ санъат нақши бузурги худро бозидааст. Визайтиҳо тавонистанд, ки низоми бадеии худро биофаранд, ки унсурҳои маданияти бадеии Юнони Қадим, Сурия ва Мисри Қадимро дар бар мегирифт. Баъдан услуби махсуси византӣ ба вуҷуд омад, ки бо таълимоти дини масеҳӣ сахт алоқаманд буд. Дар санъат қоидаҳои сахтгирона ва мушаддад ҳукмронӣ мекарданд, аммо зебоии олами моддӣ ҳамчун дурахши зебоии ғайризаминии илоҳӣ мавриди назар қарор мегирифт.

**Зебоишиносии давраи Эҳё, Асрҳои миёна, Маорифпарварӣ, Зебоишиносии олмонии классикӣ, Замони нав ва Навтарин**. Давраи Эҳё-яке аз марҳалаҳои беҳтарини таърихи афкори аврупоии зебоишиносӣ ба ҳисоб меравад. Асрҳои миёна бо тадриҷ рахти сафар мебаст,

муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир меёфтанд, ҷаҳонбинии нави дунявӣ ба вуҷуд меомад.

Асри XVII - марҳалаи инкишофи бо шиддати афкори аврупоии фалсафӣ-зебоишиносӣ мебошад. Рена Декарт назарияи ақлгароии[1] худро офарида, ба сифати меъёри он ақлу хирадро эътироф мекунад. Френсис Бэкон табиатро ба сифати объекти маърифат ва ҳадафи маърифатро ҳукмронии инсон бар табиат эътироф намуда, индуксияро[2] ба сифати методи маърифати таҷриба, эълон карда буд. Исаак Нютон тавассути таҷрибаҳои худ нуктаҳои марказии материализми натурфалсафиро исбот менамояд. Дар соҳаи санъат услубҳои **барокко, класситсизм ва равияи санъати воқеӣ** дар як вақт инкишоф меёбанд.

Зебоишиносии давраи Маорифпарварӣ дорои табиати ҳуҷумкунанда ва демократӣ буда, таваҷҷуҳи донишмандони аврупоиро ҷиҳати аз нав мавриди назар қарор додани категорияҳои анъанавии зебоишиносӣ: зебоӣ, ҳамоҳангӣ, завқ ва ғайраро бедор гардонид. Тамоми маорифпарварон таъкид менамуданд, ки заминаҳои объективии зебоишиносӣ танҳо барои одамони ба сӯйи он саъю талош дошта, ки дорои ақл ва эҳсосот мебошанд, кушода мешаванд. Категорияи ҳамоҳангӣ дар ин давра тавсифномаи мувозинати мабдаъҳои ақлоният ва эҳсосоти инсон мебошад, заминаи асосноккунии имконияти аз байн бурдани зиддиятҳои иҷтимоӣ, вале на фақат рамзи мувофиқат ва тартиби муайян дар табиат ва асарҳои бадеӣ мебошад.

Дар зебоишиносии "асри ақлгароӣ" мафҳуми завқ дорои маънои нав мегардад. Завқи зебоишиносӣ, аз ҷониби маорифпарварон, ҳамчун ҳиссиёти дорои афкор баҳогузорӣ мешавад. Дар он табиат ва маданият сунъӣ ва табиӣ бо ҳам

---

[1] Ақлгароӣ, ратсионализм ҷараёни фалсафиест, ки тафаккурро аз таҷрибаи ҳиссӣ ҷудо карда, ақлро асоси ягонаи маърифати илмии қонуниятҳои табиат ва ҷамъият меҳисобад.

[2] Индуксия - тарзи муҳокимарониест, ки аз далелҳо ва нуктаҳои ҷузъӣ ба хулосаҳои умумӣ меояд, муқобилмаънои дедуксия.

тамос мегиранд. Завқ дар миёни онҳо нақши миёнарави махсусро мебозад ва маҳз ҳамин завқ шоҳиди он буд, ки онҳо на ҳамеша дар қутбҳои бо ҳам муқобил ҷой мегиранд, балки имкони ҳамоҳангӣ дар байни онҳо вуҷуд дошта тавонад.

Зебоишиносии олмонии классикӣ асрҳои XVIII–XIX - муҳимтарин марҳалаи афкори зебоишии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Намоянагони машҳури он И. Кант, И. Фихте, Ф. Шиллер, Г. Гегел, Л. Фейербах буданд. Хизмати асосии онҳо **фаҳмиши илми зебоишиносӣ ҳамчун илми қисмати узвӣ ва зарурии илми фалсафа ва ба низоми фалсафӣ дохил намудани он буд.**

Афкори фалсафӣ-зебоишиносии нимаи дуюми асри XIX дар Олмон худро ниҳоят зиддиятнок ошкор гардонид. Дар зебоишиносии олмонӣ анъанаҳои И.Кант, Гегел ва Фейербах ниҳоят устувор ва қавӣ буда, аз солҳои 40-уми консепсияи назарияи зебоишиносии марксизм, позитивизм (зебоишиносии психологӣ, "зебоишиносии амалӣ") ва ғ. ташаккул меёбанд. Аммо дар байни зиёиёни аврупои ғарбӣ, назарияҳои Артур Шопенгауэр (1788–1860) шӯҳрати азим ва ҷойгоҳи махсус доштанд. Дар нимаи асри XIX бо ҳам муқобилгузории санъат ва воқеият ва ташаккулёбии назарияи аврупоии зебоишиносии "санъат барои санъат" ("санъати соф") ба вуҷуд омад.

Нимаи дуюми асри XIX дар Фаранса муборизаи ниҳоят шадиди синфӣ оғоз ёфт, ки сабаби ба вуҷуд омадани коммунаи Париж гардид. Ин ҳолат масъалаи равобити дутарафаи рассом ва ҷомеа ба масъалаи асосӣ табдил ёфт. Зебоишиносии позитивӣ ба таври эҳсосшаванда интишор меёбад, ки бо ҷараёни натуралистии санъат алоқаманд буд.

Ҷиҳатҳои хосаи зебоишиносии англисии нимаи дуввуми асри XIX аз як ҷониб, тамоюл ба сӯи эволютсионизм[3] ва аз

[3] Эволютсионизм – дар маънои васеаш муродифи инкишоф; раванди тағйирёбие, ки дар табиати зинда ва ғайризинда, инчунин дар низомҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

ҷониби дигар, ба соҳаи зебоишиносӣ ворид шудани усули психофизиологӣ мебошад.

Консепсияҳои нисбатан машҳури нимаи аввали асри XIX назарияҳои феноменологӣ, интуивистӣ ва назарияҳои З. Фрейд, К. Г. Юнг, Х. Ортеге-и-Гассет ба ҳисоб мераванд.

Дар таърихи маданияти бадеии асри XX ҷараёни авангарди русӣ ҷои махсусро ишғол менамояд.

**Зебоишиносӣ дар асри XX.** Дар нимаи дуюми асри XX дар зебоишиносӣ ва санъати аврупоӣҷустуҷӯҳои бадеӣ, таҷрибаҳои бо ҷуръатона боз ҳам идома меёбанд ва ғояҳои пуртаъсир, мактабҳои бадеӣ, кашфиётҳои ояндадор ифтитоҳ меёбанд. Ҷараёнҳои экзистенсиалӣ, структуралӣ, иҷтимоӣ-маданӣ бо тариқи нав садо дода, дар осори Ж.-П. Сартр, А. Камю, К. Леви-Стросс, Р. Барт, Т. Адорно ва дигарон инъикос гардидаанд.

Санъати асри XX ҳанӯз ҳам дар инкишофи инсоният нақши муҳим бозида, қобилияти дар як вақт пайдошавии вариантҳо ва тобишҳои зиёди аҷиби фаъолияти эҷодиро нишон дод. Илми зебоишиносӣ дар навбати худ, ки дар асри XX таҳаввул ёфта буд, як омехтаи аҷоиби афкор ва ҳиссиётро ба вуҷуд оварда, аз ухдаи аз нав муттаҳид намудани сатҳҳои шифоҳӣ (вербалӣ) ва ҳиссиётро дар омӯзиши объект баромада тавонист. Баъд аз **модернизми**[4] бузурги нимаи аввали аср **постмодернизм**[5] омад, ки онро ҳамасронаш ҳамчун категорияи умумифарҳангии оламӣ мефаҳмиданд. Санъат ва фаъолияти эҷодии мардумон омодагии худро барои ҳаллу фасл намудани ҷустуҷӯҳои нави зебоишиносӣ нишон дод.

[4] Модернизм – ҷараёни зебоишиносӣ дар санъати тасвирӣ ва амали асри XIX-XX, ки худро ба маданияти гузашта муқобил мегузошт.

[5] Постмодернизм ҳамчун падидаи комили санъати муосир ҳанӯз солҳои 80-ум аз ҷониби назариётчиёни ғарбӣ гузошта шуда буд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки зуҳуроти гуногуни маданияти солҳои ахирро бо ҳам муттаҳид намоянд. Проблемаи постмодернизм дар назди муҳаққиқон як қатор саволҳои навро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ин буд: **оё худи падидаи постмодернизм вуҷуд дорад ё не?**

## ШЕЪР ВА АДАБИЁТИ МИЛЛӢ

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

# РӮДАКӢ ВА ХОҚОНӢ

*Сухан бар бикри табъи ман гувоҳ аст,*
*Чу бар эъҷози Марям нахли хурмо.*
Хоқонӣ

Устод Рӯдакӣ – падари шеъри тоҷик-форс, шоири миллӣ, шоире мебошад, ки дар замони зуҳури давлати миллии Сомониён зиндагию эҷод намудааст ва пояи адабиётамонро ба суханони муҳкаму матину солими худ бунёдгузорӣ намуда ва дар қад барафрохтани бинои бузург ва муҳташами он саҳми бузург гузоштааст. Агар устод Рӯдакӣ хиштҳои бинои ин кохи бузургро дар ибтидо дуруст намегузошт, ҷо ба ҷо намекард, имрӯз ин бино ва ин кохи пуршукӯҳ, ки мо дорем ва муҷиби ифтихори мо ва аҳли олам аст, чунин баланду пурмоя ва бегазанду зебо намемонд. Ҳамин нубуғи устод Рӯдакӣ буд, ки адабиёти мо аз оғоз, аз даврони тифлии худ, тавонист бо каломи содаву равшан ва матину самимии хеш ба дилҳо роҳ биёбад, андак-андак такомулу рушд намояд ва роҳро барои буруз ва пайдоиши гӯяндагони бузург ва оламгир ҳамвор намояд. Лиҳозо, мо ба ин фикри Содиқи Сармад билкул мувофиқем, ки мегӯяд:

*Тифли разеи сухан аз нафаси Рӯдакӣ*
*Бурд дили анҷуман бо ҳамаи кӯдакӣ [1].*

Ин андешаи Содиқи Сармадро гуфтаи зери падари рӯдакишиносӣ дар ҷаҳон, устод Саид Нафисӣ низ тасдиқ менамояд: «Худои Эрони бузург табъе чунон саршор ба ӯ (устод Рӯдакӣ-Ҷ.С.) ато карда буд, ки шеър гуфтан барои вай

аз сухан гуфтани дигарон осон буд. Як миллиёну сесад ҳазор шеър гуфт ва ҳанӯз касе дар ҷаҳон бад-ин появу моя дар ҳеҷ забоне нарасидааст…Инак, аз миёни як миллиёну сесад ҳазор шеъри ӯ дасти тороҷгару роҳзани рӯзгор ҷуз абёте чанд, ки шумораи онҳо ба нуҳсад ҳам намерасад, барои мо боз нагузоштааст. Аммо миллиёнҳо шеъре, ки пас аз ӯ сухансароёни Эрон сурудаанд, гӯӣ, ҳама аз ӯст, зеро агар ӯ наёмада ва ин асоси дерпойро бунёд нагузошта буд ва ин роҳро нагушода буд, шеъри форсӣ ба ин появу моя аз сарвату ғано намерасид ва бузургтарин китоби адаби ҷаҳонро фароҳам намекард»[2]. Дар ҳақиқат, шоирони замони Сомониён, ба вижа устод Рӯдакӣ буд, ки бо шеъри содаву равону оламгираш дар тарбияву такомул ва парвариши адибони пас аз худ саҳм гузошт ва боиси падид омадани шуарову удабои бузург дар шеъри тоҷик-форс гардид. Яке аз эшон Хоқонии Шарвонӣ буд, ки дусад сол пас аз ӯ суннати шеъри вайро идома дод ва дар такомулу ташаккули адабиётамон нақши барозанда бозид:

*Шеърам ба зар навиштанд он ҷо хавоси Каъба,*
*Бар беназирии ман карданд ҳоҷ маҳзар [3].*

Албатта, сарчашмаи фикру андешаҳои Хоқонӣ бисёр густурда аст, ӯ аз улуми мутадовили замони худ, фалсафаву ҳикмати Ҳинду Чину Юнону Рум, кутуби Таврот, Инҷил, Қуръон, осори Эрони бостон, хусусан шеъру адаби пеш аз худ, ҳамзамонони хеш ва ғайра, вуқуфияти том доштааст. Агар Хоқонӣ аз ин гуна иттилоот ва донишу биниш бархурдор намебуд, наметавонист ба дараҷаи як шоири бузург ва нобиғаю истисноӣ қад алам намояд ва осоре офаринад, ки муҷиби шарҳу тавзеҳ ва баҳсу мунозираҳои мухталиф дар тӯли асрҳо қарор гирад. Номҳои адибони Аҷаму Араб, ки шоир дар осораш овардааст ва мазомине, ки ӯ пайгирӣ ва баён кардааст, мубайини дониш ва бохабарии густардаи шоир метавонад буда бошад. Хусусан, ишора ба асотиру талмеҳоти исломиву эронӣ, ашхоси таърихиву фарҳангӣ, тамаддуни Арабу Аҷаму Ҳинду Чину Юнону Рум ва соири кишварҳои олам нишон медиҳанд, ки Хоқонӣ воқеан ҳам як шахсияти

фавқулода, марде пурмутолиа буда, аз илмҳои замони хеш, таърихи Арабу Аҷам, фалсафа, ҳикмати Юнон ва хусусан шеър ва адаби гузаштаи хештан, ки шеършиносон аз шоирону дабирону пизишкону ҳакимон дар он замон талаб мекарданд, бархӯрдор будааст. Ба қавли устод Шарифҷон Ҳусейнзода, «дар асри XII барои тай намудани роҳ ва равиши камоли адабӣ аз худ намудан ва маълумоти кофӣ гирифтан аз илмҳои мухталиф аввалин шарти шоирӣ ба шумор мерафтааст. Ба ғайр аз ин касе, ки қадам ба шоирӣ мегузошт, ба гуфтаи Низомии Арӯзӣ, ба ҷуз донистани қонуну қоидаҳои улуми адабӣ бояд «бист ҳазор байт аз ашъори мутақаддимин ёд гирад, даҳ ҳазор аз осори мутааххирин пеши чашм кунад ва пайваста давовини устодонро ҳамехонад ва ёд ҳамегирад». Ё ин ки Ровандӣ дар китоби «Роҳат-ус-судур» ҳамин гуфтаҳои Низомии Арӯзиро бо баёни дигар аз забони шоире чунин овардааст: «Аз ашъори мутааххирин, чун Имодӣ ва Саидашраф ва Абулфараҷи Рунӣ ва амсоли араб ва ашъори тозӣ ва ҳиками «Шоҳнома» он чи табъи ту бад-он майл кунанд, қадри дувист бист аз ҳар ҷо ихтиёр кун ва ёд гир ва бар хондани «Шоҳнома» мувозабат намой, то шеър ба ғоят расад». Аз ин рӯ, шоирони бузурги он аср, чун Анварӣ, Хоқонӣ, Низомӣ, Фаридаддини Аттор ва бисёр дигарон, ба ғайр аз истеъдод ва қобилияти табиӣ дар шоирӣ аз илму дониши замони худ баҳраи том доштанд». 4 Аз ин рӯ, Хоқонӣ девонҳои шуарои пеш аз худро хондаву аз шарту шароити шеър ва шоирӣ огоҳ будааст. Воқеан, ӯ дар осораш аз адибони зиёде ном мебарад. Адибоне мисли Рӯдакӣ, Шаҳид, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Тайён, Қатрон, Масъуди Саъд, Муиззӣ, Хайём, Саноӣ ва ҳамзамононаш Рашиди Ватвот, Абулалои Ганҷавӣ, Муҷири Балайқонӣ, Ғазолӣ ва дигарон. Аммо аз устод Рӯдакӣ, Унсурӣ ва Муиззӣ беш аз соирин зикр ба амал меорад. Зоҳиран, дар замони Хоқонӣ ин се шоир аз шоироне буданд, ки осорашон вирди забонҳову баёнҳо ва маҳфилҳову дарборҳо қарор доштаанд. Чун Хоқонӣ дари дигаре дар сухансароӣ ва адаб бар рӯи худ кушода буд ва ба сабки тозаи

замон – ироқӣ ва хосси худ ҳунарнамоӣ мекард, мехост, ки тавассути қиёс бо осори адибони пешин ҳунару фазилат ва бартариҳои хешро ба ҳамрӯзгоронаш ба намоиш бигузорад, зеро ҳамзамонони шоир, ба вижа ҳасудон, мункири ҳунари ӯ буданд. Аз ин рӯ, ӯ бад-ин васила афзалияти худро дар эҷоди сабки тоза, сухани нав, ба таври шоиста қадр нашудани хеш ва қадрдонии Сомониён аз Рӯдакӣ, Ғазнавиён аз Унсурӣ ва Салҷуқиён (султон Санҷар) аз Муиззиро, ки дар бахшандагӣ зарбулмасал гардидаанд, як навъ гӯшзад мекард, то шоҳону ҳокимони замонаш бидонанд, ки ба шоир чӣ гуна бояд муносибату ғамхорӣ кард, бардаву ғулому силот бахшид. Ӯ мехост, ки подшоҳону ҳокимони замонаш бояд аз подшоҳону ҳокимони замони Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён (султон Санҷар) дар ин замина ибрат бигиранд, зеро он шоирон ба табъу маҳорат ба пояи ӯ намерасиданд, аммо мамдӯҳонашон ба эшон ба назари эҳсону хайру тараҳҳуму шафқат менигаристанд, муносибат мекарданд. Агар онҳо зинда мешуданд ва аз вуҷуди шоире чун Хоқонӣ, ки мубдеъву навовару беназир аст, сар ба осмон месоиданд ва арзандатарин мукофоту ҷоизаву силотро на ба Рӯдакиву Унсуриву Муиззӣ, балки ба ӯ тақдим мекарданд, зеро, ба қавли аҳли тазкира, аз ҷумла Ҷомӣ, «се кас аз шуаро дар се давлат иқболҳо диданду қабулҳо ёфтанд, ки кас наёфт: Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён ва Унсурӣ дар давлати Маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати Санҷариён». 5 Аз ин хотир, Хоқонӣ дар осораш аз онҳо дам ба дам ёд мекунад. Ӯ эшонро куҳансухан, бостонсаро (хусусан Унсуриро), маҳдудмавзӯъ, маҳдудбаён, бо як сухан, резахӯри хони худ муаррифӣ менамояд. Ин байти Хоқонӣ, ки дар он бар устод Рӯдакиву Унсурӣ тохтааст, аз ҳамин воқеият моя ва поя мегирад:

*Шоири муфлиқ манам, хони маонӣ марост,*
*Резахӯри хони ман Унсуриву Рӯдакӣ [6].*

Муроди шоир ин ҷо паст задани ин устодон нест, балки шинохти қудрату нерӯи адабии худ, гӯшрас кардани таҳаввули шеър ва ҳушдор додан ба подшоҳону ҳокимону ҳасудону

мункирони сухани тозаву тари хеш дар замони нав мебошад. Аммо бадбахтона, бархе аз мутаассибон, тангназарон ва ноогоҳон аз таърихи адабиёт, сабкшиносӣ, ноошноёни сухан, аҳли эҳсос ин байти Хоқониро нодуруст фаҳмида, онро дастак карда, нисбат ба ӯ муносибати кинатӯзона ва мутаассибона гирифта, дар осору гуфторашон ӯро сарзаниш кардаанд, ки гӯё ӯ ба устод Рӯдакӣ беэҳтиромӣ карда бошад. Ҳол он ки чунин нест. Тибқи қоидаи таҳаввул зиндагӣ ҳамеша пеш меравад, тараққӣ менамояд, кашфиётҳо карда мешаванд, яъне ҳаёт дар як ҷо намеистад, адабиёт низ тибқи ҳамин талабот амал мекунад, балки ҳамвора тағйир меёбад, рушд мекунад, завқҳо дигаргун мешаванд, сабкҳои тоза ба тоза, мактабу равияҳои гуногун пайдо мешаванд ва ба осори давраи аввал аз дидгоҳи замони худ баҳо медиҳанд. Гӯяндагон офаридаҳои пеш аз худро як навъ сода мебинанд, ҳол он ки худи онҳо маҳсули ҳамон офаридаҳои содаанд, ки камол ёфтаанд, агар он офаридаҳои сода набуданд, онҳо ба чизҳои тоза даст намеёфтанд. Хоқонӣ низ аз ҳамин дидгоҳ дар ин байт ба устод Рӯдакӣ ва шеъри вай наздик шудааст. Қасди ӯ паст задани устод Рӯдакӣ ва шеваи ӯ нест, балки куҳнагии услубу баён ва навии сабку шеваи худро дар назар дорад, ки воқеан ҳам тару тоза аст ва бо тарзи баёни шоирони сабки хуросонӣ, яъне Рӯдакиву Унсурӣ муғойират дорад. Аммо мақоми Рӯдакиву Унсурӣ, ки дар рӯзгори худ доштанд, ба ҳеҷ ваҷҳ бо ин гуфтаи Хоқонӣ ва ё Давлатшоҳу дигарон паст намешавад, балки ба ҷои худ, мақоми хеш мемонад, зеро:

*Он кас, ки шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон*
*Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист [7].*

***

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некушоирӣ,*
*Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ [8].*

Бинобар ин, боз мегӯем, ки устод Рӯдакӣ дар оғози шеъри мо қарор дорад, шеърҳои олии ӯ намунаи давраи ибтидоии адабиёти моанд, аммо шеъри Хоқонию Низомию Саъдиву Ҳофизу Ҷомию Урфию Соиб ва ғайра намунаи давраҳои

ташаккулу такомулу камолу балоғат ва инкишофи адабиёти моро инъикос менамоянд, ба намоиш мегузоранд ва ҳаргиз ба он намунаҳои ибтидоӣ қобили қиёс нестанд, зеро агар онҳо низ дар пояи ҳамон намунаҳо шеър мегуфтанд, эҷод мекарданд, ҷустуҷӯю навоварӣ намекарданд, шеъри мо, мисли шеъри мурдаву карахт, дар як ҷой пой мекуфт, аз инкишоф бозмемонд ва ҳаргиз ҷаҳонгир намешуд. *Лиҳозо*, бояд донист, ки шеъри устод Рӯдакӣ нисбат ба замони худ ва сабки ҳокими он замон зебоӣ дорад, аммо дар замони Хоқонӣ ва сабки нави эҷодӣ, ки дидгоҳҳо, завқҳо дигаргунаанд, талаботи хонандаро қонеъ карда наметавонанд. Албатта, мақом ва зебоии худро нигаҳ медоранд, аммо асосан барои ҳамон замон, ҳамон сабк, на замони нав, ки талаботу завқҳо дигаргун шудааст. Аз ин рӯ, ба хонанда шеъри нав мақбулу писанд меафтад, на куҳан. *Лиҳозо*, завқеро, ки хонанда ва шунаванда дар замони Сомониён аз шеъри Рӯдакӣ мегирифт, дар замони Салҷуқиён, аз он ки сабку завқҳо дигар шудааст, аз шеъри ӯ пайдо наменамоянд, балки аз шеъри Хоқонӣ, Заҳир, Низомӣ ва дигарон, ки бо хаёлбандию мазмунофариниву ташбеҳу кинояву истиораҳои нав, бесобиқа ва шигифтангез ороставу пироста шудаанд, дарёфт мекунанд. Бинобар ин, Давлатшоҳ ба шеъри «Бӯйи ҷӯи Мӯлиён», ки амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад баъд аз шунидани он аз Бодғис, бидуни ба по кардани мӯза, азми Бухороро менамояд, ба таажҷуб меояд ва мегӯяд: «Ва уқалоро ин ҳолат ба хотир аҷаб менамояд, ки ин назмест сода ва аз саноеву бадоеъ ва матонат орӣ. Чӣ агар ки дар ин рӯзгор суханваре мисли ин навъ сухан гӯяд, дар маҷлиси салотин ва умаро арз кунад, муставҷиби инкори ҳамагон шавад…». 9 Дар ин гуфтори Давлатшоҳ рӯҳияи замон ва талаботи шеъру шоирӣ дар ин даврон, завқу салиқаи адибону умарову ҳокимон, ки талабгори сухани тозаву пурхаёлу пурмуболиғаву пуророиши адабӣ будаанд, таҷассум ёфтааст, на ғаразу ҳамлаву паст задани шеъри устод Рӯдакӣ ва мақоми бузурги шоирии ӯ. Мо ин гуна баҳодиҳиро дар мавриди шеъри шоирони бузург дар асрҳои мухталиф, дар ҳолатҳои

гуногун, хусусан дар мавриди ивазшавии сабкҳо ва тағйир ёфтани завқҳо ва талаботҳо, фаровон боздид менамоем. Масалан, Ҷаҳонгир аз як ғазали Ҷомӣ танҳо як мисраи онро меписандад, аз боқимондаи он сарфи назар менамояд. Ба ин маънӣ, Шиблии Нӯъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» чунин менависад: «Як бор Хонихонон ин ғазал тарҳ кард, мисраъ:

*Баҳри як гул заҳмати ҳар хор мебояд кашид,*
*Ҷаҳонгир филбадеҳа ин матлаъ гуфт:*
*Согари май бар рухи гулзор мебояд кашид,*
*Абр бисёр аст, май бисёр мебояд кашид.*

Мисраи мазбур ҷузви ғазалест аз Ҷомӣ. Ҷаҳонгир тамоми ғазалро ба даст оварда ва аз назар гузаронид, вале чу манзур ҳамон як мисраъ буда, дар «Тузук» чунин менависад: «Ин мисраъ зоҳир шуд, ки аз Мавлоно Абдураҳмони Ҷомист, ғазали ӯ тамом ба назар даромад, ғайр аз он мисраъ, ки ба тариқи мисол забонзади рӯзгор шуда, дигар коре насохта, бағоят содаву ҳамвор гуфта».[10] Ё аз куллиёти Ҷомӣ фақат даҳ порчаро интихоб кардани Восифӣ ва Қатилӣ, ки дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» нақл шудааст, ки баёнгари дигаргун шудани завқҳо, талаботҳо дар марҳалаҳову замонҳои мухталиф мебошад, ки ба қонуну қавоиди такомул ва инкишоф иртибот мегирад. Бинобар ин, устод Айнӣ дар мавриди интихоби даҳ порча аз куллиёти Ҷомӣ аз ҷониби Восифию Қатилӣ дар повароқи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» чунин менависад: «Шак нест, ки Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз намоёнтарин намояндагони адабиёти тоҷик буда, ӯро шеърҳои хубе, ки дар салосат, балоғат ва фасоҳат назир надоранд, бисёр аст. Ҷомиро шеърҳои «саҳли мумтанеъ» – шеърҳое, ки дар дидан сода, осонфаҳм ва равон, аммо монанди онҳо эҷод кардан душвор, ҳатто номумкин аст, кам нест. Бо ҳамаи ин, интихоб кардани Восифӣ даҳ порчаеро, ки бинои онҳо дар асоси лафзбозист ва мувофиқ афтодани интихоби Қатилӣ ба чизҳои интихобкардаи Восифӣ ҳаминро нишон медиҳад, ки дар асри XVI хубии шеър иборат аз лафзбозӣ шуда будааст»[11]. Ё мақбули намояндагони хонадони Темуриёни Ҳинд қарор

нагирифтани осори Мушфиқӣ, ки ба сабки куҳан шеър мегуфт, ин қазияро собит менамояд, зеро онҳо дар Ҳинди он замон ба сабки нави ҳиндӣ, ки Урфию Назирӣ ва соири адибони Эрону Хуросону Мовароуннаҳр онро ба он диёр бурдаву расмият бахшида буданд, сухан мегуфтанд. Лиҳозо, шеъри Мушфиқӣ, ки намояндаи услуби куҳан буд, харидор пайдо наменамояд ва ӯ пас аз як сол маҷбур мешавад, ки ба ватани хеш боз гардад. Дар ин бора Абдулғани Мирзоев чунин менависад: «Ҷунбиши адабӣ, ки дар замони ҳукмронии Акбар (1556-1605) бо ташаббуси худи ӯ ва Абулфазли Муборак ва бо фаъолияти Урфии Шерозӣ (1555-1591), Назирӣ (вафоташ дар соли 1612), Файзии Даканӣ (1547-1596) ва дигар шоирони забардасти аз Осиёи Миёна ба Ҳинд ҳиҷрат карда дар Ҳиндустон қувват гирифта буд, гуфтан мумкин аст, ки сабки ҳиндиро нисбатан ба як шакли муйяне дохил кард. Лекин намунаи маҳсули ин ҷунбиши адабӣ- аз ҷумла латофати лафз, нозуктасвирӣ, бориқандешӣ, образ ва мазмунэҷодкуниҳои аз ҳад берун ва ғайра, ки хусусиятҳои сабки ҳиндиро ташкил медоданд, дар худи ҳамон давра дар адабиёти Мовароуннаҳр дида намешавад»[12]. Ногуфта намонад, ки ӯ ин масъаларо дар поварақ низ шарҳ медиҳад. Аз ҷумла менависад: «Мушфиқӣ дар аввалҳои салтанати Акбар ба Ҳиндустон рафта, бо ин намояндаи хонадони Темуриёни Ҳинд мулоқот намуд ва ба вай қасидае навишта тақдим кард. Инчунин ӯ аз Самарқанд истода ба Акбар қасидае навишта равона кардааст. Лекин дар эҷодиёти Мушфиқӣ муваффақиятҳои ҷунбиши адабии нимаи дуюми асри XVI Ҳиндустон чи навъе, ки дар матни китоб гуфта шуд, ҳис карда намешавад. Сарчашмаи "Гулзори Ирам»-и ӯ (ки дар соли 973 ҳиҷрӣ/ 1565-66 мелодӣ навшта шудааст) ва мумкин аст баъзеро дар ин бора ба шубҳа андозад, низ аз ҷои дигар аст. Мумкин аст, ин аз он ҷиҳат бошад, ки дар вақти ба Ҳиндустон рафтан, синни шоир аз 45 гузашта услуби бадеии ватани ӯ дар эҷодиёташ таъсири пурқуввате гузошта ва дар замони худ санъаткори бузурги ҳамин услуб гардида буд. Тарк кардани ин услуб ва гузаштан ба услуби дигар, агар аз як



Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj

тараф (бинобар гузаштани синни шоир) душвор бошад, аз тарафи дигар мумкин аст худи шоир нахоста бошад. Ин буд, ки Мушфиқӣ бо маҳсули адабии худ дар Ҳиндустон муваффақияте пайдо карда натавониста ба зудӣ ба Мовароуннаҳр пас гашт»[13].

Назари Хоқонӣ низ ба шоирони пеш аз худ ба ҳамин қоида ва қонуни ҷорӣ ва сорӣ дар адабиёт ихтисос мегирад ва такя менамояд. Аммо Хоқонӣ, илова бар ин қоидаи маъмули шеъру шоирӣ, аз як сӯ, ба инкори шеъри Рӯдакиву Унсуриву Муиззӣ пардохта, аз сӯи дигар, ба амирону ҳокимони замонаш ҳушдор медиҳад, ки ӯро хубтар бишиносанд, аз шеъраш қадрдонӣ намоянд ва дар ин росто аз қадрдонию бахшандагии мамдӯҳони Рӯдакиву Унсуриву Муиззӣ ибрат бигиранд. Бубинанд, ки онҳо чӣ тавр ба шоироне, ки осорашон ибтидоӣ, куҳна ва ҳатто аз лиҳози мавзӯъ ва муҳтаво маҳдуд аст ва ба пояи шеъри ӯ намерасанд, силоти фаровон медиҳанд ва ҳунарашонро қадр менамоянд, аммо онҳо шоири нововару навгӯю муфлиқе чун Хоқониро ба хубӣ, ба таври боисаву шоиста арҷгузорӣ наменамоянд, ба қадри сухани тозаву тари ӯ намерасанд. Бинобар ин, Хоқонӣ ба ин се устоди сухан, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, на танҳо даъвои ҳамсарӣ, балки бартарӣ менамояд, як навъ аз тақдири баланди онҳо ва мамдӯҳони пурсаховаташон рашк мекунад. Шояд дар он айём девони устод Рӯдакӣ мавҷуд будааст ва шоире чун Хоқонӣ онро мисли девонҳои Унсурию Муиззӣ пайваста мехондааст, зеро ташобуҳу ҳамсониҳои ашъор ва афкор дар байни осори бозмондаи устод Рӯдакӣ ва Хоқонӣ хеле зиёд аст, ки ковишу қиёсу баррасии онҳо кори алоҳида мебошад. Дар ин замина дар адабиётшиносии тоҷик устод Шарифҷон Ҳусейнзода нахустин касест, ки аз таассури Хоқонӣ аз устод Рӯдакӣ на танҳо сухан дар миён овардааст, балки мисол ҳам задааст. Чунончи, ӯ дар мақолаи «Баъзе қайдҳо аз таърихи робитаҳои илмӣ ва адабӣ», ки ба муносибати ҳафтаи адабиёти Озарбойҷон дар Тоҷикистон ихтисос дода шудааст, на танҳо дар бораи робитаи адабии шоирони Эрону Мовароуннаҳру

Хуросон, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, бо шоирони Эрони ғарбӣ, яъне минтақаи Кавказ ва таъсири мутақобили адибони ин ҳавзаҳои адабӣ сухан меронад, балки мисол ҳам меорад. Чунончи ӯ мегӯяд: «Таъсири мутақобили шоирони Озарбойҷон ва тоҷик хеле бузург аст. Шоири бузург ва халлоқи маонии Озарбойҷон Хоқонии Шервонӣ мероси адабии шоирони асрҳои X ва XI, монанди Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Унсурӣ, Саноӣ ва ғайраро мутолиа ва таҳқиқ карда, дар ҷавоби осори онҳо манзумаҳо навишта, дар мадҳи баъзе ҳукмдорони Мовароуннаҳр қасидаҳо низ эҷод кардааст. Масалан, ду ғазали зерин, ки яке аз тарафи Рӯдакӣ ва дигаре аз ҷониби Хоқонӣ гуфта шудаанд, намунаи комили робитаи эҷоди ҳар ду устоди шеър мебошад:

*Рӯдакӣ мегӯяд:*
*Биёр, он май, ки пиндори равон ёқути ноб астӣ*
*Ва ё чун баркашида теғ пеши Офтоб астӣ.*
*Ба покӣ, гӯӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ,*
*Ба хушӣ, гӯӣ, андар дидаи бехоб хоб астӣ.*
*Саҳоб астӣ қадаҳ гӯиву май қатрай саҳобастӣ,*
*Тараб, гӯӣ, ки андар дил дуои мустаҷоб астӣ.*
*Агар май нестӣ, яксар ҳама дилҳо харобастӣ,*
*Агар дар колбад ҷонро надидастӣ, шароб астӣ.*
*Агар ин май ба абр – андар ба чанголи уқоб астӣ,*
*Аз он то нокасон ҳаргиз нахӯрдандӣ, савоб астӣ.*
*Хоқонӣ мегӯяд:*
*Сармастаму ташна, об дардеҳ,*
*Он оташгун гулоб дардеҳ.*
*Дар ҳиҷлаи ҷоми осмонранг*
*Он духтари Офтоб дардеҳ.*
*Он хуни Сиёвуш аз хуни Чам*
*Чун теги Фаросиёб дардеҳ.*
*То ҷуръа адимгун кунад хок,*
*Он лаъли суҳайлтоб дардеҳ…*
*Хоқониро даме ба хилват*
*Биншону бад-ӯ шароб дардеҳ.*

Ғайр аз ин, Хоқонӣ дар як қасидаи худ, ки бо ин матлаъ сар мешавад:

*Ҷоми май то хати Багдод деҳ, эй ёр, маро,*
*Боз ҳам дар хати Багдод фикан, ёр, маро-*

ба мисраи зерини:

*Кас фиристод ба сар – андар Айёр маро,*
*Ки кунад ёд ба шеър – андар бисёр маро?-*

шеъри Рӯдакӣ тазмин карда, гуфтааст:

*Миннате дорам гар бар сари натъам чу чарог*
*Бинишонӣ хушу он гаҳ бикушӣ зор маро.*
*Кас ба Айёр фиристодию гуфтӣ, ки ба сар*
*Хун бирезад ба сари ханҷари хунхор маро.*
*В-аз пайи он ки зи сирри ту хабардор шавам,*
*«Кас фиристод ба сар – андар Айёр маро».*
*Теги Айёр чӣ бояд зи пайи куштани ман,*
*Ҳам ту куш, к-аз ту наёяд ба дил озор маро.*

Хоқонӣ асосан шоири қасидасаро аст, вале дар аксар шеърҳояш маъниҳои баланди иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва пандиро бисёр ифода намудааст. Дар воқеъ, шеъри хуб назди Хоқонӣ он аст, ки аз маънӣ ва таъбирҳои бадеӣ пур бошад. Махсусан, вай ба ҷиҳати фалсафа ва ахлоқ дар шеър аҳамияти бисёр медиҳад. Ӯ шоири маддоҳи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ-Унсуриро танқид мекунад,ки ӯ, ба ғайр аз мадҳу ғазал, дар ҳикмат ва ахлоқ шеър нагуфтааст. Масалан:

*Ҷуз аз тарзи мадҳу тарози газал*
*Накардӣ зи табъ имтиҳон Унсурӣ…*
*На таҳқиқ гуфта, на ваъзу на зуҳд,*
*Ки ҳарфе надонист аз он Унсурӣ.*
*Набудаст чун ман ба назму ба наср*
*Бузургояту хурдадон Унсурӣ…» [14]*

Албатта, таассури Хоқонӣ аз устод Рӯдакӣ бо ин ду мисоле, ки устод Ҳусейнзода овардаанд, маҳдуд намешавад, мо дар

осори Хоқонӣ ба намунаҳои зиёди ин гуна таъсирпазирӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки алоқаи зиёди Хоқониро ба шеъри устод Рӯдакӣ бармало месозанд. Гузашта аз ин, ёдкардҳое, ки Хоқонӣ дар осори хеш аз ӯ намудааст, далели нуфузи афкору орои устод Рӯдакӣ дар осори Хоқонӣ ва мақому ҷойи ӯ дар андешаву афкораш метавонад буда бошад. Чунончи:

*Гарчи будаст пеш аз он дар Арабу Аҷам равон,*
*Шеъри Шаҳиду Рӯдакӣ, назми Лабиду Буҳтурӣ.*
*Дар сифати ягонагӣ он сафи чоргонаро*
*Банда се зарба медиҳад дар ду забони шоирӣ [15].*

Масалан, агар устод Рӯдакӣ дар асри Х Бухороро аз Бағдод, ки маркази хилофат аст, бартар ниҳода бошад:

*Имрӯз ба ҳар ҳоле Багдод Бухорост,*
*Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост [16].*

ва рӯҳи шуубии худро ба намоиш гузошта бошад, Хоқонӣ 200 сол баъд аз ӯ Шарвонро аз Бағдод боло мегузорад ва як навъ гуфтаи ӯро такрор менамояд:

*Шарвон ба иззи шоҳ зи Багдод даргузашт,*
*То шоҳзода Сафватуддин бонувони ӯст [17].*

Хоқонӣ агарчи дар девонҳои шуарои пеш аз худ, ба вижа шуарои сабки хуросонӣ – Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва дигарон татаббӯи зиёд дорад, аз онҳо, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, мавфур мекунад, шеърашонро тазмин менамояд, аммо пойбанди эшон ва сабкашон нест, балки бештар ба гӯяндагоне, ки дар марзи таҳаввул дар байни сабки куҳани хуросонӣ ва сабки нави ироқӣ қарор доранд, аз ҷумла, Мухтории Ғазнавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъд, алалхусус Саноӣ ва амсоли ин, ки падидоваранда ва намояндаи сабки нав буданд, пайравӣ менамояд. Аз ин хотир, шеъраш тозаву наву бесобиқа аст. Ба қавли Маликушшуаро Баҳор, «ин ашъор, ғайр аз пухтагӣ ва дурустӣ ва ба дастуру қонун будан, дигар аз ҳайси мазоёи табиӣ ва улуви маънӣ шабоҳате ба ашъори Рӯдакиву Унсурӣ

ва Фаррухӣ надоранд». Аммо бо ин ҳама, тавре ки гуфтем ва дидем, нақши каломи шоирони замони Сомониён, алалхусус устод Рӯдакӣ, дар каломи Хоқонӣ ҳар оина ба чашм мерасад. Аммо мо дар ин маврид танҳо ба овардани як қасидаи Хоқонӣ, ки ба қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ:

*Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чи дандон буд,*
*Набуд дандон, ло, бал чароғи тобон буд [18].*

аз ҷиҳати мазмун монанд аст, иктифо менамоем:

*Намонд аҳли ранге, ки ман доштам,*
*Бирафт обу санге, ки ман доштам*
*Ба бӯи дили ёри якранг буд*
*Ба манзил диранге, ки ман доштам.*
*Барад ранги дебо ҳаво лоҷарам,*
*Ҳаво бурд ранге, ки ман доштам.*
*Хазон шуд баҳоре, ки ман ёфтам,*
*Камон шуд ходанге, ки ман доштам.*
*Ба ҷуз бо лабу чашми хубон набуд,*
*Ҳама сулҳу ҷанге, ки ман доштам.*
*Чу шер оташинчангу чуст омадам,*
*Пайи ҳар паланге, ки ман доштам.*
*Кунун ба таъвизи тифлон дарун*
*Набинанд чанге, ки ман доштам.*
*На Хоқониям, ном гум кун маро,*
*Ки шуд ному нанге, ки ман доштам [19].*

Зимнан бояд гуфт, ки Хоқонӣ на фақат дар ашъораш аз устод Рӯдакӣ ёд менамояд, ба ӯ метозад, ашъорашро тазмин мекунад, балки дар «Муншаот»-аш, ки ба наср навишта шудааст, низ аз ӯ ёд менамояд. Мо ин гуна ёдкардро, ки ҷанбаи қиёсӣ дорад, дар як номаи ӯ, ки ба вазири Арман – Шамсуддин Маҳмуд ибни Алӣ бахшидааст ва аз саховату бахшиши шоҳони пешин ва арҷу эҳтироми онҳо ба аҳли қалам, минҷумла устод Рӯдакӣ ва соири шоирон, қисса менамояд, дида метавонем. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Аз форсизабонони мулукситой Рӯдакӣ дар китоби ҷалоли рази

Сомонӣ, амири хуросонӣ ва Хусравӣ дар умдаи фазоил ва рукни фазоили Абулфазли Балъамӣ ва Мантиқӣ дар дорулкифоти садри карим Соҳиб ибни Ибод ва Асҷадӣ дар рикоби давлатбахши шоҳи Ҷилон ва Фаррухӣ дар залли залили малики Систон ва Унсурӣ таҳти рояти султони сулаймоннигин Маҳмуди Сабуктегин, маъамо , ки ҳиммати Яминуддавла Маҳмуду (и) Ғазнин, ки ирнайни айём буд, ки макрамати ин садри маҳмудномаро айёзи убудият шояд, ки бошад. Аммо бар забони мани кеҳтар з-ин сиғату санъати дӯст:

*Маҳмуд бани Алист чу Маҳмуду чун Алӣ*
*Ман ҳам Аёзи ҷудашу ҳам қанбари сахош» [20].*

Мусаллам аст, ки устод Рӯдакӣ намояндаи машҳури сабки хуросонӣ мебошад. Содагии забону баён, камии калимоти бегона, ноошно, номаънус, истифодаи радифҳои сода, тасвирҳои табиӣ, муътадил, бозтоби рӯҳи маҳаллию миллӣ, нуфузи асотири миллию эронӣ, таъсири андаки ирфону тасаввуф, васфи хираду дониш, рӯҳияи шодию нишот, барканор будан аз таассубу сахтигариҳои мазҳабӣ, тарғиби панду ҳикмат, таълиму тарбия, корбурди андаки вожаҳои арабӣ, ҳузури луғоти куҳнаву маҳҷур ва наздик ба паҳлавӣ, такрор, рӯҳи ҳамосӣ, ҷанбаи таълимӣ, дурӣ аз навмедию яъс, нуфуз надоштани истилоҳи илмӣ, фаннӣ, қавӣ набудани корбурди оёт, ҳадис, ишора ва талмеҳоти арабиву исломӣ, истифодаи ташбеҳу истиораҳои ҳаётию табиӣ, эронгароӣ ва эронситоӣ, парҳез ва дурӣ аз иҳому ибҳом, мавҷудияти сакта, нуфуз надоштани саҷъ, вожагони туркӣ, алоқамандӣ нишон додан ба юнонгароӣ, дурӣ аз печидагӣ, муғлақбаёнӣ, бозӣ бо вожагон, худдорӣ аз истифодаи зиёди тасвир ва ороишоти адабӣ, парҳез аз фазлфурӯшӣ ва ғайра аз вижагиҳои асосии сабки хуросонӣ мебошанд. Осори устод Рӯдакӣ дорои ҳамин гуна хасоис мебошанд. Хусусан тавсифи донишу хирад яке аз мавзӯъҳои муҳимми осори боқимондаи ӯ мебошад:

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ [21].*

Ин ҷанбаи мавзӯи шоирони сабки хуросонӣ, ки устод Рӯдакӣ дар авҷи он қарор дорад, яъне тарғиби донишу хирадро донишмандон ба вижа сабкпажӯҳон, дар осорашон таъкид кардаанд ва афзалияту тафовути онро бар соири сабкҳои баъд аз он, алалхусус сабки ироқӣ, ки ҷойгузини сабки хуросонӣ мешавад, нишон додаанд. Хусрави Фаршедвард гӯяд: «Тафовути дигаре, ки дар мавзӯоти адабии ин ду давра (давраи ҳукмронии сабки хуросонӣ ва ироқӣ – Ҷ.С.) дида мешавад, масъалаи дониш ва хирад аст, ба ин маънӣ, ки бисёре аз шоирони сабки хуросонӣ ситоишгари донишу хираду фалсафаву ҳикмат будаанд… Дар ҳоле, ки дар асри Салҷуқӣ ва муғул бар асари ривоҷи ақоиди ашоъираи Ғазолӣ ва сӯфия фалсафа ва донишу хирад мавриди бемеҳрӣ қарор мегирад ва таассубу шӯру ваҷду ҳолу ишқ ҷои илму истидлолро мегирад».22 Бад-ин маънӣ донишманди ҳиндӣ Кошинот Пандтио низ дар мақолаи «Андешаҳо оид ба адабиёти форсу тоҷик» ишораи сареҳ менамояд. Аз ҷумла ӯ мегӯяд: «Муҳаққиқон таърихи адабиёти Эронро аз лиҳози сабк ба чандин давр тақсим кардаанд ва нахустин давраи онро сабки хуросонӣ номидаанд… Яке аз ҷанбаҳои ахлоқӣ, ки шоирони ин давра ба он аҳамияти фаровон додаанд, арзиши дониш дар боло бурдани фарҳанги башар мебошад. Дониш, яъне донистан ва огоҳ будан аз вазифаи шахсӣ ва иҷтимоӣ, завқ ва дилсӯзӣ барои пешрафти зиндагии моддӣ ва маънавии башар. Дар авосити давраи салтанати Сомониён шоире тоҷик ва марде донишманд Абӯшакури Балхӣ мегӯяд:

*То бад-он ҷо расид дониши ман,*
*Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.*

Рӯдакӣ арзиши донишро бад-ин гуна васф менамояд:

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Аммо нахустин зарбае, ки ба андешаи бартарии дониш ворид шуд, аз тарафи ҷамъе аз мутаассибони мадрасаи Низомияи Бағдод бо сарварии Муҳаммади Ғазолӣ буд, ки дар

миёнаи қарни XI-и мелодӣ, яъне замони ҳукмронии Алп Арслони Салҷуқӣ зиндагӣ мекард. Бояд гуфт, ки дар ҳақиқат, бунёдгузории ҷараёни иртиҷоии фикр дар Хуросон ва сарзамини рӯди Ому дар он замон Низомулмулки Тӯсӣ-вазири маъруфи Салҷуқиён ва душмани ашаддии исмиоилиёну равшанфикрони он давра буд, онҳоро зиндиқ ва мулҳид мехонд. Доир кардани мадрасаҳои Низомия дар нукоти мухталифи кишвар-Ҳирот, Марв, Тӯс ва ҷойҳои дигар бо ин манзур буд, ки иртиҷоъро ҳимоят кунад ва муратаҷеъин, мисли Ғазолӣ, дар он мадрасаҳо тарбият биёбанд. Илмҳое, ки дар ин мадрасаҳо омӯхта мешуданд, фиқҳ, тафсир, қироат ва дигар улуми динӣ буданд. Вале таълими илмҳои ақлӣ, мисли фалсафа, мантиқ, риёзӣ, ҳандаса, нуҷум ва ғайраҳо мамнӯъ буд. Муқобили файласуфон ва ҳакимон Ғазолӣ китобе ба номи «Таҳофат-ул-фалосифа» навишта ва пояи динро дар ҳар нигориш ҳимоят намуд. Ҳайф, ки бо таъсири аҳли иртиҷоъ Хоқонӣ барин шоири нуктасанҷ ва донишманд низ дониши юнониёнро маҳкум кард. Чунонки мегӯяд:

*Фалсафа дар сухан маёмезед,*
*В-он гаҳе номи он ҷадал маниҳед.*
*Нақди ҳар фалсафӣ кам аз фулс аст,*
*Фулсе дар кисаи амал маниҳед» [23].*

Аммо дар сабки ироқӣ, ки давом ва такомули сабки хуросонист ва Хоқонӣ яке аз намояндагони сутурги он маҳсуб мешавад, забон таҳаввул мекунад, калимоти арабӣ зиёд мешаванд, вожагони туркӣ меафзоянд, истилоҳоти илмиву фаннӣ, аз ҷумла тиббиву нуҷумӣ, корбурди зиёд пайдо менамоянд, ирфону тасаввуф, оёту ҳадис, такаллуфу санъатгарӣ, донишситезиву хирадгурезӣ авҷ мегирад, ғазал нуфуз пайдо менамояд, луғатҳои матрук кам мешаванд, забон суфтаву пухта мегардад, калимаҳо бештар маънои истиориву киноӣ пайдо менамоянд, авзони шеър тарош мехӯрад, сактаъ дар шеър, ки дар сабки хуросонӣ нуфуз дошт, кам мешавад, шеър душвору мураккабу печида ва муғлақ мегардад, радифҳои исмӣ зиёд мешаванд, қофияҳои душвор расмият

пайдо мекунанд, такаллуф ва тасаннуъ зиёд мегардад, муғлақсароӣ, тумтароқи лафз меафзояд, асотир, қиссаву достонҳои арабиву исломӣ беш аз пеш ҷойгузини асотиру қиссаву достонҳои эрониву милливу маҳаллӣ мешаванд, шеър гоҳе шакли муаммову чистонро мегирад, хирадситоиву ақлгароӣ камранг мегардад, ахлоқ рангу бӯи тасаввуфию ирфонӣ пайдо менамояд, рӯҳи миллӣ, ашъори ватандӯстона рӯ ба таназзул мениҳад, юнонситезӣ, таҳқири аҳли фалсафаву ҳикмат боло мегирад, шеър асосан дар қаламрави дину шариату тариқату ирфон ҳаракат менамояд, ҷойи илму донишу хираду таълиму тарбияро таассубу ҷаҳлу шӯру ҷазабаву ваҷду ҳоли ирфониву сӯфиёна мегирад, ғам, бадбинӣ дар адабиёт меафзояд ва ҷойи васфи шодиро, ки дар сабки хуросонӣ нуфуз дошт, мегирад, яъсу гӯшанишиниву зуҳду риёзату бадбинӣ, таваккулу қаландарию дунёситезиву дунёгурезӣ, ки дар сабки хуросонӣ ба нудурат вомехӯрд, меафзояд, ишқи заминӣ ба ишқи осмонӣ бадал мешавад, дузабонӣ мустаъмал мегардад. Қариб аксари адибон шеъри муламмаъ мегӯянд. Мо ҳамаи ин сифат ва хасоисро дар осори Хоқонӣ боздид менамоем. Рӯи ҳамин асос, даъвоҳои зиёди Хоқонӣ, бартариҷӯӣ ва таъкиди афзалияти худ ва ашъораш нисбат ба намояндагони сабки хуросонӣ, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, як амри мантиқӣ ва табиӣ маҳсуб мешавад ва тавре ки гуфтем, он ба қонуну қавоиди таҳаввулу такомулу инкишоф такя менамояд, на эҳсосу кибру ғуруру худситоӣ, ки бархеҳо аз ноогоҳию таассуб мепиндоранд. Дар воқеъ, ин амалкарди шоир ба талаботи замон ихтисос мегирад, зеро ҳар замон талаботи вижа пеш мегузорад. Лиҳозо, Хоқонӣ аз рӯи талаботи давр ва қонуни таҳаввул ва иваз шудани сабки шеърӣ амал кардааст, аз худ шигифтиву эъҷоз нишон додааст ва аз ҳунари волои худ, бартариятҳои шеъру ҳунари хеш дар олами шеъру шоирӣ хабар додааст, зеро ӯ воқеан ҳам намояндаи сабки нави адабӣ – ироқӣ шоири устод, мубдеъ ва халлоқи лафзу маънии тоза мебошад:

*Мунсифон устод донандам, ки аз маъниву лафз*
*Шеваи тоза, на расми бостон овардаам [24].*

Бинобар ин, зери тозиёнаи танқид қарор гирифтани Хоқонӣ аз ҷониби муаллифи китоби «Адабиёти тоҷик барои синфи 8» (2009) як навъ таассубу бехабарӣ аз таърихи адабиёт, сабку сабкшиносӣ, анъанаву навоварӣ, қонуни таҳаввулу такомул дар шеъру шоирӣ ва амсоли ин мебошад. Аммо ӯ аз рӯи таассубу ғараз ба Хоқонӣ туҳмат мезанад ва мегӯяд: «Ҳеҷ шоире ба монанди Хоқонии Шервонӣ дар фахри худ зиёд сухан нагуфтааст ва зиёдаравӣ ҳам накардааст. Чунончи:

*Нест иқлими суханро беҳтар аз ман подшо,*
*Дар ҷаҳон мулки сухан рондан мусаллам шуд маро.*

***

*Ман дар сухан азизи ҷаҳонам ба Шарқу Ғарб,*
*К-аз Шарқу Ғарб номи суханвар накӯтар аст.*

***

*Сухан гуфтан ба кӣ хатм аст, медонию мепурсӣ,*
*Фалакро бин, ки мегӯяд: «Ба Хоқонӣ, Хоқонӣ».*

***

*Шоири муфлиқ манам, хони маони мароcт,*
*Резахури хони ман Унсурию Рӯдакӣ.*

«Ҷаҳон» ва «Шарқу Ғарб»-е, ки Хоқонӣ мегӯяд, ба маънии қаламрави забони форсии тоҷикӣ ва тарафҳои олам аст, на ба мафҳуми имрӯзаи ҷуғрофӣ ва сиёсии онҳо. Дигар ин ки ҳаргиз сухан гуфтан ба Хоқонӣ хатм нашуда буд. Санияи Рӯдакиву Унсуриро резахӯри хони худ хондани ӯ камоли беинсофӣ мебошад. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» ба куллӣ дуруст гуфтааст, ки ин суханони Хоқонӣ дар ҳаққи соҳибқирони шоирон Рӯдакӣ аз ҷоҳилию кӯдакист. Ин фахри беҳуда ва муболиғаомез аз шеъру шоирии худ беш аз ҳама ба шоирони мадеҳасарои дарбор хос аст ва нишонаи хусумат ва рақобати онҳо барои ҷалби таваҷҷӯҳи мамдӯҳ ва ситондани молу зари бештар аз вай мебошад. Дар бораи хусумату рақобати Хоқонӣ бо бисёре аз шоирони замонаш, аз ҷумла бо

Рашиди Ватвот ва ҳатто устодаш Абӯалои Ганҷавӣ, сухан зиёд аст. Хоқони шахси худписанд ва мағрур буд…»[25]. Ҳамин муаллиф дар ҳамин китоб Хоқониро шоири сабки хуросонӣ медонад, ки аз фарти ноогоҳии ӯ аз адабиёт, таърихи адабиёт, сабкшиносӣ, анъанаву навоварӣ, таъсирпазирӣ, таъсиргузорӣ, қонуни таҳаввулу тағйирот дар забону адабиёт ва таассубу беинсофӣ нисбат ба адабиёт, намояндагони сутурги он, аз ҷумла Хоқонӣ хабар медиҳад. Чунончи ӯ менависад: «Баъзеҳо (киҳо? – Ҷ.С.) гумон кардаанд, ки он «шеваи тоза» ва «тариқи ғариб»-и Хоқонӣ ҳамон сабки ироқист, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ маъмул аст. Аммо аз мутолиа ва баррасии беҳтарин намунаҳои мероси шоир равшан бармеояд, ки ӯ давомдиҳандаи ҳамон «расми бостон» - суннатҳои адабии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, хосса Носири Хусрав ва Анварии Абевардӣ дар қасидасароӣ мебошад. Кӯшишҳои ӯ барои гуфтани шеър бо қофияву радифҳои ноёб, истифодаи санъатҳои бадеии лафзие монанди илтизом, бо ду-се матлаъ, нуктапардозиҳо, истеъмоли луғат ва таркибҳои хос, сохтани таркибу ибораҳои гуногун аз калимаҳои ноёб ва камистеъмол, истифодаи истилоҳоти илмҳои гуногун ва ғ. ҷуз нишонаи ҳунарнамоӣ чизе нест» [26]. Тавре ки мебинем, ин пора низ саросар аз ғараз нисбат ба шоир иншо шудааст. Масалан, «баъзеҳо гумон кардаанд», мегӯяд, ки маълум нест, ки ин баъзеҳо киҳо бошанд. Дигар, «шеваи тоза» ва «тариқи ғариб»-ро сабки ироқӣ намедонад, балки хуросонӣ медонад, ки аз ноогоҳии муаллифи китоби дарсӣ дарак медиҳад. Ҳамзамон, ӯ Хоқониро «давомдиҳандаи ҳамон «расми бостон», яъне сабки хуросонӣ, ки устод Рӯдакӣ намояндаи он аст медонад, ки қатъан ғалат аст. Пас маълум мешавад, ки муаллиф осори Хоқониро сарсарӣ мутолиа кардааст ва аз гуфтори муҳаққиқон, ба вижа хоқонипажӯҳон, хабар надорад ва бадтар аз ҳама, аз вижагиҳои сабки хуросонӣ ва ироқӣ, ки мо дар боло онҳоро нишон додем, бехабар аст ва ё шиддати таассуб, ки Хоқонӣ Рӯдакиро «резахӯри хон»-и худ донистааст, мақоми бузурги ӯро дар шеъри сабки ироқӣ ва умуман таърихи

адабиётамон нодида гирифтааст ва бад-ин васила эҳсоси қассосгирии худро аз ин шоири бузург ва нобиғаи сабки ироқӣ таскин бахшидааст. Лиҳозо, тамоми «кӯшишҳои ӯро ҷуз нишонаи ҳунарнамоӣ чизи дигаре надонистааст». Ин гуна бархурд бар яке аз аркони муҳимми шеъри форсӣ ва яке аз бузургтарин қасидасароёни таърихи адабиётамон, аз як сӯ, камоли беинсофӣ, камбинӣ ва таассуфи муаллифро нишон диҳад, аз сӯи дигар, хонанда , талабагонро ба бадбинӣ, гумроҳӣ ва нодуруст қазоват кардан дар бораи шоир замина муҳайё месозад. Ниҳоят, бояд донист, ки муаллифу муҳаққиқ ҳақ надорад, ки таассуб дошта бошад. Ӯ метавонад муътақиди адибе бошад, аммо мутаассиб будан айби бузург аст. Шояд ин муаллиф дар идроки шеъри Хоқонӣ оҷиз мондааст, зеро, ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб, «мумкин аст касе аз тамоми фунуни адабӣ ба дурустӣ огоҳ бошад ва бо ин ҳама шеъри Хоқонӣ ва Анварӣ ё гуфтаи Мутаннабӣ ва Муайириро идрок накунад. Зеро идроки шеъри Хоқонӣ ва Анварӣ дар баъзе маворид мавқуф ба иттилоъ ва истилоҳот аст ва масоили тиббу нуҷум ва мусиқӣ ва фалсафаи табиӣ ва илоҳӣ аст ва бидуни вуқуф бар он масоил наметавон ҷамоли фаннии он ашъорро дарёфт. Дуруст аст, ки шояд, ҳатто бо дар даст доштани он муқаддимоти тоза, дар баъзе аз он ашъор ҷамоли фаннӣ наметавон ёфт, аммо дар бисёре аз онҳо фақат ба мадади вуқуф ва иттилоъ бар муқаддимоти илмӣ метавон ҷамоли фанниро идрок кард»[27].

Мо дар бораи шоири навовару мубдеъ будани Хоқонӣ чизе намегӯем, ин ба ҳамагон маълум аст. Танҳо дар бораи на намояндаи сабки хуросонӣ, балки намояндаи тамомиёри сабки ироқӣ будани Хоқонӣ ба муаллифи китоб ин далелҳоро дар анҷоми сухан **дигарбора** нишон медиҳем, то дар нашрҳои оянадаи китоб ба ҳисоб гирад ва иштибоҳи хешро ислоҳ намояд. Воқеан, сабки хуросонӣ, ки устод Рӯдакӣ аз он намояндагӣ мекунад, дорои чунин вижагиҳо мебошад: шеър сода аст, лиҳозо онро гоҳе саҳлу мумтанеъ гуфтаанд, калимоту таркиботи арабӣ дар он хеле кам мебошад, луғоти маҳҷур ва

куҳна ва наздик ба паҳлавӣ дар шеър вомехӯранд, такрор дар шеър ҷоиз аст (ба хотири сухани нағз, андешаву орои бостон ва бурузи рӯҳи миллӣ), шеър шодигаро ва аз назари андеша ҳамосӣ, таълимӣ ва фарогири панду ҳикмат мебошад, истилоҳоти илмӣ, хусусан нуҷуму тиб, ба нудурат ба чашм мехӯрад, ғаму андӯҳу яъсу ноумедӣ бисёр кам аст, корбурди мазомини Қуръон, оёту ҳадис, талмеҳоти арабиву исломӣ чандон нуфуз надорад, шеър рӯҳи миллию ватанпарварона дорад, ташбеҳу истиораҳо табииву ҳаётианд, ирфону тасаввуф, афкору орои қаландарӣ нуфуз надоранд, ҳама чиз муътадил аст, шеър табиатгаро аст, шоирон аксар хирадситоию ақлгароянд, фалсафаву ҳикмат мавриди таваҷҷуҳи шоирон аст, печидагӣ нуфуз надорад, вожагони туркию муғулӣ қариб ба дида намерасанд, шеър берунгаро аст, тасаннӯъ камранг аст, вожагон маънусу ошноянд ва ғайра, аммо сабки ироқӣ, ки Хоқонӣ аз он намояндагӣ мекунад нисбат ба сабки хуросонӣ мураккаб аст, забон дар он тағйиру такмилёфта мебошад, вожагону таркиботи арабию туркию муғулӣ корбурди зиёд доранд, санъатгарӣ, печидагӣ, тасаннуъ, бозӣ бо вожагон дар шеър мавқеи муҳим доранд, саҷъ дар наср истифодаи зиёд дорад, истилоҳоти илмию фаннӣ, бахусус тиббиву нуҷумӣ ва ирфониву тасаввуфӣ, мазҳабӣ, фаннӣ, динӣ дар шеър равнақ меёбад, ғазал дар баробари қасида нуфузи зиёд пайдо менамояд, хусусан ғазали ошиқонаву орифона дар эҷодиёти Мавлоно ва Саъдӣ ба авҷ мерасад, достонҳои ҳамосиву миллӣ ҷойи худро ба досонҳои диниву романтикӣ медиҳанд, рӯҳи миллӣ билкул ба заъф мегарояд, маснавиҳои ирфониву тасаввуфию ахлоқӣ ҷойгоҳи хос пайдо мекунанд, шеър ғамборон мешавад ва саршор аз яъсу навмедӣ мегардад, рӯҳи мазҳабӣ ҷойгузини рӯҳи миллӣ мегардад, истифода аз Қуръон, ояту ҳадис ва талмеҳу асотири арабию динӣ нуфуз пайдо мекунанд, санъатгарӣ, печидагӣ, муғлақгӯӣ ба шеър роҳ меёбад, ташбеҳоту истиороти печидаву дур аз зеҳн дар шеър меафзояд, яъне шеър билкул мураккаб ва печида мешавад, забону баён шакли меъёрӣ мегиранд ва расмият пайдо

мекунанд, бозӣ бо вожагон, истифода аз ҷинос зиёд мешавад ва шеър суфта ва сактаю калимаҳои кӯҳна кам мегарданд, радифҳои мушкил пайдо мешаванд, фазлфурӯшию муғлақсароӣ, таҳқири аҳли илму фалсафа, ҳикмати Юнон зиёд мешавад, рӯҳи ирфониву қаландариву сӯфиёна, ғаму андӯҳу нола дар шеър афзун мешавад, таассубу хурофот, шӯру ваҷду ҳол ҷои ақлу хираду донишро мегирад, илму истидлол мавриди инкор қарор мегирад, таассубу сахтигариҳои мазҳабӣ, зуҳду гӯшагирию риёзат зиёд мешавад, иҳому ибҳом дар шеър қонунӣ мегардад ва ғайра. Тавре ки мебинем, шеъри Рӯдакӣ дорои хусусиятҳои аввalанд. Аз ин рӯ, ӯ шоири сабки хуросонист. Аммо шеъри Хоқонӣ дорои хусусиятҳои дувум мебошад. Лиҳозо, ӯ шоири сабки ироқист. Тамом, вассалом!

## Пайнавиштҳо


1. Маликушшуаро Баҳор. Девони ашъор. –Теҳрон, 1390. –С.880.
2. Саид Нафисӣ. Ҳазору садумин соли Рӯдакӣ. Садои Шарқ, 1987, №9. –С.92-93.
3. Девони Хоқонии Шарвонӣ. –Теҳрон, 1368. –С.187.
4. Ш.Ҳусейнзода. Гуфтор аз ганҷи сухан. –Душанбе:Ирфон, 1985. –С.64.
5. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. –Ҷ.7. –Душанбе:Адиб, 1989. –С.448-449.
6. Девони Хоқонии Шарвонӣ.-С.927.
7. Рӯдакӣ бояд, ки ояд бори дигар бар ҷаҳон... Рашидии Самарқандӣ. –Панҷекат,1996. –С.25.
8. Ҳамон ҷо, -С.23.
9. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. –Хуҷанд: Ношир, 2015. –С.49.
10. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам. Ҷ.3. –Душанбе, 2016. –С.13-14.
11. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. –Ҷ.13. –Душанбе:Ирфон. 1977. –С.250.

12. Абдулғанӣ Мирзоев. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. –Душанбе:Дониш, 2018. –С.45.
13. Ҳамон ҷо. –С.225-226.
14. Ш. Ҳусейнзода. Баҳс ва андеша. –Душанбе: Ирфон, 1964. –С.254-256.
15. Девони Хоқонии Шарвонӣ. –С.425.
16. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. –Душанбе:Адиб, 2007. –С.67.
17. Девони Хоқонии Шарвонӣ. –С.73.
18. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. –Душанбе:Адиб, 2007. –С.76.
19. Девони Хоқонии Шарвонӣ. –С.788.
20. Муншаоти Хоқонӣ. Таҳеҳ ва таҳияи Муҳаммади Равшан. –Теҳрон, 1349. –С.256.
21. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. –Душанбе:Адиб, 2007. –С.329.
22. Хусрави Фаршедвард. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ. –Ҷ.2. –Теҳрон, 1363. –С.769.
23. Кошинотҳ Пандита. Андешаҳо оид ба адабиёти форс тоҷик. –Садои Шарқ, 1983. №6. –С.109-112.
24. Девони Хоқонии Шарвонӣ. –С.258.
25. Абдунабӣ Сатторзода. Адабиёти тоҷик. Китоби дарси барои синфи 8. –Душанбе:АВА, 2009. –С.17.
26. Ҳамон ҷо, -С.230.
27. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ. –Душанбе:Ирфон, 2017. –С.74.

**Комил БЕКЗОДА**
*доктори илмҳои фалсафа*

# ДАР ХАЗОНИ ИШҚ ПАЙҒОМИ БАҲОРАМ ДОДААСТ

(Аз шеърҳои тозаэҷод)

## (1)
## Наврӯзи Гулу Булбул
## ва
## Наврӯзи Лайлӣ ва Маҷнун

Наврӯзи бустонро аз ҳоли мо хабар ку?
Ин базми булбулон аст, бар сӯи мо назар ку?
Мастии лолаву гул, аз боди субҳгоҳист,
Моро ба ин чи нисбат, ҳангомаи башар ку?
Дар оташи дили мо, аз ишқ лола рӯяд,
Дар нолаҳои мурғон, з-ин лолаҳо шарар ку?
Моему ишқи Лайлӣ, шуру фиғони Маҷнун,
Дар дашту кӯҳу саҳро аз ин наво асар ку?
Моро назар чунин аст, шояд ту ҳам бидонӣ,
Агар чунин набошад, доруи дарди сар ку?

*(11 марти 2020)*

## (2)
## Мулки бепоёни дил

Дар ҳавои ишқи ёре, Юсуфистон аст, дил,
Бо ҳама ин хештандорӣ, парешон аст дил.
Сеҳру афсуни баҳорон коргар бошад, вале,
Аз чунин девонагиҳо зору ҳайрон аст дил.
Ёри мо мағрури ҳусни хештан гардидааст,
Аз чунин хушбовариҳояш, ҳаросон аст дил.
Ҳарчи бодо бод мегӯям ки ин чоҳ аст, на роҳ,
Аз чунин беҷуръатӣ, умре пушаймон аст дил.
Охирин тасмими дил ин шуд, ки дар бозори ишқ,
Тангчашмиҳо бас аст, дар мулки бепоёни дил.

*(23 марти 2020)*

**(3)**

**Баҳор ва Инсон**

Ҳар баҳорон боғу роғи гулбасар дорад баҳор,
Чеҳраи идонаву гулҳои тар дорад баҳор.
Марҳабо эй пиру барно, бар биҳиште инчунин,
Рангу буву ҷилваи аҳли башар дорад баҳор.
Дар ҷаҳони ошиқон, з-ин боб баҳсе тоза аст,
Дар сафову сидқ лутфи бештар дорад баҳор.
Гар наёбад ғофиле з-ин ганҷи бодовар насиб,
Боз дар пай неъмате соли дигар дорад баҳор.
Мо ки бо сад орзу омодаи базмему рақс,
Бо ҳазорон чашм сӯи мо назар дорад баҳор.

*(23 марти 2020)*

**(4)**

**Ғазали баҳор**

**Барои З.У.**

Дар Баҳорон дилбаре дидам хиромон, масти маст!
Шӯр бар сар, гул ба доман, шоду хандон, масти маст!
Як назар кардам ба сӯяш, бо нигоҳе хашмгин,
Дид ин ҳоли маро, гуфто ки Нодон! масти маст.
Боз абру даркашидам, то биандешам даме,
Гул ба сӯям парт карду гуфт: Ҳайрон? масти маст.
Аз ҷамолу накҳати гулҳо ба ҷуш омад дилам,
"Хуш ба ҳолат эй ҷавонӣ", гуфт: Шодон! масти маст.
Мову дил охир ба созиш омадем, аз ин қарор:
Месароем ин суруди "Аҳду Паймон" масти маст.
Ин сухан бишнид он дилбар, равон дар роҳи худ,
"Марҳабо бар аҳли Дил"! гуфту: Шитобон! масти маст!

*(26-29 феврали 2020)*

**(5)**

**Маҳфили Мавлоно дар Тоҷикистон**

Мо ба ин Маҳфил сафои рӯзгор овардаем,
Аҳли илму фазлро аз ҳар диёр овардаем.

Шод бодо рӯҳи поки Шамсу Мавлонои Рум,
Дарди Ишқи бекаронро дар канор овардаем.
Шарқу Ғарби оламе афсурда аз фасли хазон,
Мо паёми сабзаву гул аз Баҳор овардаем.
Зиндагӣ гар гавҳари яктост бахри одамӣ,
Арзиши волои онро чун шиор овардаем.
Масти ҷоми ишқро рақсу самоъ зебанда бод!
Чунки бо ёди руху зулфи нигор овардаем.
Маҳфили мо, эй аҷаб, дорад нишон аз Сулҳи кул,
Баҳри исботаш далели бешумор овардаем.
Зинда бодо ёдбуди аҳли Шеъру Ошиқӣ,
Шеъри Комилро ба расми ёдгор овардаем.

**(6)**

**Наврӯзи шеъру шоирӣ**

Дар дилам файзи баҳорон буду ҳаст,
Ибрате аз рӯзгорон буду ҳаст.
Аслу насли одамӣ аз хок нест!
Шӯълаи Хуршеди тобон буду ҳаст.
Ақли оламгири мо сеҳри ҳалол!
Шӯълае андар шабистон буду ҳаст.
Ин ҳама ҳангомаҳои одамӣ,
Гоҳ зоҳир гоҳ пинҳон буду ҳаст.
Кашфи асрори ҳаёти ҷовидон,
Орзуи ҷумла инсон буду ҳаст.
Ин диле к-аз оташи тар беш нест!
Шӯълазор аз ишқи ҷонон буду ҳаст.
Шод бош, эй мулки шеъру шоирӣ,
Чун мақомат авҷи Кайҳон буду ҳаст!
Соҳили руди Зарафшон мактабам,
Минбарам Кӯҳи Бадахшон буду ҳаст!

**(7)**

**Наврӯзи ёдҳо ва интизориҳо**

*(Дар арафаи соли нав духтари ношиносе ба воситаи телефон ба ман изҳори ишқу муҳаббат намуд...)*

Дар хазони ишқ пайғоми баҳорам додааст,
Дар шаби ялдо нишоне аз наҳорам додааст.
Гуфтугӯе доштам бо ҳотифе аз аҳли қудс,
Аз ҷаҳони нуриён бонги шиорам додааст.
Шуру илҳоме, ки пайдо буд аз ҳар байти ӯ,
Сайр дар дунёи лутфи бешуморам додааст.
Рангу рӯю қадду басташро намедонам, ки чун,
Ин қадар донам, ки чашми интизорам додааст.
Худфиребӣ олами ишқ асту мо ошиқнамо,
Дар ҷаҳони худнамоиҳо қарорам додааст.
Гарчи найсоне надорад тирамоҳи ошиқӣ,
Дилхушам, аз он ки шавқи рӯзгорам додааст.

**(8)**

**Наврӯзи нигор**

Дар замири ин баҳорон меҳри ёре дидаме,
Хуш баҳор асту вале хуштар баҳоре дидаме.
Лолаву гул дар чаман ғарқи ҷамоли хештан,
Хешро ғарқи ҷамоли гулъузоре дидаме.
Мавсими гул мавсими озодиву озодагист,
Пои дилро бастаи зулфи нигоре дидаме.
Мефизояд накҳати гул мастиву ворастагӣ,
Аз лаби гулчеҳрае масту хуморе дидаме.
Бар мани ғофил, ки будам ноумед аз рӯзгор,
Хешро дар олами авҷу бароре дидаме.
Бахти хоболудаи ман гар мададгорӣ кунад,
Бошадо рӯзе, ки худро дар каноре дидаме!

**(9)**

**Эътироф**

Пас аз айёми рангорангу мадҳуши шароби ишқ,
Ба чашмони хуморолуди худ аз ҳам ҷудо рафтем,
Биё, хоҳони марги ман шаву ман маргхоҳи ту,
Ки мо ҳарду зи кӯи ошноӣ бевафо рафтем!

### (10)
### Чашмони Наврӯзӣ

Аз нигоҳи сабзчашме дар ҷаҳони ишқи ман,
Лолаву себарга мерӯяд саропо сабзранг.
Дар ҷаҳони ошиқӣ, оҳанги якрангӣ хатост,
Шукри ин чашмон, ки мебинам навоҳо сабзранг.
Фитнаи чашмони сабзинаш, чӣ гӯям беш аз ин,
Мерасад бар гуши дил савту садоҳо сабзранг.
Ақл мехонад маро бар оламе, бе рангу бӯ,
Дар ҳавои ишқ меболад адоҳо сабзранг.
Кас надонад ҳикмати чашмони сабзу соҳираш,
Ҷуз мани ғофил, ки дидам ин балоҳо сабзранг.
Дар ҷаҳони сокиту аз кинаҳо сарду хазон,
Чашми наврӯзӣ барангезад нидоҳо сабзранг.

### (11)
### Наврӯзи гесу ва чашму абру

Ёд бод он сабзаву гул ёд бод,
Нолаҳои зори булбул ёд бод!
Ёд аз рӯзе, ки мо ҳам чун баҳор,
Сабзае будем дар кӯи нигор,
Аз тулӯи офтоби меҳри ӯ,
Доштам бо дидаву дил гуфтугӯ...
Ёди он соат, ки аз девонагӣ,
Тарк кардам кишвари фарзонагӣ.
Хешро бар мавҷи гесӯҳо задам,
Ғарқ гаштам, ғарқ, аз сар то қадам...
Аз куҷо донам, ки дунё дар куҷост!?
Шӯриши ин мавҷи дарё аз куҷост!..
Ёд бод он мавҷи гесӯ, ёд бод,
Ҷилваҳои чашму абру ёд бод!

## (12)
## Наврӯзи наварусон

Зиндагӣ болотар аз болостӣ,
Зиндагӣ дарётар аз дарёстӣ!
Арзиши ин лаҳзаро бояд шинохт!
Қимматаш пайдои нопайдостӣ.
Хоса базму тӯйҳову сурҳо,
Ояте гӯётар аз гӯёстӣ.
Ҳар куҷо базме, ки барпо мешавад,
Мояи фахру ғурури мостӣ,
Бо ҳузури хештан шоҳу арӯс,
Маҳфили моро чу гул оростӣ.
Эй хушо, ин шӯрҳо ин шавқҳо,
Одамиро давлати дунёстӣ.
Мерасад бар гӯши дил акси садо:
Баҳри ту мегӯям, эй марди Худо -
Зиндагӣ болотар аз болостӣ,
Зиндагӣ дарётар аз дарёстӣ!

## (13)
## Наврӯзи ишқу ошиқӣ

Ишқро нозам, ки исёнпарвар аст,
Тоҷи исёнаш ҳамеша бар сар аст.
Бо ҳама ин дар ҷаҳони сангу хишт,
Дилрабову дилфиребу дилбар аст.
Хоса мардони зи худ огоҳро,
Раҳнамову раҳнамуду раҳбар аст.
Марҳабо, эй ошиқон, эй ошиқон,
Ишқ моро сорбону сарвар аст.
Зинда бодо базму ишқу ошиқӣ,
Бахтро бин, ёри ҷонон дар бар аст.
Ёри ҷонон дар бар аст!

**(14)**

**Наврӯзи умри одамӣ**

Худро кунам суҷуде, дунё баҳо надорад,
Дар тору пуди ҳастӣ, маънӣ садо надорад.
Бо сеҳри худфиребӣ, дил бо нигор додем,
Афсӯсу сад надомат, к-он ҳам вафо надорад.
Бегона душман асту бо хеш дар ситезем,
Дигар чӣ метавон гуфт, кас ошно надорад!
Дардест дарди мурдан, одам ҳама гирифтор,
В-ин дарди бедаворо касе даво надорад.
Умрест корвони пайғамбарӣ ба роҳ аст,
Маҳмил гарону акнун, бонги даро надорад.
Ҳарчанд соддалавҳист, даъвии умри ҷовид,
Фарзанди одамӣ ҷуз, ин муддао надорад.
Дар мақтаи ғазалҳо, арзи умедворист,
Комил, чӣ метавон гуфт, дасти дуо надорад!

**(15)**

**Фалсафаи ишқ**

Муҳаббат ин ҳама бешу ками мост,
Муҳаббат шодмониву ғами мост.
Ба ҳангоми висолу гоҳи ҳиҷрон,
Муҳаббат тӯйи мову мотами мост.

**(16)**

**Наврӯзи ишқ**

Раҳ ба сӯи ёр дорад ин дили шайдои ман,
Ҷуръати Мансур дорад ишқи бепарвои ман.
Назди ӯ розу ниёзи мо надорад эътибор,
Гарчи ранге заъфаронӣ дид, дар симои ман.
Ахгаре дар синаи имрӯзи худ афкандаам,
Шӯълаҳо хоҳад дурахшид аз дили фардои ман.
Як тараф шарҳу баёни ҳикмату илми вуҷуд,
Як тараф нозу адои дилбари зебои ман.

Дӯстон гӯянд, Комил, охир ин девонагист,
Оре, оре, ин бувад пинҳону ҳам пайдои ман.

**(17)**

**Наврӯзи Зарафшон**

Тоҷи ҳиммат ин заминро Тоҷикистон кардааст,
Партави Хуршед оламро хуросон кардааст.
Қимати мулки Зарафшонро ба зар натвон шинохт,
Оташи суғдӣ Зарафшонро зарафшон кардааст.
Наварӯсонро, ки мебинӣ чу ахтар беҳиҷоб,
Шеваи озодагӣ дар ишқ ҷавлон кардааст.
Гарчи дарди бедавои марг домангири мост,
Ҷони моро кимиёи ишқ дармон кардааст.
Хоби хуш бодо ҳалолат, эй зи маънӣ бехабар!
Хоби моро маънии байте парешон кардааст.
Кӯҳсорони ҷаҳонро дидаӣ? Санганд, санг!
Шеъри Комил сангро лаъли Бадахшон кардааст!

**(18)**

**Мақоми Ишқ дар Зиндагӣ**

Қиссаҳо кардам зи ишқу ошиқӣ ман борҳо,
Қиссаи арзандаро бояд кунем такрорҳо.
Бонги шодӣ мезанад дил, дар ҳавои номи ишқ,
Озмудам ин балоро дар дилам бисёрҳо.
Корвони ишқи мо пайваста бошад дар сафар,
Боз гардад суи манзил, борҳову борҳо.
Рози ин пайғомро Лайливу Маҷнун фош кард,
Дар ҳавои ин ҳақиқат, хуш бувад гуфторҳо.
Гавҳари арзандаи ин Зиндагӣ, ишқ асту бас,
Шоирон оварда дар девони худ ашъорҳо.
Ошиқи Имрӯз ғофил гашта аз асрори ишқ,
Мезанад лофи вафо дар кӯчаву бозорҳо.
Аз вуҷуди ишқ, осоре намебинӣ, вале,
Номи "ошиқ" сабт гашта, бар дару деворҳо.
Алғараз, ишқи ҳақиқиро набояд хор кард,
Дур бодо, ошиқони булҳавас, з-ин корҳо!

**(19)**

**Ба ёди Абдулфаттоҳ Кулолии Хуҷандӣ-**
**шоири озодаи муосири Тоҷикистон**
**(Ба ҷои марсия)**

Хандаи риндонаат дар маҳфили ағёр, ҳайф,
Ҳиммати мардонаат бар мардуми бозор, ҳайф.
Покбозӣ карди андар, ҷодаи шеъру ҳунар,
Баҳри ин ғофилтаборон, дафтари ашъор, ҳайф.
Дӯстони ҷониро охир забонӣ ёфтӣ,
Шеваи аҳду вафо бар зумраи маккор, ҳайф.
Давлати дидорро нозам, чи хуш як фурсатест,
Ҳамсабақҳои риёиро чунин дидор, ҳайф.
Аз чи бошад дустон, моро фаромуш кардаанд!
Айб бошад, ин тариқи дустӣ бо ёр, ҳайф.
Чун кулолӣ пеша кардӣ, солҳо касби ниё,
Ҷуз тахаллус мояе ҳосил нашуд, з-ин кор, ҳайф.
Зинда кардӣ дар сухан, лутфи ғазалҳои Камол,
То ба кай пӯшида монад, рози ин асрор, ҳайф.
Охирин ёре ки аз ту ёд мекард, Гулназар,
Рафт; бошад рафтани ҳар оқилу бедор, ҳайф.
Номи ту дар ёдҳо, фарёдҳо, поянда бод,
Шоире бо ин шаҳомат, дур аз гуфтор, ҳайф.

*(25-28 августи 2020)*

# ЯК ДАСТНАВИСИ НАВПАЙДОИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

*Ба ифтихори 110-солагии*
*устод Мирзо Турсунзода*

Бойгонии адибон ганҷинаест, ки корнома ва муҳимтарин лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти онҳоро вобаста ба шароити таърихӣ ба хонанда бозгӯ мекунад. Хусусан, ин ҳолат дар тақдири адибони барҷастаи замони Шӯравӣ бисёр мушоҳида мешавад. Ин гуна раванду рӯйдодҳои қобили таваҷҷуҳро омӯзишҳои бисёрсолаи адабиётшиносони маъруф И. С. Брагинский, Раҳим Ҳошим, Хуршеда Отахонова, Холида Айнӣ, Камол Айнӣ ва тадқиқоти ҷолиби ифшокунандаи масъала ва муаммоҳои адабиёти тоҷик дар замони Шӯравии донишманди барҷастаи тоҷик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, муҳаққиқи намоён Маъруфи Раҷабӣ равшан собит менамоянд. Омӯзиши маводи бойгониҳо равшан мекунад, ки довариҳои мунаққидону адабиётшиносони замони Шӯравӣ ба воқеаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳам ба пиндору гуфторҳои адабию эстетикии солҳои 20-70-уми асри ХХ аз он баҳоҳое, ки то имрӯз ба онҳо сурат мегирифт, фарқ мекунанд. Айни замон дар ин самт дар адабиётшиносии тоҷик якчанд иқдоми муҳим ба назар мерасад, ки хеле пурсамар аст. Яке аз ин падидаҳо он аст, ки танқид ба моҳияти эстетикии адабиёт дар асоси маводи бойгониҳо бештар диққат ҷалб кардааст ва муаммоҳои адабиётро дар заминаи онҳо меомӯзад. Дар натиҷа арзиши илмӣ ва адабӣ доштани онҳо бештар маълум мегардад.

Ҳолати дигар ва бисёр муҳим ин аст, ки мунаққидон дирӯз ва имрӯзи адабиётро дар мутафарриқию зиддият тадқиқ накарда, балки воқеаҳоро бо чашмандози таърихӣ ва диди тоза аз назар мегузаронанд. Бар асоси ин тамоюлот, ки аз муносибати объективии муҳаққиқ сарчашма мегирад, мо метавонем ба рӯйдодҳои адабӣ, фарҳангӣ ва илмии замони Шӯравӣ ва имрӯз назар намоем. Ин тарзи муносибат ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки ба воқеаю рӯйдодҳои гузашта

баҳои одилонаю воқеӣ диҳад. Самараҳои ҷиддии ин тамоюлотро дар адабиётшиносии тоҷик дар тадқиқоти донишмандони маъруф Муҳаммадҷони Шакурӣ, С. Табаров, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, Х. Асозода ва дигарон, инчунин дар ҷустуҷӯ, бозёфт, омӯзиш, баргардон ва чопи маводи нав аз тарафи адабиётшинос А. Маҳмадаминов ва дигарон дидан мумкин аст.

Ҳоло мехоҳем барои ҷалби таваҷҷуҳи хонандагони осори Қаҳрамони Тоҷикистон, шоири маъруфи тоҷик, мунодии сулҳу дӯстӣ Мирзо Турсунзода як гуфтори устодро, ки матни қаламии он аз бойгонии Осорхонаи адабии ӯ пайдо шуд, манзури хонандагон намоем. Дар бойгонии осорхонаи М. Турсунзода, ки маводи зиёди адабию фарҳангӣ, шахсӣ, оилавӣ ва корӣ мавҷуданд, инчунин дастнависи асарҳо, дастнавис ва чопи мошиннависи нутқу гузоришҳо, қайдҳои сафар, мактуб ва барқияҳои гуногун нигаҳдорӣ мешаванд. Ин мавод метавонад барои омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Турсунзода, коргоҳи эҷодии ӯ, масъалаҳои муҳими иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии замони Шӯравӣ ва намояндагони дигари ин марҳалаи адабиёти тоҷик фактҳои ҷолиброфароҳам оварад. Бойгонии осорхонаи М. Турсунзода низ метавонад чунин нақшро иҷро намояд. М. Турсунзода, ки аз адибони машҳури замони Шӯравии мост ва аз ҳама бештар ба сиёсати замони худ гароиш дошт, дар ин миён корнамоии ӯ лоиқи диққати махсус аст. Манзури мо он аст, ки М. Турсунзода дар рӯйдоду ҳодисаҳои замон, бевосита иштирок дошта дар муборизаҳои сиёсӣ то ҳадди тавон аз манофеи миллӣ ҳимоят намуда, дар як марҳалаи барои миллати тоҷик муҳим барои рушди адабиёту фарҳанги он саҳми бузург гузоштааст. Зеро ҳар як иқдоми М. Турсунзода дар ҳаёти илмию фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон мақоми шоистаи ситоиш доранд ва дар ин миён мақоми устод Мирзо Турсунзода мавриди зикри хоса мебошад.

М. Турсунзода бо фармудаҳои хирадмандонаи устод Айнӣ барои мустаҳкамии пояи адабиёти нави тоҷик, тарбият

кардани қувваҳои нави эҷодӣ ва ҳифзи сарвати маънавии миллат ва дастраси мардум намудани он, гузаронидани Даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Москва ва монанди инҳо кӯшиши зиёде намудааст. Дар ин ҷода аз устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ маслиҳат ҷуста, бо мукотиба, нишасту суҳбатҳо онҳо ҳамдигарро дастгирӣ мекарданд ва ба ҳамдигар илҳом мебахшиданд. Ҳамин аст, ки ин соҳаи фаъолияти файёзи онҳо дар робитаи адабӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва М. Турсунзода бо хатти заррин сабт шудааст. Дар солҳои баъд муҳаббати М. Турсунзода ба шахсият ва осори устод Айнӣ зиёдтар гардид. Қабл аз ҳама, доираи назар ва ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмиашро фарох намуд. Ин сифатҳо дар фаъолиятмандии онҳо дар баргузории Даҳаҳои санъат ва адабиёти тоҷик дар шаҳри Москва возеҳ мушоҳида мешавад. Албатта, хонандаи муҳтарам медонад, ки матн инъикосгари вазъи замон аст. Матни мазкур, низ як саҳифаи рӯзгори шоири сарояндаи машҳури сулҳу озодӣ Мирзо Турсунзодаро равшан менамояд. Устод Турсунзода бо истеъдоди беназири ташкилотчигӣ ва сарварие, ки дошт, ҷашнҳои фарҳангӣ, аз ҷумла даҳрӯзаҳои адабиёт ва санъати тоҷикро дар Москва ва дигар ҷумҳуриҳо дар ҷомеаи Шӯравии тоҷик барпо намуда, барои инкишофу навсозии адабу фарҳанги Тоҷикистон, тараққиёти адабиёт, илм ва ҳунари он ва дар ҳамин рӯҳия шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидан ба чеҳраҳои мондагори гузашта ва муосирони миллат ва дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани симпозиуму чорабиниҳои фарҳангӣ тамоми имкониятҳоро ба кор мебурд. Махсусан, дар замони Шӯравӣ бори аввал баргузории Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ соли 1967 дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе дар сари забонҳост.

Мирзо Турсунзода на танҳо ҳамчун шоири маъруф, балки ба сифати арбоби барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, ба ҳайси раиси Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар тамоми мамолики мутамаддин шуҳрат дошт. Ӯ ба ин ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ бист сол оқилона сарварӣ намуда, дар таҳкими пайванди дӯстӣ ва робитаҳои

адабии ду қитъаи муборизи сайёра хидматҳои шоистаро анҷом дод. Маҳз қобилияти беназири роҳбарии ӯ будааст, ки сипозиуму чорабиниҳои фарҳангӣ бо корнамоии боризи ӯ саҳифаҳои таърихи Шӯравии тоҷикро мунаққаш намудааст. Имрӯз миллати тоҷик ифтихор мекунад, ки чунин фарзанди фарзонаро ба дунё эҳдо намудааст, ки номи миллати тоҷикро шуҳрати ҷаҳонӣ додааст.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои 1936-1960 мунтазам дар шаҳри Москва рӯзҳо ва ҳафтаҳои адабиёту санъати халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ барпо мешуданд. Даҳрӯзаҳои адабиёту санъат то солҳои 50-ум дар алоҳидагӣ ва аз ин ба баъд дар якҷоягӣ-Даҳрӯзаи адабиёт ва санъат гузорида мешуд. Аз ҷумла, аввалин Даҳаи санъати тоҷик дар Москва аз 12 то 20 апрели соли 1941 гузаронида шудааст, ки дар он адибони тоҷик, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ иштирок намуда, бо роҳбари Шӯравӣ И. В. Сталин вохӯрӣ намудааст. Сипас, дар ин миён бо оғоз шудани Ҷанги Ҷаҳони Дувум (1941-1945) ин гуна чорабиниҳои фарҳангӣ гузаронида намешуд. Бори дувум аз 21-уми сентябр то 5-уми октябри соли 1949 Даҳаи адабиёти тоҷик дар шаҳри Москва баргузор шуд. Соли 1957 аз 9 то 20 апрел Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Москва баргузор гардид. Албатта, барои гузаронидани ин чорабиниҳои фарҳангӣ, ки ба ҷаҳонбинии иштирокчиён, аз ҷумла нависандагон таъсири зиёд бахшидааст, ташаббусҳои Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон - устод М. Турсунзода бағоят бузург буданд. Ҳамин масъулиятшиносист, ки устод Турсунзода қабл аз баргузории он дар назди нависандагони тоҷик маърӯза карда, дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Москва бо рӯҳияи баланд пешвоз гирифтан ва масъулиятшиносии бузург ҳис намудани худро баён менамояд ва масъулияти нависандагонро, ки роҳбарии онҳоро ба дӯш дошт, махсус таъкид мекунад.

Маҳз устод М. Турсунзода дар рӯзҳои баргузории ҷашнҳои бошукӯҳ бо нутқҳои пурмазмуни оташбор баромад намуда, ба

масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ, аз қабили нависанда ва замон, муносибати нависанда ба мавзӯъ, истифодаи дурусти воқеаҳои зиндагӣ, анъана ва навоварӣ, маҳорати эҷодии нависандагон, дастраси хонандагон намудани асарҳои нав, тарҷумаи онҳо бо забонҳои дигар ва амсоли ин масъалаҳо рӯй овардааст, ки аксаран барои нависандагону шоирон омӯзанда ва аз ҳар ҷиҳат бағоят ҷолиб ва пурқиматанд. Ҷиҳати ҷолибияти ин нутқҳо, ба назари мо, барои насли имрӯз дар он зоҳир мегардад, ки устод Турсунзода дар баробари бо назари амиқ таҳлил намудани падидаҳои адабию фарҳангии замон, инчунин бо қобилияти беназири роҳбарӣ чопи асарҳои нависандагони тоҷикро бо забони русӣ ва дастраси хонандагони дигар миллатҳо намудани осори арзишманди муосирон ва табодули таҷрибаи нависандагони тоҷикро бо дигар миллатҳо пеш мегузорад. Аз ҷумла, мулоҳизаҳои М. Турсунзодаро аз матни қаламии мазкур, ки ҳамагӣ шаш саҳифаи дастнавис аст, метавон дар бораи намоиши адабиёту санъат, ки бо номи даҳрӯза (декада)-ҳои адабиёт ва санъат дар замони Шӯравӣ маъруфият дошт, муайян намуд. Нутқи мазкури М. Турсунзода пеш аз рӯзҳои баргузории Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Москва (тахминан охирҳои соли 1956) дар маҷлиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ироа шудааст. Матни қаламии мазкур бори аввал аз рӯйи дастнависи муаллиф омода шудааст. Аз матн маълум мегардад, ки муаллиф ба зудӣ қарори ҳокимияти вақтро ба нависандагон расонида, барои дарки масъулият онҳоро роҳнамоӣ мекунад. Бояд қайд кард, ки матн пурра набуда, мавзӯи гуфтор натиҷагирӣ нашудааст. Танҳо дар охир дар варақи алоҳида ҳашт байт дар шакли маснавӣ оварда шудааст, ки ба матни маърӯза пайванди мантиқӣ дорад. Муаллифи абёт устод Турсунзода буда, шояд байтҳои мазкур бори аввал чоп мешаванд. Байтҳои мазкурро метавон як навъ ҷамъбасти маърӯза шинохт.

Илова бар ин, матни қаламии устод Турсунзода аҳамияти адабӣ ва фарҳангӣ дошта, аз ҳар сатри он назари амиқи

таҳлилии муаллиф ба хубӣ эҳсос мешавад ва бо ошкор гуфтани нуқсонҳо ва муаррифии арзандаи осори нав ба майдон омадаю сафарбар намудани нависандагон ба иқдоми тозаи адабӣ шоистаи таваҷҷуҳи махсус аст. Инак, матни гуфтору навиштори устод Турсунзодаро бахшида ба Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик, ки бо хатти арабиасоси тоҷикӣ иншо шуда ва аз шаш саҳифаи дастнавис иборат мебошад, манзури хонандагони азиз менамоем.

**Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик**

Мувофиқи қарори партия ва ҳукумат дар моҳи апрели соли 1957 дар пойтахти мамлакати советӣ, дар шаҳри Масква Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик барпо мегардад. Дар Масква гузаронидани Даҳрӯзаи адабиёт ва санъат анъанаи хуби маданияти миллишаклу сусиёлистимазмуни халқҳои мамлакати советӣ гардидааст. Дар давоми ин даҳрӯза ходимони маданияти миллатҳои сусиёлистӣ муваффақиятҳои адабиёт ва санъати худро на танҳо дар назди бошандагони пойтахт, балки дар назди ҳамаи халқҳои дунё намоиш медиҳанд.

Бояд дар назар дошт, ки рӯз то рӯз, дар натиҷаи сиёсати сулҳҷӯёнаи Давлати Советӣ, робитаи мадании халқи мо бо ҳамаи халқҳои дунё инкишоф ёфта истодааст. Ба маданияти пешқадами советӣ милиюнҳо одамони покдили ҷаҳон завқу ҳаваси бузург пайдо мекунанд.

Дар давоми даҳрӯза ходимони санъат ва адабиёт на танҳо аз пешравиҳои санъати худ ҳисоботи эҷодӣ медиҳанд, балки онҳо такмилёбии маҳорати бадеии худро бо чашми масквагиҳо, ба воситаи ҳаяҷону таҳсини онҳо ба хубӣ дарк карда ва ба воситаи танқиду маслиҳати дӯстонаи онҳо роҳи минбаъдаи инкишофи маданияти республикаи худро муайян мекунанд. Даҳрӯзаи адабиёт ва санъат дар Масква танҳо намоиш додани қувваҳои эҷодӣ не, балки аз тамошобинони баландзавқ ва санъатдӯстони пешқадам таълим гирифтан ва сабақ омӯхтан мебошад.

Аз ҳамин ҷиҳат, арбобҳои санъат ва адабиёти тоҷик қарори Кумитети Марказии Партияи Коммунистӣ ва Ҳукумати Тоҷикистонро дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани Даҳрӯзаи адабиёт ва санъат дар Масква бо рӯҳбаландии бепоён пешвоз гирифтанд ва масъулияти бузурги худро ҳис менамоянд.

Санъаткорону адибони тоҷик дар Масква дафъаи якум баромад намекунанд, онҳо дар ин кор таҷрибаҳои пурқиматеро соҳиб гардидаанд. Дар соли 1941, яъне понздаҳ сол пеш аз ин Даҳрӯзаи санъат ва адабиёти тоҷик дар Масква барпо гардида буд. Дар соли 1949 нависандагони тоҷик муваффақиятҳои адабиёти худро дар пойтахт намоиш доданд. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки агар ходимони санъат пас аз гузаштани 15 сол дар Масква ҳисоботи эҷодӣ диҳанд, ходимони адабиёти тоҷик аз муваффақиятҳои ҳафтсолаи худ ҳисобот медиҳанд. Пас, масъулияти мо, нависандагон боз ҳам зиёдтару мушкилтар аст. Адои ин вазифа меҳнати пуршуҳраи нависандагонро талаб мекунад.

Дар солҳои баъд аз ҷанг Республикаи Советии Тоҷикистон дар оилаи бародарии халқҳои ватанамон бо роҳбарии партияи тавонои коммунистӣ чи аз ҷиҳати экономика ва чи аз ҷиҳати афзудани сарватҳои маънавӣ гул-гул шукуфт, пахтакорони тоҷик сол то сол навовариҳои шоён нишон дода, дар мамлакат шуҳрат баровcovered бароварданд. Дар ин пешравии республика нависандагони Тоҷикистон ҳам саҳми худро гузоштанд.

Адабиёти тоҷик дар ин солҳо ҳамроҳи республика, ҳамроҳи одамони он ҳамеша дар ҳолати тараққиёбӣ ва инкишоф буд. Мо ҳеҷ вақт наметавонем пайравӣ кунем ба он касоне, ки мегуфтанд, адабиёт дар ҳолати шахшуда мондан буда, гӯё рӯ ба таназзул ниҳода бошад. Ё ин ки нависандагон дар ивази муҳаббати нисбат ба онҳо доштаи халқ ҷавоб дода наметавонанд ва ғайра. Ин даъвоҳо пуч ва беасос мебошанд.

Агар мо ба асарҳои баъд аз соли 1949 нашршуда ва ё ба асарҳои ҳоло дар муҳокима будаи нависандагон ва шоирони республика бодиққат назар андозем, ҳолати пешравӣ ва

баландравии маҳорати бадеии нависандагонро ба хубӣ мушоҳида хоҳем кард.

Нависандагони тоҷик, махсусан баъд аз даҳрӯзаи адабиёт дар Масква ва сиезди II нависандагони Иттифоқ, ки онҳоро бо маслиҳатҳои гаронбаҳо ва мактуби Кумитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ мусаллаҳ гардонида буданд, ба навиштани асарҳои худ бештар масъулиятро ҳис намуданд.

Дар солҳои охир як қатор асарҳои нави насрӣ, назмӣ, драматургӣ ва дар адабиёти бачагон ба амал омаданд, ки онҳо адабиёти моро боз ҳам бой гардониданд. Дар наср чунин асарҳо аллакай дастраси хонандагон шуданд: ҷилдҳои III ва IV «Ёддоштҳо» – повести тарҷумаиҳолии устод Айнӣ. Ғайр аз ин, Садриддин Айнӣ баъд аз даҳрӯзаи адабиёт повести «Марги судхӯр»-ро аз сари нав кор карда ба он, шаш боби нав ҳамроҳ намуд. Дар натиҷа ин шоҳасари устод боз ҳам пурратар ва пурмазмунтар гардид. Дар ин ҷо бояд ман қайд кунам, [ки] ин асарҳоро ҳанӯз мо дастраси хонандагони рус накардаем. Нависанда Сотим Улуғзода дар солҳои охир, солҳои сермаҳсулии эҷодиро аз сар гузаронд. Ӯ якбора ду асари калони насрӣ «Диёри Навобод» ва «Субҳи ҷавонӣ»-ро ба итмом расонида, ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони русӣ пешкаши хонандагон намуд. Ғайр аз ин, нависанда ҳамроҳи драматург Виткович[1] дар бораи олими ҷаҳоншумули тоҷик Абӯалӣ ибни Сино киноповести хеле хуб навишт, ки ин асар ба ду забон чандин маротиба нашр шуда ва ҳоло киностудияи Тошкант бо ҳамроҳии студияи Тоҷикистон филми онро тайёр карда истодааст.

*Хушам меояд аз парвозат эй боз,*
*Ки ҳар ҷо дорӣ озодона парвоз.*
*Намедонӣ дили сахти амирон,*
*Тани пурдарду маҷрӯҳи фақирон.*

[1]. Виктор Станиславович Виткович (1908-1983) – нависанда ва драматурги ИҶШС. Муаллифи матни русии киноповести «Авитцена» бо ҳамроҳии Сотим Улуғзода – Л . Ш.

*Надидӣ кундаю зиндони ҳоким,*
*Дами шамшери хунафшони ҳоким.*
*Ҳамин озодии худро нигаҳ дор,*
*Гурез аз қасди сайёдони хунхор!*
*Чӣ мешуд, ки ба монанди ту мо ҳам,*
*Намедидем ҷабру кулфату ғам?*
*Бас аст акнун ба деҳқон зулму бедод!*
*Наметарсем аз таҳдиди ҷаллод.*
*Ба олам то даме, ки зинда ҳастам,*
*Ман ин шамшер нагзорам зи дастам.*
*Қасососамро зи душман меситонам,*
*Фақиронро зи ҷабраш мераҳонам!*



ده روزهٔ ادبیات و صنعت تاجیک.

موافق قرار پرتیه و حکومت در ماه اپریل سال 1957 در پای تخت
مملکت ساویتی، در شهر مسکوه ده روزهٔ ادبیات و صنعت
تاجیک برپا میگردد. در مسکوه گذراندن ده روزهٔ ادبیات
و صنعت عنعنهٔ خوب مدنیت ملی شکل و سوسیالیستی مضمون
خلق های مملکت ساویتی گردیده است. در دوام این ده روزه
خادمان مدنیت ملت های سوسیالیستی موفقیت های ادبیات
و صنعت خود را نه تنها در نزد باشنده گان پایتخت، بلکه
در نزد همهٔ خلقهای دنیا نمایش میدهند.

باید در نظر داشت که روز تا روز در نتیجهٔ سیاست صلح جویانهٔ
دولت ساویتی، رابطهٔ مدنی خلق ما ساویتی با همهٔ خلقهای
دنیا انکشاف یافته استاده است. به مدنیت شفقت‌مند
ساویتی میلیونها آدمان پاک دل جهان ذوق و هوس بزرگ
پیدا میکنند.

نه تنها از پیشروی
در دوام ده روزه خادمان صنعت و ادبیات
های صنعت خود حسابات ایجادی میدهند، بلکه آنها تکمیل یافتهٔ
مهارت بدیعهٔ خود را با چشم مسکوه گی ها، بواسطهٔ هیجان و تحسین
آنها بخوب درک کرده و بواسطهٔ تنقید و مصلحت دوستانهٔ آنها

**Таҳияи Лутфуллоҳи Шарифзода**

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ҷомеашинос*

## Қадами аввалин дар шоҳроҳи номаълум (Ҳикоя)

Имрӯз охирин рӯзест, ки дӯстони ҷонӣ ва ҳамкурсон аз ҳам ҷудо мешаванд. Барои Шариф, Нилуфар, Сурайё ва Ҷовид рӯзи вазнин аст. Имрӯз рӯзест, ки онҳо ба роҳи зиндагии мустақилонаи худ равона мешаванд, чунки курси панҷумро хатм кардаанд. Дипломҳояшонро ботантана гирифтанд. Ба ҳамин хотир, ба ин хулоса омадаанд, ки пеш аз ҷудо шудан аз ҳамдигар ва ба шоҳроҳи мустақили зиндагӣ қадам задан, дар тарабхонаи "Саодат" нишаста, охирин маротиба даврони донишҷӯияшонро ҷамъбаст намоянд. Ҷойи нишастро интихоб карданду нишастанд. Дар болои мизе, ки нишаста буданд, феҳристи номи хӯрокҳо гузошта шуда буд. Духтари зебое, ки вазифаи пешхизматиро адо мекард, назди онҳо омад. Онҳо хӯрокҳоро интихоб намуданд. Дар варақа-бейҷик, ки пеши бари пешхизмат насб шуда буд, бо ҳарфҳои калон вожаи "Фирӯза" намоён мешуд ва аз ин тариқ аён мегардид, ки ин исми хос ба духтари пешхизмат иртибот дорад.

Фирӯза гуфт:

-Шумо хӯрок интихоб кардед?

-Бале, - бо садои нарм посух доданд шарикдарсон.

Фирӯзаи пешхизмат фармоишҳои ҳамсабақонро як-як ба дафтарчааш сабт карда, аз пайи иҷрои супоришот шуд. Ҳар як аз шарикдарсон ва ҳамсабақон, ки охирин лаҳзаҳои ширини даврони донишҷӯйиро пушти сар мегузоштанд, бо нигоҳҳои пурмеҳр ба якдигар чашм дӯхта, пас аз замоне сукут ба суҳбати дӯстонаю самимона оғоз карданд.

Сурайё бо овози ғамгинона гуфт:

-Аз ин ба баъд ҳар яки мо дар зиндагӣ бо роҳи худ раҳсипор мешавем. Тақдири ояндаи мо маълум нест ва

намедонем, ки дар оянда моро чӣ интизор аст? Аммо имрӯз муҳимтарин рӯз дар зиндагии мост.

Ва баъди андаке мулоҳиза ба суханаш идома дод:

- Шариф, ту кай хонадор мешавӣ, ки дар базми домодию арӯсӣ рақсу шодӣ намоем?

Шариф. ки ботинан ҳазин менамуд, худро зоҳиран бепарво нишон дода, ба ҳамсабақаш гуфт:

-Падару модарам чунин нақша кашида буданд, ки донишгоҳро, ки хатм кардам, маро хонадор менамоянд.

Нилуфар ба суҳбат ҳамроҳ шуда:

-Шумо дар бораи издивоҷ чизе гуфтед ва саволе дар фикрам омад, ки кайҳо боз дар бораи он ҷавоби дуруст меҷустам, вале то ҳол наёфтаам. Саволи ман ба ҳамаи Шумо дахл дорад.

Ҳамсабақон ҳама бодиққат ба тарафи Нилуфар нигаристанд.

-Савол ин аст, -- гуфт Нилуфар:

-Издивоҷи муваффақ аз чӣ иборат аст?

Ҷовид, ки аз оғози суҳбат ба гуфтори ҳамсабақон ҷиддӣ таваҷҷуҳ менамуд, чунин ранг гирифтани нишасти охиринро интизор набуд, бо вуҷуд, аввалин шуда, ба гап даромад :

-Нилуфар саволи ҷолиб ва муҳимро дар миён гузошт. Мо бояд ба ин савол ҷавоби дурустро пайдо кунем, чунки ҳамаи мо дар зиндагии минбаъдаамон ба ин савол рӯ ба рӯ хоҳем шуд.

Шариф давом дод:

-Мо чор нафар бо навбат ба ин савол ҷавоби худамонро мегӯем. Шояд дар гуфтаи кадоме аз мо ҷавоби дуруст бошад. Ё шояд дар асоси гуногунии андешаҳо ба ҷавоби саҳеҳ бирасем. Аввал аз Ҷовид шурӯъ мекунем. Ҷовид марҳамат, навбати ту.

Ҷовид ангушти дуюми дасташро болои миз гузошта, як каме бо худ андеша карду гуфт:

-Ташаккур дӯстон. Агар масъала ин бошад, ман бар ин назарам, ки издивоҷи муваффақ, бардавом нигоҳ доштани шӯълаи эҳтиром дар хонавода аст.

Посухи Ҷовид ба охир нарасида, Нилуфар саросемавор риштаи суханро ба даст гирифт:

-Ҷовид, ки табъи шоирӣ дорад ва шоири хуб низ ҳаст, тавассути маҷозу истиора ва анвои дигари каломи бадеъ суханашро пардоз медиҳад. Пас, ба назари ту, бояд хушбахтии оила дар асоси эҳтироми якдигар ташкил карда шавад? Ман туро дуруст фаҳмидам?

Ҷовид хост, ки дигарон ҳам дар ин баҳс фаъол бошанд, бинобар ин, бо посухи кӯтоҳ суханашро қатъ кард:

-Бале Нилуфар, дуруст фаҳмидӣ.

Шариф, ки аз оғози суҳбат ҳадафи тавсеа ёфтани доманаи баҳсро дунбол мекард, ба Сурайё рӯй овард:

- Ба назари ту, издивоҷи муваффақ чӣ гуна аст?

Сураё хандида гуфт:

-Ман то ҳол издивоҷ накардаам, аз куҷо медонам, ки издивоҷи муваффақ чӣ гуна аст? Медонам, чун шумо, дӯстон исрор меварзед, майлаш, кӯшиш мекунам, ки дар ин маврид назари худамро баён намоям. Ба фикри ман, издивоҷи муваффақ издивоҷест, ки дар асоси дӯстдории самимии байни писару духтар ба вуҷуд меояд. Ман ин масъаларо ҳамин тавр мефаҳмам.

Шариф, ки дар ин баҳс худро дар мақоми довар тасаввур мекард, суханро ба Нилуфар дод. Нилуфар ҳассосияти масъаларо дарк карда, гуфт:

-Зинда бошӣ, Шариф. Воқеан, ҷавоб додан ба ин савол бисёр душвор аст. Чунки ҳар кадоми мо ҳанӯз ба шоҳроҳи зиндагии мустақил қадам нагузоштаем. Вале, ба гумони ман, қадами аввалини мо баъди баромадан аз ин тарабхона гузошта мешавад. Ва фикр мекунам, ки издивоҷи муваффақ ҳангоме муяссар мешавад, ки оила дорои сарвати зиёд бошад. Инсони сарватманд ба мушкилӣ кам рӯ ба рӯ мешавад. Андешаи ман доир ба ин мавзӯъ ҳамин аст.

Сурайё посухи кӯтоҳи шарикдарсонро як-як шунида, хеле муҳим будани масъалаи издивоҷ ва дар айни замон, бахту

саодати хонаводагиро дарк мекард. Дар ин ҳолу ҳаво Шарифро мухотаб қарор дод:

- Шариф, ҳамаи мо назарамонро изҳор намудем ва акнун навбат ба ту расид.

Шариф бо табассуме малеҳ ба сухан даромад:

-Ман гуфтаи Сурайёро такрор мекунам: дар бораи чизе, ки онро ҳанӯз надидаам ва бо он рӯ ба рӯ нашудаам, чизе гуфта наметавонам.

Ҷовид давоми сухани Шарифро мунтазир нашуда, тундона сухан гуфт:

-Ту чӣ, фикр мекунӣ. ки мо бо ин ҳодиса кайҳо боз рӯ ба рӯ будаем? Мо ҳам ҳанӯз ба ин марҳилаи ҳассоси зиндагӣ нарасидаем, вале зарур мешуморем, ки дар ин замина гуфтугӯ кунем ва ба ин навъ пурсишҳо, дар доираи тавонмандиҳоямон посух бидиҳем.

Шариф ҳеҷ интизор надошт, ки посухи ӯ ҳангома бармеангезад ва боиси тундгӯйии ҳамсабақаш Ҷовид мегардад. Аз ҷониби дигар, тунд шудани суҳбат, ки қабл аз ҳама, ба гуноҳ-посухи Шариф иттифоқ афтода буд, ӯро нороҳат кард. Шариф худро як кам ҷамъу ҷур карда, бо нимнигоҳе тарафи Ҷовид афзуд:

-Дӯстон, маъзарат мехоҳам, ки посухи ман боиси нофаҳмиҳо гардид. Иҷозат диҳед, ба Шумо як чизро арз кунам. Боре як шахси бисёр арҷманде ба ман ҷавоби ин саволро гуфта буд. Чанд сол пеш ман як духтарро мешинохтам. Духтаре зебо, доно ва аз ман чанд сол бузургтар буд. Чанд маротиба бо ӯ суҳбат доштам. Мутаассифона, он духтар, хеле ҷавон аз олам даргузашт. Ман маҳз аз забони ӯ шунида будам: ***"Издивоҷи муваффақ, ин доштани истеъдоди баланди дӯстӣ бо ҳамсари худ аст. Агар инсон истеъдоди дӯстии хуб бо ҳамсари худ дошта бошад, саодат ва хушбахтӣ насиби ӯ мегардад".***

Суҳбати Шариф дар авҷи тафсиш буд, ки пешхизмат бо ғизо-фармоишот назди миз пайдо шуд ва аз ҳамсабақон иҷозат хоста, муаддабона ба суҳбат шарикӣ кард (аз сатҳи

огоҳӣ ва тарзи муносибати пешхизмат маълум буд, ки ӯ ноаён баҳси ҳамсабақонро пайгирӣ мекардааст):

-Воқеан, ин бародар (нозукона ба тарафи Шариф ишора карда) рост мегӯяд. Дирӯз дар тарабхонаи мо як оила бо се фарзанди хурдашон меҳмон шуда буданд. Зоҳиран хушҳол ва хурсанд менамуданд. Ман ба онҳо хӯрок меовардам ва аз рафтори онҳо хушам меомад. Ҳангоме ки шавҳари он зан барои бо телефон гап задан ба берун баромад, аз занаш пурсидам: шумо ин қадар хушҳол ва хушбахт менамоед. Ман муносибати шуморо дида, ҳавасам омад. Агар махфӣ набошад, муаммои саодати шумо дар чист? Ва медонед, он зан дар ҷавоб ба ман чӣ гуфт? Ӯ гуфт: шавҳарам, пеш аз оне, ки шавҳари ман бошад, дӯсти беҳтарини ман аст. Аз ҳамин сабаб, ӯро зиёд дӯст медорам.

Баъди шунидани посухи Фирӯзаи пешхизмат, ки аз ҳамроҳ шуданаш ба баҳси ҷиддӣ изҳори қаноатмандӣ мекард, Нилуфар, Сурайё ва Ҷовид бо аломати ризоият сар ҷунбонида, нуктаи духтари фавтидаеро, ки чанд дақиқа пештар Шариф аз забони ӯ фармуда буд: *"издивоҷи муваффақ ин доштани истеъдоди баланди дӯстӣ бо ҳамсари худ мебошад"* тасдиқ карданд ва ба дурусту мантиқӣ будани он ҳамагӣ бовар ҳосил намуданд.

Аз вазъи рӯҳию равонӣ ва ҳолати фикрии ҳамсабақон ҳадс задан мумкин буд, ки онҳо посухи дуруст ва мантиқиро дар заминаи издивоҷи муваффақ ва бахту саодати хонаводагӣ пайдо карданд. Баробари аз тарабхона мураххас шудан, онҳо, инак, аввалин қадамҳои худро ба шоҳроҳи номаълуме, ки "зиндагии мустақилона" ном дорад, мегузоранд ва ҳар яке ин шиоргунаро зери лаб тараннум мекунанд: "Падруд айёми ширини донишҷӯйӣ, дуруд замони зиндагии мустақилона"!

## ЧЕҲРАҲО

**Ғиёсиддин ҚОДИРОВ**
*адабиётшинос*

# ШЕЪР ВА ШОИРИ НОШИНОХТА

Дар адабиёти дирӯзу имрӯзи мо мафҳуми адибони шоир ва шоирони адиб наву тоза ба назар намерасанд. Ҳатто ақидае дар гардиш аст, ки барои шинохти ин адабиёт, ки таърихи беш аз ҳазорсолаи он асосан аз шеър иборат аст, муҳаққиқи он агар ба истилоҳ, шоири касбӣ набошад ҳам, ҳадди ақал бояд соҳибзавқу шоиртабъ ва аз рамузи шеърофаринӣ дар ин забон огоҳӣ дошта бошад. Зеро адабиёти мо, бар хилофи забонҳои дигар дар тӯли ин ҳазорсола муҳимтарин воситаи баёни фикру андеша ва идроку эҳсосоти ин қавм будааст

Азбаски дар қаламрави интишори ин забону адабиёт баъди ислом сураткашиву муҷассамасозӣ ва ҳатто мусиқӣ равнақе надошт, бинобар ин бори ҳамаи ин ҳунарҳоро адабиёт кашидааст. Аз ин ҷиҳат дар доираҳои илмӣ мегӯянд, ки агар рӯзе олиме бихоҳад таърихи фикрӣ, фалсафӣ, ҷаҳонбинӣ ва чеҳраи фарҳангии соҳибони ин адабиётро, ки аслан форсҳо ва тоҷикон мебошанд, нависад ва ё тасвир кунад, бидуни шак, бахши калони маводи онро аз адабиёти онҳо хоҳад гирифт.

Шарқшиноси амрикоӣ, профессор Поп аз рӯйи осори дурахшоне, ки ба ин забон офарида шудааст, соҳибони ин адабиётро “шоиронатарин мардуми олам”[1] номидааст.

Ин муқаддима барои он оварда шуд, то фаромӯш накунем, ки шоир шудан дар ин адабиёт ва шеър гуфтан барои “шоиронатарин мардуми олам” то чӣ ҳад кори душвор аст.

[1] Абдурафеъ Ҳақиқат. Фарҳанги шоирони забони порсӣ (аз оғоз то имрӯз). Теҳрон, 1368, - С. 4.

Ба ин сабаб бисёр пажӯҳишгарони доно ва огоҳ аз шукӯҳу азамати ин адабиёт ва тавоноии паёмбарони он, бо вуҷуди табъи равону истеъдоди фаровони сухансарой "ҷуръат" накарданд шеъри худро ба ин бозори гузидапазир пешниҳод намоянд ва ашъори онҳо пас аз вафот аз тарафи шогирдон ҷамъоварӣ ва чоп шудааст.

Устод Зоҳир Аҳрорӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна адибони шоир аст. Агар сайри зиндагии ӯро аз рӯи ашъораш мутолиа кунем, мебинем, ки завқи шеър дар вуҷуди вай фитрӣ будааст. Аз рӯйи чанд дафтарчаи шеъри рӯзгори донишҷӯӣ, ки дар мавзӯъ ва шаклу қолабҳои шеъри суннатӣ навишта шудаанд, маълум мешавад, ки устод шеъргӯиро хеле пештар аз донишҷӯӣ шурӯъ кардааст.

Риояти қонуну қоидаҳои шеъри анъанавӣ, интихоби луғату вожагони хушоҳангу муносиб, сабку шеваи баёни ҷолиб аз як ҷавони 18-20 сола гувоҳӣ медод, ки як қалами равону умедбахше ба номи "Аҳрорӣ" ё "Завқӣ" бо шӯру шавқи ҷавонӣ мехоҳад дар фасли нави девони куҳансоли шеъри тоҷикӣ сабти ном намояд.

Ба ғазалҳои зерин, ки яке дар синфи даҳумӣ (соли 1947) ва дуввумӣ ҳангоми донишҷӯи соли аввали Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будан (1949) навишт шудаанд, таваҷҷуҳ намоед:

*Намеояд ба чашми интизорам фикри хоб имшаб,*
*Ба баҳри дида дорад сайри ашкам чун ҳубоб имшаб...*
*Агар гамномаи дилро нависам арзи Аҳрорӣ,*
*Шавад шарҳи гаму андуҳи ишқаш сад китоб имшаб.*

***

*Насими мӯйи мушкафшони ту моро фараҳафзо,*
*Шиканҷи зулфи занҷират гиреҳе баста бар дилҳо...*
*Бигир, Завқӣ ту теге то зи ӯ хуни сияҳ резад,*
*Насозад захм, аммо кора гардонад ҷигарҳоро.*

Вале таҳсилу таҳқиқ, мутолиаву донишандӯзӣ ва шинохту ошноии амиқтар бо таърихи ин адабиёт ва осори паёмбарони он, ки ба қавле "шеърро ба осмонҳо бурда нардбон

бардоштаанд", рафта-рафта аз ин ҷавони шоирмашраби ошиқпеша як муҳаққиқу адиби пуркору ҷиддӣ сохт.

Аммо шеър, ин завқи азалӣ домани ӯро ҳаргиз раҳо накард ва тамоми умр шеър гуфт, барои дили ҳассосу зебоипарасти худ гуфт ва бозори суханро дар маҳфилҳои дӯстону ҳамкорон гарм нигаҳ дошт.

Ба расми устодони суханшинос ва сахтгир нисбати сурудаҳои хеш, ҳаргиз даъвои шоирӣ накард, ашъори худро матбуотӣ насохт, девону дафтари ашъор тартиб надод ва шеъру шоириро василаи рӯзгузаронӣ ва касби маош қарор надод.

Аз мутолиаи се маҷмӯаи ашъори устод, дар ҳаҷми беш аз 400 саҳифа, ки ҳамакнун дар даст аст, ба хубӣ дида мешавад, ки таҳлилу таҳқиқ ва нақду баррасии ашъори ӯ мавзӯи ҷолиби як кори мустақили илмӣ буда, баҳси муфассалу алоҳидаро тақозо мекунад.

Бинобар ин дар ин гуфтори мухтасар мо танҳо баъзе ҷанбаҳои намоёни шеъри устодро хотирнишон месозем.

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки Зоҳир Аҳрорӣ аз пайравони шеъри классикии тоҷикӣ мебошад. Ӯ мисли ҳама шоирони пеш аз худ ва ҳамзамонони худ, шеъргӯиро аз илҳому истиқбол ва тақлиду пайравии шеъри гузаштагон оғоз кардааст. Вале агар дар шеъраш илҳому истиқбол аст, он тақлид ва пайравии шеъри баланд ва шоири бузург аст, ки онҳо дар бисёр маврид наздик ба нусхаи асл ва соҳиби илҳом мебошанд.

Ӯ дар бисёр қолабҳои маъмули суннатӣ шеърҳо суруда ва дар ин арса тавоноии хуб ва маҳорати қобили таҳсин нишон додааст. Аммо муваффақияти ӯ бештар дар ғазалу маснавӣ ва рубоисароӣ мебошад.

Албатта, ашъори устод Зоҳир Аҳрорӣ мисли ҳама шоирон аз ҷиҳати фанни шеър, сабку услуби ҳунарӣ ва амсоли он ҳама дар як сатҳ ва ҳамвазн нестанд. Вале дар маҷмӯъ, бо итминон гуфтан метавон, ки ӯ яке аз шогирдони муваффақи дабистони шеъри анъанавии тоҷикӣ мебошад, ки то ҷое ки метавон бисёр

ғазалу рубоӣ ва маснавиҳои ӯро дар сафи намунаҳои хуби ин жанрҳо дар шеъри муосири тоҷикӣ ҷой дод.

Чанд намуна. Аз ғазалҳо:

*Касе, к- аввал ба доғи ҳаҷри ҷонон сӯхт, ман будам.*
*Ба рӯи марқади дил шамъи ғам афрӯхт, ман будам.*
*Ба нӯки сӯзани андеша аз барги гул Аҳрорӣ,*
*Муносиб бар қадаш ин пераҳан бардӯхт, ман будам.*[2]

***

*Шабе пероҳанат меҳмони ман буд,*
*На меҳмон, балки алҳақ, ҷони ман буд.*
*Тани ҳар нақшу гул бӯи танат дошт,*
*Шифои дарди дил, дармони ман буд.*
*Бинозам толеи фархундаамро,*
*Ки як ҷони ҷаҳон дар хони ман буд...*
*Шабе бо ин ҳама узру ниёзам,*
*Чӣ будӣ гар худаш меҳмони ман буд.*[3]

***

*Гар ба базми аҳли дил он шӯхи раъно май кашад,*
*З-иштиёқи лаъли майгунаш қадаҳҳо май кашад...*
*Акси рухсораш чу андар ҷоми май омад падид,*
*Аз ҳавас хуршед бар боми Сурайё май кашад...*
*Кош, Аҳрорӣ ҳамеомад ба ёдаш як нафас,*
*То ба ёди мо фаромӯшони шайдо май кашад.*[4]

***

*Дӯстон, дирӯз дар шаҳри Китоб ошиқ шудам,*
*Бар китобидухтаре чун офтоб ошиқ шудам...*
*Гар ҷавобе нест ишқи беҷавоби бандаро,*
*Ҳар чӣ бодо бод, ёрон беҷавоб ошиқ шудам.*
*Ошиқӣ набвад гуноҳ, эй дӯстон ошиқ шавед,*
*Ҳамчу ман, к-охир ба ин амри савоб ошиқ шудам.*[5]

---

[2] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯаи ашъор), Душанбе, 2010, -С. 109.
[3] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯъаи ашъор), Душанбе, 2010, -С.109.
[4] Ҳамон ҷо. -С. 95.
[5] Зоҳир Аҳрорӣ. Чашмаи сафо (маҷмӯъаи ашъор), Душанбе, 2014, -С. 33.

Аз рубоиёт:

*Он шаб, ки ба ҳам нишаста будем, гузашт,*
*Дар бар рухи ғайр баста будем, гузашт.*
*Аз нахли висол мева чидем басе,*
*Бас пистаи лаб шикаста будем, гузашт.*[6]

***

*Аз рафтани ту дар ин гузар нур намонд,*
*Айшу тарабу хушдиливу сур намонд.*
*Пажмурд гулу сабзаи боғи лабу ҷӯ,*
*Ҷуз Зоҳири аз фироқ, ранҷур намонд.*[7]

Бо вуҷуди садоқати бепоён ба мактаби шеъри классикӣ ва суннатҳои он устод Зоҳир Аҳрорӣ дар ҷараёни таҳаввулу такомули шеъри тоҷикӣ низ иштирок дошт. Дониши васеъ дар адабиёти муосири форсӣ ва дарӣ ва албатта, зеҳни навпарасту навҷӯи шоирӣ ӯро ба машқу тамрин дар сабку шеваҳои нави шеъри муосири тоҷик бурдааст. Дар натиҷа, устод як силисила шеърҳо дар шаклу қолабҳои нави шеърӣ, чун чаҳорпора, шеъри нав, шеъри озод ва ғайра сурудааст. Вале дар ин қолабшиканиву навҷӯиҳо ифрот накарда, шеърро мавзуну оҳангин нигоҳ доштааст.

Бо васфи ҳама дилбастагӣ ба мавзӯъҳои анъанавӣ шеъри устод Зоҳир Аҳрорӣ аз нигоҳи шаклу мазмун шеъри нав ва замони нав буда, саршор аз мазмунҳои иҷтимоӣ мебошад.

Шоири озода бо табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз роҳбарони ободгар то мардуми одӣ дӯстӣ ва нишасту бархост дошт. Аҳли илму дониш ва шеъру адабро эҳтиром мекард ва шӯхтабъону зарифон ҳамсуҳбатон ва ҳамнишинони доимии вай буданд. Зимнан, бояд гуфт, ки қаҳрамонони асосии ашъори латифу дилнишин ва шӯхиомезу ҳаҷвии ӯ низ ҳамин дӯстону ҳамкорон мебошанд.

Дар маҷмӯъ, шеъри устод Зоҳир Аҳрорӣ шеърест иҷтимоӣ, баёни зиндагии воқеӣ, тараннуми ишқу зебоӣ, шодиву нишот,

---

[6] Ҳамон ҷо, -С. 223.
[7] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр, Душанбе, 2010, -С. 202.

тарғиби илму дониш, ахлоқи поки инсонӣ, бозтоби авзои ватан, рӯйдодҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва рӯзгори ҳамзамонони хеш.

Масалан, касби истиқлоли ватанашро чунин пешвоз гирифтааст:

*Дӯстон, моро муборакбод мебояд намуд,*
*Бо муборакбод моро шод мебояд намуд.*
*Соҳиби озодию иқболу истиқлол мо,*
*Тоҷикистонро кунун обод мебояд намуд,*
*Қомати хамгаштаро чун сарв бояд кард рост,*
*Хотири дил аз ғамон озод мебояд намуд...*
*Зӯри мо дар иттиҳоду иттифоқи мо бувад,*
*Кишвари сулҳу амон бунёд мебояд намуд.*[8]

Дар солҳои сиёҳи ҷанги бародаркушӣ, шоири ҳассос аз ин бадбахтӣ, харобии ватан ва дарду ғами мардуме, ки ҳимоятгару додрасе надоштанд, бисёр ранҷ мекашад ва як силсила шеърҳои нағзу мондагор дар ин мавзӯъ менависад.

Ба ин намунаҳо таваҷҷуҳ кунед:

*Зи сӯзи хонаи вайрони деҳқон гиряму гирям,*
*Зи фарёду фиғони тифли бенон гиряму гирям.*
*На аз турку таторам шиква, не аз кофару тарсо,*
*Зи тоҷикзодагони навмусулмон гиряму гирям.*
*Хам омад қомати мулки азизам аз фишори ғам,*
*Ба ин пушти дутои Тоҷикистон гиряму гирям.*
*Нишемангоҳи шерон лонаи чуғзу шағолон шуд,*
*Ба ҳоли зори шерону палангон гиряму гирям.*[9]

***

*Эй дарего, ки зи нав даври қамар мебинам,*
*Тоҷикистон ҳама пурфитнаву шар мебинам.*
*Тоҷикон теғ кашида зи пайи куштани ҳам,*
*Остин барзадаву баста камар мебинам.*
*Мечакад хун зи дами теғи сарандози замон.*

---

[8] Зоҳир Аҳрорӣ. Чашмаи сафо, (маҷмӯъаи ашъор). Душанбе, 2014. -С.70.
[9] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯъаи ашъор). Душанбе, 2010. -С.98.

*Ҷони мардум ҳама дар хавфу хатар мебинам ...*[10]

***

*Ин кишвари оташкадаи сӯхта аз мост,*
*Дуди ғамаш аз ҳар дару ҳар равзана болост...*
*Пажмурда гули шеду сиёҳ гашта рухи моҳ,*
*Аз ахтари тобанда ҳама нуру зиё кост.*
*Дар мотами гулгункафанонанд сиёҳпӯш,*
*Ҳар хона пур аз нолаву фарёду фиғонҳост...* [11]

***

*Душанбе-шаҳри мо мотамсаро шуд,*
*Макони фитнаву дарду бало шуд...*
*Қиёмат гашта барпо дар Душанбе,*
*Ҳазорон шӯру ғавғо дар Дунанбе.*
*Надонам аз куҷо ин фитна бархост,*
*Ки шӯри маҳшаре дар шаҳр барпост...*
*Падар як сӯ писар як сӯ зада саф,*
*Силоҳи марги ҳам омода дар каф.*
*Ду майдон пур зи фарзандони тоҷик,*
*Ба дасти ҳар якешон ҷони тоҷик ...* [12]

***

*Яке дину яке имон фурӯшад,*
*Яке дар кӯчаҳо Қуръон фурӯшад.*
*Яке дар минбару дигар ба масҷид,*
*Дурӯғу тӯҳмату бӯҳтон фурӯшад...*
*Сарону роҳбарони ҷумла аҳзоб,*
*Нифоқу фитна бар халқон фурӯшад.*
*Худовандо, дили Аҳрорӣ магзор,*
*Ки номарде ба номардон фурӯшад.*[13]

Соли 1997, вақте ки паймони сулҳи тоҷикон ба имзо мерасад ва гулҳои пажмурдаи умед аз омадани сулҳ ва

[10] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯъаи ашъор). Душанбе, 2010. -С. 76.
[11] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯаи ашъор). Душанбе, 2010. -С.82.
[12] Ҳамон ҷо. -С.181.
[13] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯаи ашъор). Душанбе, 2010. -С. 143.

оромиву ободӣ дар дилҳо шукуфо мешавад, ӯ Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро чунин ситоиш мекунад:

*Ба ин марди номовари номдор,*
*Сазад гар ҷаҳоне кунад ифтихор.*
*Ба мардиву мардонагӣ беназир,*
*Бувад мардумонро ҳаме дастгир.*
*Ба гуфтору кирдору тадбиру рой,*
*Писанди халоиқ, писанди Худой.*
*Зи хулқи хушу феъли атвори хуш,*
*Зи саъю талоши ваю кори хуш,*
*Ватан сар ба сар чун гулистон шавад.*
*Ҳама буму бар боғу бустон шавад.*
*Шавад шоду осуда халқи ватан,*
*Аз ин пури фарзонаи хештан*
*Аё қаҳрамонмарди миллат бимон,*
*Сарафрозу шодону доим ҷавон.*[14]

Бояд гуфт, ки ин шеърҳо ҳаргиз чоп нашуданд, ҳадафу ҳаваси моддӣ ва шуҳратталабие низ дар пай надоштанд,балки андешаҳо ва мавқеи сиёсӣ ва иҷтимоии як равшанфикри фозилу донишманде буданд, ки ватани худ ва мардуми худро дӯст медошт ва саодату хушбахтӣ ва ободию тараққии онҳоро мехост.

Яке аз мавзӯъҳои ҷолиби дигар дар осори устод Зоҳир Аҳрорӣ ин шеърҳои омехтаи дузабона, тоҷикӣ ва русӣ мебошад.

Тавре медонем, дохил шудани калимаву ибораҳои алоҳидаи русӣ ба тақозои замон дар шеъри тоҷикӣ собиқаи пешин дорад ва намунаҳои онро мо дар ашъори шоирони охири асри XIX ва ибтидои асри XX, чун Ҳайрат, устод Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ мушоҳида мекунем. Вале корҳои устод дар ин замина аз ҷиҳати миқдори калимаҳои русӣ, ҷо ба ҷо гузории онҳо дар бофти шеър ва таносубу ҳамоҳангии онҳо бо

[14] Зоҳир Аҳрорӣ. Чашмаи сафо, (маҷмӯаи ашъор). Душанбе, 2014. -С.189.

вожагони тоҷикӣ, сурудаҳои ӯро ба шеваи маъруфи "ширу шакар" наздиктар кардааст.

Мисол:

*Назди ман омадӣ, эй ёри дилоро маладес,*
*Пурсиши ҳоли дили волаву шайдо маладес.*
*Патселуе зи лаби чун шакалотат додӣ,*
*Ки шудам маст чу аз каняку вино маладес.*
*Вставай, гуфтӣ, хватит тебе лежат ҳама рӯз,*
*Пашли театр ва ё кӯчаву кино маладес.*
*Рӯфтӣ ҳавлии дил пок ба веники вафо,*
*Ки губоре натавон ёфт зи гамҳо маладес...*[15]

Устод Зоҳир Аҳрорӣ, бино ба табиати моил ба ҳазлу шӯхии худ дар танзу ҳаҷвнигорӣ дасти бозуи тавоно дошт, то ҷое, ки дар як муддати кӯтоҳ як достони 50 -100 -мисраӣ менавишт.

Қаҳрамонони ин достонҳо низ ҳамон ёрони мувофиқ ва дӯстони зарифтабъи ҳазлшунаву ҳазлгӯ буданд. Ин шеърҳо барои хандаву хушҳолӣ ба муносибати ягон ҳодисаи мушаххас навишта шуда, дар маҳфилҳои "унс", дар ҳузури "мамдуҳ" хонда мешуданд, вале аксарияти онҳо ҳифз нашудаанд. Вале дар ингуна ашъор нишонае аз кинаву кудурат ва ё ба иззати нафси касе расидан дида намешавад.

Аммо қалами тезу бебоки шоир гоҳо аз доираи забони адабӣ берун ҷаста, дар кӯчаву паскӯчаҳои забони омиёна қадам мезанад ва бепарвоёна гапу суханҳои оммаписанди "табу" ва ғайринормативиро дар шеъраш ба кор мебарад.

Вале дар миёни анбуҳи ин танзу шӯхтабъиҳо шеърҳои зарифи тарабомезу нишотовар низ кам нестанд, ба монанди ин шеър:

*Дӯстон, ҷомҳо баланд кунед,*
*Соате тарки чуну чанд кунед.*
*Пои андешаҳои ботилро,*
*Ҳамчу дасти аду ба банд кунед.*
*Чеҳраи дӯстӣ биёроед,*

[15] Зоҳир Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯаи ашъор). Душанбе. 2010. -С. 189.

*Бодаи талхро чу қанд кунед.*
*Гар сабо ҳамчунин зиёфат шуд,*
*Ёди Аҳрории лаванд кунед.*[16]

Устод Зоҳир Аҳрорӣ дар зиндагӣ марде буд озодаву хайрхоҳ, бериёву бениқоб, зарифу шӯхтабъ ва рафтораш мояи таҳсин ва тақлиди хушзавқон.

Ӯ ҳам олим буд ва ҳам адибу шоир, аз ашъори устодони бузурги шеъри тоҷикӣ садҳо шоҳбайтҳо ва шеърҳои шӯху зарофатомез дар ҳофиза дошт.

Шеърашро ҳам ба мисли табиати озодаи хеш ба бухлу ғараз ва тамаъҷӯӣ наолуд ва як доман гулҳои тару тоза ба хирмани шеъри тоҷикии замони хеш афзуд.

Равонаш шод, ёдаш ҷовид бод!

[16] Зоҳид Аҳрорӣ. Бақои умр (маҷмӯаи ашъор). Душанбе. 2010. -С. 90.

**Тоҷинисо МУРОДОВА**
*номзади илмҳои фалсафа*

## МАРДИ ХИРАД ВА ОЛИМИ ТАВОНО

Дар ин мақола дар бораи ҳаёту фаъолият ва осори олими намоён, ходими давлатӣ ва сиёсатмадор, доктори илмҳои фалсафа, муҳаққиқи шинохтаи таърихи фалсафаи тоҷик, профессор ва академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Олимов чанд сухане арз карданием.

Кароматулло Олимов дар оилаи зиёӣ дар шаҳри Истаравшан ба дунё омада, айёми кӯдакию навҷавонии хешро дар ҳамон ҷо гузаронидаанд. Падарашон ба унвони духтури суннатӣ-мардумӣ ба табобати мардуми диёри хеш машғул буданд. Модари бузургвори Кароматулло Олимов фарзанди мударриси шинохтаи ибтидои асри XX Кçиромии Истаравшанӣ буда, аз занҳои босаводу донишманд ва донандаи шеъру адаб буданд (Ёдашон ба хайру рӯҳашон шод бошад). Устод Кароматулло тарбияи чунин падару модарро гирифтаанд, ки ҳамчун як шахсияти комилу солим ва дорои фазилатҳои хосеанд, ки ифтихори мардуму миллатамон мебошанд. Аз ин ҷо, «Кароматулло Олимов инсони комиланд – барои дӯстон беҳтарин рафиқу ҳамсафар, барои шогирдон – накутарин устоду мураббӣ ва барои фарзандону наберагон – мушфиқтарини падару бобоянд. Ин хислатҳои эшон мерос аз волидайни зиёӣ, самараи тарбият дар оилаи фарҳангӣ… аст».[1]

Кароматулло Олимов соли 1964 шуъбаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллӣ)-ро хатм намуда, ҳамон сол ба аспирантураи Шуъбаи фалсафаи АИ ҶТ дохил мешаванд. Соли 1971 дар мавзӯи «Ҷаҳонбинии Саноии Ғазнавӣ» рисолаи

[1] Фарҳод Раҳимӣ, Хуршед Зиёев. Муҳаққиқ, сиёсатмадор ва инсони комил. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. Душанбе, 2014.-С.7.

номзадӣ ва соли 1994 рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Фалсафаи Хуросон» (Таҳлили таърихӣ-фалсафӣ) дар шаҳри Тошканд бомуваффақият дифоъ намуданд.

Кароматулло Олимов аз соли 1967 то соли 1969 бо унвонҳои ходими хурд, ходими калон, ходими пешбари илмӣ ва мудири сектори таърихи фалсафа дар «Шуъбаи Фалсафа» (ҳозира ИФСваҲ)-и АИ ҶТ фаъолият ва мудирият кардаанд.[2]

Зиндагӣ ва ҳаёту фаъолияти академик Кароматулло Олимов гуногунҷанба аст. Ӯ солҳои 1974-1977 ба ҳайси сартарҷумон дар шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон иҷрои вазифа намудаанд. Баъдан дар солҳои 1980-1984 дар шаҳри Кобул ба унвони роҳбари гурӯҳи мутарҷимони Мушовирони ҲК дар КМ ҲХДА ва тарҷумон маслиҳатчии мушовири махсуси КМ ҲКИШ дар назди котиби генералии ҲХДА Бабрак Кормал (ш.Кобул) ва ҳамчунин котиби дуюми сафорати Иттиҳоди Шуравӣ адои вазифа намудаанд.

Ҳамин тариқ, устод Кароматулло Олимов дар бахшҳо ва соҳаҳои гуногун фаъолияту роҳбарият намудаанд, аз ҷумла: мудири бахши Шуъбаи фалсафаи АИ ҶШС Тоҷикистон (1985-1990); Мушовири идеологии КМ ҲКТ (1990-1991); мудири кафедраи фалсафаи АИ ҶТ (1992-2000); котиби якуми Кумитаи щаҳри Душанбеи ПК Тоҷикистон (1996-2000); узви комиссияи оштии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997-2000); намояндаи Маҷлиси шаҳри Душанбе (1996-2000); Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (2001-2004); Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита ба ҷомеа (2004-2007); Раиси комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба корҳои ЮНЕСКО (2001-2012); Директори Институти фалсафаи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2008); Директори Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «2008-2010);

[2] Дар бораи зиндагӣ ва фехристи осори академик К.Олимов муфассал ниг.: «Китобномаи шарҳиҳолӣ» (Матн).-Душанбе, 2014.-122с. Ва «Ҳисоботи аъзои АИ ҶТ» солҳои 2008-2018.

Ноиби Президенти Академияи илмҳои ҶТ, - Раиси Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АИ ҶТ (2010-2016); узви Раёсати Академияи илмҳои ҶТ (2010-2016) ва феълан сарходими илмии Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ шуда кор мекунанд.

Таҳти роҳбарии академик Кароматулло Олимов аспирант ва докторантҳои зиёде рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд. Аз ҷумла, Содиқова Н.Н.-доктори илмҳои фалсафа, Зиёев Х.-доктори илмҳои фалсафа, Зиёев И.-доктори илмҳои фалсафа, Мирзоев Ғ.-номзади илмҳои фалсафа, Диноршоева З.-номзади илмҳои фалсафа (ҳоло доктори илмҳои фалсафа), Муҳаммадхоҷаева П.-номзади илмҳои фалсафа, Асрорӣ М.-номзади илмҳои фалсафа, Муллобоева Д.-номзади илмҳои фалсафа ва гурӯҳи унвонҷӯёни эронӣ – Ашрофӣ, Зиёӣ Сайид Абдулҳамид Сайид Насруллаҳ, Деҳишкаргонӣ Фароҳонӣ Маҳиналсадо, Маъсума Маҳдавӣ, Доизода Ҷилодор Амин Шукруллоҳ рисолаҳои номзадии хешро дифоъ намуда, унвони номзади илмҳои фалсафаро гирифтанд.

Чунонки мебинем, академик Кароматулло Олимов як шахсияти ҳаматарафа дар соҳаҳои мухталифи илму фарҳанг, иҷтимоъу сиёсат, роҳбарияту ҳидоят ва ҳамчунин тарбияи шогирдону кадрҳои илмӣ ҳамчун як олиму муҳаққиқи таърихи фалсафаву ирфон, шарқшинос, сиёсатшинос кору фаъолият намуданд. Аз он ҷумла дар таҳқиқи афкори фалсафаи ниёгон саҳми арзандае гузошта, паҳлуҳои мухталифи ҷаҳонбинии Абулмаҷди Саноӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаиди Абулхайр, Мустамлии Бухороӣ, Абдураҳмони Суламӣ, Абдулкарими Қушайрӣ, Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ, Носири Хусрав ва дигар мутафаккиронро ҳаматарафа баррасӣ намуда, дар шакли китобу рисола ва мақолаҳои илмӣ дастраси аҳли илму адаб ва хонандагон намуданд. Устод Кароматулло Олимов шахси ҷӯяндаву омӯзанда буда, ҳикмати Абуалӣ Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камоли

Хуҷандӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигар мутафаккирону донишмандонро омӯхта, таълимот ва равишҳои пешгирифтаи онҳоро баррасӣ намуда, ҷавҳари онро ба худ гирифтанд.

Академик Кароматулло Олимов зиёда аз чорсад китобу мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ навиштаанд, ки метавонем чанде аз китобҳои муаллифро ном бибарем: «Ҷаҳонбинии Ҳаким Саноӣ» (Душанбе,1973), «Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ» (1988), «Тасаввуфи Хуросон» (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ, ба забони русӣ) (Душанбе,1994),[3] «Бисёрҳизбӣ ва ҷомеаи демократӣ» (Душанбе,1995), «Баррасиҳо дар тасаввуф» (Душанбе,1999), «Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ» (Душанбе,2014), «Олами ирфон» («Мир суфизма»), (Душанбе,2014.-670с.), тарҷумаи китоби «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Алишер Навоӣ ба забони тоҷикӣ (Душанбе,2018), «Симои сиёсӣ ва фарҳангии Пешвои миллат» (Душанбе,2018), «Машъали роҳи хирад» (бахшида ба 100-умин солгарди академик А.Баҳоваддинов) (Душанбе,2011), «Ахтари дурахшони илм» (бахшида ба 100-умин солгарди таваллуди академик Муҳаммад Осимӣ) (Душанбе, 2020), «Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ» (Душанбе, 2013), «Таърихи фалсафаи тоҷик» (ба забони русӣ, муҳаррир ва ҳаммуаллиф). Ҳамчунин силсилаи мақолаҳои ӯ дар бораи таърихи фалсафа, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, проблемаҳои мубрами фарҳангию сиёсии дохилӣ ва дунёи муосир арзиши муҳиме доранд. Бо саъю талоши ӯ аввалин бор «Таърихи фалсафаи тоҷик» дар се ҷилд ба забони русӣ («История таджикской философии с древнейших времён до ХУ века», т.1,2,3) ба нашр расид. Мавсуф сармуҳаррир ва муаллифи мақолаҳои зиёди ҷилди чаҳоруми «Таърихи фалсафаи тоҷик» (фалсафаи ирфон), ки аз ду қисмат иборат буд, солҳои 2019-2020 ба нашр расидаанд, мебошанд. Олимов Кароматулло дар таҳия ва нашри осори Абуалӣ Ибни Сино ва тарҷумаи асарҳои ӯ ба

[3] Тасаввуфи Хуросон ҳамон соли 1994 дар шаҳри Тошканд низ ба забони русӣ нашр гардида буд.

забони русӣ саҳми арзандае доранд. Аз он ҷумла, китоби Абуалӣ Ибни Сино «Мабдаъ ва маод» ва рисолаи «Азҳавия»-ро ба забони русӣ аввалин бор тарҷума намуда, дастраси аҳли илму адаб намудаанд. Ҳамчунин китоби «Ишорот ва танбеҳот»-и Абуалӣ Ибни Сино-ро бо ҳамкории Кишвар Аскардаев ва Оля Зиёваддинова аз форсӣ ба тоҷикии кириллӣ баргардонидаанд. Дар баробари инҳо «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Алишер Навоиро аз ӯзбакӣ ба тоҷикӣ тарҷума намудаанд.

Кароматулло Олимов мақолаҳои зиёде доир ба ваҳдати миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ навиштанд, ки дар онҳо мақом ва ҷои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар ин дастовардҳо бузург медонанд.

Нақши академик Кароматулло Олимов дар ҳифзи мероси ниёгон, мероси фарҳангӣ, маданӣ-тамаддунии кишварамон низ арзанда мебошад, ки далели ин фикр мақолаи ӯ «Защита культурного наследия во время вооружённых конфликтов» шуда метавонад. Устод Олимов мақолае бо номи «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ ва аҳамияти он дар омӯхтани шеваи давлатдорӣ ва роҳбарӣ» навишта, дар он хидмати Хоҷа Самандари Тирмизиро дар роҳу равиши давлатдорӣ баррасӣ намуданд, ки барои замони муосир низ аз аҳамият холӣ нест.

Кароматулло Олимов муҳаббату завқ ба шеъру адабро аз волидайни худ, махсусан модари гиромиашон мерос гирифтаанд. «Паёми садоқат» (Душанбе: «Адиб», 2014.-194с.) маҷмӯаи шеърҳои он кас мебошад, ки мавзӯъҳои гуногуни замону ҳаёти шахсии худи шоиру муҳаққиқи фалсафаву ирфонро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки зери назари устод Кароматулло Олимов бисёр маҷмӯа, рисолаҳои илмӣ ва адабию маълумотӣ ба чоп расиданд ва муқаррризи китобҳои зиёд низ буданд.

Хизмати устод Кароматулло Олимов аз ҳама бештар дар соҳаи таърихи фалсафаи тоҷик бузург аст. Ӯ дар осори худ исбот карданд, ки таърихи фалсафаи тоҷик ва таълимоти мутафаккирони он бою ғанӣ буда, пур аз дурдонаҳои илму

маърифат, маънавиёту гуманизм, ахлоқу одоби ҳасана ва амсоли инҳо мебошад, ки дар тарбияи насли муосир ва ҳидояти онҳо дар роҳи дуруст нақши босазое мебозанд. Дар айни замон ӯ муҳаққиқи тасаввуфу ирфон мебошад, ки корҳои зиёде анҷом доданд ва исбот намуданд, ки тасаввуфу ирфон ҷанбаҳои муҳими фалсафӣ, ахлоқӣ, маърифатӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, худшиносии миллӣ дошта, дар тарбияи инсон ва ба камолот расонидани он нақши муҳим мебозанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ менависад, ки «…халқи тоҷик ба ҷаҳони тамаддун чунин нобиғаҳоеро ба мисли Рудакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Берунӣ, Имом Ғаззолӣ, Закариёи Розӣ, Саноӣ, Аттор, Хайём, Ҷомӣ, Биноӣ, Низомулмулк, Байҳақӣ, Наршахӣ, Мавлонои Румӣ (Балхӣ), Сайидо, Аҳмади Дониш додааст…». Ва «танҳо номбар кардани ин бузургон ва садҳо адибону олимон, таърихнигорону сиёсатмадорон дар вуҷуди ҳар тоҷики воқеан дорои эҳсосу идроки миллӣ бояд ангезаи бузурги ифтихор ва масъулиятро бештар намуда, тааллуқ доштани худро ба ин миллат, ба ин забон, ба ин фарҳанг ҳамчун тӯҳфаи олитарини сарнавишт ва таърих бояд донад».[4] Аз тарафи дигар хизмати бузурги Кароматулло Олимов дар он аст, ки он кас тавонистанд таъриху фарҳанг ва илму тамаддуни мардуми тоҷикро на танҳо ба аҳли илму адаби ватанӣ, балки берун аз кишвар ба дигар миллату кишварҳои хориҷӣ муаррифӣ намоянд. Иртиботи илмӣ-ҳамкории Кароматулло Олимов бо Институти фалсафаи Москва, Донишгоҳи технологӣ ва идораи Москва (филиали Мелеуз – МГУТУ) ва Донишгоҳи педагогии давлатии ба номи Акмуллои Башқордостони ФР ва бароmадҳои ӯ дар бораи таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллати тоҷик дар назди устодону донишҷӯёни он ҷо мисоли равшани фикри боло шуда метавонад.

«Тасаввуфи Хуросон» аз асарҳои барҷастаи устод Кароматулло Олимов буда, соли 1994 ба табъ расидааст, ки

[4] Абӯсаид Абулхайр ва мақоми ӯ дар афкори иҷтимоӣ ва ирфонии халқи тоҷик. Ниг.: Олимов Кароматулло Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. Душанбе, 2014.-С.73

дар он нахустин бор дар илми таърихи фалсафаи тоҷик ҳаёту осор ва таълимоти орифони барҷаста ва машҳури асрҳои 1X-X11 ба таври васеъ ва ҳаматафа мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтанд. Муаллиф масъалаҳои муҳими таълимоти суфиён ва орифони Хуросон - ҳастӣ, маърифат, ахлоқ, маънавиёт ва иҷтимоиётро тибқи равиш ва методологияи пешқадами илми муосири фалсафӣ ва ҷаҳонбиниву арзишҳои умумибашарӣ таҳлилу таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин таҳқиқоти ӯ дар бораи ҳаким Саноии Ғазнавӣ, ки аз бузургони илму адаби асрмиёнагӣ буд, дорои арзиши воло мебошад. Ва чунонки худи муҳаққиқ қайд мекунанд осори Саноии Ғазнавӣ оинаи равшани мубориза҅ҳои фикрӣ ва тазодҳои феодалии асримиёнагӣ, баёнгари тараққӣ ва вусъати бештари он дар олами исломи он давра мебошад. Мувофиқи навиштаи худи муаллиф ҳаким Саноии Ғазнавӣ маснавиҳои зиёде навиштааст, ки бузургтарин ва муҳимтарин асари ӯ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» буда, бештар аз даҳ ҳазор байт буда, масоили фалсафӣ, ирфонӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва адабиро дар бар гирифтааст.[5] Муҳаққиқ ҷаҳонбинии Саноии Ғазнавиро рӯи масъалаҳои ҳастӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ намуда, мақоми ӯро дар таърихи илму фарҳанги тоҷик нишон медиҳад. Ин буд, ки 850-умин солгарди Саноии Ғазнавӣ ба феҳристи санаҳои таърихии ЮНЕСКО ворид гардидаст, ки аз бузургии шахсият ва мақоми баланди мероси пурарзиши ӯ дар қатори шоҳкориҳои назми ҷаҳонӣ аст, ки ифтихори муштараки мардуми форсизабонон, махсусан тоҷикон мебошад. Аз ин рӯ, ӯ таъкид менамояд, ки «барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ», солим ва худогоҳии воқеӣ омӯхтани илмҳои ҷомеашиносӣ, фалсафа, ахлоқ, сиёсатшиносӣ ва диншиносӣ ниҳоят зарур аст.[6]

---

[5] .Олимов Кароматулло. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. Ахтари тобноки ирфон ва адабиёти точик. Душанбе, 2014.-С.52

6.Олимов К. Иҷлосияи ХУ1-и Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди фарҳанги миллӣ. Ниг.: Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. Душанбе, 2014.-С.205-206.

Асарҳои илмии Кароматулло Олимов дар Эрону Афғонистон, Узбакистон, Олмон, Лаҳистон, ИМА, Руссия ва дигар мамлакатҳои ғарб чоп шуда, ҳастии илму фарҳанг ва таърихи бою ғанӣ доштани тоҷиконро боз як бори дигар дар байни мардуми хориҷ собит мекунад. Махсусан баромадҳои ӯ дар конфронсу симпозиумҳои байналмилалии илмию фарҳангшиносӣ, ки масоили умдаи илми фалсафа ва таърихи ташаккулёбии онро мавриди баҳсу мунозира қарор додааст, арзишҳои хоси худро дорад.

Осори гаронбаҳои ин олими тавонои тоҷик дар омӯзишу баррасии масъалаҳои мубрами фалсафа, махсусан фалсафаи тоҷик ва дигар риштаҳои илм ҳамчун чароғи ҳидоят барои дӯстдорони илму адаб ва олимони ҷавони кишварамон мебошад.

Академик Кароматулло Олимов дар баробари олиму муҳаққиқ буданашон боз дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кор ва хизмат намудаанд. Аз он ҷумла, дар вазифаҳои вазири фарҳанг ва мушовири давлатии Президенти кишварамон адои хизмат намудаанд. Ҳамчунин чанд сол ноиби Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари Шуъбаи илмҳои ҷомеашиносии Академияи илмҳои Ҷумҳуриро низ ба уҳда доштанд.

Кароматулло Олимов солҳои 2001-2012 раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба корҳои ЮНЕСКО буданд ва дар ин муддат як қатор корҳои муҳимеро барои фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик анҷом доданд. Махсусан, ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии ЮНЕСКО ворид намудани шоҳасари мусиқии мардуми тоҷик «Шашмақом» (Париж, 2003), ба феҳристи ёдгориҳои таърихии ЮНЕСКО дохил намудани Саразм, ба феҳристи ёдгориҳои табиӣ ЮНЕСКО дохил шудани «Боғи миллии Тоҷикистон» ва баргузории Рӯзи Тоҷикистон бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми арзанда гузоштаанд.

Кароматулло Олимов дар тарбияи шогирдони зиёде, аз ҷумла номзадҳои илмҳои фалсафа ва докторҳои илм хидмати босазое намудаанд. Чандин солҳо ба сифати Раиси Шурои диссертатсионии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узви шӯроҳои дигари диссертатсионӣ ва илмӣ дар тайёр кардани кадрҳои дорои дараҷаи илмии номзад ва доктори илмҳои фалсафа масъулияти ҷиддиро ба ухда доштанд.

Кароматулло Олимов Сармуҳаррири «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2010-2016), узви ҳайати таҳририяи маҷаллаҳои илмӣ ва рӯзномаҳои Ҷумҳуриву хориҷӣ, аз ҷумла «Ахбори ИФСваҲ-и ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», муовини Раиси Шӯрои илмии «Энсиклопедияи миллии тоҷик», Маҷаллаи байналмилалии Донишгоҳи давлатии Оренбург «…Инновация. Инвестиция» мебошад. Ҳамчунин Раиси ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон-Покистон, узви Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, узви Раёсати Кумитаи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сармуҳаррири «Донишномаи Истаравшан» мебошанд. Бо ташаббуси академик Кароматулло Олимов дар деҳаи Боғи Калони шаҳри Истаравшан ду мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Академик Кароматулло Олимов барои хизматҳои шоистаашон бо орденҳои «Нишони фахрӣ»-и Иттиҳоди Шӯравӣ (1982), «Шараф» дараҷаи 1 (2003), бо медалҳои ҷашнии Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС, нуқрагии «Мавлоно» ва «Ибни Сино»-и ЮНЕСКО (2007, 2009), медалҳои Ҷумҳурии Демократии Афғонистон «Аз халқи миннатдори афғон» (1997), бо унвони Сафири сулҳи ҷаҳонӣ (Ню-Йорк, 2003), Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998), дипломи «Барои саҳми шахсӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ» (СПб, 2013), Ҷоизаи байналмилалии Манучеҳри Фарҳангӣ

(2016), грамотаҳои фахрии АИ ҶТ ва ғайраҳо мукофотонида шудаанд.

Академик Кароматулло Олимов олим, муҳаққиқ, файласуф, бародару ҳамкор, дӯсти хубу бошахсият ва меҳрубону хоксор мебошанд. Ҳамаи ин сифату хусусиятҳо натиҷаи тарбияи хонаводаи дорандаи ахлоқи ҳасанаву фарҳанги воло мебошад. Муҳтарам Кароматулло Олимов ҳамин анъанаи хонаводагии хешро давом дода, фарзандонашонро дар рӯҳияи инсондӯстиву ватанпарварӣ, хоксориву одамгарӣ тарбия намуда, соҳиби касбу ҳунар намудаанд. Албатта, дар ин ҷо саҳми оилаи он кас кам нест, зеро ки танҳо модар аст, ки пастиву баландӣ ва мушкилиҳои зиндагиро бар дӯши худ мегирад. Фарида – духтур дар таваллудхонаи рақами яки ш. Душанбе кор мекунад; Фаррух дар Кумитаи дин адои вазифа менамояд; Фаросат – мудири кафедраи забонҳои Коллеҷи омӯзгорӣ ва писари хурдии он кас Ғуфрон дар шаҳри Москва машғули коранд. Дар охир мехоҳам бародари муҳтарамамон Кароматулло Олимов бо аҳли хонаводаашон ҳамеша тансиҳату шодоб ва хушбахту рӯҳбаланд бошанд. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки бигзор, нури илму ахлоқи ирфонӣ зиндагии он касро саршор аз маърифату заковат ва паймонаашонро пур аз бодаи хиради оламафрӯз намояд.

**Нурмуҳаммад Одинаев**
*адабиётшинос*

# САФАРЕ БА ПАНҶИ ОРОМ

*(Сафарнигошт)*

## Оғоз

Яке аз суннатҳои нек ва мондагоре, ки аз ниёгони пуршарафи мо мерос мондааст, ин сафар ба ҳар шаҳру деҳот ва гӯшаву канори ҷаҳон мебошад. ки он ба ташаккули ҷаҳонбинии инсони худшиносу худошинос таъсир расонида метавонад. Сафарҳои таърихии Носири Хусрав ва Шайх Саъдӣ гувоҳ бар он аст, ки гузаштагони мо сафар ба ҳар гӯшаву канори дунёро аз фазилатҳои неки инсонӣ донистаанд. Ҳамзамон яке аз рукнҳои асосии ҷараёни нақшбандия "сафар **дар** ватан" ва дигаре "даст ба кору дил ба ёр" буда, пешвоёни ин **ҷараёни фикрию иҷтимоӣ** сафар ба ҳар мулку мамлакатро асоси нуфузи ақоиди созанда меҳисобидаанд. Унвони ҷараёни "Нақшбандия" низ ишора бар он дорад, ки тарафдорони ин равияи бонуфуз баробари донистани маърифати исломӣ ривоҷи ҳунар ва ҳунармандиро дар фаъолияти худ муҳим муҳим дониста, мерос мондани онро ба насли оянда аз суннатҳои ахлоқии ҷамоаи худ медонистаанд. Хосатан, дар замони Мавлоно Ҷомӣ ин равия дар Мовароуннаҳр ва Хуросон хеле доман паҳн карда, аҳли сухан ва адабро ба доираи худ кашида буд. Бисёр шоирони ин давра тахаллуси худро аз унвонии ҳунарашон гирифта, аз он ифтихор ҳам мекардаанд.

Чунин ба назар мерасад, ки зиёрати хонаи Худо низ, аз як тараф, ба хотири донистани мардумони дунёи ислом бошад, аз ҷониби дигар, ин фарзияи ислом ба мақсади боло бурдани диди ҷаҳоншиносии ҳар мусулмон муқаррар гардида будааст. Онҳое, ки хонаи Худоро зиёрат карда бармегаштанд, мардум ба онҳо ҳамчун ба инсонҳои парҳезкору худотарс

менигаристанд ва нисбати эшон эҳтироми махсус доштанд. Ин суннати бисёр муҳим ва шоиста то ҳол давом дорад.

Мардуми шарифи тоҷик солҳои зиёд кӯшиш менамояд, ки зиёрати хонаи Худо насибаш гардад ва бо ҳаммазҳабу ҳамкеши худ аз наздик ошноӣ пайдо кунад. Чунин ба назар мерасад, ки мардуми мо аз дохили кишвари азизамон хабаре надоранд ва боре ҳам аз зодгоҳи худ берун нарафта, якбора роҳи сафари бузургеро пеш мегирад. Баъзе зоирони бедор ва худошинос шиква мекунанд, ки мардуми мо аксаран дар ин сафарҳо ба якдигар камтар ҳамнишинӣ мекунанд ва ҳамагӣ кӯшиш менамоянд, ки дар паҳлӯи ҳамдиёри худ бошанд. Ин гувоҳ бар он аст, ки мо то ҳол аз доираи диёри танги худ набаромадаем, бинобар ин дар мусофират бо тоҷикони дигар ноҳияҳо камтар таваҷҷуҳ менамоем. Ин гуна каноргириҳо мо-тоҷиконро мувazзаф месозад, ки аввал бояд сафар ба дохили диёри худ намуда, якдигарро шиносем ва дониста бошем, ки ҳамагӣ аз диёри зебои Тоҷикистонем ва дар сахтиву меҳнат бояд дар паҳлуи ҳамдигар қарор дошта бошем. Шояд хуб мешуд, дар назди зоирини оянда як талаботи ҳатмӣ гузошта шавад, ки онҳо ба тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон сафар намоянд, мардуми худро дуруст шиносанд, эҳтироми ҳар як тоҷикистонию тоҷикзабонро ба ҷо оварда тавонанд ва ба тамоми қоидаҳои зиёрати хонаи Худо ошно бошанд. Он гоҳ барои хоҳишмандони зиёрати хонаи Худо имконияти сафар дода шавад.

Ман ин хулосаро он вақт ба худ бардоштам, вақте ба чанд гӯшаву канори диёри биҳиштосои худ сафар намуда, мардумони гӯшаву канори кишвари азизамонро аз наздик шинохтам. Донистам, ки мардумони Тоҷикистони азизи мо дар ин сарзамини на он қадар паҳновар ҷамъу парешон маскан гирифта, ҳар куҷое, хоҳ иҷборӣ рафтаанд, хоҳ ихтиёрӣ ба хонаи каси дигар маскан нагирифта, балки бо меҳнати худ хона обод карда, бо дафу чанг тамоми мардуми атрофу акнофро хабар дода, аз хонаи бинокардаи худ мужда додаанд. Дар ягон гӯшаи Тоҷикистони биҳиштосо надидаем, ки тоҷике

хонаи касеро бо зӯрӣ гирифта, дар он ҷо зиндагӣ барпо кунад. Агар шахсе, саҳван ё қасдан хонаи касеро истило намуд ва онро маҷбуран соҳибӣ кард, садҳо сол гузарад ҳам, мардуми атроф ангушти ишора сӯи он хона намуда, авлоди онро ҳушдор медиҳанд, ки хонаи фалониро бобоят гирифта буд, ба шумо ҳаргиз он насиб намекунад. Вале дар қавму халқиятҳои дигар ғасби хонаву ҷойи дигарон як ифтихор ва сарбаландӣ ҳисобида мешудааст ва он шахсе, ки хонаву заминашро аз даст дод, чун шарманда ё муҷрим диёри худро тарк карда, макони зисти худро тағйир медодааст. Вале тоҷикон ин гуна фарҳанги ғасбкориро барои худ айб дониста, садҳо сол бигзарад ҳам, бо ҳар мушкилӣ бо меҳнати худ хонаашонро бино мекардаанд.

**Дар роҳи сафар**

"Сафар кардан, ҷаҳон дидан" - гуфтаанд дар урфият. Сафар ба минтақаҳои гуногуни ватани маҳбубамон Тоҷикистон кайфияти хосса дорад. Дар аснои сафар паҳлуҳои норавшани зиндагии мардуми тоҷик, ки асрҳо бо заҳмату талошҳо рӯзгор гузаронида, биёбонҳоро ба гулистон табдил додааст, ошкор мегардад. Дар ҷараёни диду боздидҳо симои аслӣ ва воқеии миллати тоҷик ва халқи заҳматқарини мо ҳувайдо мешавад. Он чи ки дар саҳифаҳои таърихи миллӣ роҷеъ ба бузургӣ, азамат, шукӯҳ, тавозӯъ, хоксорӣ, инсонпарварӣ, меҳрубонӣ, сабр, таҳаммул, садоқат, шарофат, меҳмоннавозӣ ва илтифоту самимияти тоҷик мехондем, дар сафар пешорӯ мебинем ва яқин мекунем, ки халқи мо бо самимияту ҳамдигарфаҳмӣ ва тавозӯъу одамгарӣ номовар шудааст. Муҳимтар аз ҳама, тоҷик бо меҳнати ҳалол ризқ ба даст оварда, зомини насибаю рӯзии дигарон нашудааст.

Ин бардоштҳо, вақте ки бо як гурӯҳ дӯстон - устод Комил Бекзода, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, Исомиддин Шарифзод ва Дидавар Бекзода ба ноҳияи Панҷ ба хонаи дӯсти бисёр азизу хушномамон Нозими Нурзод сафар намудем, ба сарам омад. Вақте ки ағбаи Шар-шарро фатҳ карда, ба сарҳади вилояти Хатлон ворид мешавед, мефаҳмед, ки Тоҷикистони азизи мо, гарчанде дар харитаи ҷаҳон он қадар намоён нест, вале он

қадар фароҳдоман ва паҳновар аст, ки бузургию беканории он дар зеҳни Шумо намеғунҷад. Зеро ҳар ваҷаб хоки мо дастраси мардум буда, дар ҳар гӯшаву канори он тоҷик бо дасти худ хона сохта, зиндагии як одами муқаррариро ташкил кардааст. Барои тоҷик, ҳар куҷое бошад, хонаи худ ва нони худро дошта бошад, басанда аст. Ӯ метавонад, дар ин хонаи хоксоронаи худ дастархон аз ҳисоби гулу гиёҳ густурда, меваю сабзаводи тозаву тарро рӯи хони худ гузорад ва ҳама дороиии худро аввал барои меҳмон пешкаш намояд.

Ин таърихи мо кӯҳистониён аст. Заминҳои ҳамворро Шӯравӣ ба мо гардонда дод. Заминҳои ҳамвор чун одами зинда ҷони сабз дар вуҷудашон дамид. Аз тохтутозу суми сангини асби истилогарони ваҳшисирату ваҳшисурат замин ба дод омада буд. **Аз дасти ин** ташнагони хун ба замини ташналаб ба ҷойи оби сабз ҷӯйи хун ҷорӣ мешуд.

...Ва Шӯравӣ моро аз зулми истилогарони ғаддор ва заминро аз тохтутози набераю аберагони Чингиз ва Темур халос кард. Ба заминҳои ду ҷониби роҳ менигараму аз китоби хотираам сафаҳоти ҳаводиси таърихиро варақ-варақ мегардонам. Акнун замини корами аз тохтутоз халосшуда, нафаси тоза мекашад ва дар назди одам вазифаи азалии худро иҷро мекунад, яъне замин тоҷикро аз мардикорию кӯҳгардиҳо раҳонида, ба ӯ ризқ медиҳад, нон медиҳад ва озодӣ мебахшад.

Фаромӯш кардам, ба хонандаи азиз бигӯям, ки сафари мо дар арафаи иди Наврӯз аст. Мо ин иди бузургу беназирро дар ноҳияи Панҷ таҷлил хоҳем кард. Раҳораҳ достони “Панҷи ноором”-и устоди зиндаёд Мирсаид Миршакар пеши назар омад ва мо имрӯз на ба Панҷи ноором (манзури устод Миршакар дарёи Панҷ буд), балки ба Панҷи ором сафар дорем. Панҷе, ки ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ба яке аз минтақаҳои ободу зебои диёр бадал шудааст. Ин аст, ки сафардидаи худро “Панҷи ором” унвон додем.

Мизбони мо дӯсти бисёр гиромӣ ва бофарҳанг Нозими Нурзод мебошад. То ноҳияи Панҷ роҳ хеле дароз, вале аз тамошои атрофу акнофи сарсабзи он дилгир намешавед.

Намедонам, замини сабзи ин диёрро табиат шояд бо ҳазорон гулҳои рангоранг зебу зиннат додааст.

**Ба манзил мерасем, инак, ба манзил**

Мо дар даромадгоҳи ноҳияи Панҷ қарор дорем. Аз мошин пиёда шуда, ба сӯйи сабзазор медавем. Шояд дар ин заминҳо гулҳое бошад, ки мо онҳоро намедонем ва рангҳое ба чашматон ҷилва мекунад, ки мо онҳоро то ҳол нашинохтаем. Нозим чун соҳибдиёр таваҷҷуҳи ҳамагонро ба сӯе мекашад:

- Бародарон, он ҷо дарёи овозадори Панҷ аст. Тақрибан 3-4 км аз мо канортар осмон рафта бо ранги кабудфоме табдил меёбад ва маълум мешавад, ки он ҷо дарёи Панҷ ҷараён дорад, вале ин заминҳо асрҳост, ки овози ин дарёи пуробро шунида, орзу мекунанд, ки кай аз ин оби биҳиштӣ ин хоки муқаддам шодоб мешавад.

Ба ноҳияи Панҷ ворид шудем. Маркази ноҳия дар як кӯчаи калону тӯлоние ҷой гирифтааст. Биноҳои ободи замонавӣ, мошинҳои рангоранг, мардуми соҳибнону соҳибкори ин сарзамини зебо диққати моро ба худ кашид. Ҳама дар банди кореву каноре. Дар атрофи бозор ошхонаву чойхонаҳои миллӣ ба шумо бештар хӯрокҳои лазизу хушмаззаеро пешкаш мекунанд. Дар бозор мардум маҳсули меҳнати худро овардааст; оҳангарон асбобҳои деҳқонӣ, наҷҷору кандакорон ҳар гуна ашёи рӯзгор, заргарон маҳсули ороишии занону мардон ва ниҳоят, дар як гӯшаи бозор хӯрокҳои миллӣ аз гиёҳҳои баҳорӣ ба мардум пешкаш гардида буд. Аз тамошои бозори мардумӣ хеле хурсанд шудем, зеро ҳунарҳои заргарию оҳангарӣ ва чӯбкорию гилкорӣ ҳанӯз дар ин сарзамин зинда монда, боз бо тарзу шеваҳои гуногун эҳё гардида истодааст.

Акнун мошини мо сӯи манзили падарии дӯсти азизамон Нозими Нурзод роҳ гирифт. Деҳаҳои ободу зебо пеши роҳи мо мебароянд, ки дар канори шоҳроҳи асосӣ ҷой гирифтаанд.

-Ана, ин деҳаи мардуми Ашти вилояти Суғд мебошад.- суханашро идома дод мизбон - дӯсти азизи мо Нозими Нурзод. Баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ аз ноҳияи Ашт мардуми

зиёдеро ба ин маҳалла кӯчонда оварданд ва бо мардумони ноҳияҳои дигар дӯстона ба ободии ин сарзамин саҳм гузошта истода, то ҳол бо мардуми ноҳияи Ашт рафтуомади доимӣ дошта, робитаи хешутабориро ҳаргиз накандаанд. Мардуми меҳнатдӯст, меҳмоннавоз, хушгуфтор ва тифоқ мебошанд. Дар тамоми маъракаву чорабиниҳои ноҳия ва вилоят фаъоланд.

Ин деҳаро канор гузоштем ва деҳаи дигаре пеши назар намоён шуд. Мо ҳама бо беқарорӣ аз Нозимшо пурсон шудем, ки ин кадом деҳа аст. Ин деҳа деҳаи ба номи Ҳасан Шеров аст, - нақли худро идома дод Нозими Нурзод. Мардуми ин деҳа, асосан аз минтақаи  Варзоб ва гирду атрофи он солҳои панҷоҳуми садаи бист ба ноҳия кӯчонида шудаанд. Номи Ҳасан Шеров ба деҳа баъди ҷанги шаҳрвандӣ ихтисос дода шуд ва мавсуф, ки дар даргириҳои солҳои навадум дар минтақа аз ҷониби нохалафон кушта шуда буд, аз фарзандони барӯманди диёр маҳсуб меёфтааст ва барои мардуми ин деҳа хизмати зиёд карда, дар кушодани заминҳои лалмӣ, обёрии заминҳои навкорам, бинои мактабҳои нав саҳми намоён гузоштааст. Мардуми Варзоб дар ин диёр бо саховатмандию ташаббускориҳои наҷибашон фарқ мекунанд. Масалан, онҳо аввалин шуда, номи деҳаи худро ба номи Ҳасан Шеров гузоштанд ва ба  хизмати ин марди наҷиб эҳтиром гузоштанд. Аз заминҳои корам  варзобиён тамоми сабзавоту меваҷоти заруриро ба даст меоранд. Дар тӯю маъракаҳояшон фақат маҳсули меҳнати худро рӯи дасторхон мегузоранд.

Мо ба суханони Нозим гӯшу ҳуш шуда будем ва нафаҳмидем, ки ба зодгоҳи мизбон -- деҳаи Турдишайх расида мондем. Аз рӯзгори мардуми Варзоб ҳушу ёди худро ҷамъ накарда, Нозимшо ба мо хабар дод, ки инак, мо ба деҳаи Турдишайх ворид мегардем. Ин деҳа маркази деҳоти Ҷамоати Озодагонро ташкил карда, аз зумраи деҳоти нисбатан калони Шӯрои деҳоти Озодагони ноҳияи Панҷ ба шумор меравад ва дар ҳудуди он асосан мардумони ноҳияҳои кӯҳистони Тавилдараву Дарвоз ва навоҳии Кӯлоб маскан гирифтаанд. Аз ҳудуди ноҳияи Панҷ, аз ҷумла Шӯрои деҳоти Озодагон

шахсиятҳои маъруфи сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ сабзида баромадаанд. Дар ин миён аз шахсияти номдори минтақа ва ҷумҳурӣ собиқ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров метавон ном бурд, ки мактаби миёнаи умумии ба номи Ибни Синои овозадори рақами чори деҳаи Турдишайхро хатм намудааст. Зимнан, машҳуртарин шахсиятҳои ноҳияи Панҷ, ки дар вазифаҳои пурмасъулияти давлатӣ адои вазифа кардаанд, аз ҳамин деҳа баромадаанд.

**Дар ҳузури пирони барнодил**

Деҳаи Турдишайх дар канори худ шахсиятҳое парваридаеро парвариш кардааст, ки як умр дар хидмати халқу ватан қарор доштаанд. Яке аз ин шахсиятҳо устод Раҳматулло Нидозода мебошад, ки дар он рӯзҳо ба синни мубораки 87 қадам гузошта буд (мутаассифона, 20 ноябри соли 2020 устоди устодони ноҳияи Панҷ Раҳматулло Нидозода аз олам чашм пӯшид). Шодравон Раҳматулло Нидозода соли 1951 аз аввалинҳое буд, ки аз кӯҳистони Тавилдара ба сарзамини Панҷи навбунёд омада, дар ин минтақа софдилона заҳмат кашидааст. Ӯро метавон дар феҳристи пешгомони раванди маориф ва фарҳанги минтақа ҷой дод. Ӯ дар атрофи худ беҳтарин мутахассисони хоҷагии деҳотро ҷамъ оварда буд. Ин нақлҳоро Нозимшо батафсил менамуду мо бисёр мехостем бо устод Раҳматулло Нидозода ҳар қадар тезтар вохӯрда бошем. Бинобар ин аз Нозимшо хоҳиш намудем, ки аввал моро ба вохӯрии устод Раҳматулло барад.

Мошини мо дар назди як ҳавлии ободу зебо қарор гирифт ва Нозимшо хабар дод, ки ин хонаи пири муаллимони ноҳия, устод Раҳматулло Нидозода мебошад. Ба пешвози мо мӯйсафеди нуронии ришсафеди қоматбаланд баромад. Ба ҳар яки мо хеле самимӣ ва меҳрубонона аҳволпурсӣ намуд. Дар кӯҳистон баъд аз вохӯрӣ меҳмонро, албатта, ба меҳмонхона мебаранд ва он ҷо дар сари хони густурда суҳбату пазироӣ мекунанд. Моро дар меҳмонхона марди тақрибан 48-сола пешвоз гирифт ва маълум шуд, ки номи мубораки ӯ

Мирзодавлат буда, писари хурдии устод Раҳматулло мебошадст. Дар рӯи хон тамоми анвои хӯрданӣ муҳайё шуда буд. Таваҷҷуҳи маро, хосатан нонҳои танӯрии ин диёр ба худ ҷалб намуд. Нонҳо рӯи дастархонро на фақат зеб медоданд, балки рӯи дасторхонро пурра фаро гирифта буданд. Чунин нонҳои бузургҳаҷмро мо дар иду ҷашнҳои расмӣ зимни намоиши дастовардҳои мардум дидан метавонем. Баъдар маълум гардид, ки ин гуна нонҳоро дар ҳар як хонадони ин деҳаи зебо ҳамеша тайёр мекардаанд, бо умеде, ки ҳамин замон меҳмон омаданаш мумкин аст. Мардуми ин деҳа ҳамеша интизори меҳмон мебошанд ва онҳо омадани меҳмонро баробар ба меҳрубонии Худои ягона медонанд.

Бобои Раҳматулло сари курсии худ нишаст, зеро аз заъфи пирӣ пойҳояш дардманд шуда, нишастан барояш мушкил гардидааст. Аз қисмати худ розӣ аст. Солҳои зиёд вазифаи сарвари мактабҳои ноҳияро ба уҳда доштааст. Мактабҳоро худ сохта, чанд сол роҳбарӣ намуда, сипас ба ягон муаллими дигар супорида, ба бунёди мактаби дигар камар мебастааст. Сарварони вақти ноҳия, ҳар куҷо мушкилие пеш меомад, Бобои Раҳматуллоро мефиристоданд. Бобои Раҳматулло ҳар хотираро бо табассуми ба худ хос нақл мекунад ва боифтихор ба забон меоварад.

-Боре солҳои ҷавонӣ барои гузаронидани иди Октябр либосҳои расмӣ ба бар намуда ба сӯи бинои Ҳукумати ноҳия равон будам,- нақл мекунад, Бобои Раҳматулло. Айёми обмонии замини пахта буд. Роҳи мо аз назди замини пахта мегузашт. Замоне ки аз назди замини пахта мегузаштам, як мошини хизматие наздам қарор гирифт. Аз мошин марди айнакдоре фаромада, ба ман саломy аҳволпурсӣ намуда, хоҳиш намуд, ки ҳамон се ҷондоре, ки дар замини пахта мечариданд, берун кунам. Ман бо либосҳои расмӣ ба замини пахта даромада, он ҷондорҳоро берун кардам, ки сар то пойҳоям лой шуд. Аҷибаш он аст, ки то ҷондорҳоро аз замини пахта берун кардан мошини хизматӣ аз назди мо дур нашуд. Вақте либосҳоямро иваз намуда ба чорабинии ҷашнӣ

баргаштам, сари минбар он марди айнакдорро дидам.. Маълум шуд, ки он мард Ҷаббор Расулов (котиби якуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунисти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, яъне сарвари ҷумҳурӣ) будааст. Маро шинохту ба минбар бароварда дастамро фишурда, дар паҳлуи худ нишонд.

Бобои Раҳматулло фаҳмид, ки мо каме монда шудаем, аз ҳофизи хушовози ноҳия бобои Абдушукур Сафарзода хоҳиш намуд, ки суруде хонад, то хастагии меҳмонон рафъ гардад. Абдушукур Сафарзода мисли дигар муҳоҷирони ноҳия солҳои панҷоҳуми садаи бист аз кӯҳистон (ноҳияи Дарвоз) омада, дар деҳаи Турдишайх сукунат гузидааст. Ин марди солманд ва таҷрибадор аз нахустин кормандони соҳаи фарҳангу санъати ноҳия ба шумор рафта, дар рушду тараққии маданияту ҳунар ва тарбияи мутахассисони соҳаи фарҳангу ҳунари минтақа саҳми сазовор гузоштааст. Аз равшангарон ва ҳунармандони маҳбуби ноҳия мебошад ва тайи фаъолияти эҷодию ҳунарӣ бо шахсиятҳои бузурги ҳунари ҷумҳурӣ, назири Абдулло Назрӣ, Одина Ҳошим, Зафар Нозим, Иброҳим Кобулӣ ва дигарон дӯстию ҳамнишинӣ доштааст. Овози хеле форам дошта, бо лаҳни гуворо месарояд. Матни шеърҳояш аз шоирони классик интихоб шудааст. Ва як мухаммаси Муҳйии Қуқандиро бо як оҳанги пурдард сароид, ки аз чашмони устод Комил Бекзода ашк шашқатор шуд. Ин шеър, бахусус ба писари устод Комил Бекзода Дидавар Бекзода, ки ҷомеашинос буда, ба масъалаҳои равоншиносӣ таваҷҷуҳи хосса дорад, хеле писанд омад.

Он рӯз бо сурудхонии Абдушукур Сафарзодаи 85-сола ҷамъбаст гардид. Моро рӯзи дигар ба хонаи собиқ мудири маорифи ноҳия ва яке аз шахсиятҳои варзидаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, маърифатӣ ва фарҳангии минтақа Пирмуҳаммад Нурзода burданд. Ӯ падари муҳтарами Нозимҷон мебошад. Умри пурбаракати худро сарфи фарҳангу маориф карда, новобаста ба солмандӣ то имрӯз дар ин самт фаъолият мекунад. Синну солаш он қадар куҳна наметобад, бардам, чеҳракушод, хушҳол, хоксор ва зардина мебошад. Таърихи

зиндаи ноҳияи Панҷ аст бобои Пирмуҳаммад. Аз ҷанги шаҳрвандӣ мегӯяду гиря гулӯгираш мекунад, аз кӯтоҳандешиҳои баъзе садрнишинону ҷавонмардони вақт шиква кард, ки айёми ҷанги шаҳрвандӣ, ба сабаби нодонию хурофазадагӣ дунболи гурӯҳҳои нохалаф рафта, амну суботи ноҳияро барҳам заданд ва ноорoмию бесуботӣ ва беинзиботию дарҳамбарҳамӣ дар ноҳия ҳукмфармо шуд. Табиист, ки мардуми ноҳия дар ҳолати карахтии равонӣ, яъсу ноумедӣ қарор гирифтанд ва роҳи бурунрафт аз мушкилотро гум карданд. Дар он вазъи ҳассос фарҳангиёну зиёиёни асили ноҳия ҷону зиндагии шахсии худро ба гарав монда, оташи хунрезию нофаҳмӣ ва душманию кинатӯзиро, ки миёни тарафҳои даргир шуълавар шуда буд, хомӯш карданд. Давлатмардону фарҳангиёни асили ноҳия,- ба нақл идома медиҳад бобои Пирмуҳаммад, - саъю талош варзиданд, ки дар он вазъияти мураккаб мардумро ба ҳам биоваранд ва сӯъитафоҳумотро рафъ созанд ва ваҳдатро миёни миллият ва ақаллиятҳои этникии ноҳия таъмин намоянд.

Бобои Пирмуҳаммад ташрифи аввалини Ҷаноби Олиро ба ноҳияи Панҷ бо хурсандӣ ба ёд меоварад. "-- Ин марди Худодод аст, чун ташриф овард ва баъд аз гузориши пурмуҳтаво як сухан гуфт, ки ҳеҷ аз хотирам намеравад. Ҷаноби Олӣ ба мардум рӯ оварда, нақл намуд, ки маро гуфтанд, ки дар ноҳияи Панҷ нотинҷӣ, рафтани Шуморо ҳоло кафолат намедиҳем. Имрӯз мебинам, ки аз ҳама ноҳияҳо дида, ноҳияи Панҷ орому тинҷ аст. Ҷаноби Олӣ аз саршавӣ то охири кӯчаи марказӣ пиёда қадам заданд. Баъди ҳамин ташрифи Ҷаноби Олӣ дар ноҳияи Панҷ бесуботию нооромӣ ба вуқӯъ напайваст. Мардум ба ҳам омаданд, дӯст шуданд, гуноҳи якдигарро бахшиданд ва ба ободии ноҳия якҷоя камар бастанд"-- ба нақл идома дод устод Пирмуҳаммад.

Бобои Пирмуҳаммад ин нақлҳоро мекарду аз сиёсати ваҳдатофаринии Пешвои миллат боифтихор сухан менамуд. Ба мо дуо дод, ки саломат бошед ва давлати дунявиро тарғибу

ташвиқ ва сиёсати хирадмандонаи ин сиёсатмадори ҷаҳониро дастгирӣ намоед.

Мо ин дуои неки ин Пири хирадро пазиро мешавем, зеро медонем, ки ин мард аз оташи ҷанги бародаркӯшӣ гузашта, қадри сулҳу осоиштаро аз мо бештару беҳтар медонад.

Шаб ҳангоми хоб дар манзили бобои Пирмуҳаммад андешаҳои парешон нигаронам месохт ва тарҳи сафардидаро ҳам он шаб дуруст кардам.

**Анҷом**

Субҳи фардо, баъди тановули ғизои субҳона ва хайрухуш бо ҳамдиёрони Нозим озими Душанбе шудем ва бо он ки аз сафари мо зиёдтар аз як сол мегузарад, ҳамоно, симо ва чеҳраи мардуми диёр, илтифоту самимият ва муҳаббати онон аз ёд намеравад. Ҳангоми навиштани ҳар сатри ин сафардида симои шахсиятҳои варзидаи деҳот ва музофотро пеши назар меоварам ва гӯиё онҳо пеши рӯям қарор доранд ва таркам намекунанд. Ростӣ, баъди ҳар сафаре, ки ба ин ва ё он мавзеи диёр мекунам, ба бузургӣ, табиати меҳмоннавозӣ ва садоқату муҳаббати мардуми деҳот бовармандтар мешавам.

Зиҳӣ, мардуме, ки бо самимияту муҳаббат ва латофату инсоният зиндагӣ мекунад, бо дасту бозӯ ризқу рӯзӣ ва нон дармеёбад, бо дилу чеҳраи кушод меҳмон мепазирад, дастурхон мегустурад ва як бурдаи нони ҳалоли худро бо дигарон тақсим менамояд! Ин аст сиришт ва табиати миллати тоҷик ва бо ин гуна табиату сиришт ифтихор мебояд кард.

*Марти соли 2019*

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95, 915-99-99-91
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 01.10.2020*
*Барои нашр имзо шуд 02.10.2020*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70x100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №116.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Ҷомеа**__________________________________________________